# Даҳ ёри биҳиштӣ

*Муаллиф*:
**Ашраф Муҳаммад**

*Аз арабӣ тарҷумаи:*
**Муҳаммадиқболи Садриддин**

Душанбе - 2007

ББК 86.38+87.717
А - 93

# БУНЁДИ ҶАМЪИЯТИИ «ВАСАТИЯТ»

Маркази шӯрои уламои ҷумҳурии Тоҷикистон
тахти рақами 01 аз 19/04/2007 ба чоп тавсия намуд

Ин китоби арзишманд ба қалами донишманди фозил Ашраф Муҳаммад таъаллуқ дорад, ки дар бораи ҳаёту фаъолияти даҳ саҳобаи гиромии Паёмбари акрам (с), ки бо номи «ашараи мубашшара» ё худ «даҳ ёри биҳиштӣ» маъруфанд, маълумот дода шудааст. Дар аввал ному насаб ва занону фарзандони ҳар саҳоба дар алоҳидагӣ бо тартибу тафсил баён карда мешавад. Сипас дар бораи чӣ гуна Исломро пазируфтани онҳо ва хидмату ҷоннисориҳояшон барои густаришу интишори дини илоҳӣ ривоятҳои муфиду ибратбахш оварда шудааст. Дар хотимаи зиндагиномаи ҳар саҳоба дар бораи лаҳзаҳои охири ҳаёт, васиятҳо ва аз дунё гузаштани онҳо низ маълумоти хеле судманд дарҷ гардидааст.

*Номи китоб:* Даҳ ёри биҳиштӣ
*Муаллиф*: Ашраф Муҳаммад
*Аз арабӣ тарҷумаи:* Муҳаммадиқболи Садриддин
*Муҳаррири масъул:* Файзуллоҳи Аҳё
*Муҳаррирони матни тоҷикӣ:* Шараф Атоӣ, Акбаралии Азиз, Саидмӯъмини Ҳомидзода
*Ҳуруфчин:* Меҳрубонуи Раҳимбек
*Тарроҳ:* Диловари Бобохон
Супориши № 15
*Теъдод*: 2000 нусха

# Пешгуфтор

Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон

Худоро шукр мегӯям, ки муваффақ гардидам, то китоби «Даҳ ёри биҳиштӣ»-ро аз арабӣ тарҷума карда, пешкаши хонандагони азизу арҷманди тоҷик намоям, ки шефтаи шинохти асҳоби бузургвори Расули акрам (с) мебошанд. Умеди онро дорам, ки бо хондани ин китоб аз рӯзгори босаъодати он ситорагони дурахшон ва тобони садри Ислом огоҳӣ пайдо карда, дар рафтору кирдор пайрави онҳо бошанд. Он саҳобагоне, ки аз партави илҳомбахш ва инсонсози ҳазрати Муҳаммад (с) баҳравар гаштаанд ва дар густариши ин дини илоҳӣ - Исломи азиз, ҷонҳо ва молу фарзандони хешро фидо намуда ва дареғ надоштанд, то ки ин ойини муназзаҳро ба милал ва ақвоми дигари ҷаҳон иблоғ намуда ва ба миллати тоҷики мо низ онро расониданд. Албатта, ин натиҷаи фидокорӣ ва росих будани имони эшон буд, ки мардум гурӯҳ-гурӯҳ дар дини Худо (ҷ) дохил мегардиданд ва ин динро аз онҳо мепазируфтанд.

Фазилату каромат ва шуҷоъату корнамоиҳои саҳобагон дар Қуръони маҷид ва ҳадисҳои Паёмбар (с) зиёд зикр шудааст.

Худованд дар сураи Фатҳ чунин мефармояд:

﴿ مُّحَمَّدٌ رَّسُولُ ٱللَّهِۚ وَٱلَّذِينَ مَعَهُۥٓ أَشِدَّآءُ عَلَى ٱلۡكُفَّارِ رُحَمَآءُ بَيۡنَهُمۡۖ تَرَىٰهُمۡ رُكَّعٗا سُجَّدٗا يَبۡتَغُونَ فَضۡلٗا مِّنَ ٱللَّهِ وَرِضۡوَٰنٗاۖ ﴿٢٩﴾ ﴾ الفتح: ٢٩

**«Муҳаммад Паёмбари Худо аст ва касоне, ки бо ӯ ҳастанд бар кофирон сахтгиранд ва бо якдигар меҳрубон. Ононро бинӣ, ки рукӯъ мекунанд, ба саҷда меоянд, (яъне порсоёни шаб ва шерони рӯз мебошанд) ва (ба василаи тоъату ибодати худ)**

**талабкунандаи фазлу хушнудии Худо ҳастанд...»**[1]

Ҳамчунин мефармояд:

﴿ وَٱلسَّٰبِقُونَ ٱلۡأَوَّلُونَ مِنَ ٱلۡمُهَٰجِرِينَ وَٱلۡأَنصَارِ وَٱلَّذِينَ ٱتَّبَعُوهُم بِإِحۡسَٰنٖ رَّضِيَ ٱللَّهُ عَنۡهُمۡ وَرَضُواْ عَنۡهُ وَأَعَدَّ لَهُمۡ جَنَّٰتٖ تَجۡرِي تَحۡتَهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَآ أَبَدٗاۚ ذَٰلِكَ ٱلۡفَوۡزُ ٱلۡعَظِيمُ ١٠٠ ﴾ التوبة: ١٠٠

**«Аз он гурӯҳи нахустин аз муҳоҷирин ва аҳли Мадина, ки пешқадам шуданд ва онон, ки ба некӣ аз паяшон рафтанд. Худо хушнуд аст ва эшон низ аз Худо хушнуданд. Бароящон биҳиштҳое, ки дар онҳо наҳрҳо ҷорист ва ҳамеша дар онҷо хоҳанд буд, омода кардааст. Ин аст комёбии бузург»**[2]

Дар ин оятҳо Аллоҳ таъоло саҳобагонро таърифу тавсиф карда, ризояту хушнудии худро аз онҳо изҳор мекунад.

Дар ҳадисе иршоди он Ҳазрат (с) аст, ки фармуданд:

*«Эй мардум, ман аз Абубакр (р) розӣ ҳастам, шумо ҳам қадру манзалати ӯро бишносед, ман аз Умар, Усмон, Алӣ, Талҳа, Зубайр, Саъд, Саъид, Абдурраҳмон ибни Авф ва Абуубайда (Худованд аз онҳо розӣ бошад) хушнуд ҳастам. Эй мардум, Аллоҳ (ҷ) онҳоеро, ки дар ҷанги Бадр ширкат кардаанд, мағфират фармуд. Шумо муроъоти саҳобаи маро бикунед. Ҳамчунин муроъоти касонеро, ки духтарони онҳо дар никоҳи ман даромадаанд ё духтарони ман дар никоҳи онон даромадаанд, то ин тавр нашавад, ки рӯзи Қиёмат аз шумо нисбат ба зулме, ки ба онон мекунед бозхост кунанд, зеро он авф карда намешавад».*

Қозӣ Аёз мефармояд: *«Азизу гиромидошти саҳобагону шинохти ҳуқуқи онон ва пайравӣ аз онҳову дуъо ва истиғфор барои онҳо, сухан нагуфтан дар мавриди ихтилофи онҳо ва рӯгардонию эъроз аз калимоте, ки муаррихини муғризу аҳли бидъат ва ровиёни*

---

[1] Сураи Фатҳ, ояти 29.

[2] Сураи Тавба, ояти 100.

*ҷоҳил дар мавриди онон навиштаанд, дар ҳақиқат эҳтирому эъзоз ба мақоми Расулуллоҳ (с) аст».*

Дар ин китоб асосан, дар бораи ҳаёту фаъолияти даҳ саҳобаи гиромии Паёмбари акрам (с), ки бо номи «ашараи мубашшара» ё худ «даҳ ёри биҳиштӣ» маъруфанд, маълумот дода шудааст. Хонандагони азиз ва нуктасанҷамонро хотиррасон кардани ҳастем, ки дар зери номи ҳар кадом аз шахсиятҳои «даҳ ёрӣ биҳиштӣ» санаи таваллуд ва вафоташон ба ду тарзи солшуморӣ оварда шудааст. Чун мардуми мо куллан ба солшумории мелодӣ огоҳӣ доранд, бинобар ин дар бораи солшумории ҳиҷрии қамарӣ ин маълумотро барояшон мерасонем. Солшумории ҳиҷрии қамарӣ аз рӯзи ҳиҷрати Паёмбар (с) ва ёронаш аз Маккаи мукаррама ба Мадинаи мунаварра шуруъ мегардад ва он дар таърихи шонздаҳуми июли соли 622-мелодӣ воқеъ гардидааст. Ин сана ибтидои солшумории мусалмонон-ҳиҷрии қамарӣ қарор дода шуд. Соли ҳиҷрии қамарӣ 354-рӯз буда ҳар сол аз солшумории шамсӣ ёздаҳ рӯз ва дар 33-сол ба қадри як сол фарқ мекунад. Барои гузаронидани соли ҳиҷрӣ ба мелодӣ аз ҷадвал ва формулаи махсус истифода бурда мешавад. Аввали солшумории ҳиҷрӣ аввали моҳи муҳаррам аст. Соли ҳиҷрии шамсӣ 365-рӯз буда ва дар чаҳор сол як бор 366-рӯз ҳисоб карда мешавад ва ин солро соли пурраи шамсӣ ва ё соли кобиса мегуянд. Дар аввал ному насаб ва занону фарзандони ҳар саҳоба дар алоҳидагӣ бо тартибу тафсил баён карда мешавад. Сипас дар бораи чӣ гуна Исломро пазируфтани онҳо ва хидмату ҷоннисориҳояшон барои густаришу интишори дини илоҳӣ ривоятҳои муфиду ибратбахш оварда шудааст. Дар

хотимаи зиндагиномаи ҳар саҳоба дар бораи лаҳзаҳои охири ҳаёт, васиятҳо ва аз дунё гузаштани онҳо низ маълумоти хеле судманд дарҷ гардидааст.

Худо (ҷ) рӯҳи онҳоро шод ва қабрҳояшонро пурнур бигардонад. Ва ҳар шахси фитнаҷӯ ва таҳқиркунандае, ки ин асҳоби некбахтро бадгӯйи мекунад ва ё сухани носазое мегӯяд, Ту худ, эй Худованди кариму корсоз, нахуст ҳидояташ кун, агар лоиқи ҳидоят бошад, то худро гунаҳкор накунад ва агар лоиқи ҳидоят набошад, Ту худ тадбиркунандаӣ чораашро бисоз, то ибрати дигарон гардад.

Хонандагони гиромӣ! Ин китобе, ки дар даст доред, барои камина хеле арзишманд аст, зеро дар аснои таҳриру танзими ин китоб дӯст ва ҳамқалами ниҳоят гиромиам Шараф Атоӣ, ки ба аз назаргузаронии қиссаи Усмон ибни Аффон (р) машғул буд, ба таври фоҷиъавӣ дар синни 33-солагӣ ин дунёи фониро тарк гуфт ва ба раҳмати илоҳӣ пайваст. Он рӯз таърихи 13-уми декабри соли 2006 буд. Албатта, ҳар кас, ки китобҳои тарҷумашудаи каминаро хонда бошад, исми Шараф Атоиро дар онҳо дармеёбад ва ба ростӣ ӯ дар ҳама корҳои илмӣ, таҳия ва тарҷумаи банда нақши босазоеро ифо мекард ва инчунин ҷои ёдоварӣ аст, ки нақши марҳум дар таҳия ва таҳрири «Тафсири мухтасари Хатлонӣ» низ босазо буд. Аз хонандагони гиромӣ хоҳиш менамоям, ки дар ҳаққи бародари шодравонамон Шараф Атоӣ дуъои хайр намоянд, зеро ӯ бениҳоят дӯстдори Худову Паёмбараш ва дӯстдори аҳли байт ва асҳоби Расули акрам (с) буд. Худоё, дар рӯзи ҳашр бо онҳо маҳшураш гардон. Рӯҳаш шоду ҷояш ҷаннати фирдавс бод. Омин!

*Муҳаммадиқболи Садриддин.*

# АБУБАКРИ СИДДИҚ (Р)

*Аввалин халифа ва беҳтарин*
*дӯсти Паёмбар (с).*
*(573-633 мелодӣ)*
*(51-сол қабл аз ҳиҷрат - 13 ҳиҷрӣ қамарӣ)*

**Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон**

## Насаби Абубакри Сиддиқ (р)

Абубакри Сиддиқ ибни Абуқуҳофа (р), ки номи муборакашон Абдуллоҳ ибни Усмон ибни Амр ибни Каъб ибни Саъд ибни Тайми Қурайшии Тамимӣ аст.

Қабл аз ба паёмбарӣ мабъус гардидани ҳазрати Муҳаммад (с) дӯсти он Ҳазрат (с) буд ва дар шумори яке аз нахустин ашхосе маҳсуб мегардад, ки дар имон овардан ба Расули акрам (с) пешдастӣ намуда ва рисолати он Ҳазратро тасдиқ намудааст ва ба дини поки Ислом гаравидааст. То он даме ки Расули акрам (с) дар Макка иқомат доштанд ҳамеша ҳамроҳ, мунис ва ёвари он Ҳазрат (с) буданд. Абубакри Сиддиқ (р) ҳамроҳӣ ва рафоқати худро бо Расули акрам (с) ҳангоми ҳиҷраташон аз Макка ба Мадина дар ғор низ тарк накард ва худро ҷоннисор ва муниси он Ҳазрат (с) намуд.

Бо Расули акрам (с) дар тамоми ғазваҳо ширкат намуда иштирокчии бевоситаи Ғазваи Бадр, Уҳуд ва Хандақ мебошад. Инчунин Расули акрам (с) шаъну манзалати ӯро дар ғазваи Табук баланд бардошта ва парчами ғангиро ба дасти ӯ доданд ва ӯро барои мардуми Наҷд (минтақаи Ар-риёзи кунунӣ) амир фиристоданд. Дар замони ҳаёти Расули акрам (с), дар соли нуҳуми ҳиҷрӣ бо мардум ҳаҷ намудааст, ки он аввалин ҳаҷ дар Ислом буд. Инчунин пас аз даргузашти ҷонгудози Расули акрам (с) асҳоби гиромиашон ва оммаи мусалмонон ба ӯ лақаби нахустин «халифаи Расулуллоҳ (с)»-ро гузоштанд.

Инчунин падарашон Абуқуҳофа (р) Ислом оварда ва аз Расули акрам (с) ҳадис низ ривоят намудаанд. Модарашон Уммулхайр, ки исми муборакашон Салмо бинти Сахр ибни Омир аст ва духтари амаки падарашон мебошад, низ

мусалмон шуда ва бо Ислом овардани ӯ теъдоди мусалмонон ба 39-нафар мерасад.

Хонадони Абубакри Сиддиқ (р)-ро бароятон муъаррифӣ менамоем:

Писарашон Абдуллоҳ ва духтарашон Асмо (Зотуннатоқайн), ки модари ҳарду Қутайла бинти Абдулуъзо мебошад. Писарашон Абдурраҳмон ва духтарашон умулмуъминин Оиша (р), ки модари онҳо Умми Румона бинти Омир мебошад.[1] Инчунин писарашон Муҳаммад, ки модари ӯ Асмо бинти Умайс буда ва духтари дигарашон Умми Кулсум, ки модарашон Ҳабиба бинти Хорича мебошад.

Ба мо маълум гардид, ки Абубакри Сиддиқ (р) аз чаҳор ҳамсар се писар ва се духтар доштаанд. Инчунин Абубакри Сиддиқ (р)-ро Атиқ (озодшуда) низ мегуфтанд. Боре Оишаи Сиддиқа (р)- ро пурсиданд, ки барои чӣ он ҳазратро чунин ном мебурданд? Оиша (р) гуфтанд: «Расули акрам (с) ба Абубакр (р) нигаристанд ва чунин гуфтанд: Ин озоднамудаи Худо аст аз оташ».[2]

## Ислом овардани Абубакри Сиддиқ (р)

Абубакри Сиддиқ (р) марди хело маҳбуб ва соҳиби эҳтироми хосе дар миёни қавмашон буданд. Инчунин донандаи хуб ва насабшиноси қурайшиён маҳсуб мегашт ва хело ҳам хуб медонист, ки дар қабилаи Қурайш чӣ хубиҳо ва бадиҳое вуҷуд дошт. Марди тоҷир ва дорои хулқи хуби беҳамтое буд. Бузургони қавмаш ба назди ӯ меомаданд ва эҳтирому манзалати хосе ба ӯ қоил буданд. Ин амали қавм аз ин хотир буд, ки ӯ тоҷире буд дорои хулқи накӯ ва бо ҳар шахсе, ки мулоқот ва ҳамнишинӣ мекард, бархӯрди хуб аз худ нишон медод ва дар дили ҳар ҳамсӯҳбату ҳамнишинаш унс мегирифт.

[1] «Ат-табақоту-л-кубро» (3/125-132).

[2] Имом Тирмизӣ (3679), «Ат-табақоту-л-кубро» (3/126).

Ҳазрати Абубакри Сиддиқ (р) то вақти имон оварданаш ҳаргиз бут ё санамеро саҷда накарда буд ва аз аввалин озодмардоне буд, ки ба Исломи азиз пайваст ва ба рисолати Расули акрам (с) имон овард.[1]

Пас аз Ислом оварданаш ҳар киро аз ҳамқавмон ва ҳамнишинонаш, ки ба фаросати ӯ эътимод дошт, барои пазируфтани дини Ислом даъват менамуд ва аз дасти мубораки эшон ин чанд нафар имон овардаанд: Зубайр ибни Аввом, Усмон ибни Аффон, Талҳа ибни Абдуллоҳ, Саъд ибни Абуваққос ва Абдурраҳмон ибни Авф (р), ки ҳамаи онҳо аз ҷумлаи даҳ ёри биҳиштианд. Чун ин панҷ нафар ҳамроҳи Абубакри Сиддиқ (р) ба назди Расули акрам (с) омаданд, ба онҳо Исломро муъаррифӣ намуд ва дар назди эшон Қуръонро тиловат намуда онҳоро аз ҳақ будани дини Ислом огоҳ кард ва онҳо мусулмон шуданд.

Инҳо ҳамроҳ бо Зайд ибни Ҳориса ва Алӣ ибни Абутолиб (р) аз нахустин ашхосе буданд, ки ба Ислом дохил шуданд ва рисолати Расули акрам (с)-ро тасдиқ намуданд ва ба он чӣ, ки аз ҷониби Худованд (ҷ) ба Муҳаммад (с) фуруд омадааст, имон оварданд [2].

Инчунин Расули акрам (с) дар мавриди Ислом овардани Абубакри Сиддиқ (р) чунин гуфтааст: «*Чун ҳар касеро ба пазируфтани Ислом даъват менамудам, ӯ дар иҷобаташ таъхир менамуд ё ба фикр фурӯ мерафт ё ба сӯям менигарист ва дудилагӣ менамуд, ба ҷуз Абубакр ибни Абуқуҳофа, ки чун даъваташ намудам, дар иҷобат ва пазируфтани Ислом ҳеҷ таъхир ва дудилагӣ нанамуд*». [3]

Ҳангоми Ислом оварданаш Абубакри Сиддиқ (р) бо худ чиҳил ҳазор дирҳам дошт. Бо ин пулҳо мусалмонони ғуломро харида озод мекард ва барои тақвияти Ислом харҷ менамуд ва

---

[1] «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (3/26).

[2] «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (3/29), «Сирати набавия»-и ибни Ҳошим (1/288-289).

[3] Тафсири ибни Касир (2/250), «Усуду-л-ғобба» (3/310-311).

мусалмонҳоро кӯмак мекард. Ҳангоме ки ҳамроҳи Расули акрам (с) ба Мадина ҳиҷрат намуд, аз он маблағ панҷ ҳазор дирҳамаш монда буд. Баъд аз он дар Мадина ҳам ба мисли Макка он пулҳоро дар роҳи дини Ислом сарф менамуд. Абубакри Сиддиқ (р) ҳафт нафар ғуломеро, ки бутпарастиро тарк намуда Худованди якторо мепарастиданд ва барои ин мушрикони Макка шиканҷаву озорашон медоданд, озод намуданд. Дар байни онҳо Билол (р) ва Омир ибни Фуҳайра (р) низ буданд.

Расули акрам (с) боре чунин фармуданд: «*Молу (дороии) касе бароям ба монанди моли Абубакр (р) суд набахшидааст*».

Дар ин асно Абубакри Сиддиқ (р)-ро ашк аз чашмони муборакашон равон гардид ва бо садои нарму дили пур аз меҳру муҳаббат ба Расули акрам (с) нигариста ва чунин гуфтанд: «*Ман ва молу дороиам, ҳама аз они шумост, эй Расули Худо (с)*».[1]

Ва инчунин дар ҳаққи Абубакри Сиддиқ (р) Худованд (ҷ) аз фарози ҳафт осмон ояте нозил кард, ки ба саховат ва дараҷаи баланди он ҳазрат далолат мекунад[2]:

﴿لَا يَسْتَوِي مِنكُم مَّنْ أَنفَقَ مِن قَبْلِ الْفَتْحِ وَقَاتَلَ ۚ أُولَٰئِكَ أَعْظَمُ دَرَجَةً مِّنَ الَّذِينَ أَنفَقُوا مِن بَعْدُ وَقَاتَلُوا ۚ وَكُلًّا وَعَدَ اللَّهُ الْحُسْنَىٰ ۚ وَاللَّهُ بِمَا تَعْمَلُونَ خَبِيرٌ ﴿١٠﴾﴾ الحديد: ١٠

**«Аз миёни шумо онон, ки пеш аз фатҳ инфоқ карда ва ба ҷанг рафта, бо онҳое, ки баъд аз фатҳ инфоқ (харҷ) кардаанд ва ба ҷанг рафтаанд, баробар нестанд. Дараҷоти онҳо (гурӯҳи аввал) болотар аст. Ва Худо ба ҳама ваъдаи нек медиҳад ва ба ҳар коре, ки мекунед, огоҳ аст».[3]**

---

[1] Имом Тирмизӣ (3661), «Усуду-л-ғобба» (3/326).

[2] «Ҳиляту-л-авлиё» (1/28).

[3] Сураи Ҳадид, ояти 10.

## Сиддиқ

Расули акрам (с) шаби воқеъаи «Исро» (Меъроҷ) аз Макка ба сӯи масҷиди Ақсо рафт ва аз он ҷо ба осмон рафту дубора ба Макка бозгашт. Чун субҳ шуд, Расули акрам (с) ин воқеъаро ба мардум хабар дод. Ҳангоме ки ин воқеъа дар миёни мардум мунташир шуд ва аз он хабардор шуданд, бархе аз ононе, ки аз дӯстии Абубакри Сиддиқ (р) бо ҳазрати Муҳаммад (с) огоҳӣ доштанд, дарҳол ба сӯи Абубакр (р) шитофтанд ва ба ӯ гуфтанд: Оё ту ба даъвои дӯстат Муҳаммад (с) бовар дорӣ, ки мегӯяд, ки ӯ ин шаб ба Байтулмуқаддас рафтаву дубора баргаштааст. Ин ҳангом Абубакри Сиддиқ (р) хурсандонаву бебокона аз хабарорандагон мепурсад:

- Оё ӯ худ чунин мегӯяд?

Гуфтанд: Бале!

Абубакри Сиддиқ (р) бедудилагие тасдиқ карда мегӯяд: *«Агар чунин гуфта бошад, дар ҳақиқат рост гуфтааст»*. Чун он хабарорандагон, ки аз Абубакри Сиддиқ (р) чунин таваққуъе надоштанд, ки ӯ дар ҳол ин хабарро тасдиқ менамояд, бо як ҳолати таъаҷҷубомезе гуфтанд, ки оё ту ин воқеъаро тасдиқ менамоӣ? Абубакри Сиддиқ (р) сухани таърихие мегӯяд, ки он дар сафаҳоти таърихи Ислом бо хатҳои зарин сабт гардидааст:

«*Ман ҳароина бовар ва тасдиқ менамоям ба он чизе ки аз ин ҳам дуртар (яъне боварнокарданӣ) аст. Ман ба хабари осмонӣ (ваҳйи Илоҳӣ), ки саҳару бегоҳ ба ӯ нозил мешавад, бовар дорам*». Аз ин сабаб ҳазрати Абубакр (р) пас аз ин Сиддиқ номида шуд.[1]

Чун дар шаби меъроҷ Расули акрам (с) ба Ҷабраил (а) мегӯяд, ки «*Қавми ман маро бовар намекунанд (яъне ки ман чунин масофаи дарозро дар як шаб тай намудам ва дубора то субҳ ба Макка баргаштам)*».

[1] Ин ҳадисро ҳоким дар «Мустадрак»-аш дар (3/62-63) овардааст ва инчунин гуфтааст, ки асноди ин ҳадис саҳеҳ аст.

Ин ҳангом Ҷабарил (а) мегӯяд: «*Ҳароина, тасдиқ менамояд туро Абубакр (р), ки ӯ Сиддиқ аст ба таҳқиқ садоқат ва сиддиқияти Абубакр (р) бо ваҳйи осмонӣ таъйид шудаст*».[1]

## Пешдастӣ намудани Абубакр (р) дар ҳар коре

Расули акрам (с) дӯст медоштанд, ки асҳоби бузургворашон байни якдигар дӯстӣ ва муҳаббат дошта бошанд. Ва Расули акрам (с) ин дӯстиро дар ду ёри бузургворашон Абубакр (р) ва Умар (р) хело бараъло эҳсос менамуд. Рӯзе дар ҷамъи асҳоб нишаста буд, ногоҳ чашми муборакашон ба Абубакр (р) ва Умар (р) афтод, ки аз дур дасти якдигарро дошта меомаданд. Ин ҳангом Расули акрам (с) чунин гуфтанд: *«Агар шахсе бихоҳад, ки ба ду пешвои аҳли ҷаннат, ба ҷуз анбиё аз аввалин ва охирин, назар кунад, пас ба ин ду шахси омадаистода бингарад»*[2]

Инак, хонандаи азиз, шуморо бо якчанд корнамоии ин абармард ошно месозем.

Умар ибни Хаттоб (р) мегӯяд: Паёмбар (с) амр намуданд, ки чизе садақа намоем ва ман мувофиқа намудам, ки назди ман ин миқдор мол аст ва пеши худ чунин пиндоштам, ки имрӯз аз Абубакр (р) пешдастӣ менамоям. Пас нисфи моламро назди Расули акрам (с) овардам. Ин ҳангом Расули акрам аз ман пурсид: Оё барои хонаводаат чизе боқӣ гузоштӣ? Гуфтам: Эй Расули акрам (с) ин миқдор моле, ки назди шумо овардам, мисли ҳаминро барои хонаводаам гузоштам.

Ин ҳангом Абубакр (р) ҳамаи он молеро, ки дар хонааш дошт, гирифта овард. Пас Расули акрам (с) гуфтанд: Оё барои хонаводаат чизе гузоштӣ? Абубакр (р) дар посух гуфт: Барои хонаводам Худованд (ҷ) ва Паёмбари Ӯро гузоштам.

Чун Умар (р) ин амали Абубакр (р)–ро дид, чунин гуфт: Ҷони ману хонаводаам фидои ту эй Абубакр (р), ҳеҷ дарвозаи

---

[1] «Ат-табақоту-*л*-кубро» (3/127).

[2] Имом Тирмизӣ, 3664, «Ат-табақоту-*л*-кубро» (3/130).

хайреро барои мо во нагузоштаӣ магар, ки дар он аз мо пешдастӣ намудаӣ.[1]

Дар як канори Мадина як пиразани кӯре умр ба сар мебурд. Ва Умар ибни Хаттоб (р) хост ба он пиразан кӯмак намояд ва корҳояшро ба сомон расонад, вале ҳангоме ки Умар (р) вориди хонаи он пиразан гашт, дид, ки тамоми ниёзҳои он пиразан бароварда шуда ва корҳояш мураттаб аст. Ва ба ӯ маълум гашт, ки қабл аз ӯ ба ин пиразан каси дигаре кӯмак мекунад. Чун Умар (р) чанд бор ин амалро мушоҳида намуд, хост дар камине бинишинаду, бубинад ва бидонад, ки он шахс кист, ки дар ин амали хайр аз ӯ пешдастӣ менамояд. Ва чун он ҳазрат дар камин нишаст, дид, ки шахси дар ин кор пешдастикунанда Абубакр (р) будааст. Бо вуҷуде, ки дар он айём Абубакр (р) вазифаи хилофатро ба зима дошт ва халифаи тамоми мусалмонон буд. Пас ин ҳангом Умар (р) гуфт: Савганд ба Худо, ту ҳамоне ҳастӣ, ки ҳеҷ дарвозаи хайреро ба дигаре намегузорӣ ва худ дар он пешдастӣ менамоӣ.[2]

## Аввалин хатиби Ислом

Хона ба ёрони паёмбар ва асҳоби эшон, ки 38 нафар буданд, танг шуд. Ба сари Абубакр (р) фикри ошкор намудани калимаи ҳақ ва дини Ислом падид омад. Абубакр (р) назди паёмбари Худо (с) омад ва ба ӯ ошкор намудани дин ва берун баромадан ба сӯйи хонаи Каъбаро пешниҳод кард. Пас Расули акрам (с) гуфтанд:

- Эй Абубакр, ҳароина, адади мо кам аст.

Вале Абубакр (р) пофишорӣ мекард, то ин ки Расули акрам (с) ва мусалмонон барои даъват берун шуда, дар атрофи масҷид ҷамъ омаданд. Дар ҳоле ки Расули акрам (с) нишаста буданд, Абубакр (р) бархост ва аввалин хутбаро дар ҳузури Паёмбар (с)

---

[1] Имом Тирмизӣ, ҳадиси (3675).

[2] «Усуду-л-ғобба» (3/ 326-327).

ба мардум гуфтанд ва ҳамагонро ба дини Ислом даъват намуданд.

Шиддати ғазаб аз чашмҳо ва чеҳраҳои мушрикон мушоҳида мегашт. Онҳо ба сӯйи Паёмбар (с) ва мусалмонҳо ҳуҷум оварда, ба эшон зарбаҳои мӯҳликеро заданд. Ончунон мусалмононро шиканҷаву озор доданд, ки аксари онҳо дар нимароҳи марг қарор гирифтанд. Бани Тамим (қабилаи ҳазрати Абубакр (р)) чун аз ин кор воқиф гаштанд, чанд нафаре аз онҳо омада мушриконро аз болои Абубакр (р) дур карданд ва пайкари беҳаракати ӯро дар чодаре гузошта, ба сӯйи манзилаш оварданд. Бани Тамим шубҳае надоштанд, ки Абубакр (р) вафот кардааст. Сипас, бани Тамим бозгашта, бо хашму ғазаб дохили масҷид шуда, гуфтанд:

- Савганд ба Худо, агар Абубакр (р) бимирад, Утба бини Рабиъаро, ки Абубакр (р)-ро ба ин ҳол расонидааст, мо ба қатл мерасонем.

Баъдан ба сӯйи Абубакр (р) боз гашта, дар назди Абубакр (р) ва Абуқуҳофа нишастанд. Онҳо бо ӯ хоҳиши сухан гуфтан доштанд. Ҳазрати Абубакр (р) беҳуш буд ва ба онҳо ҷавобе намедод ва лабҳои муборaки он ҳазрат, то охири рӯз аз ҳаракат бозмонда буд. Аввалин калимае, ки аз миёни лабҳои Абубакр (р) берун омад, чунин буд:

- Ба сари Паёмбари Худо (с) чӣ омад? Пас аз шунидани ин суханон бани Тамим аз Абубакр (р) дар ғазаб омада, яке аз онҳо бо хашм ба модари он ҳазрат гуфт:

Ба фарзандат нигоҳу бин бикун ва ба ӯ обу нон бидеҳ.

Сипас, бани Тамим аз назди Абубакр (р), дар ҳоле ки аз амали Абубакр (р) дар таъаҷҷуб буданд, бозгаштанд. Вале Абубакри Сиддиқ (р) аз он суоли худ ҳеҷ боз намеистод ва боисрор такрор мекард:

Ба сари Расули Худо (с) чӣ омад? Модараш умми Ҷамил бинти Хаттоб ба ӯ гуфт:

- Он кас хубанд, солиму тандурустанд. Пас аз шунидани чунин суханон лабҳои Абубакр (р) ба ҳаракат даромаданд ва дар лабҳои эшон табассуме ҳувайдо гашт ва чеҳраи муборакиэшонро сурурунишот фаро гирифт. Сипас аз бистари худ бархост ва бо садои баланд фарёд кард:

- Куҷост Муҳаммад (с)? Модарашон Умми Ҷамил гуфтанд, ки Муҳаммад (с) дар хонаи Ибни Арқам аст. Абубакр (р), дар ҳоле ки дар чашмонаш хушҳолӣ дида мешуд, гуфт:

- Савганд ба Худо, то ба назди паёмбари Худо (с) наравам, таъому нӯшокиеро намечашам.

Абубакр (р) кӯшиши бархостан ва ба ҷониби паёмбари Худо (с) рафтанро кард, вале аз шиддати дарди сахт мустақилона рафта натавонист. Пас бо кӯмаки модари худ умми Ҷамил ва Фотима духтари Хаттоб, ки хонаи ибни Арқамро медонист, ба назди Паёмбари Худо (с) расиданд. Расули акрам (с) Абубакр (р)–ро дар оғӯш гирифта, мебӯсиданд, инчунин тамоми мусалмонони дар хонабуда ӯро ба оғӯш мегирифтанд.

## Берун омадани Абубакри Сиддиқ (р) аз Макка ба сӯи Ҳабаша

Субҳ фаро мерасид ва офтоб бо панҷаи сафедаш занги сиёҳро аз рӯйи олам мезудуд. Абубакр тӯшаи роҳашро омода намуда, асояшро бар китфаш гузошт ва бо нияти тарки Макка рахти сафар баст. Қиматтарин чиз - имонашро дар қалби бузургаш гирифта буд. Ва аз чеҳраи эшон ҳувайдо буд, ки дилаш моломоли имон аст. Ва ӯ ба сӯйи замини Ҳабаша (Эфиопия) равона шуд. Ба минтақаи Баркулғимод (мавзеъе дар Яман) расида, бо Ибни Дуғунна, ки пешвои қабилаи ин минтақа буд, рӯ ба рӯ шуд. Ибни Дуғунна ба овози баланд гуфт:

- Ба куҷо равона ҳастӣ, эй Абубакр (р)?

Абубакр (р) бо садои нарме гуфт:

- Маро қавмам аз диёрам хориҷ сохт. Мехоҳам, ки дар рӯйи замин саёҳат кунам ва Парвардигорамро бипарастам. Ибни Дуғунна бо таассуф сар ҷунбонида, гуфт:

- Марде ҳамсони ту набояд хориҷ гардад ва ё хориҷ карда шавад. Охир ту ба фақирон ато мекунӣ ва бо пайвандонат рафтуомад дорӣ, ятиму дармондагонро сарпарастӣ карда ва меҳмононро гиромӣ медорӣ. Ман пуштибони ту мешавам. Ба ватанат баргард ва бандагии Худоро ҳамон ҷо адо намо.

Абубакри Сиддиқ (р) аз роҳаш бозгашт. Ибни Дуғунна низ ҳамроҳи ӯ ба Макка сафар карда, бо аъёну ашрофи Қурайш боздид намуд ва ба онҳо гуфт:

- Марде чун Абубакр набояд хориҷ шавад ва ё хориҷ карда шавад. Оё шумо шахсеро, ки ба фақирон ато мекунад, бо пайвандонаш рафту омад дорад, сарпарасти ятиму дармондагон ва заъифон аст, аз ватанаш берун мекунед?

Қабилаи Қурайш ибни Дуғуннаро чун пуштибони Абубакри Сиддиқ (р) эътироф карданд ва ба ибни Дуғунна гуфтанд:

- Ба Абубакр (р) бигӯй, то худояшро дар хонаашон ибодат кунад, намозашро низ дар хона адо намояд. Ҳар чӣ мехонад дар хонааш хонад. Моро дарди сар надиҳад. Динашро ошкор нанамояд, зеро мо бим аз он дорем, ки зану фарзандони моро мафтуни динаш месозад.

Ибни Дуғунна ин аҳдро ба Абубакри Сиддиқ (р) гуфт. Абубакри Сиддиқ (р) бо пайравӣ аз ин аҳд Худоро дар хонааш мепарастид. Намозашро ошкор намехонд ва дар берун аз манзилаш Қуръон тиловат намекард. Дере нагузашта ӯ дар ҳошияи манзилаш масҷиде сохт ва дар он ҷо ба ибодат ва қироъати Қуръон идома дод. Издиҳоми занону кӯдакони мушрикин дар манзили Абубакр (р) ҷамъ меомаданд ва ба ӯ наззора мекарданд. Абубакри Сиддиқ (р) марди нармдил буд, аз ин рӯ ҳангоми қироъати Қуръон оби чашмонашро нигоҳ дошта наметавонист. Ин ҳолат даҳшати сарварони

мушрикинро овард. Онҳо ба назди ибни Дуғунна одам фиристоданд, то ӯ дубора ба Макка ташриф овард. Қурайшиён ба ибни Дуғунна гуфтанд, ки мо ба хотири дӯстӣ бо ту ба Абубакр (р) иҷозати дар хонааш ибодат кардани Парвардигорашро додем, вале ӯ аз муқаррароти мо берун баромада, дар хонааш масҷид бунёд кард, намозгузорӣ ва қуръонхониашро ошкор сохт. Мо аз он тарс дорем, ки мабодо ӯ занҳо ва фарзандонамонро бо ин амалаш мафтун созад. Ӯро аз ин амалаш боз бидор, агар хоҳад, ибодаташро дар ҷойи хилвате анҷом бидиҳад, дар ғайри он аҳди пуштибонии Абубакрро аз мо бозпас бигир, то ки дар миёни мо халале ворид нагардад.

Ибни Дуғунна ба сӯйи Абубакр (р) омад ва дар назди он ҳазрат оромона нишаст ва ба ӯ хитоб карда, гуфт:

- Абубакр (р), худат аҳди бастаамро медонӣ. Аз ин рӯ ё дар тоъату ибодат кӯтоҳӣ мекунӣ ва ё пуштибонии маро рад менамоӣ.

Агар хоҳӣ, биё ба ватани ман меравем ва ҳар амалеро, ки хоҳӣ, он ҷо анҷом медиҳӣ. Ман намехоҳам, ки қурайшиён маро ба аҳдшиканӣ муттаҳам созанд. Абубакр (р) бо дили ором чунин гуфт:

Ман пуштибонии туро рад мекунам ва ба пуштибонии Худованди маннон иктифо мекунам.

## Ҳамсоягӣ бо Паёмбари Худо (с)

Дар яке аз рӯзҳои офтобӣ, ки гармсел оташи сӯзонро дар Макка мерехт ва офтоб одамонро бо нурҳои чун тозиёнаҳои оташ сӯзони худ мезад ва рег рӯйҳоро тафсонида, пӯстҳои баданро доғ мемонд, Расули акрам (с) шитобон ба сӯйи Абубакр (р) омад, ки дар ин вақти рӯз касе аз хонааш берун намешуд. Одатан одамон субҳи барвақт ва ё баъди шом аз хона берун меомаданд. Ин рӯз – рӯзе буд, ки Худованд (ҷ) ба Расулаш иҷозат дод, ки баъд аз хориҷ шудани мусалмонон аз Макка

ҳиҷрат намоянд. Бинобар ин, Расули акрам (с) дар чунин соати авҷи гармо берун омад.

Ҳангоме ки чашмони Абубакр (р) ба ҳабибаш ва нури чашмонаш Муҳаммад (с) афтод аз ҷояш бархост. Абубакр (р) бо худ чунин меандешид, ки  паёмбари Худо (с) дар ин соат бесабаб наомадаанд. Берун омадани Расули акрам (с) аз вуқӯъи ҳодисае дарак медод. Абубакр (р) ғарқи чунин андешаҳо буд, ки паёмбари Худо (с) дохили хона гардид. Ҳазрати Абубакр (р) аз болини худ бархост ва назди Расули акрам (с) омад. Бо Абубакр (р) ба ҷуз модари мӯъминон Оиша (р) ва духтари дигарашон Асмо (р) каси дигаре набуд. Расули акрам (с) гуфтанд, ки ҳар касе дар хона ҳаст, аз наздамон хориҷ кун. Абубакр (р) гуфт:

- Эй паёмбари Худо, ин ду нафар духтарони мананд. Падару модарам фидои ту бод!

- Паёмбари Худо гуфт:

- Худованд (ҷ) бароямон хориҷ шудан аз Макка ва ҳиҷрат карданро  иҷозат дод. Дар ин вақт Абубакр (р)-ро ҳолати беқарорӣ фаро гирифт ва дар ҳоле ки ашки чашмонаш болои рухсораҳояш равон буд, фарёд мекард ва чунин мегуфт:

- Ҳамҷиворӣ, (яъне ҳамсафарӣ)  ҳамҷиворӣ бо Паёмбари Худо. Паёмбари Худо (с) гуфтанд:

- Ҳамҷиворӣ, эй Абубакр (р). Модари мӯъминон Оиша (р) гуфтанд:

- Савганд ба Худо, касеро, пеш аз ин надида будам, ки мисли падарам Абубакр (р) аз шодиву фараҳ гиря кунад.

Абубакр (р) ҳамаи дороии худро, ки 5-ҳазор дирҳамро ташкил медод, бо худ гирифт ва шитобон ба қасди ҳиҷрат ҳамроҳии паёмбари Худо (с) хориҷ шуд. Баъди чанде нотавоне бо номи Абуқуҳофа, ки нобино буд, омад (яъне падари Абубакри Сиддиқ ). Ӯ бо овози баланд фарёд мекард:

- Савганд ба Худо, Абубакр (р) ҳар он чизе, ки дошт, бо худ бурдааст ва ба шумо чизе нагузоштааст.

Асмо (р) духтари Абубакр (р) гуфт: Не бобо,

- Ҳаргиз чунин нест. Падарамон барои мо маблағи бешумореро гузоштааст. Асмо (р) мегӯяд:

-Дарҳол сангеро гирифта, дар сӯрохии девори он хонае, ки падарам Абубакр (р) дар он зиндагӣ мекард, гузоштам. Сипас сангро дар либосе печонда, дасти мӯйсафедро болои он гузоштам. Мӯйсафед дасташро болои он баста гузошта, дар он ҷо чизеро эҳсос намуда, хушҳолона гуфт:

-Ҳеҷ боке нест, дар ҳоле ки барои шумо инро гузоштааст. Ҳароина, наҷоти шумо дар ин аст.

Асмо (р) мегӯяд:

- Савганд ба Худо, ки падарам ба мо чизе нагузошта буд, вале ман чунон кардам, то мӯйсафедро хомӯш намоям.

## Сӯрохиҳои мори афъӣ

Паёмбари Худо ва дӯсташ дар торикии ғор пинҳон гаштанд.Сиёҳии шаб ҳама ҷоро фаро гирифта буд. Ба гӯши эшон овозҳои дилхароши мушрикон, ки дар назди он ғори торик буданд, мерасид. Чашмони Паёмбар (с)-ро хоб фаро гирифт ва чашмҳои он Ҳазрат (с) пӯшида гаштанд. Пайёмбар (с) сари муборакашро ба синаи Абубакр (р) гузоштанд. Пас аз гузаштани чанд соате пойи Абубакр (р), ки дар сӯрохии ғор гузошта буд, неши заҳрогини мори афъиро эҳсос кард. Вале ҳазрати Абубакр (р) аз ҷойи худ такон намехӯрданд, ки мабодо Паёмбар (с)-ро нороҳат созад ва он ҳазратро аз хоби нозашон бедор намоянд. Вале аз шиддати дарди ҷонкоҳе, ки бар пойи Сиддиқ аз таъсири неши мор расида буд, ашк аз чашмонашон ба рӯйи муборaки Паёмбар (с) рехт. Дар ин ҳол Паёмбари Худо (с) аз хоб бедор гаштанд ва ба сӯйи Абубакр (р) нигоҳ карда гуфтанд:

- Чӣ озоре расидааст ба Абубакр (р)? Абубакр (р) дар ҷавоб гуфт:

- Падар ва модарам фидои ту бод! Пойи маро мор газидааст ва хеле зиёд дард дорад. Паёмбари Худо (с) дарҳол дар ҷойи он

неши заҳрноки мор оби даҳони муборакашонро гузоштанд. Пас аз он асароти неш аз пойи Абубакр (р) дур шуд, мисли он ки чизе нашуда бошад. Танҳо пас аз вафоти Расули акрам (с) асари он заҳр бар Абубакр (р) баргашт.

## Сабрро пеша намудан Абубакри Сиддиқ ҳангоми реҳлати ҷонгудози ҳазрати Муҳаммад (с)

Ҳазрати Абубакри Сиддиқ (р) шитобон ба сўйи хонааш дар Мадина мерафт, то ин ки як каме истироҳат кунад ва баъзе корҳои хонаро анҷом бидиҳад. Вале чандон вақти зиёде нагузашта буд, ки шахсе ошуфтаҳол ва парешонхотир омад ва хабари ғамангезро расонид. Шахси хабарёр чунин фикр мекард, ки ҳазрати Абубакр (р) пас аз шунидани ин хабари мудҳиш ба по рост истода наметавонад. Ин шахс, дар ҳоле ки ашк дар рухсораҳояш равон буд, дар назди хонаи Абубакр (р) бо садои баланд мегуфт:

- Эй Абубакр (р), эй ибни Абуқуҳофа! Пас аз шунидани ин садоҳо Абубакр (р) берун шуд ва ба сўйи он мард нигоҳ кард. Вай бошад аз сўзиши дил ва резиши ашк лабҳои худро боз намуда наметавонист ва нафасҳояш ўро гулўгир мекарданд. Андаке баъд вай бо азоб ба сухан даромад ва чунин гуфт:

- Паёмбари Худо (с) аз дунё гузаштанд. Аз шунидани ин хабар чашмони Абубакри Сиддиқ (р) пур аз об шуд. Вуқўъи чунин воқеъа барои аҳли Мадина хеле сангин буд. Ин як фоҷиъаи талхе барои Абубакр (р) буд ва ба монанди тири марговар асар гузошт. Ин ҳангом Абубакр (р) аз худ бехуд шуд, фикр мекард, ки замин дар зери пояш ба ҳаракат даромадааст ва кўҳҳо дар атрофаш давр мезананд. Абубакр (р) ба сўйи хонаи Паёмбар (с) шитофт. Баъзе одамонро нишаста ва бархеро бархоста, гурўҳеро ором ва гурўҳи дигарро мусибатзада дарёфт. Вале аз чашмони ҳамагон ашк ба монанди сел равон буд. Ҳатто Умар (р) бо он ҳайбати кўҳмонандаш худро аз даст дода буд ва

дар ин ҳангом шамшерашро аз ғилоф бароварда, бо садои баланд мегуфт:

- Шахсе гӯяд, ки Муҳаммад (с) мурдааст, бо ин шамшер гарданашро мезанам. Абубакр (р) ба хона дар ҳоле дохил гардид, ки мардумон ҳама ҳаяҷонзада буданд. Дар як тарафи хона Паёмбар (с)-ро гузошта ва болояшон чодаре андохта буданд. Оҳиста–оҳиста Абубакр (р) наздики Паёмбар (с) шуд ва чодари рӯйи он Ҳазратро бардошта, охирин бӯсаи видоъиро бар пешонии он Ҳазрат (с) гузошт. Ба димоғи ҳазрати Абубакр (р) аз ҷасади Паёмбар (с) бӯйи мушк расид ва Абубакр (р) чунин гуфт:

- Оҳ, чи хушбӯй аст мурда ва зиндаи ту, эй Паёмбари Худо ва аз ҷояш бархост.

Абубакр (р) бо душворӣ, дар ҳоле ки пойҳои ӯ тоқати бардоштани он тани нозукашро надошт, аз хона берун омад ва ба масҷид даромада болои минбар рафт ва ба мардуми дар он ҷо ҷамъомада бо садои баланд гуфт:

Ҳар фарде, ки Муҳаммадро мепарастид, пас бидонад, ки ба таҳқиқ Муҳаммад (с) мурдааст ва шахсе, ки Худовандро мепарастад, пас бидонад, ки Худованд (ҷ) зинда аст ва ҳаргиз намемирад ва сипас ин оятро барои онҳо қироъат намуд.

﴿ وَمَا مُحَمَّدٌ إِلَّا رَسُولٌ قَدْ خَلَتْ مِن قَبْلِهِ ٱلرُّسُلُ ۚ أَفَإِيْن مَّاتَ أَوْ قُتِلَ ٱنقَلَبْتُمْ عَلَىٰٓ أَعْقَٰبِكُمْ ۚ وَمَن يَنقَلِبْ عَلَىٰ عَقِبَيْهِ فَلَن يَضُرَّ ٱللَّهَ شَيْـًٔا ۗ وَسَيَجْزِى ٱللَّهُ ٱلشَّٰكِرِينَ ﴿١٤٤﴾ ﴾ آل عمران: ١٤٤

**«Ҷуз ин нест, ки Муҳаммад паёмбарест, ки пеш аз ӯ паёмбароне дигар буданд. Оё агар бимирад ё кушта шавад, шумо ба ойини пешини худ бозмегардед? Ҳар кас, ки бозгардад, ҳеҷ зиёне ба Худо нахоҳад расонид. Худо сипосгузоронро подош хоҳад дод».**[1]

[1] Сураи Оли Имрон, ояти 144.

## Аввалин халифаи Расули Худо (с)

Чун беморие Расули акрам (с) шиддат ёфт, амр намуданд, ки барои намоз гузоридан баҳрашон такягоҳе дуруст намоянд, то ба кӯмаки он нишастухез кунад.

Ин ҳангом ҳазрати Билол (р) омад, то ки азони намозро бигӯяд. Паёмбари Худо (с) аз таъсири он бемори̅ бисёр нотавон гашта буданд ва бо овози паст гуфтанд:

- Ба Абубакр (р) фармоед, то намози қавмро гузорад (яъне имом гардад). Пас модари мӯъминон Оиша (р) гуфт:

-Эй Паёмбари Худо (с), Абубакр (р) мардест бениҳоят ҳассос ва дорои дили нарм. Вақти имомати̅ гиря мекунад ва мардум аз садои гиря қироъаташро намешунаванд. Эй паёмбари Худо, беҳтараш  амр менамудед, ки Умар (р) имом шавад.

Паёмбари Худо (с) чанд лаҳзае баъд сухани аввалаашро дубора такрор намуданд. Бигӯед Абубакрро, то намози мардумро бихонад (яъне имом шавад) .

Пас Оиша (р) ба хонуми дигари Паёмбар (с) Ҳафса (р) гуфт, ки ба Паёмбар (с) бигӯ, ки ҳароина, Абубакр (р) марди ҳассос ва дорои дили нарм аст ва агар бо мардум намоз бигузорад, мардум аз шиддати гиряаш оятҳои Қуръонро намешунаванд. Аз ин рӯ беҳтар мебуд, ки барои имомати̅ Умарро маъмур созанд.

Дар ҷавоби ин хонум Паёмбари Худо (с) ба ғазаб омада, чунин гуфтанд:

- Ҳароина шумо мисли занҳои Юсуф (а) ҳастед. Бигӯед Абубакрро, ки намози мардумро бигузорад.

Пас вақте ки Абубакри Сиддиқ (р) намозро шурӯъ кард, Паёмбари Худо (с) ба худ сабукие дарёфт ва  оҳиста роҳ гашта, ба масҷид даромад. Абубакр (р) омадани Паёмбар (с)-ро ҳис карда, аз ҷояш қафо рафт. Паёмбар (с) амр намуданд, дар ҷояш истад ва имоматиро идома диҳад. Вале Сиддиқ (р) бошад як каме қафо омада, ба саф баробар шуд.

Пас вақте ки намозро бо имоматии Абубакр (р) гузориданд Паёмбари Худо (с) хитоб ба Абубакр (р) намуда, чунин гуфтанд:

- Эй Абубакр (р), вақте ки туро амр намудам, ки дар  ҷоят биист, чӣ туро аз истодан дар пеши саф боз дошт? Сипас Абубакри Сиддиқ (р) бо садои маҳин ва бо сари хам чунин гуфт:

- Ҳеҷ имкон надорад, ки Ибни Абуқуҳофа (Абубакри Сиддиқ) дар пешорӯйи Паёмбари Худо (с) намоз гузорад.

## Нахустин хутба

Абубакри Сиддиқ (р) бо ҳаёву виқор ба минбари Пёмбари Худо (с) наздик шуда, пойи росташро ба зинаи аввал гузошта, пойи дуюмашро низ баланд кард, вале дар он зина каме истод. Пас аз тавaққуф пояшро ба зинаи дуюм гузошт. Аммо чун хост пояшро дар зинаи сеюм бигзорад, бадани Абубакри Сиддиқ (р)-ро ларзае фаро гирифт ва ҷуръати ба он пой гузоштанро накард ва аз ҳаракат боз монд ва ба худ амали ба он бароmаданро раво надид, зеро он ҷойи нишасти Паёмбар (с) буд ва дар он ҷой, Паёмбари Худо (с) пойҳои муборакашро мегузоштанд ва менишастанд.

Сипас ашкҳои аз чашм резонашро бо дастонаш пок намуда, ба ҷамъомадагони бешумор рӯй овард. Абубакри Сиддиқ (р) масъулияти вазнини халифагиро эҳсос кард, аз ин рӯ чунин гуфт:

-Эй мардум, ман халифаи шумо гардидам, дар ҳоле ки ман беҳтар аз шумо нестам. Агар хилофатро накӯ намудам, маро кӯмак намоед. Агар бад кардам, маро боз доред. Ҳароина нотавоне аз шумо қувватманд аст дар назди ман, то ки ба ӯ ҳаққашро  адо намоям. Вале шахси тавонои шумо дар назди ман нотавон аст, то ин ки аз ӯ ҳаққи каси дигарро биситонам.

Итоъат намоед маро, модоме, ки Худо ва Паёмбари Ӯро итоъат кардам. Агар нофармонӣ намудам ин дуро, пас бар шумо итоъати ман воҷиб нест.

## Агар закоти солонаи чаҳорпоёнашонро надиҳанд, бо онҳо ҷанг хоҳам кард

Хабари вафоти Паёмбари Худо (с) барқвор мунташир гашт. Ашхоси нифоқангез бо чеҳраҳои хушҳол ва қаноъатманд мисли рӯбоҳони маккор дар фикри гумроҳ кардани мардум саргарм буданд. Баъзе дурӯғгӯён ашхоси содалавҳро пайрави ақидаҳои пучу беасоси хеш мекарданд. Нахустин оташи мункирон сар зад. Замин аз чунин ашхоси тавтиаҷӯ ва фитнаангез наздики ба ларза омадан буд.

Дар чунин ҳолат Абубакр (р) муҳоҷирин ва ансорро ҷамъ кард, то ки бо онҳо машварат кунад ва рӯй ба онҳо оварда, чунин хитоб кард:

- Огоҳӣ ёфтем, ки арабҳо аз додани закоти солонаи чаҳорпоёнашон, аз қабили гӯсфандон ва уштур иҷтиноб кардаанд Онҳо чунин иброз доштаанд, ки он шахсеро, ки кӯмакаш менамудем, ба таҳқиқ мурдааст. Ба сӯйи ман (Абубакри Сиддиқ (р)) ишора намуданд, ки ман марди оддие аз шумо ҳастам.

Ин ҳангом Умар (р) аз ҷои худ бархоста мегӯяд:

- Ман чунин мешуморам, ки пазируфтани намози онҳо ва ба ҳоли худ гузоштани закотҳояшон боис мегардад чунин пиндоранд, ки ин ба ҷуз суханони даврони ҷоҳилият (пеш аз Ислом) чизи дигаре нест.

Чун Абубакри Сиддиқ (р) ба чеҳраҳои ҷамъомадагон нигарист, эҳсос намуд, ки онҳо ба гуфтаҳои Умар (р) розианд. Сипас, Абубакри Сиддиқ (р) аз ҷойи худ бархост ва ба минбар баромад. Пас аз ҳамду сано гуфтани Худо бо садои хеле возеҳу равон, ки ҳар суханаш аз аъмоқи дили саршор аз имонаш берун меомад, мисли шери жаён бо як ҷасорати комил, ин марди лаҳзае пеш ҳалиму фурӯтан, чунин гуфт:

- Савганд ба Худо, ки ҳаргиз фармудаи Худовандро нахоҳам гузошт, то он даме ки ҳукми Худоро ҷорӣ насозам, мубориза

хоҳам бурд. Агар касе аз мо зинда монад, пас замини Худовандро ба мерос хоҳад бурд. Савганд ба Худо, ки агар худро аз додани закоти солонаи чаҳорпоёнашон, ки дар рӯзгори Паёмбари Худо (с) медоданд, боздоранд, ҳароина дар набард бо онҳо ба ман дарахтон, хокҳои олуданогашта бо рег, инсонҳо, ва ҷиниён кӯмак менамоянд. Пас аз шунидани чунин суханони шуҷоъатмандонаи Абубакри Сиддиқ (р) Умар (р) бо нидои «Аллоҳу Акбар, Аллоҳу Акбар, Аллоҳу Акбар» фарёд баровард ва баъдан чунин гуфт:

- Савганд ба Худо, ки Абубакри Сиддиқ (р) ҳақ аст!

## Бар болои ту Паёмбар (с) ва Абубакр (р) истодааст

Паёмбари Худо (с) болои кӯҳи Уҳуд баромаданд, Абубакр (р), Умар (р) ва Усмон (р) ӯро ҳамроҳӣ мекарданд. Он кӯҳ хеле бошиддат ба ларза даромад. Паёмбар (с) болои кӯҳ сахт пой кӯфта, чунин гуфтанд:

-Ором бош, эй Уҳуд, дар болои ту ҷуз аз Паёмбар (с) ва Сиддиқ ва ду шаҳид каси дигаре нест. Мурод аз Сиддиқ Абубакр (р) буда, ду шаҳид Умар (р) ва Усмон (р) буданд.

Рӯзе Абубакр (р) ҳамроҳи Абудардо аз пайи коре равон буданд, пешопеши Абубакр (р) Абудардо мерафт. Чун Паёмбари Худо (с) Абудардоро аз пеши Абубакр (р) диданд, ба ӯ бо ҷиддият, вале насиҳатомез гуфтанд:

-Эй Абудардо, оё ту пешопеши марде, ки офтоб пас аз паёмбарон ба афзалтар аз ӯ тулӯъ накардааст, роҳ меравӣ? Абудардо сарашро аз ҳаё хам кард ва чашмонаш пури ашки надомат шуданд. Пас аз ин Абудардо доимо аз пушти сари Абубакр (р) роҳ мерафт.

## Дар чаҳор чиз Абубакр (р) пешдастӣ кард

Марде ба назди Алӣ ибни Абутолиб (к.в.) омада гуфт:

- Эй Амирулмуъминин, аз чӣ сабаб муҳоҷирин ва ансор Абубакр (р)-ро ба хилофат пешниҳод карданд. Шумо аз ӯ дида

манзалати зиёд доред ва аз ӯ дида пештар Ислом овардаед ва собиқаи зиёд доред. Алӣ (к.в.) бо бисьёр ҳушёрӣ ва зиракӣ гуфт:

- Агар қурайшӣ бошӣ, пас туро аз Оиза (як қабилае аз Қурайш) мешуморам.

Он мард гуфт:

- Бале чунин аст, эй амирулмӯъминин. Пас Алӣ (к.в.) гуфт:

Агар мӯъмин намебудӣ, ҳароина, мекуштамат ва акнун ки зинда мемонамат, барои чунин суханони носазо аз ман дар ҳазар бош. Баъд аз ин гуфтаҳо Алӣ (к.в.) бар ӯ овоз баланд карда гуфт:

Вой бар ту, ҳароина Абубакр (р) аз ман дар чаҳор чиз пешдастӣ намудааст:

1. Ба имомати дар намоз.

2. Ба хилофат.

3. Пешдастӣ доштан дар ҳиҷрат ва ҳамроҳии Паёмбар (с) дар ғор;

4. Ошкор намудани Исломаш миёни куффор.

Сипас суханашро идома дод ва гуфт:

- Марг бар ту, Худованд (ҷ) мардумро мазаммат карда, Абубакр (р)-ро маҳд намудааст ва чунин фармудааст:

﴿ إِلَّا تَنصُرُوهُ فَقَدْ نَصَرَهُ ٱللَّهُ إِذْ أَخْرَجَهُ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ ثَانِىَ ٱثْنَيْنِ إِذْ هُمَا فِى ٱلْغَارِ إِذْ يَقُولُ لِصَـٰحِبِهِۦ لَا تَحْزَنْ إِنَّ ٱللَّهَ مَعَنَا ۖ فَأَنزَلَ ٱللَّهُ سَكِينَتَهُۥ عَلَيْهِ وَأَيَّدَهُۥ بِجُنُودٍ لَّمْ تَرَوْهَا وَجَعَلَ كَلِمَةَ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ ٱلسُّفْلَىٰ ۗ وَكَلِمَةُ ٱللَّهِ هِىَ ٱلْعُلْيَا ۗ وَٱللَّهُ عَزِيزٌ حَكِيمٌ ﴿٤٠﴾ ﴾

التوبة: ٤٠

Сухани Худо:

**«Агар шумо ёриаш накунед, он гоҳ, ки кофирон берунаш карданд, Худо ёриаш кард. Яке аз он ду ба ҳангоме, ки дар ғор буданд, ба рафиқаш мегуфт: «Андӯҳгин**

**мабош, Худо бо мост!». Худо ба дилаш оромиш бахшид ва бо лашкарҳое, ки шумо онро намедидед, қувваташ дод. Ва каломи кофиронро паст гардонид, зеро каломи Худо болост ва Худо пирӯзманду ҳаким аст».[1]**

## Яке аз фазилатҳои Абубакри Сиддиқ (р)

Дар як гӯшаи масҷид Саъид бинни Мусаяб нишаста буд. Дар атрофии ӯ мардум ҷамъ омада буданд ва барои онҳо аз корнамоиҳои Абубакр (р) қисса мекард.

Саъид мегуфт:

- Абубакр (р) дар назди Паёмбар (с) ба монанди вазир буд. Паёмбар (с) бо Абубакр (р) дар тамоми корҳояшон машварат менамуданд. Абубакр (р) дувумин шахс дар Ислом ва дувумин шахс ҳамроҳи Паёмбари Худо (с) дар ғор буд. Дувумин шахс дар бари Паёмбари Худо (с) дар рӯзи ҷанги Бадр буд. Дуввумин шахс дар қабр бо Паёмбари Худо (с) мебошад. Паёмбари Худо (с) шахсеро аз ёронаш аз ӯ бартар намешуморид.

Марде ба назди Алӣ ибни Ҳусайн (р) омада, аз ӯ пурсон шуд:

- Манзалати Абубакр (р) ва Умар (р) дар назди Паёмбари Худо (с) чӣ гуна буд? Алӣ ибни Ҳусайн (р) чунин ҷавоб дод:

Манзалат ва наздикии онҳо дар назди Паёмбари Худо (с) аз масофаи байни қабрҳояшон мушоҳида мегардад.

## Ду пешвои миёнаумрони аҳли ҷаннат

Рӯзе Абубакр (р) ва Умар (р) аз дур ба чашми Паёмбари Худо (с) намоён шуданд. Расули акрам (с) бо ҳамнишинонаш гуфтанд: Ин ду пешвои миёнаумронӣ (яъне аз 30 то 50 солагон) аҳли ҷаннатанд аз аввалин ва охирин уммат, ба ғайр аз паёмбарон ва набиён.

---

[1] Сураи Тавба, ояти 40.

Сипас, Паёмбари Худо (с) гуфтанд:
-Эй Алӣ, аз гуфтаи ман онҳоро огоҳ накун.

## Ту дар назди ҳавзи Кавсар ҳамсӯҳбати манӣ

Як рӯз Абубакр (р) бо Паёмбар (с) нишаста буд.

Пас, Паёмбари Худо (с) ба ӯ гуфтанд:

*- Эй Абубакр (р), ту бо манӣ дар лаби ҳавз (Кавсар) ва ҳамсӯҳбати манӣ дар гор.*

## Пас аз ту ба ман мушкил хоҳад буд

Рӯзҳо ва солҳо барқвор гузаштанд. Абубакр (р) ба болини марг бо бадани лоғару камгӯшт, ки аз тарси Худо (ҷ) меларзид, бистарӣ гардид. Модари мӯъминон Оиша (р) бо афсусу парешонҳолӣ назди падари бузургвораш нишаста буд ва аз чашмонаш ашк ба рухсораҳои зебояш мерехт. Абубакри Сиддиқ (р) духтарашон Оиша (р)-ро дида, бо садои паст ба ӯ хитоб намуда гуфтанд:

- Эй духтаракам, ҳароина, ман яке аз доротарин тоҷирони Қурайш ба ҳисоб мерафтам. Пас вақте ки ба аморат маро машғул намуданд, чунин пиндоштам, ки ҳама молу дороиамро сарфи он намоям.

Ва дар ниҳояти амр аз он молу дороие, ки қабл аз халифа шуданам доштам, ба ҷуз аз ин або (ҷомаи тунуке, ки аз болои либос мепӯшиданд) ва косаи шир (дар он ҳам шир меҷӯшиданд ҳам дар (он хӯрок мехӯрданд.) ва як ғулом чизи дигар боқӣ намондааст. Пас вақте ки вафот намудам, ин се чизи аз ман боқимодаро бигир ва ба Умар ибни Хаттоб (р) супор.

Пас аз он ки рӯҳи поки эшон танашро тарк кард, он рӯҳи покро малоика бо шавқу завқ ба сӯйи осмон бурданд. Ва ҷасади мубаракашро дар тарафи  рости паёмбари Худо (с) бо хок супориданд.

Ва пас аз гузаронидани  ин маросими дафн, модари мӯъминон Оиша (р) тибқи васияти падари бузургворашон дар

ҳол он або, коса ва ғуломро ба назди Умар (р) фиристод. Чун Умар (р) он чизҳоро дид, дарҳоле ки ашк аз чашмонашон равон буд, чунин гуфт:

- Худо (р) раҳм кунад Абубакри Сиддиқ (р)-ро, ки пас аз ӯ ба ман мушкил хоҳад буд. Он ҳазрат дӯст медоштанд, ки барои бадгӯён баъди худ низ маҷоли сухан гуфтан надиҳад.

Сипас, Умар (р) дар идомаи суханонаш чунин гуфт:

- Савганд ба Худо (ҷ) агар имони Абубакр (р)-ро бо имони ҳама аҳли замин баркашида шавад, ҳароина имони Абубакр (р) гаронтар хоҳад буд.

- Савганд ба Худо орзу мекардам, к мӯе дар синаи Абубакри Сиддиқ (р) бошам .

Модари мӯъминон Оиша (р) мегӯяд ки падарам аз дунё гузаштанд ва аз худ динору дирҳаме нагузоштанд ва он ашёе, ки аз ӯ монда буд, онҳоро низ ба байтулмол таслим намудам.

## Дар болини марг

Абубакри Сиддиқ (р) бо тане ки онро тири марг нишони худ қарор дода буд, дар болини марг хобид. Вуҷуди он ҳазратро тарси Худо (ҷ) фаро гирифта буд. Мардум гурӯҳ–гурӯҳ ба зиёрат ва дидорбинии Абубакр (р) меомаданд. Дар гирди он ҳазрат ҳалқа зада аз ӯ мепурсиданд: Эй Абубакр (р), эй халифаи Паёмбари Худо (с), оё бароят табиберо фаро хонем? Боре, пас аз шунидани чунин суханон лабҳои нозуки он ҳазрат моил ба табассум шуданд ва ба он ҷамъомадагон чунин гуфт:

- Табиб аллакай омад.

Бо шафқат аз ӯ пурсиданд:

- Табиб туро чӣ гуфт?

Абубакр (р) чашмҳояшро пӯшида, чунин гуфт:

- Табиб маро гуфт, ки он чиро, ки иродаи ӯст, иҷро мекунад.

Ононе ки дар атрофаш буданд ин суханро шунида, бо таасссуф аз назди он ҳазрат берун шуданд ва дигар сухане нагуфтанд. Модари мўъминон Оиша (р), дар ҳоле ки падараш дар ҳолати сакароти марг қарор дошт, ба наздаш даромад ва ашкрезон гуфт:

- Қасам ба умри пурсамар, ба мисли шўълаи ситораҳои пуршарар, ки чун расид маргу чанг зад бемаҳал, ғанӣ насохт сарвату симу зар, ҷавонро аз қазову қадар.

Чун Абубакри Сиддиқ ин суханро аз Оиша (р) шунид, ба сўяш назаре афканду чунин гуфт:

- Эй духтараки ман, ҳаргиз чунин нест. Сухани ман дар ин боб ин аст: «Ба ростӣ сакароти мавт омад».

﴿ وَجَآءَتۡ سَكۡرَةُ ٱلۡمَوۡتِ بِٱلۡحَقِّۖ ذَٰلِكَ مَا كُنتَ مِنۡهُ تَحِيدُ ١٩ ﴾ ق: ١٩

Сухани Худо:

**«Ба ростӣ, ки беҳушии марг фаро мерасад. Ин аст он чӣ аз он мегурехтӣ»**[1]

Сипас торафт нотавонии он ҳазрат зиёдтар гашт ва дар ин ҳолат чунин гуфтанд:

- Ин ду пироҳани маро бигиред ва бишўед, сипас он дуро ба ман кафан кунед, зеро зиндагон ба либоси нав аз мурдагон дида ниёзи зиёдтар доранд.

Ин ҳангом ба наздаш Салмони Форсӣ дохил гардид. Салмон ин фурсатро ғанимат шумурда, ба ў чунин гуфт:

-Эй Абубакр (р), эй халифаи Паёмбари Худо (с), васияте бикун маро. Абубакр (р), дар ҳоле ки нафасҳояш канда– канда мебаромад, чунин гуфт:

-Ҳароина, Худованд (ҷ) дунёро мусаххари шумо месозад. Аз он беш аз ҳоҷат маситонед. Ва ҳароина, шахсе гузорад намози субҳро, пас ба таҳқиқ ў дар зиммаи Худост. Пас огоҳ бошед ва ҳеҷ гоҳ зиммаи Худовандро поймол насозед, вагарна дар оташи дўзах сарозер андохта мешавед.

---

[1] Сураи Қоф, ояти 19.

## Комёб гардидан ба Ҷаннат

Абубакр (р) дар Мадинаи мунаввара вафот карданд ва он дубора ба монанди он рӯзе, ки Паёмбари Худо (с) аз дунё гузашта буд, ба мотамхона табдил гардид. Пас Алӣ (к.в.) шитобон омад ва чунин гуфт:

-Мо аз Худо ҳастем ва ба сӯйи ӯ боз мегардем. Имрӯз хилофати Паёмбар (с) қатъ гардид.

Ва бо чунин суханон назди дари хонаи Абубакр (р) расид ва чунин гуфт:

- Худованд ба ту эй Абубакр (р) раҳм кунад, ки аз ин қавм аввалин мусалмон будӣ. Яқину имони ту холисона буд. Тарси ту аз Худованд (ҷ) бештар ва қадру манзалатат зиёдтар аст. Дар шарофат ва сӯҳбат бо паёмбари Худо (с) беҳтарин маҳсуб мешудӣ. Ба Паёмбари Худо (с) дар иршод ва раҳнамоӣ шабоҳат доштӣ. Барои мӯъминон падари ғамхореро мемондӣ. Савганд ба Худо, ки дар корҳои хайр аз мо пешдастӣ менамудӣ. Пас аз ту мо ба мушкилиҳои зиёде рӯ ба рӯ мегардем ва охируламр ба Ҷаннат комёб гардидӣ.

Мо аз Худо (ҷ) ҳастем ва мо ба сӯи Ӯ (ҷ) боз мегардем. Ба ҷазои Худованд (ҷ) ризо ҳастем ва пазируфтем амри Худовандро.

Дигар ҳаргиз пас аз паёмбари Худо (с) мусалмононро ба мисли ту пешво дубора пайдо нахоҳад шуд. Барои дини Ислом девори мустаҳкаме будӣ ва Худованд (ҷ) туро ба ҷивори Паёмбараш (с) расонид ва ҳаргиз Худованд (ҷ) туро аз аҷру савоб маҳрум насозад ва пас аз ту моро гумроҳ насозад.

Пас аз чунин суханон Алӣ (к.в.) гирист ва тамоми асҳоби паёмбари Худо (с) гиря намуданд. Ҳама гирёну нолон чунин мегуфтанд:

- Рост гуфтӣ, эй писарамӯи паёмбари Худо (с).

## Васияти Абубакри Сиддиқ (р)

Собитқадамии Абубакри Сиддиқ (р) дар дини Ислом хело ҳам бузург буд. Аз байтулмол намегирифт магар он миқдоре, ки кифоя мекард аҳлу оилаашро. Бо вуҷуде ки халифаи мусалмонҳо буд, аз молу матоъи дунёӣ чизе ба худ ҷамъ намекард. Худ ва аҳлу оилааш аз резаҳои нону таъом мехӯрданд ва аз либосҳои дурушт мепӯшиданд. Пас вақте ки вафоташ наздик шуд ва рӯҳи покаш барои суъуд кардан ба тарафи Холиқи бузургаш ҳаракат менамуд, ба аҳлу оилааш гуфт:

- Бингаред, ки чӣ миқдор моли ман зиёд шудааст аз вақте ки ман ба ободӣ даромадам ва ӯро ба Умар (р) бисупоред. Ва бингаред ин ду либоси манро, пас агар ман вафот кардам, ин ду либосамро бишӯед ва ба инҳо маро кафан кунед. Пас модари мӯъминон, духтараш Оиша (р) гуфтанд:

- Эй падарҷон, Худованд (ҷ) туро хуб ризқ додааст, пас биё, дар либоси нав шуморо кафан мекунем. Сипас Сиддиқ (р) гуфт:

- Ба дурустӣ зинда мӯҳтоҷтар аст ба либоси нав нисбат ба мурда.

Баъд аз он модари мӯъминон Оиша (р)-ро бар ин васият кард, ки маро дар назди Расули акрам (с) дафн бикунед. Чун Сиддиқ (р) вафот кард, бегоҳи шаби сешанбе, охири моҳи ҷимодулохир, соли 13-уми ҳиҷрии набавӣ буд, дар умри 63-солагӣ. яъне дар хилофаташ синни паёмбари Худо (с)-ро комил кард. Ва муддати хилофаташ ду солу се моҳу даҳ рӯз буд. Ва намози ҷанозаашро ҳазрати Умар (р) ҳамроҳи мусалмонҳо дар масҷиди Набавӣ байни қабру минбари ӯ хонданд ва дар назди Расули акрам (с) дафн карда шуд. Ва қабрашро канда, ҷойи сарашро назди китфҳои Расули акрам (с) гузоштанд ва поҳояшро ба қабри Ӯ (с) часпонданд. Ва он ҷо дафн карда шуд.

Пас умулмӯъминин Оиша (р) ба чизҳои боқимондаи падари бузургвораш нигарист. Дид, ки як ғуломе барои нигоҳбонии кӯдакон ва ғуломи дигаре барои обкашӣ ва як қитъа чизи дигар ба миқдори панҷ дирҳам боқӣ мондааст. Сипас ҳамаашро ба

назди халифаи мусалмонҳо - Умар (р) фиристод. Вақте ки фиристодаи Оиша (р) ба назди Умар (р) омад, Умар (р) гирён шуд, ҳатто, ки ашки чашмонаш ба замин фурӯ рехт ва баъд аз он гуфт:

- Худованд Абубакр (р)-ро раҳм бифармояд, ки ӯ шахсони баъди худро дар мушкилӣ афканд, Худованд Абубакр (р)-ро раҳм бифармояд, ки ӯ шахсони баъди худро дар мушкилӣ афканд[1].

Баъд аз он Умар (р) гуфт:

-Дар ҳақиқат беҳтарини ҳамин уммат баъди набияш Абубакр (р) мебошад, пас касе, ки ғайри инро мепиндорад, пас аз ӯ ифтирову бӯҳтон аст.[2]

## Охирин аҳди Сиддиқ (р) ба дунё

Абубакри Сиддиқ (р) то охири ҳаёташ машғул ба кори мусалмонҳо буд ва меандешид, ки баъд аз ӯ кӣ сазовори хилофат аст. Пас Абдурраҳмон писари Авф (р)-ро ба назди худ хонда гуфт:

- Маро аз Умар писари Хаттоб (р) хабар бидеҳ. Пас Абдурраҳмон (р) гуфт:

- Аз коре ки шумо аз ман донотар ҳастед, чӣ мепурсед?

Пас Абубакр (р) гуфт:

- Ва агарчи бидонам.

Абдураҳмон (р) гуфт:

- Қасам ба Аллоҳ, вай беҳтар аст аз фикре, ки шумо дар бораащ мекунед.

Баъд аз он Сиддиқ (р) Усмон писари Аффон (р)-ро даъват кард ва барояш гуфт:

- Маро аз Умар (р) хабар бидеҳ. Пас Усмон (р) гуфтанд:

- Шумо хабардортари мо ба ӯ ҳастед. Пас Абубакри Сиддиқ (р) гуфт:

---

[1]. «Ат-табақоту-л-кубро» (3/139-157).

[2] «Усуду-л-ғобба» (3/323).

- Бигзор, ки ҳамин тавр бошад. Пас Усмон гуфт:

- Эй бор Худо, илми ман ба ӯ ҳамин аст, ки дарунаш беҳтар аз берунаш аст ва ӯ касест, ки дар байни мо мисли ӯ нест. Ва Абубакри Сиддиқ (р) ҳамроҳи ин ду бо дигарон низ аз муҳоҷирину ансориён машварат карданд.

Ва баъд аз ин ки Сиддиқ (р) бар иҷмоъи саҳобагони Расули Худо (с) мутмаин шуд бар ин ки Умар писари Хаттоб (р) баъди ӯ халифаи мусалмонҳо мешавад. Пас Усмон (р)-ро даъват карда барояш гуфт, ки бинавис:

*«Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон. Ин аҳдест, ки Абубакр писари Абуқуҳофа (р) дар охири зиндагиаш дар дунё аҳд мекунад ба ҳайсияте, ки кофир имон биёрад ва фоҷир яқин кунад ва дурӯггӯ рост гӯяд, ба таҳқиқ ман халифа гузоштам бар шумо баъд аз худам Умар писари Хаттоб (р)–ро, пас ӯро итоъат кунед ва дар ҳақиқат ман Худову Расули Худо ва дини ӯро ва ҷонамро ва шуморо қасд ба хайр кардам. Пас агар адл кунад ҳамон фикри ману илми ман аст дар ҳамон, пас агар табдил кунад аз барои ҳар шахсе гуноҳест, ки мекунад. Ва хайрро ирода кардам ва ғайбро намедонам ва зуд аст, ки медонед касонеро, ки зулм карданд. Ва-с-салому алайкум ва раҳматуллоҳи».*

Баъд аз он Сиддиқ (р) амр ба китоб кард, пас хатмаш намуд, баъд аз он Усмон (р) барои мардум гуфт:

- Оё байъат мекунед шахсеро, ки дар ҳамин китоб аст? Пас гуфтанд:

- Бале, ҳама ба ӯ иқрор шуданду розигӣ доданд, сипас байъат карданд. Баъд аз он Сиддиқ (р) Умар (р)-ро дар ҷойи хилват фарёд карда, барояш васиятҳо намуд. Пас аз он аз назди ӯ баромада, ҳарду дасташро ба осмон баланд карда, ба Парвардигораш муноҷот карда гуфт:

- Эй бор Худоё, ман ба ин корам салоҳи онҳоро мехоҳам ва бар онҳо аз фитна тарсидам, пас ба онҳо коре кардам, ки ту бар онҳо донотар ҳастӣ ва иҷтиҳод кардам ба райъи худам, пас беҳтарини онҳоро бар онҳо валӣ гардондам. Хуб бигардон

барояшон ва ба сӯяшон ва Умар (р)–ро аз хулафои рошидинат бигардон, ки пайрави Набиии раҳмат ва пайравии солиҳини баъдаш бикунад ва хуб бигардон барояш масъулиятро дар идораи умури мардум.[1]

Ва бо ҳамин Сиддиқ (р) ҳаёти бузургашро ба коре аз корҳояш хотима бахшид ва Умари Форуқ (р) халифаи мусалмонҳо гардид.

## Раҳмату сано

Вақте ки Алӣ (к.в.) ба назди Абубакр (р) даромад, дар ҳоле ки рӯҳи покаш ба назди Холиқаш баромада буд, пас гирякунон гуфт:

- Мо аз Аллоҳ (ҷ) ҳастем ва ба сӯйи ӯ боз мегардем. Баъд аз он бо ғаму андӯҳи шадиде гирякунон гуфт:

- Худованд раҳматат бифармояд, эй Абубакр (р), қасам ба Аллоҳ, ки ту аввалин қавме будӣ, ки Ислом овардаӣ ва содиқтарини қавм будӣ аз рӯйи имон, ва дорои яқини олӣ будӣ, пас Аллоҳ (ҷ) туро аз Ислом ва аз Расули худаш ва аз ҳамаи мусалмонҳо ҷазои хайр бидиҳад. Ту Расули Худо (с)-ро тасдиқ кардӣ, дар ҳоле ки мардум такзибаш мекарданд ва барояш каримиву сахигӣ кардӣ, вақте ки мардум бахилӣ мекарданд ва ҳамроҳаш хестӣ, вақте ки мардум нишастанд ва Аллоҳ таъоло туро дар китобаш сиддиқ хонд. Пас Алӣ (к.в.) ин оятро хонд:

Сухани Худо:

﴿ وَٱلَّذِى جَآءَ بِٱلصِّدۡقِ وَصَدَّقَ بِهِۦٓ ﴿٣٣﴾ ﴾ الزمر: ٣٣

وَالَّذِي جَاء بِالصِّدْقِ وَصَدَّقَ بِهِ

**«Ва касе, ки сухани рост овард ва тасдиқаш кард, онон парҳезгоронанд»,[2]**

---

[1] «Ат-табақоту-л-кубро» (3/148-150).

[2] Сураи Зумар, ояти 33.

ки мурод дар ин оят ту ва Муҳаммад (с) мебошед.

Ҳамчуноне будӣ, ки Паёмбари акрам (с) фармуда буд: *«Бадани заъиф доштӣ, лекин дар динат қавӣ будӣ, дар нафсат мутавозеъ будӣ, дар назди Аллоҳ (ҷ) бузург будӣ, дар рӯйи замин ҷалил будӣ, дар назди мӯъминон бузург будӣ.*

*Дар назди ту касе аз рӯйи чиз маконате надошт ва заъиф дар назди ту қавӣ буд ва қавӣ дар назди ту заъиф буд, ҳатто ки аз қавӣ ҳақро меситондӣ ва барои заъифҳо низ ҳамин тавр мекардӣ».*

Худованд моро аз аҷри ту маҳрум насозад ва моро баъди ту гумроҳ нагардонад.

# УМАР ИБНИ ХАТТОБ (Р)

*Шахсе, ки дод иззат Худованд тавассути ӯ исломро. (584-646 мелодӣ) (40-сол қабл аз ҳиҷрат 23 ҳиҷрӣ қамарӣ)*

**Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон**

## Умар ибни Хаттоб (р) дар сатрҳо

Вай Умар ибни Хаттоб ибни Нуфайл ибни Абдулъуззои Қурайшии Адавӣ аст ва кунияаш Абуҳафс мебошад.

Сездаҳ сол баъд аз соли (ҳодисаи) «Фил» таваллуд шудааст.

Модараш: Ҳантама духтари Ҳошим ибни Муғира ибни Абдуллоҳ ибни Умар ибни Махзум мебошад.

Фарзандонаш:

- Абдуллоҳ, Абдурраҳмони Акбар ва Ҳафса (модари мӯъминон), ки модарашон Зайнаб духтари Маъзун аст.

- Зайди Акбар ва Руқая, ки модарашон Умми Кулсум духтари Алӣ ибни Абутолиб (к.в.) ва модари ӯ Фотима духтари Расули Худо (с) мебошад.

- Зайди Асғар ва Абдуллоҳ, ки модарашон Умми Кулсум духтари Ҷавал мебошад.

- Осим, ки модараш Умми Ҷамила духтари Собит аст. Номи аслии ӯ Осия буда ва Паёмбар (с) онро тағийр дода гуфт: «Не, балки ту Ҷамила ҳастӣ».[1]

- Абдурраҳмони Авсат, ки модараш Луҳаяи каниз мебошад.

- Абдурраҳмони Асғар аз зане, ки муаррихон дар номи ӯ ихтилофи назар доранд.

- Зайд ва Зайнаб (хурдсолтарини фарзандони Умар (р) мебошанд), ки модарашон Фукиҳа мебошад, ки каниз буд.

- Фотима, ки модараш Умми Ҳаким ибни Ҳорис ибни Ҳишом ибни Муғира мебошад.

- Иёз, ки модараш Отика духтари Зайд ибни Амр ибни Нуфайл мебошад.

Ҳазрати Умар (р) ҳамагӣ 9 зан ва 14 фарзанд дошт, ки 10-тоаш писар ва 4-нафари онҳо духтар буданд.

---

[1] «Ат-табақоту-л-кубро» (201/3).

Умар ибни Хаттоб (р) аз ашрофи Қурайш буд ва дар замони ҷоҳилият вазифаи сафирӣ бар ӯҳдаи вай буд. Ҳангоме ки дар байни худи қурайшиҳо ё байни онҳо ва дигарон ҷангу муноқишаҳо ба амал меомад, ӯро ба унвони сафир мефиристоданд.

Умар ибни Хаттоб (р) бо дуъои Паёмбар (с) мусулмон шуд ва бо Исломи ӯ дини мубини Ислом ғолибу пирӯз гардид. Ӯ ҳиҷрат кард ва яке аз аввалин муҳоҷирон буд, ки дар ҷангҳои Бадр, Уҳуд, Хандақ иштирок варзида ва дар байъати Ризвон ҷанги Хайбар, фатҳи Макка ва Ҳунайн ва тамоми ҷангҳо ҳамроҳи Расулуллоҳ (с) ҳузуру ширкат дошт. Ва ҳар ҷое, ки Расули Худо (с) мерафтанд, бо ӯ ҳамроҳ буданд. Пас аз мусулмон шуданаш бар кофирон бисёр сахтгир буд. Паёмбари Худо (с) дар ҳоле вафот карданд, ки аз ӯ розӣ буданд.

Ӯ баъд аз Абубакри Сиддиқ (р) хилофатро ба ӯҳда гирифт. Рӯзе, ки Абубакри Сиддиқ (р) вафот кард, барои халифагии ӯ байъат карда шуд ва ин воқеъа дар соли 13-и ҳиҷрӣ ба вуқӯъ пайваст. Пас аз он дорои беҳтарин ахлоқ гардид ва худро мисли мардуми оддӣ медонист. Худованд фатҳи Шом, Ироқ ва Мисрро ба ӯ муяссар кард.

Дар роҳи Худо хоксор буд, зиндагии пурмашаққат дошту камханда буд ва нақши ангуштаринаш чунин буд: «*Эй Умар, барои панду ибрат марг басанда аст*».

Барои фурӯтанӣ дар назди Худованди ғолибу баландмартаба қуввату тавоноӣ мехост ва ба мардум мегуфт: «*Дар ҳақиқат, шумо хору залилтарин мардум будед, пас Худованд ба воситаи Паёмбараш (с) шуморо азиз гардонид. Пас ҳар вақте ки шумо аз ғайри ӯ иззат бихоҳед, Худованд шуморо хору залил мекунад*».[1]

Паёмбари Худо (с) дар бораи ӯ фармудааст:

- «*Умар ибни Хаттоб (р) чароғи аҳли Биҳишт аст*».[2]

---

[1] «Ҳуляту-л-авлиё» (47/1).

[2] «Сифату-с-сафва» (86/1) ва «Маҷмаъу-з-завоид» (84/9).

Аз ибни Аббос (р) аз Расули акрам (с) ривоят аст, ки

- «*Ҳароина Худованди ғолибу баландмартаба дар рӯзи Арафа бо тамоми мардум ба сурати умумӣ фахр мекунад ва бо Умар ибни Хаттоб (р) ба таври хусусӣ фахр хоҳад кард*».[1]

- «Агар баъди ман пайғамбаре мебуд, ҳароина Умар ибни Хаттоб (р) мебуд».[2]

Абубакри Сиддиқ (р) фармудааст: Паёмбари Худо (с)-ро шунидам, ки мегуфт: «Офтоб бар марди беҳтаре аз Умар натобидааст».[3]

## Исломи Умар (р)

Ҳангоме Худованди ғолибу баландмартаба Паёмбари худ – Муҳаммад (с)-ро мабъус кард, Умар ибни Хаттоб (р) яке аз сахттарин мухолифони дини Ислом ва тавонотарини онҳо аз ҷиҳати озору азият расонидан ба мусулмонон буд. Ва мардумро аз дохил шудан дар дини Ислом манъ мекард. Кофирони Қурайш аз ин вазъият истифода бурда, ӯро фиристоданд, то Паёмбари Худо (с)-ро бикушад.

Умар бо шамшери бараҳна ба роҳ баромад. Дар роҳ марде аз бани Заҳра бо ӯ рӯ ба рӯ шуда, гуфт: Эй писари Хаттоб, ба куҷо равонӣ?

Умар гуфт: Ба назди Муҳаммаде, ки бузургони Қурайшро паст задааст ва худоҳояшонро дашном додааст ва ҷамоъаташонро мухолифат намудааст.

Пас, он мард ӯро масхара карда гуфт: Ба ту як чизи аҷиброро бигӯям?! Дар ҳақиқат шавҳари хоҳарат ва хоҳарат бедин шудаанд ва динеро, ки ту дар он ҳастӣ ва он дини падарони ту буд, тарк кардаанд!!

Пас, Умар (р) дар ғазаб шуда, ба хонаи хоҳараш омада, дарро куфт.

[1] «Асаду-л-ғобба» (4/154).

[2] Тахриҷи Аҳмад (154/4) ва Тирмизӣ (619/5).

[3] Тахриҷи Тирмизӣ (3684) ва «Асаду-л-ғобба» (160/4).

Гуфта шуд: Кист?

Умар дар ҳолати ғазаб гуфт: Писари Хаттоб.

Дар хона гурӯҳе нишаста, аз саҳифае, ки бо худ доштанд, Қуръон мехонданд. Ҳангоме, ки овози Умарро шуниданд, саросема шуда тарсиданд ва саҳифаи дар дасташонбударо фаромӯш карда, зуд пинҳон шуданд. Сипас хоҳари Умар бархоста, дарро барояш боз кард.

Пас Умар ба ӯ гуфт: Эй душмани ҷони худ, шунидам, ки ту бедин гаштаӣ!! Пас бо дасташ чунон ба рӯи вай зад, ки аз рӯяаш хун ҷорӣ шуд.

Хоҳараш гириста мегуфт: Эй писари Хаттоб, ҳар чӣ мехоҳӣ бикун, дар ҳақиқат ман мусулмон шудаам ва ба Худои якка ва ягона имон овардаам. Сипас гуфт: Эй Умар, агар ҳақ дар ғайри дини ту бошад (пас чӣ кор мекунӣ? Оё ҳақро дида аз он паравӣ мекунӣ ва ё куркурона дунболаи дини ботил меравӣ? Ман ҳақиқатро дар гуфтаҳои Муҳаммад (с) ва худои ӯ пайдо кардам ва ту ҳам) «Гувоҳи бидеҳ ба ин ки ҳеҷ худое ғайри Аллоҳ ягона вуҷуд надорад ва гувоҳи бидеҳ ки Муҳаммад (с) Паёмбари Худо (с) аст». «***Ашҳаду ан ло илоҳа иллаллоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан расулуллоҳ***».

Дар баробари ин суханони ҳидояткунанда ба нури ҳақиқату яқин ва омехта бо хунҳои поку назиф дили Умар (р) биларзид ва хомуш монд. Пас ҳайратзада бар кат нишаст ва ба атрофаш назар кард, нохост чашмаш ба саҳифаи Қуръон бархӯрд. Гуфт: Ин навишта чист?. Ба ман бидеҳ, то бихонамаш.

Хоҳараш гуфт: Барои ту хондани ин ҷоиз нест, ба он даст расонидан барои мардони бо таҳорат иҷоза аст. Шумо аввалан бояд ғусл ва ё таҳорат намоед баъдан ин саҳифаи Қуръониро бихонед.

Умар бахоста таҳорат кард. Сипас он саҳифаро гирифта хонд: «***Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим***»… Калимаҳои «***ар-раҳмони-р-раҳим***» бар Умар бисёр таъсир намуданд, ки дилашро ба ларза овард ва аз задани хаҳараш пушаймон шуд.

Ҳангоме ба худ омад, хондани саҳифаро идома дод. Дар он саҳифа чунин навишта шуда буд:

﴿ طه ﴿١﴾ مَآ أَنزَلْنَا عَلَيْكَ ٱلْقُرْءَانَ لِتَشْقَىٰٓ ﴿٢﴾ إِلَّا تَذْكِرَةً لِّمَن يَخْشَىٰ ﴿٣﴾ تَنزِيلًا مِّمَّنْ خَلَقَ ٱلْأَرْضَ وَٱلسَّمَٰوَٰتِ ٱلْعُلَى ﴿٤﴾ ﴾ طه: ١ - ٤

**«То, Ҳо. Қуръонро бар ту нозил накардем, ки дар ранҷ афтӣ. Танҳо ҳӯшдорест барои касе, ки метарсад. Аз ҷониби касе, ки замину осмонҳои баландро офарида, нозил шудааст».**

То, ки ба қавли Ҳақ таъоло:

﴿ إِنَّنِىٓ أَنَا ٱللَّهُ لَآ إِلَٰهَ إِلَّآ أَنَا۠ فَٱعْبُدْنِى وَأَقِمِ ٱلصَّلَوٰةَ لِذِكْرِىٓ ﴿١٤﴾ ﴾ طه: ١٤

**«Ҳароина, Худои якто Ман ҳастам. Ҳеҷ худое барҳақ ҷуз Ман нест. Пас маро бипараст ва то маро ёд кунӣ, намоз бигузор»** расид. Пас дар баробари нидои Ҳақ таъоло худдорӣ карда натавонист ва гуфт: «***Ашҳаду ан ло илоҳа иллаллоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан расулуллоҳ*»**. *(Гувоҳӣ медиҳам, ки нест худое ғайри Аллоҳи ягона ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад (с) паёмбари Худо аст).*

Мардум баъди шунидани ин сухан аз камингоҳҳояшон такбиргӯён баромада, шукронаи Худованди ғолибу баландмартабаро намуда, гуфтанд: Эй писари Хаттоб, хушхабар барои ту, мо шунидем, ки дирӯз Паёмбари Худо (с) дуъо карданд, ки:

*«Эй бор Худоё, иззат ва обрӯй бидеҳ Исломро ба яке аз ин ду марде, ки дар назди ту маҳбубтар бошанд: Умар ибни Хаттоб ё Умар ибни Ҳишом».* Ва мо, албатта, уммедворем, ки дуъои Паёмбар барои туст, пас хуш бош.

Вақте мардум ба имони Умар (р) мутмаин шуданд, макони Паёмбари Худо (с)-ро ба ӯ нишон доданд. Умар ба он ҷо рафта, дарро куфт. Гуфта шуд: Кист?

Умар гуфт: Писари Хаттоб.

Аз сабаби он, ки мардум тавоноии ӯро медонистанд ва аз мусулмон шуданаш хабар надоштанд, касе аз онҳо ҷуръат намекард, ки дарро барояш кушояд.

Паёмбари Худо (с) гуфт: «*Дарро ба рӯяш бикшоед, ба ростӣ агар Худованд (ҷ) ба ӯ хайрхоҳ аст, ҳидояташ мекунад*».

Пас мардум дарро кушоданд ва Паёмбари Худо (с) ба назди ӯ баромад. Сипас аз миёнбандаш гирифта ба сӯи худ кашид. Баъд аз он гуфт: «Эй Умар, оё ту аз кирдорҳои қаблии худ даст намекашӣ, пеш аз ин ки Худованд бар сари ту хориву зорӣ фурӯд оварад, ҳамчуноне бар сари Валид ибни Муғира фурӯд овард? Парвардигоро, ин Умар ибни Хаттоб аст. Парвардигоро, дини Исломро ба дасти Умар иззату обурӯй бидеҳ».

Пас Умар (р) гуфт: «***Ашҳаду ан ло илоҳа иллаллоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан расулуллоҳ***». *(Гувоҳӣ медиҳам, ки нест худое ғайри Аллоҳи ягона ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад (с) паёмбари Худо аст).*

Пас аз шунидани ин суханон мусулмонон чунон такбире гуфтанд, ки дар тамоми гӯшаву канори Макка шунида шуд. Ва Паёмбари Худо (с) ба синаи Умар ибни Хаттоб се маротиба зада гуфтанд: «*Парвардигоро, он нопокиҳое, ки дар синаи ӯ мавҷуд аст, хориҷ бикун ва ба имон мубаддал гардон*». Ва ин суханонро се бор такрор намуданд. Дар ин ҳангом Ҷабраил (а) аз осмон фуруд омада гуфт: «*Эй Муҳаммад (с), аҳли осмон ба Ислоши Умар хурсанд шуданд*».

Баъд аз он Умар (р) гуфт: Эй Паёмбари Худо (с), оё мо дар роҳи ҳақ нестем, хоҳ бимирем ва хоҳ зинда бимонем?

Паёмбари Худо (с) фармуданд: «*Бале, қасам ба зоте, ки нафси ман дар яди ӯст, албатта, шумо дар роҳи ҳақ ҳастед, хоҳ бимиред ва хоҳ зинда бимонед*».

Пас Умар гуфт: Пас пинҳон доштани Ислом барои чист? Қасам ба зоте, ки туро ба паёмбарӣ фиристодааст, албатта, Исломро ошкор мекунем.

Паёмбари Худо (с) фикри Умар (р)-ро қабул кард. Пас ҳамроҳи мусулмонон ба кӯчаҳои Макка баромаданд ва онҳо дар ду саф буданд, ки пешопеши як саф Ҳамза ибни Абдулмуталлиб ва дар пеши сафи дигар Умар ибни Хаттоб қарор дошт ва ба Масҷидулҳаром дохил шуданд. Мушрикони Қурайш чун Умар ва Ҳамзаро дар сафи мусулмонон диданд, ончунон андӯҳгин шуданд, ки ҳеҷ гоҳ нашуда буданд. Пас дар ҳамон рӯз Паёмбари Худо (с) Умар (р)-ро Форуқ номид ва гуфт: *«Ба таҳқиқ Худованд (ҷ) ҳақро дар дилу забони Умар ниҳод ва ӯ Форуқ аст. Худованд ба воситаи ӯ байни ҳақ ва ботил фарқ гузошт»*[1].

Бо мусулмон шудани Умар ибни Хаттоб (р) дини мубини Ислом дар Макка ошкор гардид ва ба сӯи он ошкоро даъват карда мешуд ва мусалмонон дар Масҷидулҳаром намоз гузориданд. Абдуллоҳ ибни Масъуд доим мегуфт: *«Аз замоне ки Умар мусулмон шуд, мо ҳамеша ғолибу соҳиби иззат будем».*[2]

## Ҳиҷрати Форуқ

Умар (р) дар Исломи худ шуҷоъ буд ва онро пинҳон ва пӯшида намедошт, балки ҳамеша ба ҳама ошкор мекард ва дар роҳи Ислом мубориза мебурд ва бо Қурайшиҳо меситезид. Ӯ дар назди Каъба намоз хонд ва мусалмонон низ ҳамроҳи ӯ намоз хонданд, дар ҳоле ки пеш аз ин аз тарси мушрикон намозхониашонро ошкор намекарданд.

Вақте ки Паёмбари Худо (с) саҳобагонро иҷозат дод, то ба ба Мадина ҳиҷрат кунанд, мусулмонон пинҳонӣ аз шаҳр мебаромаданд, магар Умар ибни Хаттоб (р). Ӯ вақте ки қасди ҳиҷрат намуд, шамшерашро ба миён овехта, камонашро дар китф гирифт ва якчанд тир дар даст ва найзаашро гирифта, аз назди Каъба гузашт, ки дар атрофи он гурӯҳи зиёди қурайшиҳо истода буданд. Ҳафт маротиба оромона Хонаи Каъбаро тавоф

[1] Тирмизӣ (3682) ва Аҳмад (2/35)

[2] «Ат-табақоту-л-кубро» (3/202-205)

кард, баъд аз он ба мақоми Иброҳим (а) омада бо итминони комил ду ракъат намоз гузорид. Баъд аз он дар миёни ҳар кадом ҳалқаҳои мардум як-як истода ба онҳо гуфт: «*касе мехоҳад, ки модараш бефарзанд шавад ва фарзандаш ятим бимонад ва занаш бева гардад, пас дар пушти ин водӣ бо ман рӯ ба рӯ шавад*».

Касе аз ашрофи Қурайш ҷуръат накард, ки аз ҷояш бархезад. Аз паси ӯ якчанд ғуломи бечораро фиристоданд, Умар (р) ба онҳо раҳм намуд ва онҳоро аз дини Ислом огоҳ карда, роҳнамоӣ кард.[1] Паёмбари Худо (с) ҳамроҳи саҳобагонаш ба Мадина расиданд. Ва бародарӣ байни муҳоҷирон ва ансориҳо мустаҳкам шуд ва офтоби Ислом нурафшон гардида, бо нури худ тамоми мардумро фаро гирифт.

## Шайтон аз Умар (р) метарсад

Рӯзе Умари Форуқ аз Паёмбари Худо (с) иҷозати ворид шудан хост. Дар ин вақт назди ӯ якчанд зани қурайшӣ қарор доштанд ва аз аз ҳад зиёд савол медоданд ва овозашонро аз овози ӯ баланд мекарданд. Ҳангоме садои Умар (р)-ро шуниданад, зуд ҳиҷобҳои худро дуруст намуданд. Паёмбари Худо (с) ба ӯ иҷозат дод. Чун Умар (р) даромад, Паёмбари Худо (с) механдиданд.

Форуқ (р) гуфт: «Эй Паёмбари Худо (с) падару модари ман фидои ту бод, барои чӣ механдед»?!

Паёмбари Худо (с) гуфт: «Аз ҳоли ин заноне, ки дар назди ман буданд дар таъаҷҷубам. Чун овози туро шуниданд, зуд ҳиҷобҳои худро ба тартиб даровrouteанд».

Форуқ (р) гуфт: «Эй Паёмбари Худо (с), ҳақдортар ҳастед, ки аз шумо битарсанд». Пас ба онҳо рӯ оварда гуфт: Эй душманони нафсҳои худ, оё аз ман метарсед ва аз Паёмбари Худо (с) наметарсед?!

---

[1] «Усуду-л-ғобба» (4/152-153).

Онҳо гуфтанд: Ту аз Паёмбари Худо (с) дуруштрафтортар ва дуруштгуфтортар ҳастӣ!

Паёмбари Худо (с) фармуданд: *«Хомуш бош, эй писари Хаттоб, қасам ба зоте, ки нафси ман дар яди ӯст, агар шайтон бубинад, ки ту дар водие рафта истодаӣ, албатта, ӯ дар он водӣ намеравад».*[1]

## Мувофиқати ваҳй барои Умар (р)

Умар ибни Хаттоб (р) дар баъзе масоил ба Паёмбари Худо (с) изҳори назар мекард. Дар баъзе аз ин мавридҳо ба Паёмбари Худо (с) ваҳӣ нозил мешуд ва дар якчанд мавзеъ фикри Умар (р) бо фармудаи Худованд мувофиқат кард. Аз ҷумла:

## Мувофиқат дар мақоми Иброҳим (а)

Умар (р) ба Паёмбари Худо (с) гуфт: Эй Паёмбари Худо (с), агар дар мақоми Иброҳим намозгоҳ мегирифтем, бисёр хуб мешуд. Пас дар ин маврид сухани Ҳақ таъоло нозил шуд:

﴿وَٱتَّخِذُواْ مِن مَّقَامِ إِبۡرَٰهِـۧمَ مُصَلّٗى ١٢٥﴾ البقرة: ١٢٥

**«Мақоми Иброҳимро намозгоҳи хеш гиред».**[2]

## Мувофиқат дар амри ҳиҷоб

Умар (р) ба Паёмбари Худо (с) гуфт: Эй Паёмбари Худо (с), ба назди занҳои ту ашхоси некӯкору бадкор дохил мешаванд, агар ту онҳоро ба пӯшидани ҳиҷоб амр мекардӣ, бисёр хуб мешуд. Пас ояти ҳиҷоб нозил шуд ва дар он сухани Ҳақ таъоло аст, ки:

﴿وَإِذَا سَأَلۡتُمُوهُنَّ مَتَٰعٗا فَسۡـَٔلُوهُنَّ مِن وَرَآءِ حِجَابٖۚ ٥٣﴾ الأحزاب: ٥٣

[1] Бухорӣ дар боби табассум ва зиҳк ривоят кардааст (6085).

[2] Сураи Бақара, ояти 125.

**«Ва агар аз занони Паёмбар чезе хостед, аз пушти парда бихоҳед».**[1]

## Мувофиқат дар ояти сураи «Таҳрим»

Ҳангоме, ки занҳояш бар Паёмбари Худо (с) рашк бурданд, Умар (р) ба онҳо гуфт: Умед аст агар талоқ диҳад шуморо, Парвардигори ӯ заноне некӯтар аз шумо ба иваз диҳад.[2]

Пас ба ҳамин мазмун оят нозил шуд.

## Мувофиқат дар ҳаром гардонидани шароб

Умар бисёр мехост, ки хамр (шарб, май) ҳаром гардонда шавад ва ҳамеша мегуфт: Парвардигоро, дар бораи хамр ба мо ҳукми ошкоре баён кун. Дар ҳақиқат, ки он ақл ва молро аз инсон мебарад. Пас сухани Худованд нозил шуд:

﴿ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِنَّمَا ٱلۡخَمۡرُ وَٱلۡمَيۡسِرُ وَٱلۡأَنصَابُ وَٱلۡأَزۡلَٰمُ رِجۡسٞ مِّنۡ عَمَلِ ٱلشَّيۡطَٰنِ فَٱجۡتَنِبُوهُ لَعَلَّكُمۡ تُفۡلِحُونَ ٩٠ إِنَّمَا يُرِيدُ ٱلشَّيۡطَٰنُ أَن يُوقِعَ بَيۡنَكُمُ ٱلۡعَدَٰوَةَ وَٱلۡبَغۡضَآءَ فِي ٱلۡخَمۡرِ وَٱلۡمَيۡسِرِ وَيَصُدَّكُمۡ عَن ذِكۡرِ ٱللَّهِ وَعَنِ ٱلصَّلَوٰةِۖ فَهَلۡ أَنتُم مُّنتَهُونَ ٩١ ﴾ المائدة: ٩٠ - ٩١

**«Эй касоне, ки имон овардаед, шароб ва қимор ва бутҳо ва гаравбандӣ бо тирҳо (тирҳое, ки фол мекушоянд), палидӣ ва кори шайтон аст, аз он парҳез кунед, то растагор шавед! Шайтон мехоҳад бо шаробу қимор миёни шумо кинаву душманӣ афканад ва шуморо аз ёди Худо ва намоз боздорад, пас оё шумо даст мекашед ва бас мекунед?»**[3]

---

[1] Сураи Аҳзоб, ояти 53.

[2] Сураи Таҳрим, ояти 5. «Сифату-с-сафва» (1/85)

[3] Сураи Моида, оятҳои 90-91.

## Мувофиқат дар асирони Бадр

Дар рӯзи Бадр Худованди азза ва ҷалла мушриконро шикаст дод. Ҳафтод нафари онҳо кушта шуд ва ҳафтод нафари дигар асир гирифта шуд. Пас Паёмбари Худо (с) аз Абубакр (р), Умар (р) ва Алӣ (р) дар бораи асирон машварат хост. Умар (р) гуфт: Ман чунин фикр дорам, ки ба ман имкон бидиҳӣ, ки фалон шахсе назди ман аст, гарданашро бизанам ва ба Алӣ имкон бидиҳӣ, ки гардани Уқайлро бизанад ва ба Ҳамза имкон бидиҳӣ, ки гардани фалониро бизанад, то Худованди азза ва ҷалла бидонад, ки дар дилҳои мо гузашту бахшише барои мушрикон нест. Инҳо сардорону пешвоён ва раҳбарони онҳоянд. Пас Паёмбари Худо (с) бо он чи Умар (р) ба ӯ гуфт, амал накард. Ва фикри саҳобагонеро, ки ба асирон бахшиш мехостанд қабул кард ва аз асирон фидя гирифт. Пас Худованди азза ва ҷалла ин оятҳоро нозил кард:

﴿ مَا كَانَ لِنَبِيٍّ أَن يَكُونَ لَهُۥٓ أَسْرَىٰ حَتَّىٰ يُثْخِنَ فِى ٱلْأَرْضِ ۚ تُرِيدُونَ عَرَضَ ٱلدُّنْيَا وَٱللَّهُ يُرِيدُ ٱلْءَاخِرَةَ ۗ وَٱللَّهُ عَزِيزٌ حَكِيمٌ ﴿٦٧﴾ لَّوْلَا كِتَٰبٌ مِّنَ ٱللَّهِ سَبَقَ لَمَسَّكُمْ فِيمَآ أَخَذْتُمْ عَذَابٌ عَظِيمٌ ﴿٦٨﴾ ﴾ الأنفال: ٦٧ - ٦٨

**«Барои ҳеҷ паёмбаре насазад, ки асирон дошта бошад, то ки дар рӯи замин куштори бисёр кунад. Шумо матоъи ин ҷаҳонро мехоҳед ва Худо маслиҳати охиратро мехоҳад. Ва Ӯ пирӯзманду ҳаким аст»**[1]

Баъдан чун Паёмбари Худо (с) Умар ибни Хаттоб (р)-ро диданд, ба ӯ гуфтанд: «Қариб буд, аз мухолифат бо ту ба мо бадие мерасид».[2]

---

[1] Сураи Анфол, оятҳои 67-68.

[2] «Ҳуллияту-л-авлиё» (1/42-43) ва «Усуду-л-ғобба» (4/106).

## Форуқ – аввалин амиру-*л*-мӯъминин

Чун Паёмбари Худо (с) вафот ёфтанд ва Абубакри Сиддиқ (р) халифа шуд, ӯро Халифаи Паёмбари Худо (с) мегуфтанд. Баъд аз он чун Сиддиқ (р) вафот кард ва Форуқ (р) халифа шуд, ӯро халифаи халифаи Паёмбари Худо (с) мегуфтанд.

Мусулмонон гуфтанд: Ҳар касе, ки баъд аз Умар биёяд, ба ӯ гуфта мешавад: Халифаи халифаи халифаи Паёмбари Худо (с), пас ин дароз хоҳад шуд.

Баъзе саҳобагони Паёмбари Худо (с) гуфтанд: Мо мӯъминон ҳастем ва Умар амири мост. Пас аз ин Умар ибни Хаттоб (р)-ро «***Амирулмӯъминин***» хонданд. Ӯ аввалин касест, ки чунин номгузорӣ шудааст.[1]

## Форуқ ҳангоми ғазаб ва нармӣ

Алӣ, Усмон, Талҳа, Зубайр, Абдураҳмон ибни Авф ва Саъд (р) якҷоя машварат карданд ва ба Абдураҳмон ибни Авф, ки дар назди Умар (р) аз ҳамаи онҳо боҷуръаттар буд, гуфтанд: Эй Абдураҳмон, агар ба амирулмӯъминин дар бораи мушкилоти мардум сухан мегуфтӣ, бисёр хуб мешуд. Чунки ҳар вақте марде барои адои ҳоҷати худ меояд, аз ҳайбати ӯ дар бораи эҳтиёҷи худ сухан гуфта наметавонад ва ҳоҷаташ адо нашуда бармегардад.

Пас Абдураҳмон ибни Авф (р) ба назди Форуқ (р) даромада гуфт: Эй амиралмӯъминин, бо мардум нармӣ бикун, ҳароина ҳоҷатманде ба назди ту меояд ва ҳайбати ту намегузорад, ки ӯ дар бораи эҳтиёҷаш ҳарф бизанад ва сухане нагуфта бармегардад.

Пас, Форуқ (р) гуфт: Эй Абдурраҳмон, оё Алӣ, Усмон, Талҳа, Зубайр ва Саъд (р) туро фармуданд, ки ин суханонро бигӯӣ?

Абдураҳмон ибни Авф (р) гуфт: Оре.

---

[1] «Ат-табақоту-*л*-кубро» (3/213).

Пас, Форуқ (р) гуфт: Эй Абдурраҳмон, қасам ба Худо, ба мардум ончунон нармрафторӣ кардам, ки дар ин кор аз Худо тарсидам ва ончунон сахтгирӣ кардам, ки дар сахтгирии худ ҳам аз Худо (ҷ) тарсидам. Пас роҳи наҷот куҷост?

Абдурраҳмон ибни Авф (р) аз назди ӯ баромада ридояшро ба замин мекашид ва мегиристу мегуфт: Вой бар ҳоли мардум баъди ту, вой бар ҳоли мардум, баъди ту!![1]

Ва Форуқ (р) мегуфт: «*Қасам ба Худо, ҳароина дилам дар роҳи Худо (ҷ) аз маска (равган) ҳам нармтар шуд. Ҳамчунин дар роҳи Худо (ҷ) он қадар сахтдил шудам, ки дилам аз санг ҳам сахттар гашт*».[2]

Ӯ ҳамчунин мегуфт: «*Дар ҳақиқат ин амрест, ки ислоҳ намекунад, магар бо шиддате, ки дар он ҷабре нест ва нармрафторӣ мекунад, ки дар он хорие нест*».[3]

Форуқ (р) ба минбар баромада мардумро таълим медод. Баъд аз он ба назди хонаводаааш омада мегуфт: «*Ба дурустӣ шунидед он чизеро, ки ман манъ намудам ва агар ман бидонам, ки яке аз шумо он мамнуъотро анҷом медиҳад, ман азобро барои шумо дучанд мекунам*».[4]

Паёмбари Худо (с) дар ҳаққи ӯ фармудаанд: *Дар иҷрои амри Худованд аз тамоми умматонам Умар сахтгиртар аст.*[5]

## Чӣ тавр Форуқ хурсанд шуд

Як шабе Форуқ (р) гардиш мекард, ногоҳ дар дохили ҳавлие занеро дид, ки дар атрофаш кӯдакон гирёнанд. Он зан дегеро пур аз об карда дар болои оташ ниҳода буд. Форуқ аз паси дар садо карда гуфт: Эй бандаи Худо, гиряи ин кӯдакон аз баҳри чист?

---

[1] «Ат-табақоту-*л*-кубро» (3/218).
[2] «Ҳиляту-*л*-авлиё» (1/50, 51).
[3] «Ат-табақоту-*л*-кубро» (3/262).
[4] «Ат-табақоту-*л*-кубро» (3/219).
[5] «Ат-табақоту-*л*-кубро» (3/220).

Гуфт: Аз гуруснагӣ мегирянд.

Форуқ (р) гуфт: Пас ин деги болои оташ чист?

Гуфт: Дар он обе андохтаам, ки бо он машғулашон медорам, то бихобанд. Дар гумони онҳо меорам, ки дар он каме орду равған аст. Худованд байни мо ва байни Умар ҳоким аст.

Умар (р), пас аз шунидани ин суханон бигирист ва шитобон ба сӯи байтулмол рафт ва зарферо гирифта, дар он орд, равған, хурмо, либос ва чанд дирҳам ниҳода онро пур кард. Баъд аз он ба ғуломаш – Аслам фармуд: Инро ба пушти ман бор кун.

Аслам гуфт: Эй амиралмӯъминин, инро ман ба ҷои ту мебардорам!

Форуқ (р) гуфт: Ту гуноҳи маро рӯзи Қиёмат ба худ мегирӣ?! Худам инро мебардорам, чунки ман дар охират аз онҳо пурсида хоҳам шуд. Сипас Форуқ он зарфи пурборро ба пушташ гирифта рафт. Чун ба манзили он зан расид, дегро гирифта, дар он каме орд ва равғану хурмо андохт ва бо дасти худ онро ҳаракат медод. Ва дар зери дег пуф мекард ва дуд аз дохили риши бузургаш мебаромад. Чун таъомро пухт, бо дасти худ гирифта ба кӯдакон хӯронид, то ин ки сер шуданд. Он зан ӯро нашинохта дар ҳаққаш дуъо мекард.

Баъд аз он Форуқ (р) дар баробари кӯдакон ба мисли шер гуё, ки фарзандонашро аз хатар муҳофизат мекарда бошад нишаст ва то он замоне дар ин ҳолат буд, ки кӯдакон бозӣ карда хандиданд.

Баъд аз он гуфт: Эй Аслам, оё медонӣ барои чӣ дар баробари онҳо ин қадар қаровулӣ карда нишастам?!

Аслам гуфт: Эй амиралмуъминин, намедонам.

Форуқ (р) фармуд: Онҳоро гирён дида будам ва нахостам онҳоро гузошта биравам, то ин ки хандон бубинам. Чун онҳо хандиданд, ман хурсанд шудам.

## Форуқ ва арӯси Нил

Миср ба дасти фотеҳи он - Амр ибни Ос (р) ба Ислом дохил шуд. Нидо ва даъвати ӯ дар осмони он баланд шуд. Чун моҳи бауна (яке аз моҳҳои қибтӣ) даромад, аҳли Миср ба назди Амр (р) омада ба ӯ гуфтанд: Эй амир, дарёи Нил як расму одате дорад, ки бидуни он ҷорӣ немешавад.

Амр ибни Ос (р) фармуд: Он чӣ гуна аст?

Гуфтанд: Ҳар гоҳ дувоздаҳ шаб аз ин моҳ бигзарад, мо як ҷавондухтари душизаро интихоб карда, падару модарашро розӣ менамоем ва ӯро гирифта бо беҳтарин либосу зиннате, ки ҳаст оро дода, баъд аз он дар дарёи Нил мепартоем, сипас оби он ҷорӣ мешавад.

Амр (р) фармуд: Дар Ислом чунин амал ҷоиз нест. Албатта, Ислом, ҳар он чизе, ки қаблан буд, бекор мекунад.

Мардум ҷорӣ шудани Нилро мунтазир буданд. Моҳҳои бауна, абиба ва мисрӣ ҳам сипарӣ шуданд, Нил бошад на андак ва на бисёр ҷорӣ намешуд. Ҳатто мардум қасди кӯчидан карданд…

Чун Амр ибни Ос (р) ин ҳолатро дид, ба Форуқ (р) нома навиша ӯро аз ин ҳодиса хабардор кард.

Форуқ (р) дар ҷавоби ӯ навишт: «Ту дуруст амал намудаӣ. Ман дар дохили номаам ба ту руқъае фиристодаам, онро дар Нил биандоз».

Чун номаи Халифа ба Амр ибни Ос тақдим шуд, он руқъаро гирифт, ки дар он чунин навишта буд:

«*Аз номи бандаи Худо, амирулмӯъминин Умар, ба дарёи Нили Миср.*

*Аммо баъд: агар ту аз пеши худ ва бо ихтиёри худ ҷорӣ мешудӣ, пас ҷорӣ нашав ва мо ба ту эҳтиёҷе надорем ва агар ба фармони Худованди воҳиду қаҳҳор ҷорӣ мешудӣ ва он зотест, ки туро ҷорӣ кардааст, пас мо аз Худованд мехоҳем, ки туро ҷорӣ намояд*».

Амр ибни Ос он руқъаро дар Нил андохт. Чун субҳи шанбе бедор шуданд, диданд, ки Худованди азза ва ҷалла дар як шаб

Нилро ба андозаи шонздаҳ зироъ (андозаи масофа) ҷорӣ намудааст. Ҳамин тавр, Худованд ин одати бадро аз аҳли Миср бартараф намуд.

## Нидои Сория

Баъзе каромот низ аз Форуқ (р) ба вуҷуд омада буд.

Боре рӯзи ҷумъа бар минбари Паёмбари Худо (с) хутба мехонд. Ҳангоми хутбахонӣ ногоҳ чунин суханонро гуфт: «Эй Сория ибни Ҳисн, ба кӯҳ, шахсе, ки гургро чӯпон кард, монд дар андӯҳ».

Пас, аз шунидани ин суханон мардум ба ҳамдигар суоломез менигаристанд.

Алӣ (к.в.) гуфт: Рост гуфт, қасам ба Худо, албатта, аз он чизе, ки гуфт, шуморо огоҳ хоҳад кард.

Чун Умар (р) аз намоз фориғ шуд, Алӣ (к.в.) аз он суханаш пурсид.

Умар гуфт: Оё ман чунин сухане гуфтам?!

Алӣ (к.в.) гуфт: Оре, тамоми аҳли масҷид онро шуниданд.

Умар (р) гуфт: Дар дилам гузашт, ки мушрикон бародарони моро шикаст дода истодаанд ва онҳо ба сӯи кӯҳ мераванд. Агар ба кӯҳ паноҳ баранд ва ҷанг кунанд ғалаба мекунанд ва агар аз кӯҳ гузаранд ҳалок мешаванд. Дар ин вақт ин сухан аз забони ман баромад ва ту онро шунидӣ.

Баъди як моҳ аз назди мусулмонон марде омад ва муждаи пирӯзӣ расонида гуфт: Ман дар фалон рӯз ва фалон соат ҳангоми аз кӯҳ гузаштан садоеро шунидам, ки ба садои Умар (р) монанд буд ва мегуфт: «*Эй Сория ибни Ҳисн, ба кӯҳ*». Мо ин нидоро шунида, пушт ба кӯҳ такя кардем ва Худованд моро бар душман ғолиб гардонд.

## Соли раммода (хокистар)

Чун дар соли 18-уми ҳиҷрӣ мардум аз ҳаҷ баргаштанд, Ҷазирату-л-араб ба хушксолии шадид мубтало шуд. Шаҳрҳо ба

биёбонҳои хушк мубаддал гаштанд, ҳайвонот ҳалок шуданд ва мардуми зиёд гурусна монда фавтид. Он солро соли раммода (хокистар) номиданд, чунки тамоми замин сиёҳ гашта, ба хокистар монанд шуда буд.

Дар он сол Форуқ (р) чун намози хуфтанро бо мардум мегузорид, ба хона рафта, то охири шаб намоз хонада гиря мекард ва вақти саҳар чунин дуъо мекард: «*Худовандо, уммати Муҳаммадро ба дасти ман ҳалок нагардон. Худовандо, ин балоро аз сари мо дур бикун*».

Рӯзе дар ҳамон сол Умар (р) хост ба аспи худ савор шавад, чун дид, ки асп ҷав хӯрда истодааст.

Гуфт: Мусулмонон аз гуруснагӣ мемиранд ва ин ҳайвон ҷав мехӯрад?! Қасам ба Худо (ҷ), то мардум аз гуруснагӣ халос нашаванд онро савор намешавам.

Сипас, ба Амр ибни Ос (р), ки амири Миср буд, нома навишт, то аз роҳи баҳр ва хушкӣ ба мардум озуқа фиристад ва ба фарёди онҳо бирасад. Амр ибни Ос бо роҳи баҳрӣ бист киштӣ орд гӯшт ва либоса равон кард. Бо роҳи хушкӣ бошад, ҳазор шутур орд фиристод. Фиристодагони Форуқ (р) шутурони пурборро дар даромадгоҳи Шом пешвоз гирифтанд ва ба ҷониби росту чап фиристоданд. Мардум шутурҳоро кушта, хӯроки дуруст мекарданд ва аз орд нон мепухтанд ва либосҳоро мепӯшиданд. Ва он борҳое, ки бо роҳи баҳрӣ омада буданд, барои аҳли Тиҳома бурда шуд.

Чун Форуқ (р) намози шомро адо менамуд, нидо мекард: Эй мардум, аз Парвардигоратон омурзиши гуноҳонро талаб намоед ва ба сӯи Ӯ бозгардед ва аз марҳаматаш дархост намоед ва борони раҳматашро талаб кунед, на борони азобашро. Ҳамеша ин амалро анҷом медод. То ин ки Худованд (ҷ) ин мушкилиро бартараф намуд ва ин балоро аз сари мусулмонон дур кард.

## Амири одил

Қайсар подшоҳи Рум ба назди Умар ибни Хаттоб (р) расуле фиристод, то афъолу аҳволи ӯро мушоҳида намояд. Чун ба шаҳр даромад аз мардуми он пурсид: Подшоҳатон дар куҷост? Гуфтанд: Мо подшоҳ надорем, балки мо амире дорем, ки алҳол аз шаҳр берун рафтааст.

Он сафир ба талаби Умар (р) баромад. Ӯро дар зери офтоб, дар замин, дар болои реги гарм хобида дид. Вай дираашро (тозиёнаашро) чун болишт зери сар ниҳода буд ва арақ аз пешониаш мечакид, ки заминро тар карда буд.

Чун ӯро дар ин ҳол дид, дар дилаш тан дод (қоил шуд) ва гуфт: Марде, ки аз ҳайбаташ подшоҳон қарору ором надоранд, ҳолаш чунин аст!! Валекин, эй Умар (р) ту адл мекунию эмин мехобӣ ва подшоҳи мо ҷабр мекунад, пас шакке нест, ки ҳамеша тарсон ва дар хавф аст. Гувоҳӣ медиҳам, ки дини ту дини барҳақ аст. Ва агар ман ҳамчун сафир намеомадам, албатта, Исломро қабул мекардам, аммо ман дубора меоям ва мусалмон мешавам.

## Байни Форуқ ва Каъбулаҳбор

Форуқ (р) ба назди занаш – Умми Кулсум духтари Алӣ ибни Абутолиб (р) даромада, ӯро гирён дид. Ба ӯ гуфт: чӣ чиз туро ба гиря кардан водор намуд?

Гуфт: Эй Амиралмӯъминин, ин яҳудӣ – яъне Каъбулаҳбор мегӯяд, ки ту бар даре аз дарҳои дӯзах ҳастӣ!

Умар (р) гуфт: Қасам ба Худо (ҷ), ҳароина умедворам, ки Худованд маро некбахт офарида бошад.

Баъд аз он Форуқ (р) шахсеро фиристода Каъбулаҳборро ба назди худ даъват кард. Чун вай ба назди Умар (р) омад, гуфт: Эй амиралмӯъминин, қасам ба зоте, ки нафси ман дар яди ӯст, моҳи зулҳиҷҷа сипарӣ нашуда, ту дохили биҳишт хоҳӣ шуд.

Форуқ (р) гуфт: Ин чӣ гуфтор аст?! Як бор дар биҳишт ва бори дигар дар дӯзах?!

Каъбулаҳбор гуфт: Эй амиралмўъминин, қасам ба зоте, ки ҷони ман дар яди ўст, ман дар китоби Худованд дидам, ки ту бар даре аз дарҳои дўзах ҳастӣ ва мардумро аз афтодан дар он манъ мекунӣ. Пас ҳар вақте ки ту бимирӣ, мардум дар он меафтанд ва ин то рўзи Қиёмат идома хоҳад ёфт.

## Талаби шаҳодат кардани Форуқ (р)

Дар охирин ҳаҷҷе, ки Форуқ (р) анҷом дод, дастонашро ба ҷониби осмон бардошта, ба даргоҳи Парвадигораш чунин дуъо намуда гуфт: «Парвардигоро, умрам зиёд ва қувватам кам шуд ва раъиятам дар ҷаҳон паҳн гардид, пас маро ба ҷониби худ бибар ва зоеъу беҳуда магардон».

Ва ҳамеша аз Парвардигораш мехост, ки шаҳид шудан дар роҳашро насибаш гардонад. Махсусан, баъд аз оне, ки Паёмбари Худо (с)-ро шунида буд, ки ба кўҳи Уҳуд мегуфт: *«Эй Уҳуд, собит бош, ки дар болои ту ба ҷуз Паёмбар (с) ва Сиддиқ (р) ва ду шаҳид, ки қарор доранд касе нест»*. Ва дар он рўз ҳамроҳи онҳо ғайри Абубакри Сиддиқ (р) ва Усмон ибни Аффон (р), касе набуд.

Рўзе Паёмбар (с) бар тани Умар (р) куртаи сафедеро дида гуфт: «Куртаат нав аст ё обшуста».

Форуқ (р) гуфт: Обшустааст.

Паёмбари Худо (с) фармуданд: *«Нав бипўш ва некў зиндагӣ кун ва шаҳид бимир ва Худованд (р) ба ту дар дунё ва охират қаноъатмандиро насиб мегардонад»*.

Форуқ (р) Парвардигорашро мехонд ва мегуфт: «Парвардигоро, ман аз ту шаҳид шудан дар роҳатро ва мурдан дар шаҳри Паёмбарат (с)-ро мехоҳам». Худованди азза ва ҷалла дуъои Форуқ (р)-ро мустаҷоб кард ва ин ду чизро ба вай муяссар гардонид.

Абулуълуи маҷусии малъун, ки лаънати Худо (ҷ) ва Паёмбар (с) ва тамоми мусалмонони олам бар ў бод, ки Фаирўз ном дошт ва ғуломи Муғира ибни Шўъба ва аз асирони

Наҳованд буд, дар ҳоли рост кардани сафҳои намози бомдод ба бадани Умар (р) бо корди дудама се зарба зад, Форуқ (р) ба замин афтод ва мегуфт:

﴿وَكَانَ أَمْرُ ٱللَّهِ قَدَرًا مَّقْدُورًا ٣٨﴾ الأحزاب: ٣٨

**«Ва кори Худо андозагузоришуда аст».**

Абулуълуъаи маҷусии (малъун) дар ҳоли гурехтан ҳар касе аз намуозгузоро, ки рӯбарӯяш меомад, ӯро бо корд мезад, то ин ки сездаҳ намозгузорро маҷрӯҳ кард, ки нӯҳ нафари онҳо ба шаҳодат расиданд. Яке аз намозгузорони ғаюр тавонист либосеро бар сари ӯ партофта, аз пушташ бидорад. Пас бо ҳамон ханҷараш даст ба худкуши зад ва худро ба ҳалокат расонид.

Ибни Аббос (р) дасти Абдурраҳмон ибни Афв (р)-ро гирифта барои адои намоз пеш гузаронид. Ӯ намозро сабук хонд. Форуқ (р)-ро ба манзилаш бурда шуд. Чун аз беҳушӣ ба худ омад, аз қотили худ пурсид. Воқеъаро ба ӯ хабар доданд.

Ҳазрати Умар (р) гуфт: Ситоиш Худовандеро, ки марги маро ба дасти марде, ки ба сӯи Худо даъват мекунад, анҷом надод (яъне маро ба дасти як шахси кофиру оташпарасте ба шаҳодат расонид).

Баъд аз он об хоста таҳорат кард ва намозро адо намуд, дар ҳоле ки аз ҷароҳаташ хун равон буд. Сипас гуфт: касе намозро тарк намояд, аз Ислом баҳрае нахоҳад бурд.

Чун табиброро даъват карданд, ҷароҳати вайро дида, ба ӯ гуфт: Эй амиралмӯъминин, ҳар он чи васият кардан мехоҳӣ, васият бикун, қасам ба Худо, ки то бегоҳ нахоҳӣ зист.

Мардуми дар атрофаш буда гуфтанд: эй амиралмӯъминин, халифа таъин бикун.

Форуқ (р) фармуд: Ба ин кор касеро муносибтар аз он нафароне, ки Паёмбар (с) дар ҳоли ризоият аз онҳо вафот намуд, намебинам. Баъд аз он Алӣ ибни Абутолиб, Усмон ибни Аффон, Талҳа ибни Убайдуллоҳ, Зубайр ибни Авом,

Абдурраҳмон ибни Афв ва Саъд ибни Абуваққос (р)-ро номбар кард.

Баъд аз он саҳобагони Паёмбар (с) аз ӯ васият хостанд. Умар (р) ба онҳо гуфт: «*Шуморо ба китоби Худованд васият мекунам, то замоне, ки бо он амал намоед, ҳаргиз гумроҳ нахоҳед шуд ва шуморо ба азиз доштани муҳоҷирон васият мекунам. Ба таҳқиқ гоҳо мардум зиёд ва гоҳо кам мешаванд ва шуморо ба эҳтиром кардани ансор васият мекунам, ҳароина онҳо мардумоне ҳастанд, ки Ислом ба онҳо паноҳ бурд ва шуморо ба гиромӣ доштани арабҳо васият мекунам, ки онҳо аслу ҷавҳари шумо ва бародарони шумо ва душмани душманони шумоянд. Ва шуморо ба аҳли зимма васият мекунам, ки онҳо зиммабардори Паёмбаратон ва сababи рӯзии хонаводаи шумо ҳастанд*».

Баъд аз он Форуқ (р) ба писараш Абдуллоҳ (р) гуфт: Эй Абдуллоҳ, ба назди уммулмӯъминин Оиша (р) бирав ва бигӯ, ки Умар (а) ба ту салом мерасонад. Магӯ амирулмӯъминин, ки ман имрӯз барои мӯъминон амир нестам. Ва мегӯяд: оё ба ӯ иҷозат медиҳад, ки ҳамроҳи дӯстонаш дафн карда шавад?

Чун Абдуллоҳ ибни Умар ба назди Оиша (р) омад, ӯро гирён дид. Пас ба ӯ салом дода гуфт: Умар ибни Хаттоб аз шумо иҷозат мехоҳад, ки ҳамроҳи дӯстонаш дафн карда шавад.

Уммулмӯъминин Оиша (р) гуфт: Қасам ба Худо, ки ман низ ҳаминро мехостам.

Чун Абдуллоҳ ба назди падараш баргашт, Форуқ (р) бо уммедворӣ ба ӯ гуфт: Чӣ хабар бо худ дорӣ?

Абдуллоҳ ибни Умар (р) гуфт: Он чи дӯст медоштӣ, бароят иҷозат дода шуд.

Форуқ бо итминони хотир гуфт: ситоиш Худоро, барои ман чизе муҳимтар аз ин ҷойгоҳ набуд.

Сипас Форуқ (р) фармуд: қасам ба Худо, агар он чи дар рӯи замин аст, азони ман мебуд, ҳароина аз даҳшати ин азоб фидя медодам.

Ибни Аббос (р) гуфт: қасам ба Худо, албатта, умедворам, ки онро набинӣ, магар он андозае, ки Худованди Азза ва Ҷалла гуфтааст:

﴿ وَإِن مِّنكُمْ إِلَّا وَارِدُهَا ﴿٧١﴾ ﴾ مريم: ٧١

**«Ва нест аз шумо ҷуз воридшаванда ба он».**

Агар мо намедонистем, ки ту амири мӯъминон ва пешвои мӯъминон ҳастӣ ва аз рӯи китоби Худо (ҷ) ҳукм мекунӣ ва қисматро баробар анҷом медиҳӣ… Эй амиралмӯъминин, қасам ба Худо, набуд Исломи ту магар фирӯзӣ ва набуд пешвоии ту магар фатҳу кушоиш ва қасам ба Худо, ки дар замони амирии ту замин аз адл лабрез гашт. Ва агар ду нафар бо хусумат назди ту шикоят мекарданд, албатта, бо сухани ту ба салоҳ меомаданд.

Пас, Форуқ (р) гуфт: эй ибни Аббос, оё ба ин гуфтаҳо барои ман рӯзе, ки бо Худо мулоқӣ хоҳӣ шуд, гувоҳӣ медиҳӣ!

Ибни Аббос (р) гуфт: Оре, гувоҳӣ медиҳам.

Баъд аз он Форуқ, коҳеро аз замин гирифта гуфт: Кошкӣ ман ҳамин коҳ мешудам, кошкӣ офарида намешудам, кошкӣ маро модарам намезод, кошкӣ чизе намебудам, кошкӣ аз ёдҳо фаромӯшшуда мебудам… Вой бар ман ва вой бар модари ман, агар Худо (ҷ) маро наомурзад. Бо ин ҳол рӯҳи покаш аз бадан ҷудо шуд. Мусибате аз мусбати он рӯз сахттар бар мусулмонон нарасида буд.

Сипас ҷасади Форуқ (р)-ро асҳоби Пасёмбари Худо (с) бар души худ гирифта оварданд ва дар масҷиди Паёмбари Худо (с) бар вай намози ҷаноза хонда шуд ва дар назди Паёмбар (с) ва Абубакри Сиддиқ (р) гӯронида шуд.

Абдуллоҳ ибни Салом (р) назди қабри ӯ истода мегирист ва мегуфт: «*Беҳтарин бародари Исломӣ будӣ, ҷонфидо дар роҳи Ҳақ ва бахил дар роҳи ботил, дар ҳолати ризо розӣ будӣ ва дар ҳолати ғазаб ғазаб мекардӣ, некӯкору хушахлоқ будӣ, маддоҳ ва ғайбаткунанда набудӣ*».

Алӣ ибни Абутолиб (к.в.) истод ва гуфт: «*Эй Абуҳафс, Худованд туро биомурзад. Баъд аз Паёмбар (с) барои ман маҳбубтар аз ту касе нест*».

## Қалъаи Ислом

Зайд ибни Ваҳб назди Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) омада хоҳиш намуд, то барои ӯ оятеро аз Қуръон тиловат кунад. Ӯ оятеро барояш тиловат кард. Зайд (р) гуфт: Умар (р) ин оятро барои ман дигар хел хонда буд! Пас ибни Масъуд (р) чунон гирист, ки сангрезаҳо аз оби дидагонаш тар шуданд. Баъд аз он гуфт: Ҳамон тавре бихон, ки Умар (р) барои ту хонда буд. Қасам ба Худо, ҳароина Умар барои Ислом ба манзалаи қалъаи мустаҳкаме буд, ки Ислом ба он дохил мешуд ва аз он намебаромад. Чун Умар (р) кушта шуд, дар он қалъа рахнае шуд, ки Ислом аз он мебарояд ва дар он дохил намешавад.

Саъид ибни Зайд (р)-ро диданд, ки мегирист. Ба ӯ гуфтанд: Барои чӣ гиря мекунӣ? Гуфт: Барои Ислом мегирям. Ба таҳқиқ марги Умар (р) ба Ислом рахнаи бузург ворид кард, ки асари он то рӯзи Қиёмат аз байн намеравад.

Абуубайда ибни Ҷарроҳ (р) рӯзе Умар ибни Хаттоб (р)-ро ёдоварӣ карда гуфт: Дӯст намедорам, ки барои ман офтоб тулӯъ кунад ё ғуруб намояд ва ман баъди Умар боқӣ бимонам.

Ҳузайфа ибни Ямонӣ (р) гуфт: Ислом дар замони Умар мисли марди пешоянда буд, ки ҳамеша наздик мешуд, чун Умар (р) кушта шуд, мисли марди ба қафораванда гашт, ки ҳамеша дур меравад.

## Баъзе амалҳое, ки аввалин бор Форуқ (р) анҷом дод

Аввалин шахсест, ки лақаби «Амирулмӯъминин»-ро гирифт.

Аввалин шахсест, ки таърихро (солшумориро) аз ҳиҷрат навишт.

Аввалин шахсест, ки қиёми моҳи Рамазонро суннат гардонид ва мардумро дар ин кор сарҷамъ намуд ва барои анҷом додани ин амал ба кишварҳо нома навишт.

Аввалин шахсест, ки Қуръонро дар шакли китоб ҷамъ намуд.

Аввалин шахсест, ки сабти аснодро ба роҳ монд ва мардумро бо қабилаҳояшон номнавис кард.

Аввалин шахсест, ки барои огоҳ шудан аз аҳволи раъият, шабона дар шаҳр мегашт.

Аввалин шахсест, ки қоидаҳои наҳв (грамматикаи забони арабӣ)-ро вазъ намуд ва фармуд, ки танҳо забондонон хонданро ба мардум таълим диҳанд.

Аввалин шахсест, ки анборхона сохт ва дар он орд, хурмо, мавиз ва дигар чизҳои лозимаро захира намуд, то аз он чизҳо ба дармондагон кӯмак намоянд.

Аввалин шахсест, ки барои лашкариён бимаи (суғуртаи) иҷтимоӣ муаян намуд.

Аввалин шахсест, ки аркони давлати Исломиро мустаҳкам кард ва нуфузашро васеъ намуд ва идораашро ба низом даровард ва адолату ҳақиқатро дар гӯшаву канори он ҷорӣ намуд.

Аввалин шахсест, ки аз Миср дар киштиҳо хӯрокворӣ овард.

Аввалин шахсест, ки дар аҳди Абубакри Сиддиқ (р) вазифаи қозигиро ба ӯҳда дошт.

Аввалин шахсест, ки дар шаҳрҳо қозӣ таъин намуд ва вазифаи қозигиро алоҳида сохт.

Аввалин шахсест, ки баробарҳуқуқиро дар вақти мурофиъаи додгоҳӣ тасдиқ кард.

Аввалин шахсест, ки ҳабсхона сохт, ки гунаҳкорон дар он ҷо ҳабс карда мешуданд.

Аввалин шахсест, ки ба васеъ кардани масҷиди Набавӣ шурӯъ намуд.

Аввалин шахсест, ки барои тақсим кардани ҳадяҳо ба мусулмонон асос гузошт.

Аввалин шахсест, ки пулҳои Исломӣ сикка зад.

Аввалин садақае, ки дар дини Ислом анҷом дода шуд, садақаи Умар ибни Хаттоб аст ва он замине буд дар Хайбар, ки ба Умар (р) расида буд.

Аввалин шахсест, ки дурра (тозиёна) ба даст гирифта бо он адаб дод. Баъди ин ҳодиса гуфта мешуд, ки «дурраи Умар (р) аз шамшери шумо боҳайбаттар аст».

Аввалин шахсест, ки барои шаробхорӣ 80 тозиёна зад.

Аввалин шахсест, ки мардумро дар намози ҷаноза ҷамъ намуд.

Аввалин шахсест, ки барои интиқоли мактубҳо аз пайк (почта) истифода намуд.

Аввалин шахсест, ки наҳрҳо (ҷӯйборҳо) канд ва пулҳо (купрукҳо) сохт.

Аввалин шахсест, ки ба обод кардани заминҳо фармон дод ва гуфт: ҳар касе замини мурдаеро зинда кунад, пас он замин аз они вай аст.

Аввалин шахсест, ки дар моҳи Рамазон масҷидҳоро равшан кард.

Аввалин шахсест, ки дар масҷиди Паёмбари Худо (с) аз сангреза фарш кард.

Аввалин шахсест, ки байтулмол созмон дод.

Аввалин шахсест, ки роҳати лашкарро бисёр мехост ва амр кард, ки лашкариёнро аз дидорбинӣ бо аҳли хонаводаҳояшон аз чаҳор моҳ зиёд манъ накунанд.

Аввалин шахсест, ки шаҳрҳоро обод кард ва заминҳо ва кӯҳҳоро поку обод намуд ва ба заминҳо хироҷ муаян кард ва ба аҳли зимма ҷизя муқаррар сохт.

Аввалин шахсест, ки яҳудиёнро аз Ҳиҷоз берун кард ва аз Ҷазирату-л-араб ба Шом муҳоҷирашон намуд ва аҳли Начронро хориҷ кард.

Аввалин шахсест, ки футуҳоти бузурги мусалмононро оғоз кард ва он заминҳо ва ноҳияҳоеро тасарруф намуд, ки дар онҳо хироҷ ва фоида аст. Тамоми Ироқу Озарбойҷон ва ноҳияҳои Басра ва заминҳояш ва ноҳияҳои Аҳвоз ва Форс ва аксари сарзамини Осиёи Миёна, Мовароуннаҳр ва навоҳии Шомро фатҳ кард, ғайр аз Аҷнодин, ки он дар замони хилофати Сиддиқ (р) фатҳ карда шуда буд. Ҳамчунин Умар (р) ноҳияҳои Алҷазира, Мавсил, Миср ва Искандарияро фатҳ кард. Ҳангоме, ки ӯро ба қатл расонданд, лашкари ӯ дар Рай[1] қарор дошт ва тамоми он сарзаминро фатҳ карда буданд.

Эй хонандаи гиромӣ, огоҳ бош, ки мусалмон шудани аҷдоду бобоҳои мо ба дасти ин абармарди бузург ва дуввумин ёри Паёмбар (с) анҷом гирифтааст. Пас дӯсташ бидор ва дар ҳаққаш дуъои хайр бикун ва номашро зинда намо.

[1] Рай – шаҳри машҳурест, ки масофаи байни он ва Нишопур яксаду шаст фарсах аст.

# УСМОН ИБНИ АФФОН (Р)

*Аввалин муҳоҷир ба сӯи Худо (ҷ) ва шавҳари ду духтари Паёмбари акрам (с).*
*(575-656 мелодӣ)*
*(47-сол қабл аз ҳиҷрат - 35 ҳиҷрӣ қамарӣ)*

**Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон**

## Шахсияти Усмон ибни Аффон (р)

Вай Усмон ибни Аффон ибни Абуос ибни Умая буда, насабаш ба қабилаи Қурайш мерасад. Унвонҳои ифтихории амиралмўъминин, зиннурайн (соҳиби ду нур), соҳиби ду ҳиҷрат, шавҳари ду духтар, сеюмин халифаи рошид (росткор)-ро дорад.

Усмон ибни Аффон (р) яке аз зеботарини мардон буда, чеҳари нозуку зебо ва риши калони сиёҳ дошт. Мўйи сараш ғафс буда, на дароз буду на кўтоҳ. Усмон (р) ахлоқи карим, ҳиммати баланд дошт ва марди боҳаё буд.

Падари Усмон (р) тоҷири варзида буд. Ў дар яке аз сафарҳои тиҷоратиаш вафот карда, писари навболиғашро танҳо гузошт. Дар бораи Усмон (р) ҳаргиз ривоят нашудааст, ки дар айёми бачагӣ ё наврасӣ мушкилоти зиндагиро чашида бошад. Усмон (р) миёни қавмаш дар сарватмандӣ ва шараф мақоми волотаринро доро буд.

Модари Усмон (р) Арво бинти Курайз духтари Умми Ҳакам буд. Умми Ҳакам духтари Байзо бинти Абдулмуталлиб ибни Ҳошим буд ва аммаи Расули акрам (с) маҳсуб мешуд. Дар замони ҷоҳилият Усмон (р) соҳиби кунияи Абуамр буд. Баъд аз зуҳури Ислом, пас аз он ки Усмон (р) духтари Расули акрам (с)-Руқияро ба занӣ гирифт соҳиби Абдуллоҳ ном писарбачаи дўстрўяк шуд. Аз ин рў мусалмонон Усмонро бо кунияи Абуабдуллоҳ хитоб карданд.

Баъд аз он ки Абдуллоҳ ба синни шашсолагӣ расид, боре хурўс ба ў ҳамла карда, ба чашмонаш минқор зад. Пас аз ин ҳодиса Абдуллоҳ бемори вазнин шуда, (дар соли чоруми ҳиҷрӣ) аз дунё гузашт.

Ҷанозаи Абдуллоҳро Расули акрам (с) хонд ва Усмон (р) ўро дар қабр гузошт. Усмон (р) ғайр аз Абдуллоҳ, ки аз Руқияи

духтари Расули акрам (с) ба дунё омада буд, фарзандони дигар ҳам доштанд. Аз ҷумла:

- Абдуллоҳи Асғар, ки модараш Фотиҳа бинти Ғазвон мебошад;
- Амр, Холид, Абон, Умар ва Марям, ки модарашон Умми Амр бинти Ҷундуб мебошад;
- Валид, Саъид ва умми Саъид, ки модарашон Фотима бинти Валид ибни Абдушшамс мебошад;
- Абдулмалик, ки модараш умми Банин бинти Уяйна ибни Ҳисни Фазорӣ мебошад;
- Оиша, умми Абон, умми Амр, ки модарашон Рамла бинти Шайба мебошад;
- Марям, ки модараш Ноила бинти Фурофиса мебошад;
- Умми Банин, ки модараш каниз буд.

Ҳазрати Усмон (р) ҳамагӣ 8 зан ва 16 фарзанд дошт, ки 9-тоаш писар ва 7-тоаш духтар буданд.

Усмон (р) дар замони ҷоҳилият ва баъд аз зуҳури Ислом ҳам ба тиҷорат машғул буд ва молашро қарзи ҳасана медод.

Усмон (р) яке аз даҳ нафаре аст, ки Расули акрам (с) ӯро ба ҷаннат башорат додааст ва донандаи хуби шариъати Ислом ба шумор меравад. Расули акрам (с) ҳангоми хуруҷ ба ғазваи Зотурриқоъ ва ғазваи Ғатафон Усмон (р)-ро ба ҷойи худ дар Мадина гузошт. Инчунин Расули акрам (с) ба Усмон (р) амр кард, ки ба Наҳшал ибни Молики Воилӣ, ки ба ҳузури Расули акрам (с) омада буд, мактубе бинависад ва дар он шариъати Исломро ба Наҳшал шарҳ бидиҳад.

Усмон (р) аз Расули акрам (с) 146 ҳадис ривоят кардааст. Усмон (р) дар ғазваи Уҳуд, Хандақ ва Ҳудайбия иштирок кардааст. Дар Ҳудайбия Расули акрам (с) ба ҷойи Ӯ байъат кард ва бо як дасти муборакашон дасти дигарашро гирифта, гуфтанд: «*Ин дасти Усмон аст*». Дар ғазваи Табук низ ҳозир буд ва лашкари Усраро аз маблағи худаш муҷаҳҳаз гардонид. Дар айёми ҳаҷҷи видоъ ҳамроҳи Расули акрам (с) ҳаҷ кард. Расули

акрам (с) аз олам гузаштанд ва аз Усмон (р) розӣ буданд. Баъд аз вафоти Расули Худо (с) бо Абубакри Сиддиқ (р) ба беҳтарин ваҷҳ дӯстиву рафоқат дошт. Абубакр (р) аз дунё гузашт, дар ҳоле ки аз Усмон (р) розӣ буд. Баъд аз он бо Умар (р) низ тарзе, ки бо Абубакр (р) дӯсту бародар буд, муъомила мекард. Умар (р) дар ҳоле ки аз Усмон (р) розӣ буд аз олам гузашт ва қабл аз вафот васият кард, ки шаш нафар аз саҳобаҳои лаёқатманд бо ҳам машварат карда, як нафарашонро халифа интихоб намоянд. Миёни он шаш нафари номбаркардаи Умар (р) Усмон (р) низ буд ва беҳтарини эшон маҳсуб мешуд.

Дар айёми хилофати Усмон (р) Арманистон, Қафқоз, Хуросон, Кирмон, Сиистон, Африқо ва ҷазираи Қибрис (Кипр) фатҳ гардид.

Усмон (р) аввалин шахсест, ки масоҳати Масҷиду-л-ҳаромро васеъ кардааст ва дар аҳди хилофати ӯ масҷиди Набавӣ низ калон карда шуд. Усмон (р) аввалин шахсе аст, ки дар рӯзи ид пеш аз намоз хутба хонд ва амр кард, ки рӯзи ҷумъа азони аввал дода шавад. Инчунин Усмон (р) гирдоварии Қуръонро ба анҷом расонид.

Усмон (р) аввалин шахсест, ки кормандони ҳифзи тартиботро ба кор андохт ва амр кард, ки мусалмонон дар сарзаминҳое, ки партофта шудааст, сокин шаванд ва онро аз худ намоянд. Ӯ аввалин шахсест, ки барои кори қазоват хонаи алоҳида ихтиёр кард, зеро Абубакр ва Умар (р) барои қазоват дар масҷид менишастанд. Нақши нигини ангуштарини Усмон (р) чунин буд: «*Ба зоте имон овардам, ки накӯ офарид*».

## Ислом овардани Усмон ибни Аффон (р)

Боре Усмон ибни Аффон (р) бо мақсади тиҷорат ва касби ризқу рӯзӣ ба сарзамини Шом сафар кард. Дар ин сафар ӯро Талҳа ибни Убайдуллоҳ (р) ҳамроҳӣ мекард. Онҳо дар сарзамини Шом заҳмат кашида, моли барои тиҷораташон муносибро ҷӯстуҷӯ мекарданд. Баъд аз заҳмати зиёд онҳо ба яке

аз боғҳои сердолу дарахте, ки дар он вақт дар минтақаи Шом мавҷуд буд, омада истироҳат карданд. Дар яке аз ҳамин гуна лаҳзаҳои истироҳат, ки ғанаб рафта буданд, ҷорчие онҳоро садо карда, гуфт: «*Эй мардуми хобида, бедор шавед! Бидонед, ки Муҳаммад (с) дар Макка зуҳур кард*».

Ин нидо борҳо такрор шуд ва ҳар яки он ду нафар ин суханонро дар зеҳни худ ҷой карданд ва ба ҳамдигар чизе нагуфтанд аз тарси он ки мабодо пеш аз ин ҳам дар ин бора чизе шунида бошад. Ин суханони ҷорчӣ дар хотираи Усмон (р) нақш баста буд ва шабу рӯз аз зеҳнаш дур намешуд. Баъд аз омода кардани бори тиҷорат ба Макка баргашт. Ҳанӯз барои истироҳат ба манзилаш ворид нашуда холааш, Суъдо бинти Курайзро, ки коҳинзан буд, дучор омад. Холааш ӯро бо табассум пешвоз гирифта, мужда дод ва гуфт:

- Эй Усмон (р) ту марди соҳибҷамол ва нотиқ ҳастӣ. Ин марди набӣ соҳиби бурҳон ва фиристодаи Худованди дайён аст ва бо худ танзил ва Фурқон (Қуръон) дорад. Пайраваш бош, то бутҳо фиребат надиҳанд.

Усмони ҳайратзада гуфт:

- Ту ҳодисаеро ёдрас мекунӣ, ки дар сарзамини мо ба вуқӯъ пайвастааст.

Холааш гуфт:

- Муҳаммад ибни Абдуллоҳ, расул аст аз ҷониби Аллоҳ, даъват мекунад сӯйи Худо (ҷ), чароғи ӯ раҳнамо, дини ӯ наҷот ва кори ӯ бобарор аст.

Баъд аз шунидани ин калимаҳо Усмон (р) ба андеша фурӯ рафта, аз хона баромад. Дар ҳамин асно бо Абубакр (р) дучор омад. Усмон (р) аз хабари шунидааш Абубакр (р)-ро огоҳ кард. Абубакри Сиддиқ (р) ба ӯ гуфт:

- Вой бар ту, эй Усмон (р), охир ту марди хирадманд ҳастӣ ва назди ту ҳаққу ботил пӯшида намемонад. Ин бутҳое, ки қавми мо мепарастанд, чӣ ҳастанд?! Оё онҳо санги лол нестанд,

ки намешунаванд ва намебинанд ва суду зиён ҳам намерасонанд?

Усмон (р) гуфт:

- Бале, қасам ба Худо, ки чунин аст.

Абубакри Сиддиқ (р) гуфт:

- Қасам ба Худо, ки холаат ба ту рост гуфтааст.

Муҳаммад ибни Абдуллоҳ (с) паёмбари Худо (ҷ) аст. Худованд ӯро ба сӯйи халқаш ҳамчун расул фиристодааст. Оё ту ба назди Расули Худо (с) меравӣ?

Абубакри Сиддиқ (р) суханашро ба охир нарасонда, Усмон (р) мақсади ниҳонии ӯро пай бурд ва ҳамроҳаш назди Расули Худо (с) равон шуд. Ҳангоме, ки Расули Худо (с) Усмон (р)-ро дид гуфт:

- Эй Усмон, даъвати Худоро бипазир, ман дар ҳақиқат фиристодаи Худо ба сӯйи ту ва ба сӯйи халқи Худо (ҷ) ҳастам.

Усмон (р) дарҳол Ислом оварда, шоҳидӣ дод, ки ҷуз Аллоҳи пок Худои дигаре нест ва Муҳаммад (с) банда ва Расули Худо аст. Дере нагузашта Усмон (р) Руқия духтари Расули Худоро ба занӣ гирифт. Дар бораи никоҳи онҳо мегуфтанд: беҳтарин ҷуфте, ки инсон дидааст, Руқия асту ҳамсараш Усмон (р).

## Аввалин муҳоҷирон

Баъд аз Ислом овардан бо вуҷуди мақому мартабаи Усмон (р) миёни қавмаш аз озору азияти ҳамқавмонаш эмин намонд. Амаки Усмон (р), Ҳакам ибни Абуос ибни Умая ӯро бо ресмон баста гуфт:

- Оё аз дини аҷдодият рӯй мегардонӣ ва ба дини нав майл мекунӣ? Қасам ба Худо (ҷ), то он даме, ки дини наватро тарк накунӣ аз банд озодат намекунам. Усмон (р) дар ҷавоб бо исрори марде, ки роҳи ҳақро шинохтааст, гуфт:

- Қасам ба Худо (ҷ), ки ин динро ҳаргиз тарк намекунам.

Амакаш чун пештара Усмон (р)-ро азобу шиканҷаи дарднок медод, вале ӯ бо исрор ва устувории бештар дар дини Ислом

ворид мешуд ва ақидааш матин мегашт. Кор ба ҷое расид, ки амакаш ноумед шуд ва ихтиёрашро ба худаш дод ва аз ӯ даст бардошт.

Бо гузашти вақт шумораи мусалмононе, ки дини Худоро мепазируфтанд бештару бештар мешуд ва оташи ғазаб кинаи мушрикони Қурайш низ аланга гирифта, азобу шиканҷаи мусалмононро зиёд мекарданд. Вақте ки Расули акрам (с) ин аҳволи ногувори мусалмонони заъифу нотавонро дид, ба онҳо гуфт:

Чӣ мешуд агар ба сарзамини Ҳабашистон ҳиҷрат мекардед? Он ҷо подшоҳе ҳукмрон аст, ки ба касе зулмро раво намебинад ва он сарзамини ростӣ аст. Бошад, ки Худованд барои шумо кушоише бидиҳад ва аз ин бало раҳоятон созад. Баъд аз ин гуфтор чанд нафаре аз асҳоби Паёмбар (с) ба сӯйи Ҳабашистон равона гардиданд, то ки аз фитна наҷот ёбанд. Онҳо дини худро бо худ гирифта ба Худо паноҳ бурданд. Ин аввалин ҳиҷрат дар Ислом буд. Аввалин шахсе, ки аз мусалмонон ҳиҷрат кард, Усмон ибни Аффон (р) ва ҳамсари меҳрубонаш Руқия бинти Расули Худо (с) буданд.

Расули Худо (с) муштоқи хабари мусалмонони муҳоҷир ва домоду фарзандаш гашта буд, ки нобаҳангом зане аз аҳли Қурайш аз сарзамини Ҳабашистон баргашт ва ба назди Расули акрам (с) омада гуфт:

- Эй Муҳаммад (с) домод ва духтаратро дидам. Расули акрам (с) пурсон шуданд:

- Эшон чӣ ҳол доранд?

Зан гуфт:

- Дидам, ки домодат духтаратро дар хар савор карда, худаш бошад, онро аз нухтааш гирифта, ба пеш меронад.

Расули акрам (с) лутф карда гуфтанд: «*Худо нигоҳ дорадашон, ҳароина, Усмон аввалин шахсест, ки баъд аз паёмбар Лут (а) ҳамроҳи ҳамсараш ҳиҷрат кардааст*».

Чанде баъд ба гӯши мусалмонони муҳоҷир овозае расид, ки гӯё қабилаи Қурайш роҳи дурустро ихтиёр кардаанд ва пайрави Расули акрам (с) шудаанд. Ин овозаро шунида, муҳоҷирони муштоқи ватан ба он бовар карданд ва ба Макка баргаштанд. Вақте ки дурӯғ будан ин овозаҳо барояшон маълум шуд, дубора ба сарзамини Ҳабашистон бозгаштанд.

Усмон (р) низ ҳамроҳи ҳамсараш бори дуюм ҳиҷрат карданд. Аммо вақте ки муштоқи дидори Расули акрам (с) ва шаҳри Макка шуданд ва ба ватан бозгаштанд ва то лаҳзае, ки Худованд ба Паёмбараш ва ба дигар мусалмонон иҷозаи ҳиҷрат ба Мадинаро дод, дар Макка ҳамроҳи Расули акрам (с) буданд. Усмон (р) ҳамроҳи ҳамсараш ва мусалмонони Макка ба Мадинаи мунаввара ҳиҷрат кард ва дар хонаи Авс ибни Собит фурӯд омад. Авс ибни Собит бародари Ҳассон ибни Собит-шоири маъруфи араб буд ва онҳо аз қабилаи бани Наҷҷор маҳсуб мешуданд. Ҳассон Усмонро бениҳоят эҳтиром мекард ва дӯст медошт.

Расули акрам (с) баъд аз ҳиҷрат ба Мадинаи мунаввара ҳар як муҳоҷирро бо мусалмонони Мадина, ки ансорашон меномиданд, бародархондагӣ қарор дод ва барои Усмон (р) Абдураҳмон ибни Авф ва Авс ибни Собитро бародар муқаррар кард.

Вақте ки Расули акрам (с) дар Мадина хонаҳои асҳобро тақсим мекард, тарҳи хонаи Усмонро низ муайян кард. Гуфта мешавад, ки равоқи хонаи Усмон, ки аз он рӯшноӣ вориди хона мешавад, рӯ ба рӯйи дари баромади Расули акрам (с) воқеъ будааст.

## Соҳиби ду нур

Расули акрам (с) ҳамроҳ бо асҳоби киром ба ғазваи Бадр равон гардиданд ва ба Усмон (р) амр карданд, ки ҳамроҳи завҷааш Руқия, ки бемори бистарӣ буд, дар Мадина бимонад. Вале аҷал ба Руқия (р) амон надод. Дар ҳамон рӯзе, ки Зайд

ибни Ҳориса муждаи фатҳи мусалмононро ба Макка овард, Руқия (р) аз олами фонӣ даргузашт. Расули акрам (с), ки аз фатҳи додаи Худо (ҷ) дар ғазваи Бадр хушнуд шуда буд, бо шунидани хабари вафоти фарзанди ҷигарбандаш сахт ғамгин шуд, вале худро ба даст гирифта, ба назди Усмон (р) рафт, то ки ба ӯ дар ин мусибат тасаллӣ диҳад.

Расули акрам (с) Усмон (р)-ро икром карда, ӯро аз ҷумлаи иштирокчиёни он ғазваи Бадр ҳисобид ва аз ғаниматҳо барои ӯ ҳиссаеро ҷудо намуд. Бар зamми ин ҳама духтараш умми Кулсумро ба никоҳи Усмон (р) даровард. Одамон аз ин баъд Усмон (р)-ро Зинурайн (соҳиби ду нур), ки мурод аз он ду нури чашми Расули акрам (с) буд, лақаб ниҳоданд.

Ба занӣ гирифтани духтари дуюми Расули акрам (с) аз ҷониби Усмон (р) фазилате буд, ки Худованд ба Усмон (р) хос гардонид, зеро ягон марде аз умматҳои пешин ду духтари паёмбареро ба занӣ нагирифтааст. Вақте ки умми Кулсум (р) дар моҳи шаъбони соли нуҳуми ҳиҷрӣ вафот кард, Расули акрам (с) афсус хурданд, ки дигар духтари бешавҳар надоранд, то ки боз ҳам ба никоҳи домоди дӯстдоштааш Усмон (р) даровaранд ва Расули акрам (с) дар ин бора фармуданд: «*Агар духтари сеюм медоштам, ӯро низ ба никоҳи Усмон (р) медаровардам*».

Инчунин Расули акрам (с) фармуданд: «*Агар даҳ духтар ҳам медоштам, ҳароина, онҳоро ба Усмон (р) ба занӣ медодам*».

Расули Худо (с) фармуданд: «*Аз Парвардигорам масъалат кардам, ки вориди дӯзах насозад шахсеро, ки бо ман домодӣ доранд ва шахсеро, ки ман ба онҳо домод ҳастам*[1]».

Ислом овардани Усмон ибни Аффон (р) неъмати бузурге буд, ки Худованд онро бар мусалмонон арзонӣ дошт, зеро ҳар мусибате, ки бар мусалмонон соя меафканад, Усмон (р) аввалин шуда худро ба ғами мусалмонон шарик мегардонд ва чораи халосиро меҷӯст.

---

[1] Ибни Касир, «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (3/303-304). «Усуду-л-ғобба» (3/586).

Дар шаҳри Мадина чашмае буд, ки оби ширину гуворо аз он фаввора мезад ва онро чоҳи Равма меномиданд. Соҳиби ин об марди яҳудие буд ва обро ба мусалмонон мефурӯхт. Расули акрам (с) таманно мекард, ки нафаре аз мусалмонон аз он райгон истифода кунад.

Аз ин рӯ Расули акрам (с) фармуданд: «*Ҳар касе чоҳи Равмаро бихарад ва дар ихтиёри мусалмонон гузорад ва бо далваш (сатилаш) ба далвҳои онҳо об резад, Худованд дар Ҷаннат ӯро сероб гардонад*».

Усмон ибни Аффон (р) суханони гуҳарбори Расули акрам (с)-ро шунида, зуд ба назди соҳиби чоҳ рафт, ба ӯ пешниҳод кард, ки чоҳро бифурӯшад. Марди яҳудӣ ба фурӯхтани нисфи чоҳ бо нархи 12-ҳазор дирҳам розӣ шуд, бо он шарт, ки як рӯз чоҳ дар ихтиёри ҳазрати Усмон (р) бошад ва як рӯз дар ихтиёри он марди яҳудӣ.

Ба ҳамин тарз мусалмонон рӯзе, ки об дар ихтиёри Усмон (р) буд ба миқдори даркорӣ обро захира мекарданд, то ки аз он яҳудӣ об нахаранд. Яҳудӣ дид, ки бозораш касод мешавад, аз ин рӯ ба назди Усмон (р) омад ва пешниҳод кард, ки нисфи боқимондаи чоҳро низ бихарад. Ҳазрати Усмон (р) дар ивази 8-ҳазор дирҳам чоҳи Равмаро пурра молик шуд ва онро дар ихтиёри мусалмонон гузошт.

## Хона дар ҷаннат

Масҷиди Набавӣ бар Расули акрам (с) ва асҳоби гиромиашон рӯз ба рӯз тангӣ мекард. Расули акрам (с) бори дигар таманно карданд, ки аз миёни асҳоб нафаре пайдо шавад, ки хонаҳои дар ҳамсоягии масҷид бударо бихарад ва ба масҷид зам намояд, то ки масҷид васеътар гардад. Расули акрам (с) дар ин хусус фармуданд: «*Кист, ки ин масҷидро дар ивази хонае дар ҷаннат барои мо васеъ мекунад?*»

Ҳазрати Усмон (р) ин хоҳиши Расули Худоро бо хушнудӣ пазируфт ва зуд ба назди соҳибони хонаҳо рафта, маслиҳат

кард ва хонаҳояшонро бо нархи гарон харида, аз он ҳисоб масҷиди Набавиро васеъ кард[1].

Саховат ва бахшишҳои Усмон (р) дар роҳи дини Ислом беҳисоб буд. Ӯ ҳар ҳафта, дар рӯзи муборакি ҷумъа як нафар ғуломро харида, озод мекард. Агар рӯзи ҷумъае ин кор муяссараш намешуд, пас рӯзи ҷумъаи оянда ду ғуломро озод мекард. Рӯзе Талҳа (р) Усмон (р)-ро дар беруни масҷиди Набавӣ рӯ ба рӯ омад ва баъд аз салому аҳволпурсӣ гуфт:

- Панҷоҳ ҳазоре, ки ман аз ту қарз гирифта будам. омода кардам. Ягон нафарро бифирист, то ки онро бигирад.

Усмон (р) дар ҷавоб гуфт:

- Ман ба хотири ҷавонмардиат онро ба ту бахшидам,[2].

## Лашкари Усра

Ҳеракл, императори Рум баъд аз ғалаба бар форсҳо мағрур гашта, қарор дод, ки ба ҷониби Мадина лашкар бикашад ва мусалмононро шикаст бидиҳад. Ин овозаҳо ба гӯши Расули акрам (с) расиданд. Пас Расули Худо асҳоби киромро нидо кард, ки барои ғазва (ҷанг) бо румиҳо дар Табук (номи мавзеъ) омода шаванд, то ки пеши роҳи душманро бигиранд. Он шабу рӯз гармои шадид ҳукмронӣ мекард ва мавсими пухтани мева наздик буд. Шиддати гармо бар мусалмонон мушкилию машаққат меовард, аз ин рӯ он лашкарро Усра, яъне мушкилу кулфатбор ном ниҳоданд.

Расули акрам (с) асҳоби киромро ташвиқ ба хайру саховат карданд, то ки лашкарро барои ин кори мушкил ва муҳим муҷаҳҳаз гардонад, пас фармуданд: «*Ҳар кӣ ин лашкарро муҷаҳҳаз гардонад, Худованд меомурзадаш*». Ин даъвати Расули акрам (с)-ро мусулмонон пазируфтанд ва Усмон (р) аз ҷой бархоста гуфт:

---

[1] «Усуду-л-ғобба» (3/591).

[2] Ибни Касир, «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (8/216).

- Эй Паёмбари Худо, ман сад уштурро ба тамоми таҷҳизоташ омода мекунам. Расули Худо (с) боризоят ба ӯ назар афканд. Баъд аз ин Расули акрам (с) бархоста, бори дигар хостори хайру саховати мусалмонон шуд. Боз шахсе ҳаст, ки хайре намояд. Ин бор ҳам Усмон (р) аз ҷой бархост ва гуфт:

- Ман боз 100 уштури дигарро бо тамоми таҷҳизоташ омода месозам, эй Расули Худо!

Аз ин гуфта чеҳраи Расули акрам (с) дурахшид ва бори сеюм аз ҷамъомадагон талаби кӯмак барои омода сохтани сипоҳ намуд. Ин бор ҳам Усмон (р) аз ҷой бархост ва гуфт:

- Боз 100 уштурро бо тамоми таҳҷизоти сафар омода месозам, эй Расули Худо (с).

Баъди ин гуфтаҳо Усмон (р) ба хонааш рафта, бо ҳазор динор баргашт ва онҳоро ба домони Расули акрам (с) рехт ва дар назди Паёмбар (с) истод. Расули акрам (с) аз хушнудӣ Усмонро дар бағал гирифту каме аз замин бардошт ва ӯро раҳо карда, дар ҳаққаш чунин дуъо кард:

*«Худованд, туро биомурзад, эй Усмон, он чи аз ту сар задааст ва он чи сар мезанад ва он чи пинҳон ва ё ошкор анҷом додаӣ ва он чи то рӯзи қиёмат қоим аст»*. Баъд аз ин рӯз ҳар коре ки Усмон (р) анҷом бидиҳад зарар нахоҳад кард[1].

## Байъати Ризвон

Дар моҳи зилқаъдаи соли шашуми ҳиҷрӣ Расули Худо (с) ҳамроҳ бо муҳоҷирон ва ансор ва ашхосе, ки аз қабоили араб бо эшон пайваста буданд, ба ҷониби Макка, бо мақсади ҳаҷҷи умра равона шуданд ва ҳамроҳ бо худ чорвои ҳадя мекардаашонро низ пеш ронданд. Инчунин ҳангоми ба Макка наздик шудан эҳром низ пӯшиданд, то ки мақсадашон ба аҳли Макка рӯшан шавад ва онҳо низ аз ҷангу хунрезӣ бозистанд ва

[1] Ибни Касир. «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя»(7/177-213). «Ҳиляту-л-авлиё». (1/59).

бидонанд, ки Расули акрам (с) ба мақсади зиёрати хонаи Худо омадааст.

Вақте Расули акрам (с) ва ёронаш ба мавзеъи наздики Макка расиданд, уштури Расули акрам (с) ба замин хобид. Ёрони Паёмбар гуфтанд, ки уштур дигар аз ҷояш намеҷунбад. Расули Акрам (с) гуфт: «*Ин гуна одат надошт, вале он зоте, ки филро аз ворид шудан ба Макка манъ карда буд, ин уштурро низ манъ кардааст*».

Расули акрам (с) ҳамроҳи асҳоби киром дар ҳамон мавзеъ фурӯд омаданд. Сипас Паёмбар (с) Умар ибни Хаттоб (р)-ро талабид ва хост, ки ӯро ба Макка назди ашрофи Қурайш фиристад, то ки мақсади омаданашонро ба онҳо бозгӯ намояд.

Ҳазрати Умар (р) гуфт:

- Эй Расули Худо, ман аз қабилаи Қурайш ҳазар мекунам. Дар Макка ягон нафаре аз бани Адӣ маро манъ карда наметавонанд, вале қабилаи Қурайш медонад, ки ман нисбати эшон душманӣ дорам. Эй Расули Худо, ман ба Шумо мардеро тавсия медиҳам, ки барои ин кор аз ман дида беҳтар аст. Ин мард Усмон ибни Аффон (р) аст. Расули акрам (с) пешниҳоди Умар (р)-ро пазируфт ва Усмон (р)-ро ба Макка назди Абусуфён ибни Ҳарб ва ашрофзодагони Қурайш фиристод, то ки ба онҳо бигӯяд, ки Паёмбар (с) ва ёронаш ба мақсади зиёрати хонаи Худо ва бузургдошти шукӯҳу шаҳомати он омадаанд.

Усмон (р) пешниҳоди Расули Худо (с)-ро ба ҷону дил пазируфт ва ба сӯйи Макка раҳсипор шуд. Дар наздикии Макка бо Абнон ибни Саъд ибни Ос дучор омад ва Усмон (р)-ро ба оғӯш гирифт ва сипас ба ӯ кафолати бехатарӣ дод, то ки пайғоми Расули Худо (с)-ро ба ашрофони Қурайш бирасонад. Усмон (р) ба назди Абусуфён ва калоншавандаҳои қабилаи Қурайш рафт ва пайғоми Расули акрам (с) ба онҳо расонд. Баъд аз ин ашрофони Қурайш ба Усмон (р) пешниҳод карданд, ки агар бихоҳад хонаи Худоро тавоф кунад. Усмон (р) дар ҷавоб гуфт:

- То Расули Худо (с) тавоф накунад, ман ба худ иҷозаи тавофро намедиҳам. Қурайшиҳо Усмон (р)-ро чанд муддат дар назди худ нигоҳ доштанд. Ба Расули акрам (с) ва асҳобашон овозае расид, ки гӯё Усмон (р)-ро ба қатл расондаанд. Расули Худо (с) бо шунидани ин овоза гуфтанд, ки то лаҳзаи охирин ҳамин ҷо меистем ва бо қотилони Усмон (р) меҷангем. Сипас Расули акрам (с) асҳобашро барои байъат (бастани аҳд) даъват намуданд. Ин байъат, ки дар таърих бо номи байъати Ризвон машҳур аст ва зикраш дар Қуръони маҷид низ омадааст, ки дар зери дарахт баргузор гардид.

Мусалмонон бо Паёмбар (с) даст дода, байъат карданд, ки то нафаси охирин бо душман меҷанганд ва аз майдони мубориза фирор намекунанд. Расули акрам (с) аз ҷониби Усмон (р) байъат карда, гуфтанд: «*Ҳароина, Усмон (р) дар пайи иҷрои супориши Худо ва Расулаш аст*». Баъд аз ин бо як дасти дигараш зада, гуфтанд: «*Ин дасти Усмон аст*».

Мусалмонон ҳар як орзу карданд, ки кош ин каромат ва ин фазл насибашон мешуд, зеро дасти мубораки Паёмбари Худо (с), ки аз ҷониби Усмон (р) байъат карда буд, аз дастони онҳо беҳтару афзалтар буд.

Худованди мутаъол дар бораи ин байъат, оят нозил кардааст:

﴿ لَّقَدْ رَضِيَ ٱللَّهُ عَنِ ٱلْمُؤْمِنِينَ إِذْ يُبَايِعُونَكَ تَحْتَ ٱلشَّجَرَةِ فَعَلِمَ مَا فِي قُلُوبِهِمْ فَأَنزَلَ ٱلسَّكِينَةَ عَلَيْهِمْ وَأَثَٰبَهُمْ فَتْحًا قَرِيبًا ﴿١٨﴾ ﴾ الفتح: ١٨

Сухани Худо:

**«Худо аз мӯъминон, он ҳангом ки дар зери дарахт бо ту байъат карданд, хушнуд гашт ва донист, ки дар дилашон чӣ мегузарад. Пас оромиш бар онҳо нозил кард ва ба фатҳе (ғалабае) наздик подошашон дод».**[1]

[1] Сураи Фатҳ, ояти 18.

﴿إِنَّ ٱلَّذِينَ يُبَايِعُونَكَ إِنَّمَا يُبَايِعُونَ ٱللَّهَ يَدُ ٱللَّهِ فَوْقَ أَيْدِيهِمْ ۚ فَمَن نَّكَثَ فَإِنَّمَا يَنكُثُ عَلَىٰ
نَفْسِهِۦ ۖ وَمَنْ أَوْفَىٰ بِمَا عَٰهَدَ عَلَيْهُ ٱللَّهَ فَسَيُؤْتِيهِ أَجْرًا عَظِيمًا ﴿١٠﴾﴾ الفتح: ١٠

Сухани Худо:

**«Ҳароина, онон, ки бо ту байъат (аҳд) мекунанд, ҷуз ин нест бо Худо байъат мекунанд. Дасти Худо болои дастҳояшон аст. Ва ҳар кӣ байъатро бишканад, албатта, бар зиёни худ шикастааст. Ва ҳар кӣ ба он байъат, ки бо Худо бастааст, вафо кунад, ӯро музде некӯ диҳад».[1]**

Вақте Қурайш аз ин байъат огоҳ шуданд, Усмон (р)-ро раҳо карданд ва ӯ ба назди Расули акрам (с) сиҳату саломат бозгашт. Баъд аз ин, гурӯҳе аз қабилаи Қурайш ба назди Паёмбари Худо (с) омада, ба эшон сулҳ бастанд. Ин сулҳ бо номи сулҳи Ҳудайбия машҳуру маъруф аст[2].

## Ҳаё ва тавозӯъи Усмон (р)

Модари мӯъминон Оиша (р) ривоят мекунад, ки Расули акрам (с) дар хона нишаста буданд ва зонуяшон урён буд. Дар ҳамин лаҳза Абубакр (р) иҷозаи вуруд хостанд ва даромаданд. Расули акрам (с) дар ҳамон ҳолаташон боқӣ монданд. Пасон Умар (р) иҷозат хоста ва бо иҷозати Расули Худо (с) вориди кулба шуд. Паёмбар (с) дар ҳамон ҳолати аввалаашон нишаста буданд. Сипас Усмон (р) иҷозат хостанд. Расули Худо (с) зонуяшонро пӯшонида, ба Усмон (р) иҷозати вуруд доданд.

Вақте ки ин асҳоби киром аз ҷой бахостанд, Оиша (р) ба Расули акрам (с) гуфтанд:

- Эй Расули Худо (с) Абубакр ва Умар (р) иҷозати вуруд хостанд ва дохил шуданд, Шумо бошед бо ҳоли худ боқӣ мондед, вале бо омадани Усмон (р) бо гӯшаи пироҳанатон зонуятонро пӯшонидед?!

---

[1] Сураи Фатҳ, ояти 10.

[2] Ибни Касир, «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (4/164-168).

Расули акрам (с) гуфтанд:

- Эй Оиша (р), қасам ба Худо (ҷ), марде, ки малакҳо аз ӯ мешарманд, мо шарм надорем?

Хазрати Усмон (р) баъд аз оне, ки Исломро қабул кард, ҳар рӯз ғусл мекард. Ҳангоми ғусл дар хона аз шиддати ҳаё лунгиро аз миёнаш намекушод, ҳол он ки дари хона баста буд. Ҳангоми роҳ рафтан низ, аз ҳаё қоматашро каме хам карда, роҳ мерафт. Аз ин рӯ Расули акрам (с) фармуданд: «*Боҳаётарин марди уммати ман Усмон мебошад*[1]»

Усмон (р) одате дошт, ки дар аёми хилофаташ таъоми амириашро ба одамон медод, худаш бошад ба хона даромада, хӯроки оддӣ мехӯрд. Либосаш низ аз матоъи дурушт буд. Боре вақте Усмон (р) дар айёми хилофаташ дар масҷид хоб рафта буд, дар баданаш асари пайи сангпораҳоро мушоҳида карданд. Инчунин мардум Усмон (р)-ро диданд, ки савори маркаб мерафт ва ғуломаш аз пушти ӯ дар маркаб нишаста буд. Ҳарчанд ҳазрати Усмон (р) дар он айём халифаи мусалмонон буд.

Ҳазрати Усмон (р) ҳангоми таҳорат кардан барои хондани намоз нисфи шаб касеро нороҳат намекард. Инро дида наздиконаш пешниҳод карданд, ки яке аз хидматгоронро бедор кунад, то ки оби таҳорат омода кунад.

Усмон (р) дар ҷавоб гуфт:

На, ҳаргиз на, шаб барои истироҳати хидматгорон аст. Ва аз аҳли оила низ нисфи шаб касеро бедор намекард, магар ягон нафаре, ки худаш бедор мешуд ва дар овардани об ба ӯ кӯмак мерасонд.

## Тасбеҳи сангрезаҳо

Боре дар ҳузури Абузари Ғифорӣ (р) аз Усмон (р) ёдовар шуданд. Абузар (р) гуфт:

---

[1] Ибни Касир. «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (7/215), «Ҳулияту-л-авлиё» (1/56).

- Ман Усмон (р)-ро дар ҳолате дидам, ки он лаҳзаро то даме, ки зиндаам фаромӯш нахоҳам кард.

Сипас афзуд:

- Ман ҳамеша дунболи Расули акрам (с) мегаштам, то ки аз суханони гуҳарборашон чизе бишнавам ва аз эшон чизе биомӯзам. Рӯзе дидам, ки Паёмбар (с) танҳо нишастааст. Фурсатро ғанимат дониста, зуд ба ҳузурашон шитофтам ва наздашон нишастам. Дере нагузашта Абубакр (р) омад ва салом дода, аз ҷониби рости Расули акрам (с) нишаст. Пас аз лаҳзае Умар (р) омад ва салом арз карда, аз ҷониби рости Абубакр (р) нишаст. Баъд аз Умар (р) Усмон (р) ҳозир шуд ва салом гуфта, аз ҷониби рости Умар (р) нишаст. Дар рӯ ба рӯйи Расули акрам (с) болои рег ҳафт ё нӯҳ сангреза хобида буд. Паёмбар (с) онҳоро ба досташ гирифт ва он сангрезаҳо тасбеҳ (ҳамди Худо) гуфтанд, ҳатто ман садои нолиши онҳоро шунидам. Баъд аз он Паёмбар (с) сангрезаҳоро ба замин гузошт. Сангчаҳо хомӯш шуданд. Баъдан Паёмбар (с) онҳоро аз замин чида ба кафи дасти Абубакр (р) ниҳод, сангчаҳо ба тасбеҳгӯӣ оғоз карданд. Абубакр (р) низ сангчаҳоро ба замин гузошт. Ин дафъа низ онҳо хомӯш шуданд. Баъд аз ин чун пештара Паёмбари гиромӣ сангчаҳоро якто-якто чида, ба дасти Умар (р) гузошт. Ин дафъа низ сангчаҳо ба тасбеҳгӯӣ оғоз карданд, ҳатто. ки ман садои нолишашонро шунидам. Умар (р) низ сангчаҳоро ба замин гузошт ва онҳо сокит шуданд. Расули акрам (с) ин даъфа низ онҳоро баргирифт ва ба дасти Усмон (р) дод. Сангчаҳо дар кафи Усмон (р) низ ба гуфтани тасбеҳ оғоз карданд ва садояшон ба гӯшам бараъло расид. Усмон (р) низ сангчаҳоро гашта ба замин гузошт ва онҳо сокит шуданд. Расули акрам (с) фармуданд: «Ин хилофат баъд аз нубувват аст[1]».

[1] Ибни Касир. «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (6/132-133).

## Халифаи сеюм

Амирулмўъминин Умар ибни Хаттоб (р) рўзе болои минбар баромад ва ба мусалмонон гуфт:

- Аз олам, ки даргузаштам, раёсати шуморо ба ўҳдаи шаш нафаре, ки Расули Худо (с) пеш аз вафоташ аз онҳо розӣ буд, месупорам. Он шаш нафар инҳоянд: Алӣ ибни Абутолиб (к.в.) ва ҳамтои ў Зубайр ибни Аввом (р), Абдурраҳмон ибни Авф (р) ва ҳамтои ў Усмон ибни Аффон (р), Талҳа ибни Убайдуллоҳ (р) ва ҳамтои ў Саъд ибни Абуваққос (р). Огоҳ бошед, ки ман шуморо дар ҳама кор ба тақво ва тарс аз Худо васият мекунам.

Ин шаш нафар баъд аз шаҳодати Умар (р) бо ҳам машварат карда, ихтиёри интихоби амири мўъминонро ба Абдурраҳмон ибни Авф (р) доданд, то ки беҳтаринашонро барои мусалмонон амир таъйин кунад. Вақте, ки Абдурраҳмон бо ҳар як аз аъзои Шўро машварат кард, онҳо Усмон (р)-ро пешниҳод карданд. Баъд аз ин Абдурраҳмон дар муддати се шабонарўз бо мусалмонон, сарони қабилаҳо ва ашхоси соҳибхирад машварат карда, шахси мавриди эътимоди онҳоро маълум кард. Ба ин мақсад бо мусалмонон дар ҷамъомадҳо ва сўҳбатҳои алоҳида машваратҳо кард. Ҳатто занони ҳиҷобдорро пурсон шуд ва аз раъйи ҷавонони хурдсол бохабар гардид. Инчунин бо савораҳои ба Мадина воридшаванда ва аъроби ба шаҳр омада низ ҳамсўҳбат шуд. Дар ҳамаи ин сўҳбатҳо ду нафарро ҳам наёфт, ки бо номзадии Усмон (р) мухолиф бошанд. Ҳамин тариқ кароматии Расули акрам (с) таҳаққуқ ёфт ва мусалмонон бо Усмон (р), рўзи душанбе, ки аз моҳи зилҳиҷҷаи соли 23-юми ҳиҷрӣ як шаб боқӣ монда буд, байъат карданд. Рўзи дигар, ки рўзи аввали моҳи муҳаррами соли 24-уми ҳиҷрӣ оғоз шуда буд, Усмон (р) ба назди мардум баромад ва Худоро ҳамду сано гуфт ва бар Паёмбар (с) дуруд фиристода, чунин хитоб кард:

- Эй мардум! Шумо дар дунёе ҳастед, ки ногузир онро тарк хоҳед кард ва дар боқимондаи коре ҳастед, ки бешак, ба охир хоҳад расид. Пас дар ин чандрўза дунё ва дар ин муддати каму

кӯтоҳи умратон, бишитобед, то беҳтарин корҳоеро, ки аз дастатон бармеояд, анҷом диҳед. Бидонед, ки дунё фиреб аст. Мабодо фиребандае шуморо (ба итминони он ки Худо ғафур ва раҳим аст) фиреб диҳад ва аз ҷодаи ҳақ бадар барад. Аз гузаштагон панд ва ибрат гиред. Куҷоянд дилбохтагони дунё, ки дил ба дунё бастанд ва ба ҳаёти ҷовидонаи охират таваҷҷӯҳ накарданд. Онҳо дунёи худро обод карданд, вале аз он андаке баҳра гирифтанд? Оё намедонед, ки ин дунё буд, ки онҳоро аз худ дур афканд? Пас чӣ беҳтар, ки қабл аз он ки дунё шуморо дур афканад, шумо пешдастӣ кунед ва онро аз худ дур афканед ва ҷиддан толиби охират бошед. Худованд дар бораи ҳаёти дунё беҳтарин мисолро оварда, мефармояд:

﴿ وَٱضۡرِبۡ لَهُم مَّثَلَ ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَا كَمَآءٍ أَنزَلۡنَٰهُ مِنَ ٱلسَّمَآءِ فَٱخۡتَلَطَ بِهِۦ نَبَاتُ ٱلۡأَرۡضِ فَأَصۡبَحَ هَشِيمٗا تَذۡرُوهُ ٱلرِّيَٰحُۗ وَكَانَ ٱللَّهُ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ مُّقۡتَدِرًا ٤٥ ٱلۡمَالُ وَٱلۡبَنُونَ زِينَةُ ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَاۖ وَٱلۡبَٰقِيَٰتُ ٱلصَّٰلِحَٰتُ خَيۡرٌ عِندَ رَبِّكَ ثَوَابٗا وَخَيۡرٌ أَمَلٗا ٤٦ ﴾ الكهف: ٤٥ - ٤٦

Сухани Худо:

**«Барояшон зиндагии дунёро мисол ор, ки чун боронест, ки аз осмон фурӯд оварем ва бо он гиёҳони гуногун ба фаровонӣ бирӯяд. Ногоҳ хушк шавад ва бод ба ҳар сӯ парокандааш созад ва Худо бар ҳар коре тавоност! Дороиву фарзанд зебу зинатҳои ин зиндагонии дунёст ва кирдорҳои нек, ки ҳамвора барҷой мемонанд, назди Парвардигорат беҳтар ва умед бастан ба онҳо некӯтар аст».**[1]

Баъд аз он Усмон (р) ба сарлашкарон, имомҳои масоҷид ва посдорони байтулмол нома навишта, онҳоро амри маъруф ва наҳйи мункар кард ва тоъати Худову Расулашро хотиррасон кард ва тарки бидъатро тавсия дод. Дар маросими ҳаҷҷи ҳамонсола Усмон (р) Абдурраҳмон ибни Авф (р)-ро ба Макка фиристод ва ин ҳаҷ дар соли 24-уми ҳиҷрии қамарӣ анҷом

[1] Сураи Каҳф, оятҳои 45-46.

пазируфт. Баъд аз ин сол Усмон (р) даҳ сол пайваста ҳамчун халифа ҳамроҳи мусалмонон дар маросими ҳаҷ иштирок кард. Танҳо соли охири хилофаташ аз сабаби дар муҳосираи душманон гирифтор шуданаш, ба ҳаҷ рафта натавонист. Ин ҳодиса дар соли 35-уми ҳиҷрии қамарӣ ба вуқуъ пайваст ва Абдураҳмон ибни Аббос (р) ҳамроҳи мусалмонон ба ҳаҷ рафт.

Дар давраи хилофати Усмон (р) мусалмонон бо фазли Худо (ҷ) минтақаҳои зиёдеро фатҳ карданд ва ҳудуди давлати Исломӣ тавсиъа ёфта, машриқу мағрибро фаро гирифт ва барои одамон ростии фармудаи Худованди бузург ошкор шуд, ки дар каломи покаш гуфтааст:

﴿ وَعَدَ ٱللَّهُ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ مِنكُمْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ لَيَسْتَخْلِفَنَّهُمْ فِى ٱلْأَرْضِ كَمَا ٱسْتَخْلَفَ ٱلَّذِينَ مِن قَبْلِهِمْ وَلَيُمَكِّنَنَّ لَهُمْ دِينَهُمُ ٱلَّذِى ٱرْتَضَىٰ لَهُمْ وَلَيُبَدِّلَنَّهُم مِّنۢ بَعْدِ خَوْفِهِمْ أَمْنًا ۚ يَعْبُدُونَنِى لَا يُشْرِكُونَ بِى شَيْـًٔا ۚ وَمَن كَفَرَ بَعْدَ ذَٰلِكَ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْفَٰسِقُونَ ﴿٥٥﴾ ﴾ النور: ٥٥

Сухани Худо:

**«Худо ба касоне аз шумо, ки имон овардаанд ва корҳое шоиста кардаанд, ваъда дод, ки дар рӯи замин ҷонишини дигаронашон кунад, ҳамчуноне мардумеро, ки пеш аз онҳо буданд, ҷонишини дигарон кард. Ва динашонро, ки худ барояшон писандида аст, устувор созад. Ва ваҳшаташонро ба эминӣ бадал кунад. Маро мепарастанд ва ҳеҷ чизеро бо Ман шарик намекунанд. Ва онҳо, ки аз ин пас ношукрӣ кунанд, нофармонанд».**[1]

﴿ هُوَ ٱلَّذِىٓ أَرْسَلَ رَسُولَهُۥ بِٱلْهُدَىٰ وَدِينِ ٱلْحَقِّ لِيُظْهِرَهُۥ عَلَى ٱلدِّينِ كُلِّهِۦ وَلَوْ كَرِهَ ٱلْمُشْرِكُونَ ﴿٣٣﴾ ﴾ التوبة: ٣٣

Сухани Худо:

---

[1] Сураи Нур, ояти 55.

**«Ӯ касест, ки паёмбари худро барои ҳидояти мардум фиристод бо дине дурусту барҳақ, то ӯро бар ҳамаи динҳо пирӯз гардонад, ҳарчанд мушриконро хуш наёяд».**[1]

﴿ هُوَ ٱلَّذِىٓ أَرۡسَلَ رَسُولَهُۥ بِٱلۡهُدَىٰ وَدِينِ ٱلۡحَقِّ لِيُظۡهِرَهُۥ عَلَى ٱلدِّينِ كُلِّهِۦ وَلَوۡ كَرِهَ ٱلۡمُشۡرِكُونَ ٩ ﴾ الصف: ٩

Сухани Худо:

**«Ӯст он Худое ки паёмбари Худро ҳамроҳ бо ҳидоят ва дини ростин бифиристод, то ӯро бар ҳамаи динҳо пирӯз гардонад, ҳарчанд мушриконро нохушояд».**[2]

Инчунин Расули акрам (с) фармуданд:

*«Ҳар вақте ки Қайсар ҳалок шавад, баъд аз ӯ қайсар наояд ва ҳар гоҳе Кисро ҳалок шавад баъд аз ӯ кисро наояд. Қасам ба зоте, ки ҷони ман зери фармони Ӯст, бешубҳа, шумо хазинаҳои онҳоро дар роҳи Худо нафақа мекунед».*

Ин ҳама гуфтаҳо дар замони хилофати Усмон (р) амалӣ шуд ва мусалмонон чунон сарватманду бадавлат шуданд, ки ягон миллате дар рӯи замин чунин сарвату ғановат надошт.

Ҳасан (р) дар бораи даврони хилофати Усмон (р) мегӯяд:

*«Рӯзе набуд, ки байни мардум чизе аз мол ва ё ашё тақсим накунанд. Ба мардум гуфта мешуд, ки пагоҳ барои гирифтани ризқу рӯзиятон ҳозир шавед ва онро фаровон мегирифтанд. Рӯзе дигар барои гирифтани либос ҳозир мешуданд ва либоси зарбофт мегирифтанд. Хулоса, аз тамоми неъматҳо таъмин буданд ва амнияти комил таъмин шуда буд. Мусалмоне аз мусалмони дигар тарсу хавф надошт. Мисли бародар зиндагӣ мекарданд».*

Амирулмӯъминин - Усмон ибни Аффон (р) пеш аз барпо кардани намоз дар масҷид менишаст ва аз аҳволи мусалмонон пурсон мешуд.

---

[1] Сураи Тавба, ояти 33.

[2] Сураи Саф, ояти 9.

## Мусҳафи Усмонӣ

Ҳузайфа ибни Яман (р) дар баъзе ғазваҳо иштирок намуда, дар қироъати қориёни манотиқи гуногун ихтилоф ва нуқсон мушоҳида кард. Инҳо мардуме буданд, ки ба тозагӣ фавҷ-фавҷ дини Худоро пазируфтанд. Ҳузайфа (р) ба назди Усмон (р) шитофт ва ба эшон гуфт:

- Эй амирулмӯъминин, мусалмононро пеш аз оне, ки мисли насоро ва яҳуд дар китобашон ихтилоф кунанд, дарёб. Инро гуфта, ихтилофи мусалмононро дар қироъати Қуръон зикр кард.

Ҳазрати Усмон (р) зуд асҳоби Расули акрам (с)-ро ҷамъ карда, машварат орост. Онон ба хулосае омаданд, ки Қуръонро бо ҳарфи якхела бинависанд ва мардум дар минтақаҳои гуногун аз рӯи нусхаи ягона тиловат кунанд, то ки ихтилофи лафзӣ бартараф шавад. Ба ин ният Усмон (р) талаб кард, ки мусҳафе, ки бо супориши Абубакри Сиддиқ (р) Зайд ибни Собит (котиби ваҳйи Паёмбар (с)) ҷамъоварӣ карда буд, ҳозир карда шавад. Ин мусҳаф дар айёми зиндагонии Абубакри Сиддиқ (р) назди ӯ нигоҳ дошта мешуд. Баъди вафоташ ҳазрати Умар (р) нигаҳбони он шуд. Баъд аз шаҳодати ҳазрати Умар (р) китоб ба модари мӯъминон Ҳафса бинти Умар (р) дода шуд. Ҳазрати Усмон (р) мусҳафро дархост карда, гирифт ва Зайд ибни Собити Ансориро амр кард, ки аз ин мусҳафи эътимоднок истифода бурда, бо такя ба қориёни машҳур ва мувассақ, ба мисли Саъид ибни Оси Умавӣ, Абдуллоҳ ибни Зубайри Асадӣ ва Абдураҳмон ибни Ҳорис ибни Ҳишоми Махзумӣ (р), нусхабардорӣ кунад. Инчунин Усмон (р) ба онҳо амр кард, ки агар дар талаффузи ягон калима ихтилоф афтод ба лаҳҷаи Қурайш руҷӯъ кунанд.

Аз ин нусхаҳои бардошташуда як нусхагӣ ба Шом, Миср, Басра, Куфа, Маккаи мукаррама ва Яман фиристоданд ва як нусхаашро дар Мадинаи мунаввара  нигоҳ доштанд. Аз ин сабаб, ки ин мусҳафҳо бо амр ва зери сарпарастӣ ва назорати

Усмон (р) ва дар айёми хилофати ӯ нусхабардорӣ шуданд ба онҳо «*Мусҳафи Усмонӣ*» ном гузоштанд. Баъд аз ин мусҳафҳое, ки миёни мардум буд ва бо ин нусхаҳои мувассақ ихтилофе дошт, гирифта сӯзонида шуд, то ки сабаби ихтилоф нашаванд. Ҳамин тавр он нусхаҳои мувассақи каломи поки Аллоҳ то имрӯз мавриди баҳрабардории мусалмонон қарор доранд. Вақте Усмон ибни Аффон (р) ин кори бениҳоят муҳимро анҷом дод, саҳобаи гиромии Расули акрам (с) Абуҳурайра (р) ба наздаш ҳозир шуд ва ба ӯ гуфт:

- Кори дуруст кардӣ ва муваффақ ҳам шудӣ. Ман шоҳиди зиндаам ва аз Расули акрам (с) шунидам, ки мегуфтанд: «*Аз уммати ман ашхосе ки маро бениҳоят дӯст медоранд, касонеанд, ки баъд аз сари ман меоянд ва маро надида ба варақе, ки ба ман муаллақ аст, амал мекунанд*».

Абуҳурайра дар давоми суханаш гуфт:

- Ман пурсидам, ки бо кадом варақи муаллақ? То он даме, ки мусҳафҳоро дидам.

Алӣ ибни Абутолиб (к.в.) мегуфт:

«Эй мардум! *Дар ҳаққи Усмон (р) аз ҳад муболиға накунед. Мегӯед, ки мусҳафҳоро сӯзонд. Қасам ба Худо, ки Усмон (р) он мусҳафҳои ихтилофи лафзӣ доштаро дар ҳузури шумораи зиёди саҳобаҳои Муҳаммад (с) сӯзонд. Кошкӣ ман мисли ӯ рафтор мекардам*[1]».

## Ҷониби ҳамдами олӣ

Амиралмӯъминин Усмон (р) ҳар гоҳе аз назди қабре мегузашт, гирён мешуд, ба ҳадде, ки ришаш аз оби дида тар мешуд ва мегуфт:

*«Ман, ки байни ҷаннат ва дӯзах қарор дорам ва намедонам, ки ба кадоме аз онҳо дохил карда мешавам. Мехостам, ки як каф хок бошам, пеш аз оне, ки бидонам ба кадоме аз онҳо ворид мешавам».*

---

[1] Ибни Касир. «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (7/117-118).

Рӯзе ҳазрати Усмон (р) рӯзадор буд ва бо хушнудӣ ба ҳамсӯҳбатонаш рӯ оварда, хоби шаб дидаашро нақл карда, мегуфт:

- Расули акрам (с)-ро дар хоб дидам, ки Абубакру Умар (р) ҳамроҳаш буданд. Расули Худо ба ман гуфт: «*Эй Усмон (р), ҳамроҳи мо ифтор кун*[1]».

Баъд аз ин ӯ амр кард, ки барояш мусҳаф биёранд. Ӯ ба хондани сураи Бақара шурӯъ кард. Дар ҳамин ҳолат гурӯҳе аз мунофиқон хонаи Усмон (р)-ро иҳота карда, вориди он шуданд ва бисёрӣ ба ӯ зарба заданд. Усмон (р) мусҳафро дар бағал гирифт ва ба паҳлӯи чапаш такя карда, гуфт:

«*Пок аст Худованди бузург*!»

Ин суханро гуфта, ҷон ба ҳақ супорид ва Қуръони маҷид дар бараш буд. Қуръоне, ки онро комилан ҳифз карда, аз ихтилоф дар он пешгирӣ кард ва дар охир худро фидои он сохт.

Ҳазрати Усмон (р) мегуфт:

- Агар дилҳои мо пок шавад, аз каломи Аллоҳ ҳаргиз сер намешавем. Ман хуш надорам, ки рӯзе бар ман бигузарад ва ман он рӯз ба мусҳаф назар накарда бошам. Қотилони Усмон (р) шахсеро ба қатл расониданд, ки шаб нахобида Қуръонро дар як ракъат намоз хатм мекард, силаи раҳмро анҷом медод, ба гуруснагон хӯрок медод ва дармондагонро такягоҳ буд. Ҳодисаи қатли ҳазрати Усмон (р) шаби ҳаждаҳуми моҳи зулҳиҷҷаи соли 35-уми ҳиҷрии қамарӣ буд. Рӯҳи покаш ба сӯйи биҳишт, ки барояш омода гардида буд, ба парвоз даромад ва онро Расули акрам (с) ва ду ҳамнишинаш Абубакру Умар (р) пешвоз гирифтанд.

Халифаи сеюми росткор, Усмон ибни Аффон (р) дар оромгоҳи Бақеъ, дар маконе, ки ҳар гоҳ аз он ҷо Усмон (р) ҳангоми дар қайди ҳаёт буданаш мегузашт ва мегуфт:

«Ин ҷо марди солиҳе дафн карда мешавад».

---

[1] Ибни Касир. «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (7/182).

Ҳануз ҳамон вақт Усмон (р) он порчаи заминро харида, ба оромгоҳи Бақеъ зам карда буд. Худованд бо сабаби кӯшишҳои Усмон (р) уммати Расулашро аз парокандагӣ нигоҳ дошт. Баъд аз сари Усмон (р) мусалмонон зуд бо Алӣ ибни Абутолиб (р) байъат карданд ва ӯ кори хилофат ва ҷомеъаи мусалмононро ба низом даровард[1].

## Фазилатҳои Усмон ибни Аффон (р)

Ҳазрати Усмон (р) бо хислатҳои каримӣ ва шарму ҳаё ороста буд. Рӯзҳо кораш бахшиши мол ва рӯзадорӣ буд ва шабҳо шабхезию саҷдаи Худованди пок. Ӯ соҳиби фазилатҳои бешумор буд. Расули акрам (с) дар бораи ӯ гуфтааст: «*Паёмбаре нест, ки аз асҳобаш рафиқе дар ҷаннат надошта бошад. Ҳароина, Усмон ибни Аффон (р) рафиқи ман дар ҷаннат аст*».[2]

Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки Расули Худо Усмон (р)-ро ба оғуш гирифт ва гуфт: «*Ту дар дунё ва охират дӯсти ман ҳастӣ*»[3].

Инчунин Расули акрам (с) гуфт: «*Усмон боҳаётарин ва каримтарин (саховатмандтарин) уммати ман аст*»[4].

Аз модари мӯъмимнон Оиша (р) дар бораи Усмон (р) пурсиданд, ӯ фармуд:

- Қасам ба Худо, ки Усмон (р) дар назди Расули акрам (с) нишаста буд ва Расули Худо (с) пуштнокӣ ба ман такя зада буд ва ҳазрати Ҷабраил (а) ба Паёмбар (с) ваҳй нозил мекард. Паёмбар, ба Усмон (р) мегуфт:

«*Бинавис, эй Усмон*».

Баъд аз ин Оиша (р) афзуд:

«*Худованд ин мақомро танҳо ба шахсе муяссар мегардонад, ки дар назди худаш ва расулаш гиромӣ бошад*».[5]

Аз Абусаъид (р) ривоят аст, ки гуфтааст:

---

[1] Ибни Касир. «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (7/181-219).

[2] Ин ҳадисро Имом Аҳмад ривоят кардааст.

[3] Ибни Касир. «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (7/213).

[4] «Ҳиляту-л-авлиё» (1/56).

[5] Ибни Касир. «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (7/156-157).

- Расули акрам (с)-ро дидам, ки аз аввали шаб то дамидани субҳ даст бардошта, барои Усмон (р) дуъо карда, мегуфтанд: *«Худовандо, аз Усмон розиям, аз ӯ розӣ шав».*[1]

Расули акрам (с) ба ҷанозаи марде ҳозир шуд, то ки намози ҷанозаро гузорад, вале пеш аз намози ҷаноза он ҷоро тарк кард. Асҳоб пурсиданд:

- Эй Расули Худо (с), пеш аз ин надидем, ки ҷанозаеро тарк карда бошӣ.

Расули акрам (с) гуфтанд:

*«Ин мард Усмонро бад медид ва Худованди азза ва ҷалла ӯро бад дид».*

Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки дар мавриди ояти зерини каломи Аллоҳ чунин мегуфт:

﴿ أَمَّنۡ هُوَ قَٰنِتٌ ءَانَآءَ ٱلَّيۡلِ سَاجِدٗا وَقَآئِمٗا يَحۡذَرُ ٱلۡأٓخِرَةَ وَيَرۡجُواْ رَحۡمَةَ رَبِّهِۦۗ قُلۡ هَلۡ يَسۡتَوِي ٱلَّذِينَ يَعۡلَمُونَ وَٱلَّذِينَ لَا يَعۡلَمُونَۗ إِنَّمَا يَتَذَكَّرُ أُوْلُواْ ٱلۡأَلۡبَٰبِ ٩ ﴾ الزمر: ٩

Сухани Худо:

**«Оё он кас, ки дар ҳамаи соати шаб ба ибодат пардохта ё дар суҷуд аст ё дар қиём ва аз охират бимнок аст ва ба раҳмати Парвардигораш умедвор аст, бо он ки чунин нест, яксон аст? Бигӯ: «Оё онҳое, ки медонанд, бо онҳое, ки намедонанд, баробаранд?» Танҳо хирадмандон панд мегиранд».**[2]

- Ин оят ба ҳазрати Усмон (р) ишорат мекард.

Ҳазрати Алӣ ибни Абутолиб (к.в.) мегуфт:

*«Усмон (р) беҳтарини мо буд ва дар силаи раҳм пешдастарини мо буд. Ӯ дар покизагиву ҳаё ва парҳезгори беҳтарин ба шумор мерафт. Аз ҷумлаи касоне буд, ки имон оварда амали солеҳ анҷом*

---

[1] Ибни Касир. «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (7/209).

[2] Сураи Зумар, ояти 9.

*доданд, пас аз он парҳезгорӣ карда, имон оварданд, пас аз он парҳезгорӣ карда, накӯӣ карданд».*

## Васияти Зиннурайн

Ҳангоме Усмон (р) ба шаҳодат расид, хазинаашро тафтиш карда, аз он сандуқи сарбастае пайдо карданд. Сандуқро кушода, аз он варақеро гирифтанд, ки дар он чунин навиштаҷот буд:

*«Ин аст васияти Усмон ибни Аффон (р). Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон. Усмон ибни Аффон шоҳидӣ медиҳад, ки нест худое барҳақ магар Аллоҳ, яккаву ягона аст, шарике надорад ва шоҳидӣ медиҳам, ки Муҳаммад (с) банда ва Расули Худо аст ва шоҳидӣ медиҳам, ки Ҷаннат ҳақ аст ва дӯзах ҳақ аст. Ва шоҳидӣ медиҳам, ки Худованд мурдагонро рӯзи Қиёмат, ки дар омаданаш ҳеҷ шакке нест, зинда мегардонад. Ва шоҳидӣ медиҳам, ки Худованд ваъдаашро хилоф намекунад. Ва бо амри Худо зиндагӣ мекунем ва ба сӯйи Ӯ бозмегардем ва ба ҷониби Ӯ зинда гардонида мешавем, агар Худо хоҳад».*

# АЛӢ ИБНИ АБУТОЛИБ (К.В.)

*Байрақи ҳидоят, фотеҳи Хайбар ва домоди Паёмбари акрам (с).*
*(600-661 мелодӣ)*
*(23-сол қабл аз ҳиҷрат - 40 ҳиҷрӣ қамарӣ)*

**Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон**

## Насаби Алӣ ибни Абутолиб (к.в.)

Алӣ ибни Абутолиб ибни Ҳошим ибни Абдулманоф ибни Қусай Қурайшии Ҳошимӣ буда, ба кунияи Абулҳасан хитоб карда мешуд. Ӯ ба Расули акрам (с) писарамак, домод (шавҳари духтараш Фотимаи Заҳро (р)) ва падари Ҳасан (р) ва Ҳусайн (р) - наберагони гиромии Паёмбар (с) буд. Ҳазрати Алӣ (р) аввалин халифа аз бани Ҳошим ба ҳисоб мерафт ва аз миёни наврасон аввалин шахсе буд, ки Ислом овард. Падару модараш низ ҳошимӣ буданд.

Амирулмӯъминин Алӣ ибни Абутолиб (к.в.) халифаи чоруми рошидӣ, яке аз даҳ нафари ба ҷаннат башоратёфта, паҳлавони шуҷоъ, бузургтарин суханвар ва донишманди беназири илми балоғат ва қазоват буд. Падари ҳазрати Алӣ (к.в.) Абутолиб буд, ки бо кунияи Абдуманоф низ ном бурда мешуд. Модараш бошад, Фотима бинти Асад ибни Ҳошим ибни Абдуманоф буд. Модари ҳазрати Алӣ (к.в.) қабл аз ҳиҷрати Паёмбар (с) Исломро пазируфта, дар Маккаи мукаррама аз олам гузашт. Баъзе муаррихон зикр кардаанд, ки ӯ низ ҳиҷрат кардааст.

Ҳазрати Алӣ (к.в.) писари хурдии Абутолиб буд ва даҳ сол қабл аз зуҳури дини мубини Ислом дар Маккаи мукаррама ба дунё омадааст. Алӣ (к.в.) чеҳраи зебо дошт, чобукона роҳ мерафт ва шӯхтабиъат буд. Ҳазрати Алӣ (к.в.) дар тӯли умраш чаҳордаҳ писар ва нуздаҳ духтар дошт, ки номҳояшон чунин аст:

- Ҳасан, Ҳусайн, Зайнаби Кубро, Умми Кулсуми Кубро, ки модарашон ҳазрати Фотима бинти Расулуллоҳ (с) мебошад;

- Муҳаммади Акбар, ки модараш Хавла бинти Ҷаъфар ибни Қайс мебошад;

- Убайдуллоҳ ва Абубакр, модарашон Лайло бинти Масъуд мебошад;

- Аббоси Акбар, Усмон, Ҷаъфари акбар ва Абдуллоҳ, модарашон Умми Банин бинти Ҳизом мебошад;

- Муҳаммади Асғар, ки модараш каниз буд;

- Яҳё ва Авн, ки модарашон Асмо бинти Умайс мебошад;

- Умари Акбар ва Руқия, ки модарашон Умми Ҳабиб бинти Рабиъаи Тағлибӣ мебошад;

- Муҳаммади Авсат, ки модараш Умома бинти Абуъос ибни Рабеъ ибни Абдулъузо буд ва модари ӯ Зайнаб бинти расули Худо (с) буд ва модари Зайнаб бошад, Хадиҷа бинти Хувайлид аст.

- Уммул-Ҳасан ва Рамлату-л-Кубро, ки модарашон Умми Саъид бинти Урваи Сақафӣ мебошад;

- Умми Ҳонӣ, Маймуна, Зайнабу-с-Суғро, Фотима, Амома, Хадиҷа умму-л-Киром, Умми Салама, Умму Ҷаъфар, Ҷумона ва Нафиса духтарони ҳазрати Алӣ (к.в.) маҳсуб мешаванд. Ва фарзанди дигари ҳазрати Алӣ (к.в.), ки дар айёми тифлӣ аз олам даргузашт ҳанӯз ном гузошта нашуда буд ва модараш Муҳайт бинти Имрулқайс ибни Адӣ буд.

Ҳазрати Алӣ (к.в.) бардорандаи ливои Расулуллоҳ (с) ва аз ҷумлаи шахсоне, буд, ки дар рӯзи набарди Уҳуд, вақте ки мусалмонон шикаст хӯрда, пароканда шуданд, ҳамроҳи Расули Худо (с) побарҷо истод ва паймон баст, ки то дами марг Паёмбарро ҳамроҳӣ мекунад. Расули акрам (с) Алӣ (к.в.)-ро ҳамроҳи сад мард ба сӯйи бани Саъд, ки дар Фадак ном мавзеъ иқомат доштанд, фиристод. Ҳамроҳи онҳо яке аз байрақҳои муҳоҷирон буд, ки рӯзи фатҳи Макка онро бардошта мерафтанд. Ҳамчунин ҳазрати Алӣ (к.в.) бо амри Расули акрам (с) бо лашкари теъдодашон гуногун ба минтақаҳои қабоили Тай, сарзамини Яман баҳри даъват ба дини Худо сафарҳо мекард. Ҳазрати Алӣ (к.в.) дар тамоми муҳориба ва сафарҳо Расули Худо (с)-ро ҳамроҳӣ мекард. Ба ҷуз ғазваи Табук, ки дар

он ғазва бо амри Расули акрам (с) барои нигаҳбонии хонаводаи Паёмбар (с) дар Мадина бозистод.

Ҳангоми бастани муъоҳидаи сулҳи Ҳудайбия Расули акрам (с) ҳазрати Алӣ (к.в.)-ро даъват кард, то ки матни шартномаи миёни Ӯ ва Қурайшро бинависад. Расули акрам (с) ҳазрати Алӣ (к.в.)-ро дар соли нуҳуми ҳиҷрӣ ба Макка фиристод, то ки ба ҳоҷиёни хонаи Худо сураи «Бароат»-ро бихонад. Расули акрам (с) дар робита ба ин кор фармуданд: «*Барои иҷрои ин амр намеравад, магар шахсе, ки аз аҳли ман аст ва ман аз аҳли ӯ ҳастам*»[1].

Ҳазрати Алӣ (к.в.) котиби ваҳйи Паёмбар (с) ва яке аз чаҳор нафаре буданд, ки дар давраи дар қайди ҳаёт будани Расули акрам (с) Қуръонро ҷамъ карда буданд. Алӣ (к.в.) гуфта буд:

- Вақте ки Расули акрам (с) аз олам гузашт қасам ёд кардам, ки то Қуръонро ҷамъоварӣ накунам, ридоямро (ҷомаамро) аз танам намекашам. Ва чунин ҳам кардам. Алӣ (к.в.) аз Паёмбар (с) ҳадисҳои зиёд ривоят кардааст ва саҳобагони киром ва тобеъин дар бораи ӯ низ ривоятҳои зиёд кардаанд. Баъд аз вафоти Расули акрам (с) ҳазрати Алӣ (к.в.) дар ғусл додани тани муборакаш ширкат дошт ва бадани Расул (с)-ро ба синааш такя дода буд. Дар бадани мубораки Паёмбар (с) ягон чизе, ки одатан дар бадани мурдагон дида мешавад, мушоҳида намешуд. Аз ин рӯ ҳазрати Алӣ (к.в.) гуфт:

- Падару модарам фидоят, чӣ поку беолоиш аст зинда ва мурдаи ту. Алӣ (к.в.) шахсе буд, ки ба ҳазрати Умар (р) маслиҳат дод, ки соли ҳиҷрати Паёмбарро ибтидои санаи таърихи Ислом, муқаррар намояд. Ӯ яке аз шаш нафари аҳли Шӯро буд, ки ҳазрати Умар (р) қабл аз марг онҳоро ихтиёр карда буд, то ки бо машварат як нафарашонро амирулмӯъминин интихоб кунанд.

---

[1] Ибни Касир, «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (5/36-39).

Аввалин шахсе аст, ки илми наҳвро асос гузоштааст. Дар нигини ангуштаринаш суханони «**Аллоҳу-л-малик**» ҳаккокӣ шуда буд.

## Исломи Алӣ (к.в.)

Аз ҷумлаи неъматҳое, ки Худо (ҷ) ба ҳазрати Алӣ (к.в.) арзонӣ дошт, ин буд, ки ӯ қабл аз Ислом дар хонадони Расули акрам (с) тарбият гирифта, ба воя расид. Сабаб дар он буд, ки қабл аз зуҳури Ислом қабилаи Қурайш ба мушкилоти иқтисодӣ мувоҷеҳ шуд ва амаки Паёмбар (с) Абутолиб марди серфарзанд буд. Паёмбар (с) мушкилоти ӯро дида, ба амаки дигараш Аббос, ки сарватмандтарин марди бани Ҳошим буд гуфт:

- Эй Аббос, бародарат Абутолиб серфарзанд аст ва аҳволи мардумро нағз медонӣ. Бирав яке аз фарзандонашро сарпараст шав, то ки бори зиндагиаш сабуктар шавад.

Расули акрам (с) ба ин манзур Алӣ (к.в)-ро ба хонаи худ бурд. Чун Худованд ҳазрати Муҳаммад (с)-ро ба паёмбарӣ фиристод, он ҳангом Алӣ (р) даҳ сол дошт. Вақте Алӣ (к.в.) вориди хонаи Расули акрам (с) шуд, мушоҳида кард, ки Расули акрам (с) ҳамроҳи ҳамсараш Хадиҷа бинти Хувайлид (р) намоз мегузоранд. Инро дида ҳайрон шуд ва аз Паёмбар (с) пурсид:

- Эй Муҳаммад (с) ин чист? Расули акрам (с) дар ҷавоб гуфтанд: «*Ин дини баргузидаи Худост, барои интишори он расул фиристодааст. Ман туро ба сӯйи Худо ва ибодати Ӯ ва инкори бутҳо - Лоту Узо даъват мекунам*».

Ҳазрати Алӣ (к.в.) гуфт:

- Ин суханест, ки то ҳол назири онро нашунида будам, то ба падарам маслиҳат накунам, чизе гуфта наметавонам. Паёмбари Худо (с) дар он лаҳзаҳо намехост, ки сираш фош шавад, ба ин хотир ба Алӣ (к.в.) гуфтанд: «*Эй Алӣ, ин розро ба касе ифшо макун*».

Ин гуфтугӯ баъд аз як рӯзи рисолати Паёмбар (с) буд. Алӣ (к.в.) он шаб ба фикр фурӯ рафт ва гуфтаҳои Муҳаммад (с)-ро дар тарозӯи ақл бармекашид. Дар баҳри андеша ғутовар буд, ки Худованд синаашро фарох гардонд ва муҳаббати Исломро дар қалбаш афканд. Пагоҳии барвақт ба назди Паёмбар (с) шитофт ва Ислом овард. Алӣ (к.в.) чанд замоне аз хавфи падар сирашро паноҳ мекард. Ӯ аввалин марде буд, ки ҳамроҳи Паёмбар (с) намоз гузошт ва боре ҳам бутро парастиш накардааст.[1]

## Алии бутшикан

Рӯзе Алӣ (к.в.) ҳамроҳи Паёмбар (с) ҷониби Каъба раҳсипор шуданд. Паёмбар (с) ба ӯ гуфтанд:

- «Бинишин».

Баъд аз нишастани Алӣ Расули акрам (с) хост ба китфи Алӣ такя карда, ба болои баландӣ бароянд, вале ҳис кард, ки Алӣ тавони ин корро надорад. Аз ин лиҳоз ба Алӣ (к.в.) гуфт:

- «Ба китфони ман баро».

Алӣ (к.в.) ба китфони Расули акрам (с) баромад. Паёмбар (с) аз ҷояш баланд шуд. Алӣ (к.в.) кӯшиш кард, то ки бутеро, ки болои хонаи Каъба буд, ба даст бигирад. Паёмбар (с) ба ӯ гуфтанд:

«Бутро ба поён парто!». Алӣ бутро аз баландӣ ба замин ҳаво дод ва он пора-пора шуд. Баъд аз ин онҳо зуд аз он ҷо дур шуданд, то ки ба чашми мушрикон наафтанд.[2]

## Ҳиҷрат ба Мадина

Асҳоби Набӣ (с) ба Мадинаи мунаввара ҳиҷрат карданд. Расули акрам (с) дар Макка мунтазири амри Худо монд, то ки бо дастури Ӯ ба Мадина ҳиҷрат намояд. Мушрикони Қурайш

---

[1] Ибни Касир, «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя»(3/ 24-26).

[2] «Сифату-с-сафва» (1/ 96-97).

ором нанишаста, тори макр метаниданд, то ки Паёмбарро дар ҷойи хобаш нобуд созанд. Ҷабраили Амин (а) Паёмбарро огоҳ кард, ки шаб дар манзилаш нахобад. Паёмбар (с) ҳазрати Алиро талабида, ба ӯ гуфтанд: «*Дар бистари ман бихоб ва худатро бо ҷомаи сабзи ман пӯшон. Ба ту ҳаргиз осебе аз онҳо намерасад*». Баъд аз он афзуд:

- Қурайшиҳо туро дар ҷойи хоби ман дида, мунтазир мемонанд. Инро гуфта, Паёмбар (с) аз хона баромад. Мушриконе, ки дар паси дарвоза дар камин буданд, ӯро надиданд. Ҳазрати Алӣ (к.в.) дар бистари хоби Набӣ (с) дароз кашид. Мушрикон Алиро дар бистар дида, фикр карданд, ки Паёмбар (с) аст. Худованди азза ва ҷалла ба Ҷабраил ва Микоил амр кард, ки ба замин фуруд оянд ва ҳазрати Алӣ (к.в.)-ро ҳимоят кунанд. Ҷабраили амин (а) дар наздики сар ва Микоил (а) поёни пойи Алӣ (к.в.) қарор гирифтанд.

Ҷабраил (а) мегуфт:

- Ҳай, ҳай, кист, ки чунин фазилат насибаш шавад? Эй фарзанди Абутолиб, Худованд бо ту дар назди малоика ифтихор мекунад. Ҳазрати Алӣ (к.в.) ба ҳамин минвол се рӯз дар Макка боқӣ монд ва амонатҳое, ки Паёмбар (с) дастураш дода буд, баъд аз он ки ба соҳибонаш баргардонид, пинҳонӣ ба Мадина ҳиҷрат кард. Шабҳо роҳ мепаймуд ва рӯзона пинҳон мешуд, то ки аз дунболи Паёмбар (с) ба Мадина расид.

Вақте ки хабари омадани Алӣ (к.в.) ба Паёмбар (с) расид, гуфт, ки ӯро ба наздам даъват кунед. Дар ҷавоб хабар доданд, ки Алӣ (к.в.) роҳ рафта наметавонад. Паёмбар (с) худаш ба дидани Алӣ (к.в.) рафт. Вақте ки Паёмбар (с) пойҳои варамидаи Алиро дид гирён шуд. Паёмбар (с) ба дастонаш оби даҳони муборакашро гирифта, ба пойҳои хунолуди Алӣ (к.в.) молид ва дуъо карда, аз Худо шифо талабид. Баъд аз ин, Алӣ (к.в.) ҳаргиз аз дарди пой шикоят накард. Паёмбар (с) дасташро ба китфи

Алӣ (к.в.) гузошта ва ба ӯ гуфтанд: «*Ту дар дунё ва охират бародари ман ҳастӣ*»[1].

## Алӣ (к.в.) байрақи ҳидоят

Рӯзе аз рӯзҳо Расули акрам (с) ба асҳобаш гуфтанд: «Худованд дар хусуси Алӣ (к.в.) бо ман аҳде кард. Пас гуфтам, «Худоё, он аҳдро ба ман баён намо».

Худованд гуфт:

«**Алӣ байрақи ҳидоят, пешвои дӯстони Худо ва нури шахсоне аст, ки итоъати Маро ба ҷой меоранд. Алӣ ҳикматест, ки онро барои парҳезгорон лозим гардондам. Ҳар кӣ ӯро дӯст дорад, Маро дӯст доштааст ва ҳар ки ӯро душман гирад, Маро душман гирифтааст. Эй Расули Ман, ин башоратро ба Алӣ бирасон**».

Вақте ки Алӣ (к.в.) ба ҳузури Паёмбар (с) омад, Расули акрам (с) ин хабари хушро ба ӯ расонд. Алӣ (к.в.) бо миннатдорӣ ба Паёмбар (с) гуфт:

*«- Эй расули Худо (ҷ), ман бандаи Худо (ҷ) ҳастам ва зери тоъати Ӯям. Агар азобам кунад, пас ба сабаби кӯтоҳии ман аст ва агар он чиро, ки ба ман башорат додӣ, насибам гардонад, Худованд ба ҳоли ман донотар аст».*

Расули акрам (с) гуфтанд: «*Худовандо, дилашро пурнур гардон ва имонро баҳори он бисоз*». Худованд дуъои Расулашро пазируфт ва ба ӯ гуфтанд:

«**Ба ростӣ, чунин кардам**»[2].

## Издивоҷи Алӣ (к.в.)

Рӯзе ба назди Алӣ (к.в.) зане саросема омада, гуфт:

- Хабарат ҳаст, ки Фотима бинти Расулуллоҳ (с)-ро хостгорӣ карда истодаанд.

---

[1] . Ибни Касир. «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» «3/174, 177, 197, 227, 226).

[2] «Ҳиляту-л-авлиё» (1/ 96-97).

Алӣ (к.в.) дар ҷавоб гуфт:

- Не, хабар надорам.

Зан гуфт:

- Хостгорӣ карда истодааанд. Чаро ту ба назди Паёмбар (с) намеравӣ, то ки Фотимаро хостгор шавӣ. Паёмбар (с) ӯро ба ту ба занӣ медиҳад.

Алӣ (к.в.) гуфт:

- Чизе аз моли дунё надорам, ки Фотимаро никоҳ кунам.

Он зан паст наомад ва Алиро ба ҳадде ташвиқ кард, ки ӯ аз ҷой бархост ва ба ҳузури Паёмбар (с) ворид шуда, рӯ ба рӯяш нишаст, вале аз ҳайбати Паёмбар (с) маҷоли сухан гуфтан накард.

Расули акрам (с) бо лутф аз ӯ пурсиданд: «Чӣ мушкил туро ба омадан водор сохт?»

Алӣ (к.в.) хомӯш монд.

Паёмбар (с) мақсади ӯро пай бурда, гуфтанд: «Шояд ба мақсади хостгории Фотима омадӣ?»

Алӣ (к.в.) дар ҷавоб гуфт:

- Оре!

Паёмбар (с) гуфтанд: «Оё чизе дорӣ, ки маҳрияи Фотима (р) гардонӣ?»

Алӣ (к.в.) гуфт:

- Не, ба Худо қасам чизе надорам, эй Расули Худо.

Паёмбар (с) гуфтанд: «Зиреҳат куҷост? (*либоси ҷанги*)»

Алӣ (к.в.) дар ҷавоб гуфт:

- Зиреҳам дар хона, вале он беш аз чаҳор дирҳам арзиш надорад.

Паёмбари Худо гуфтанд: «Ҳамон чаҳор дирҳамро барои Фотима (р) фирист, ӯро ба ту ба занӣ медиҳам».

Алӣ (к.в.) бо ҳамин миқдор мол Фотима (р)-ро ба никоҳ даровард. Ин ҳодиса баъд аз як соли ҳиҷрат ба Мадина сурат гирифт. Расулуллоҳ (с) дар рӯзи никоҳ дар ҳаққи наварӯсон дуъо карда, гуфтанд: «*Худовандо, пайванди онҳоро муборак*

*гардон*»[1]. Баъд аз як соли ҳамхонагӣ ҳазрати Фотима (р) фарзанд ба дунё овард.

## Абутуроб

Рӯзе Алӣ (к.в.) ба назди Фотима (р) ворид шуд ва баъд аз чанд лаҳза аз хона баромад ва ба саҳни масҷид рафта, якпаҳлӯ дароз кашид. Пасон Расули акрам (с) ба назди духтараш омад ва аз ӯ пурсид:

- Писари амакат куҷост?

Фотима (р) ба падари бузургвораш гуфт:

- Ӯ дар саҳни масҷид хобидааст.

Расули акрам (с) ба назди Алӣ (к.в.) омада, дид, ки хобидааст ва ҷомааш аз пушташ ба замин афтода, баданаш хоколуд гаштааст. Расули акрам (с) бо меҳр аз пушти Алӣ (к.в.) хокро афшонд ва бо табассум гуфт: «Биншин, эй Абутуроб (яъне, эй марди хоколуд)». Барои ҳазрати Алӣ (к.в.) то дами марг ин ном маҳбубтарини номҳо буд[2].

## Шуҷоъати Алӣ (к.в.)

Алӣ (к.в.) дар шуҷоъат ва ҳунарҳои ҳарбӣ шахси номдор буд. Ӯ дар ғазваи Бадр, Уҳуд, Хандақ ва Байъати Ризвон ва дигар муҳорибаҳо ҳамроҳ бо Паёмбар (с) иштирок дошт, ба ҷуз ғазваи Табук, ки дар он Паёмбар (с) ӯро барои саробонии хонаводааш мукаллаф карда буд. Ӯ дар ин корзорҳо аз худ номи нек ва корнамоиҳои шоистаи таҳсин боқӣ гузошт. Расули акрам (с) борҳо байрақро ба дасти Алӣ (к.в.) медод.

## Ғазваи Бадр

Дар он рӯз Алӣ (к.в.) бо либоси сафедаш миёни ҳама маълум буд. Дар оғози муҳориба дар ҷанги якка ба якка Валид

[1] Ибни Касир. «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (3/342-347).

[2] . Ибни Касир. «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (7/336).

ибни Утбаи мушрикро нобуд кард ва бо ҳаракатҳои барқосои шамшераш сафҳои мушриконро пароканда сохт. Дар бораи муборизони дар ин муҳориба ширкатварзида Расули акрам (с) ба Умар ибни Хаттоб (р) гуфт: «Эй Умар, оё медонистӣ, ки Худованд бар аҳли Бадр гуфт: Ҳар он чи мехоҳед, бикунед».

## Ғазваи Уҳуд

Вақте мусалмонон шикаст хурда, пароканда шуданд, ҳазрати Алӣ (к.в.) ба ҷустуҷӯи Паёмбар (с) оғоз кард. Ӯро дар миёни зиндаҳо наёфт ва зуд кушташудагонро аз назар гузаронд. Миёни онҳо низ Паёмбар (с)-ро наёфт. Худ ба худ гуфт:

- Қасам ба Худо (ҷ), ки Паёмбар (с) фирор намекунад ва миёни куштагон низ нест. Худованд аз сабаби хатоҳои мо Расулашро аз миёни мо бардошт. Ягона роҳи наҷот он аст, ки то нафаси охирин бо душман меҷангам, то кушта шавам. Дар он муборизa шамшери Алӣ (к.в.) шикаст ва ӯ ба сӯйи гурӯҳе аз мусалмонон рафт, ки Расули акрам (с)-ро миёни онҳо дид. Паёмбар (с) байрақро ба дасти Алӣ (к.в.) дод, зеро байрақбардор Мусъаб ибни Умайр (р) ҳалок шуда буд. Дар он рӯз шонздаҳ ҷойи бадани Алӣ (к.в.) захмӣ шуд, ки ҳар кадоми ин зарбаҳо касро ба замин яксон мекард, вале ҳазрати Алӣ (к.в.)-ро Ҷабраили амин (а) бардошта, нигоҳ медошт[1].

## Ғазваи Аҳзоб

Баъзе саворагони мушрикон барои убур аз хандақе, ки Паёмбар (с) ҳамроҳи асҳоб дар атрофи Мадина канда буданд, тангно ҷустӯҷу мекарданд. Алӣ (к.в.) ҳамроҳи мусалмонон бо мушрикони савора рӯ ба рӯ омад ва пеши роҳашонро гирифт. Миёни саворагони мушрик Амр ибни Абдувуд буд, ки бо паҳлавонӣ миёни арабҳо машҳур ва аз ин лиҳоз ғурури зиёд дошт. Ӯ нописандона садо баланд кард:

[1] «Усуду-л-ғобба» (4/97-98).

- Кӣ бо ман меразмад?

Ҳазрати Алӣ (к.в.) омодаи баромадан шуд ва аз Паёмбар (с) иҷозат хост. Паёмбар (с) гуфтанд: «Ин Амр аст. Биншин».

Амр ибни Абдувуд бори дигар овоз баланд карда, мубориз ба худ муносиб хост. Касе ҷуръати баромадан накард. Амр аз ин мағруртар шуд ва ба таҳқири мусалмонон забон кушода гуфт:

- Куҷост ҷаннати шумо, ки мегӯед кушташудагонатон вориди он мешаванд. Оё ягон нафар бо ман меразмад?

Ҳазрати Алӣ (к.в.) ба Паёмбар (с) гуфт:

- Эй расули Худо, ман мебароям,.

Паёмбар (с) гуфтанд: «Баргард ба ҷоят».

Вақте ки Амр бори сеюм размандае талаб кард, ин дафъа низ Алӣ (к.в.) аз Паёмбар (с) изн хост. Паёмбари гиромӣ бо исрор гуфтанд: «Охир ин Амр аст»!

Алӣ (к.в.) бо боварӣ гуфт:

- Агарчи Амр ҳам бошад. Паёмбар (с) ин дафъа ба Алӣ (к.в.) иҷозат дод ва ӯ ба майдон баромад.

Амр нописандона пурсид:

- Ту кистӣ?

Гуфт: Алӣ ибни Абутолиб.

Амр гуфт:

- Эй писари бародарам, оё аз амакҳоят ягон нафари аз ту бузургсолтар нест. Ман намехоҳам, ки туро бикушам. Алӣ (к.в.) дар ҷавоб гуфт:

- Қасам ба Худо, ман мехоҳам, ки туро бикушам. Амр аз ин ҷавоби ҳазрати Алӣ (к.в.) дар ғазаб шуда, аз асп фуруд омад ва аз ғазаб ба рӯи аспаш зада, захмӣ кард. Баъд аз ин шамшерашро аз миён кашид ва он мисли оташпора дурахшид. Сипас ҷониби Алӣ раҳсипор шуд ва ба ӯ ҳамла кард. Алӣ (к.в.) далерона ҳамлаҳои ӯро рад кард ва ба гарданаш шамшер зада, корашро тамом кард ва бо хушнудӣ назди мусалмонон, ки садои такбирашон баланд гашта буд, баргашт ва бо сурур шеъреро бихонд, ки мазмунаш ин аст:

*«Аз беандешагӣ ва аблаҳӣ сангро мепарастид (Амр). Вале ман Худои Муҳаммадро ба хотири савоб мепарастам. Ҳаргиз гумон накунед, эй мардум, ки Худо динаш ва Расулашро хор мекарда бошад».*

## Фатҳи Хайбар

Хайбар шаҳри яҳудинишинест, ки дар ҷониби шимолии Мадинаи мунаввара воқеъ аст. Яҳудиён онро ба лонаи фитнаву дасиса ва макони тарҳрезии ҷангҳо мубаддал карда буданд. Ҳаминҳо буданд, ки гурӯҳҳои душманро бар зидди мусалмонон ба ситез оварданд ва Мадинаро муҳосира карданд.

Инчунин қабилаи бани Қурайзаро таҳрик карданд, ки дар натиҷа онҳо ба мусалмонон хиёнат карда, аҳдашонро шикастанд. Яҳудиёни Хайбар бо мунофиқон ҳампаймон гаштанд ва барои ҷанг бо Паёмбар (с) омодагӣ гирифтанд ва нақшаи нобуд кардани Паёмбар (с)-ро тарҳрезӣ карданд. Паёмбар (с) бо асҳобашон барои фатҳи Хайбар аз ҷониби Худо маъмур шуданд ва дар наздикии қалъаҳои Хайбар лашкаргоҳ таъйин карданд. Дар он шаб, ки қасди ҳамла ба қалъаро доштанд, Паёмбар (с) гуфтанд: *«Байрақро ба шахсе медиҳам, ки Худованд тавассути ӯ қалъаро фатҳ месозад ва он мард, Худо (ҷ) ва Расулашро дӯст медорад ва Худову Расулаш низ ӯро дӯст медоранд».* Ҳама асҳоб кӯшиш мекаранд, ки байрақи Паёмбарро ба дасти худ гиранд.

Паёмбар (с) гуфт: Алӣ ибни Абутолиб (к.в.) куҷост?

Гуфтанд: - Эй расули Худо (с) чашмонаш дард мекунанд.

Паёмбар (с) гуфтанд: «Ягон нафарро бифиристед, то ки Алиро ба наздам бихонад».

Алӣ (к.в.) ба ҳузури Паёмбар (с) омад. Ӯро дарди чашм азият медод. Расули акрам (с) оби даҳонашро ба чашмаш молид ва дуъо кард. Чашмони Алӣ (к.в.) шифо ёфтанд, гӯё пеш аз ин дард намекарданд. Паёмбар (с) парчамро ҳаракат дода, ба дасти Алӣ (к.в.) дод.

Алӣ (к.в.) гуфт:

*«Эй Паёмбари Худо, бо онҳо то даме, ки мусалмон нашаванд, мубориза мебарам».*

Паёмбар (с) гуфтанд: *«Пагоҳии барвақт, бе садо ба майдони назди қалъа бирав. Сипас онҳоро ба Ислом даъват намо. Агар Исломро бипазиранд ба онҳо бифаҳмон, ки масъулияташон дар назди Худо чист. Қасам ба Худо, эй Алӣ (к.в.), агар Худо ба сабаби даъвати ту як нафарро ҳам ба роҳи ҳақ ҳидоят намояд, барои ту аз фоидаи уштурҳои сурхмӯй дида беҳтар аст».*[1]

Ҳазрати Алӣ (к.в.) мувофиқи фармудаи Паёмбар (с) парчамро гирифта, бо суръат ба ҷониби қалъа равона шуд. Мусалмонон мегуфтанд, ки бо нармӣ ва меҳрубонӣ даъваташон намо. Ҳазрати Алӣ (к.в.) роҳашро давом дод ва ба наздикии қалъа расид. Он ҷо болои сангҳои калони кӯҳпайкар парчамро мустаҳкам кард, то ки партавфишонӣ кунад. Дар ҳамин лаҳза аз болои девори қалъа яҳудие баромада ҳазрати Алӣ (к.в.)-ро дида пурсид:

- Ту кистӣ?

Алӣ (к.в.) дар ҷавоб гуфт:

*«- Ман Алӣ ибни Абутолиб ҳастам».*

Яҳудӣ гуфт:

*«- Бо он чизе, ки ба Мӯсо (а) нозил шуда буд, мехоҳед олимақом шавед».*

Ҳазрати Алӣ (к.в.) яҳудиёнро ба Ислом даъват кард. Онҳо давъаташро рад карданд ва пешвояшон ба ҷанги Алӣ (к.в.) баромад. Ӯ дар сар тоскулоҳи ямонӣ ва дар даст шамшер дошт. Онҳо бар якдигар якчанд зарба радду бадал карданд. Ҳазрати Алӣ (к.в.) бо шуҷоъати ба худаш хос зарбае ба сари яҳудӣ зад ва ӯро ба хок яксон кард. Ин фатҳи азим тавассути шуҷоъати ҳазрати Алӣ (к.в.) ба мусалмонон муяссар гардид.

## Қиссаи Ҳотиб

[1] Ин ҳадисро Бухорӣ ривоят кардааст. «Ал-мағозӣ», ҷ.5, саҳ, 181.

Мушрикони Қурайш ва иттифоқчиёни онҳо паймони бо Расули акрам (с) бастаашонро шикастанд. Паёмбар (с) барои фатҳи Макка омодагӣ мегирифтанд. Ҳотиб ибни Абубалтаъа, ки яке аз саҳобагони Паёмбар (с) буд, номае ба аҳли Макка навишт ва онҳоро аз нақшаи мусалмонон огоҳ кардани шуда номаро тавассути зане ба Макка фиристодан хост. Он зан номаро дар сараш пинҳон кард ва ба сӯйи Макка ба роҳ баромад.

Худованд Расулашро аз ин сирри Ҳотиб огоҳ сохт. Паёмбар (с) Алӣ (к.в.) ва Зубайр ибни Аввом (р)-ро барои пайдо кардани он нома аз дунболи зан фиристод. Алӣ (к.в.) ва Зубайр (р) дар мавзеъе он занро дастгир карданд ва аз ӯ номаро талабиданд. Зан бо исрор талаби онҳоро рад кард ва кофтуковӣ бору буғчааш низ ягон самар надод.

Алӣ (к.в.) ба он зан гуфт:

*«- Қасам ба Худо (ҷ), ки Паёмбар (с) дурӯғ нагуфтааст ва намегӯяд ва мо низ дурӯғ намегӯем. Ё он номаро ба мо медиҳӣ ва ё мо то пайдо кардани нома ҷустуҷӯят мекунем».*

Зан ҷиддӣ будани сухани Алӣ (к.в.)-ро пай бурд ва номаро баровarda ба онҳо дод ва онҳо номаро ба Паёмбар (с) расониданд.

## Сафари Яман

Расули Худо (с) Алӣ ибни Абутолиб (к.в.)-ро ба Яман фиристод, то ки мардуми Яманро ба Ислом даъват намояд. Паёмбар (с) нома навишт ва онро ба Алӣ (к.в.) супорид, то ки онро ба мардуми қабилаи Ҳамдон бихонад. Вақте ки Алӣ (к.в.) ва ҳамроҳонаш ба наздикиҳои Яман расиданд, мардум овозаи онҳоро шунида, ба наздашон ҷамъ шуданд. Алӣ (к.в.) якҷоя бо ҳамроҳонаш намози бомдодро хонданд. Баъд аз намоз ҳазрати Алӣ (к.в.) мардуми ҷамъомадаро дар як саф кашонд ва дар назди онҳо истода Худоро ҳамду сано гуфт ва сипас номаи Паёмбар (с)-ро ба онҳо хонд. Дар он рӯз тамоми қавми Ҳамадон

Ислом оварданд. Алӣ (к.в.) ба Паёмбар (с) нома навишта, ин хушхабарро ба эшон маълум сохт.

Паёмбар (с) номаро гирифта хонда ва аз хушнудӣ саҷдаи шукр ба ҷо оварданд ва гуфтанд: «*Осоиш ба қавми Ҳамадон, осоиш ба қавми Ҳамадон*». Ба ҳамин минвол қабилаҳои дигари сарзамини Яман низ ба қавми Ҳамадон пайравӣ карда, Исломро қабул мекарданд.

## Обрӯи Алӣ (к.в.) дар назди Паёмбар (с)

Расули акрам (с) ба ғазваи Табук хориҷ шуданд ва Алиро барои сарпарастии аҳли хонаводаашон ҷойнишин таъйин карданд. Алӣ (к.в.), ки хоҳиши бо Паёмбар (с) рафтанро дошт, гуфт:

- Эй Паёмбари Худо (с) худатон меравед ва маро ин ҷо мегузоред?

Паёмбар (с) бо табассум ҷониби Алӣ (к.в.) нигоҳи пурмеҳр афканда ва ба ӯ гуфтанд: *«Оё розӣ намешавӣ, ки ба манзалаи Ҳорун (а) барои Мӯсо (а) бошӣ, магар ин ки баъд аз ман набӣ нест».*

Алӣ (к.в.) гуфт:

- Бале, мехоҳам эй расули Худо.

Паёмбар (с) гуфтанд:

«Чунин ҳам ҳаст».

Алӣ (к.в.) инро шунида, зуд ба қафо баргашт[1].

## Халифаи зоҳид

Боре Расули акрам (с) ба Алӣ (к.в.) гуфтанд:

*«Эй Алӣ (к.в.), ҳароина, Худованд туро бо хислате зинат додааст, ки дигар бандагонашро нададодааст ва он хислатро Худованд дӯст медорад. Ин хислат зуҳд (парҳезкорӣ) дар дунё мебошад. Худованд (ҷ) туро чунин офаридааст, ки ту аз дунё чизе намегирӣ ва дунё низ аз ту чизе намегирад. Инчунин ба ту муҳаббати*

---

[1] Ин ҳадисро Имом Муслим дар китоби «Фазоилу-с-саҳоба» ривоят кардааст.

*мискинонро ҳадя кардааст. Мардум аз пешвоии ту розӣ мешаванд ва ту аз пайравии онҳо розӣ мегардӣ. Хушӣ бод барои касоне, ки туро дӯст доштанд ва ба ту садоқат зоҳир карданд. Вой бар ҳоли ашхосе, ки бо ту кина варзиданд ва дар ҳаққи ту дурӯғ гуфтанд. Пас шахсоне, ки туро дӯст доштанд ва ба ту садоқат зоҳир карданд, онҳо дар хонаат ҳамсоягони туанд ва дар қасрат ҳамнишинони туанд. Аммо шахсоне, ки бо ту кина варзиданд ва дар ҳаққи ту дурӯғ гуфтанд, Худованд онҳоро рӯзи Қиёмат дар макони дурӯғгӯён мегузорад»*[1].

Вақте ки Алӣ ибни Абутолиб (к.в.) баъд аз шаҳодати Усмон (р) дар моҳи зулҳиҷҷаи соли 35-уми ҳиҷрии қамарӣ халифа интихоб шуд ва мардум бо ӯ байъат (аҳду паймон) карданд, зуҳду парҳезгорияш афзунтар гардид ва дар кори тақсими амвол пайрави Абубакри Сиддиқ (р) буд. Ҳар қадар моле, ки ба наздаш ворид мешуд, ҳамаашро садақа мекард. Дар байтулмол танҳо он миқдор мол боқӣ мемонд, ки аз тақсими он дар давоми ҳамон рӯз монда бошад. Ҳазрати Алӣ (к.в.) мегуфт:

- Эй дунё дигареро мағрури худ бисоз.

Баъд аз ин амр мекард, ки байтулмолро ҷорӯб бизананд ва он ҷо ду ракъат намоз гузорида, таманно мекард, ки рӯзи Қиёмат барояш шоҳидӣ бидиҳад. Ҳазрати Алӣ (к.в.) танҳо ба бозорҳо мебаромад. Ва одамони роҳгумкардаро роҳнамоӣ мекард, ба заъифон кӯмак мерасонд ва одамонро ба тақводорӣ, ростгӯи ва савдои мунсифона даъват мекард.

Рӯзе барои харидани либосе ба бозор баромад, вале бо худ пул надошт. Аз ин рӯ шамшерашро ба савдо гузошта, гуфт:

- Ки шамшерамро мехарад. Қасам ба он зоте, ки донаро аз замин мерӯёнад, басо вақтҳо бо ин шамшер аз расули Худо ҳимоят кардаам. Агар барои харидани пӯшок нақдинае медоштам, ҳаргиз шамшерамро ба савдо намегузоштам.

Дар ҳамин ҳол марде ба ӯ гуфт:

---

[1] «Усуду-л-ғобба» (4/101).

- Ман пули пӯшокро ба ту қарз медиҳам, эй амирулмӯъминин.

Ҳазрати Алӣ (к.в.) чаҳор дирҳам қарз гирифт ва ба назди фурӯшандае рафта, гуфт:

- Оё маро мешиносӣ?

Фурӯшанда гуфт:

- Оре, ту амирулмӯъминин ҳастӣ.

Алӣ (к.в.) он фурӯшандаро тарк кард ва ба назди дигараш рафта ҳамон суолро дод. Фурӯшанда гуфт:

- На, туро намешиносам.

Ҳазрати Алӣ (к.в.) аз ӯ либоси даркориашро ба қимати чаҳор дирҳам харида, пӯшид сипас гуфт:

- Ҳамду сано Худоро, ки Алӣ ибни Абутолибро либос пӯшонд. Аз ҳамин ҷиҳат буд, ки боре марде аз ҳокимони араб ба назди ӯ даромад ва гуфт:-

- Қасам ба Худо, эй амирулмӯъминин, ту хилофатро зинат додӣ, на хилофат туро ва ту онро баланд бардоштӣ, аммо хилофат туро бардошта натавонист (яъне, аз худ набурд). Хилофат эҳтиёҷ ба ту дорад, вале ту ба он ҳеҷ эҳтиёҷе надорӣ[1].

## Халифа ҳангоми қазоват

Алӣ ибни Абутолиб (к.в.) зиреҳи гумкардаашро назди марди насроние пайдо кард ва бо он мард барои даъво назди қозӣ Шурайҳ рафтанд. Алӣ (к.в.) ба қозӣ гуфт:

- Ин зиреҳ, (либоси оҳанини ҷанговарони қадим барои муҳофизат аз тиру шамшер) зиреҳи ман аст.

Қозӣ ба марди насронӣ гуфт:

- Ба ин гуфтаи амирулмӯъминин чӣ мегӯӣ?

Он мард гуфт:

- Зиреҳ, зиреҳи ман аст.

Шурайҳ ба ҳазрати Алӣ (к.в.) рӯ оварда гуфт:

---

[1] . Ибни Касир, «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (8/3-5).

- Ба ин гуфтаҳо ягон шоҳид дорӣ?

Ҳазрати Алӣ (к.в.) хандида, гуфт:

- Шурайҳ дар қазоват ба нишон расидӣ. Ман ягон шоҳид надорам.

Шурайҳ мувофиқи қонуни шаръ зиреҳро ба марди насронӣ дод. Он мард зиреҳро аз назди қозӣ Шурайҳ гирифта, берун шуд, вале лаҳзае нагузашта баргашта, гуфт:

- Ман гувоҳӣ медиҳам, ки ин ҳукм, ҳукми паёмбарона аст. Амирулмўъминин маро ба назди қозии худаш мебарад ва қозӣ бар зидди ў ҳукм мебарорад. Ман шаҳодат медиҳам, ки ҷуз Аллоҳ худои барҳақе нест ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва расули Худо (ҷ) аст.

Баъд аз ин ба ҳазрати Алӣ (к.в.) рўй оварда, гуфт:

- Ин зиреҳ, зиреҳи ту аст, эй амирулмўъминин, ман онро аз уштурат гирифтам, он рўзе, ки ту ба ҷанги Сиффин мерафтӣ. Ҳазрати Алӣ (к.в.) гуфт: Акнун, ки Ислом овардӣ, зиреҳ аз он туст[1].

## Дарбони илм

Дар тўли солҳои аввали нузули ваҳй ба Паёмбар (с) Алӣ ибни Абутолиб (к.в.) ҳамроҳи Паёмбар (с) буд ва нузули онро мушоҳида мекард ва аз дигарон пештар онро аз Расули акрам (с) мешунид ва гўшу қалбашро барои пазируфтани асрор ва нури ваҳй бахшида буд. Аз ин рў борҳо мегуфт:

- Аз ман бипурсед. Аз ман бипурсед. Қасам ба Худо (ҷ), аз он чӣ мепурсед огоҳатон мекунам. Маро аз китоби Худо (ҷ) суол кунед. Қасам ба Худо (ҷ), ягон оёте нест, ки намедониста бошам, ки шаб нозил шудааст ё рўз, дар кўҳ нозил шудааст ва ё дар ҳамворӣ[2]. Дар ин хусус Расули акрам (с) гуфтанд: «*Ман шаҳри*

[1] . Ибни Касир. «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (8/4-5).

[2] «Ал-исоба» (4/467).

*илм ҳастам ва Алӣ (к.в.) дари он аст. Пас ҳар ки илмро мехоҳад аз дари он ворид шавад*[1]».

Инчунин Паёмбар (с) дар бораи асҳобашон мегуфтанд: *«Донотарини онҳо дар масъалаи қазоват Алӣ ибни Абутолиб (к.в.) аст*[2]*».*

Ва беҳтарини уммат Абдуллоҳ ибни Аббос (р) ба мардум мегуфт:

- Қасам ба Худо (ҷ), ба Алӣ ибни Абутолиб (к.в.) аз даҳ нӯҳ ҳиссаи илмро дода шудааст.

Ҳазрати Умар (р) мегуфт:

- Агар Алӣ (к.в.) намебуд, Умар (р) ҳалок мешуд[3].

## Видоъ бо амрулмӯъминин

Рӯзе Паёмбар (с) ба Алӣ (к.в.) гуфтанд: «*Миёни аввалинҳо ва охиринҳо бадбахтаринашон кист*?»

Алӣ (к.в.) гуфт:

- Аллоҳ (ҷ) ва Расулаш донотаранд!

Пас, расули Худо (с) гуфтанд: «*Бадбахтарини аввалинҳо кушандаи уштур (уштури Солеҳ паёмбар) аст ва бадбахтарини охиринҳо касест, ки туро бо теғ мезанад*».

Инро гуфта Расули акрам (с) ба он ҷойи бадани Алӣ (к.в.) ишорат карданд, ки бо теғ зада мешавад. Ва ин шахси бадбахтарин Абдурраҳмон ибни Мулҷами Муродӣ ном дошт ва шахси малъун ва ҷиноятпеша буд. Миёни ҳамқавмонаш нафареро кушта, рӯ ба гурез ниҳод. Дар Куфа бо Шабиб ибни Ваҷараи Ашҷаъӣ вохӯрда ба ӯ гуфт, ки барои куштани Алӣ ибни Абутолиб (к.в.) омадааст. Шабибро ба ҳамкорӣ даъват кард. Шабиб даъвати ибни Мулҷами бадбахтро пазируфт. Онҳо шаби 17-уми моҳи мубораки Рамазон, наздикиҳои дамидани

---

[1] Ин ҳадисро Ҳоким ривоят кардааст.

[2] «Ал-истиъоб» (3/205).

[3] Ибни Касир. «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (7/360).

субҳ ба роҳ баромаданд ва дар назди маконе, ки амирулмӯъминин аз он ҷо берун меомад, камин гирифтанд.

Он субҳ Имом Ҳасан (р) назди падари бузургвораш ҳозир шуд. Ҳазрати Алӣ (к.в.) ба фарзанди ҷигарбандаш гуфт:

- Шабона аз хоб бархостам, то ки аҳли хонаводаро барои намози шаб бедор кунам. Дар ҷоям нишаста будам, ки чашмонам беихтиёр пӯшида шуд. Расули Худоро пешорӯи худ дидам, ки маро насиҳат мекард. Пас ба Паёмбар (с) гуфтам:

- Аз уммати ту душманӣ ва нофармонӣ надидам.

Паёмбар (с) ба ман гуфтанд: «Дар ҳаққашон дуъо намо».

Ман гуфтам:

- Худоё, барои ман аз онҳо беҳтарашро иваз намо. Ва барои онҳо аз ман бадтареро иваз намо.

Ҳамин вақт муаззин - Ибни Тайёҳ ворид шуда хабар дод, ки вақти намоз шудааст. Ҳасан (р) аз дасти падари бузургвораш гирифта дар бархостанаш кӯмак намуд. Ҳазрати Алӣ (к.в.) сӯйи масҷид равон шуд ва пеш-пеши ӯ Ибни Тайёҳ ва аз дунболаш Ҳасан (р) роҳ мерафтанд. Дар ҳамин асно селаи ғозҳои хонагӣ ба ҷониби ҳазрати Алӣ (к.в.) омада, доду фарёд карданд. Ҳазрати Ҳасан (р) ҳамроҳи Тайёҳ онҳоро ронданд. Алӣ (к.в.) гуфт:

- Бигзоредашон, онҳо навҳасароӣ мекунанд.

Вақте ки ҳазарти Алӣ (к.в.) аз хона берун шуд, чун ҳарвақта нидо кард:

- Эй мардум, намоз, намоз! Дар ҳамин лаҳза ду нафар аз рӯ ба рӯяш пайдо шуда, ба ӯ бо шамшерҳои заҳролуд ҳамла карданд. Амирулмӯъминин аз пой дарафтод. Мардум аз ҳар ҷониб он ду палидро давра гирифтанд. Шабиб аз миёни мардум фирор кард, аммо ибни Мулҷам дастгир шуда ва ба назди ҳазрати Алӣ (к.в.) бурда шуд. Ҳазрати Алӣ (к.в.) гуфт:

- Ин мард асир аст. Бо ӯ муъомилаи некӯ кунед ва шароити нигаҳдорияшро хуб созед. Агар ман зинда монам, ӯро мебахшам ва ё қатлаш мекунам ва агар аз дунё гузаштам. тарзе,

ки маро кушт, бикушедаш, аммо аз ҳад нагузаред, зеро Худо (ҷ) аз ҳад гузарандагонро дӯст намедорад.

Дере нагузашта Амр, ки табиби соҳибтаҷриба буд, ба назди ҳазрати Алӣ (к.в.) дохил шуд ва хоҳиш кард, ки сарашро кушояд, то ки захмро аз назар гузаронад. Баъд аз дидани ҷойи захм ба Алӣ (к.в.) гуфт:

- Хароше беш нест.

Ҳазрати Алӣ (к.в.) бо боварӣ ва оромии хотир гуфт:

- Ман шуморо танҳо мегузорам. Духтари ҳазрати Алӣ (к.в.) Умми Кулсум (ҳамсари Умар (р)) инро шунида, аз зери ҳиҷоб гирён шуд. Алӣ (к.в.) ӯро дида гуфт:

- Ором шав! Агар он чи ман мебинам, медидӣ, ҳаргиз гиря намекардӣ.

Амр гуфт:

- Эй амирулмӯъминин, чиро мебинӣ?

Алӣ (к.в.) гуфт:

- Малоикро, паёмбаронро ва ҳазрати Муҳаммад (с)-ро, ки мегӯяд: «*Эй Алӣ, башорат бидеҳ, ки ҷое, ки меоӣ, аз ҷое, ки дар он ҳастӣ, беҳтар аст*».

Ҷамъомадагон ба ҳазрати Алӣ (к.в.) гуфтанд:

- Оё ба ҷои худат ягон нафарро халифа таъйин намекунӣ?

Ҳазрати Алӣ (к.в.) гуфт:

- Паёмбар (с) касеро таъйин накард, ман низ ин корро намекунам. Агар Худо (ҷ) барои мардум некӣ бихоҳад, баъд аз сари ман онҳоро дар атрофи беҳтаринашон сарҷамъ мекунад, чуноне ки баъд аз даргузашти Паёмбар (с) дар атрофи беҳтаринамон сарҷамъ карда буд. Ҳазрати Алӣ (к.в.) соли 40-уми ҳиҷрӣ, шабе, ки аз моҳи Рамазон 11 рӯз боқӣ монда буд, дунёи фониро тарк кард. Хилофати ӯ чаҳор солу нӯҳ моҳ давом кард ва дар он рӯз 63 сол дошт. Баъд аз вафоти ҳазрати Алӣ (к.в.) Абдураҳмон ибни Мулҷами бадбахт аз зиндон берун оварда, қатл карда шуд. Баъд аз дафни ҳазрати Алӣ (к.в.) фарзандаш Ҳасан (р) миёни мардум хитоб кард:

*«Эй мардум, имшаб марде аз миёни шумо фавтид, ки касе аз пешиниён ва пасомадагон дар илм баробари ӯ набуданд. Расули Худо (с) ба ӯ парчам медод ва ҳамчун намояндаи худаш ба ҳар ҷо мефиристод. Ҷабраил (а) аз ҷониби рост ва Микоил (а) аз ҷониби чап ӯро ҳимоя мекарданд, то он даме, ки Худованд* (ҷ) *кушоиширо насибаш гардонд. Аз моли дунё тиллову нуқра ҷамъ намекард. Баъд аз вафоташ ҳафсад дирҳам боқӣ гузошт ва онро барои ҳоҷати аҳли хонавода сарф карданӣ буд»*[1].

## Васияти ҳазрати Алӣ (к.в.)

Ҳазрати Алӣ (к.в.) чанд дақиқа пеш аз вафоташ фарзандонашро даъват намуд, то ба онҳо васият кунад. Фарзандон бо сардории Ҳасан (р) ва Ҳусайн (р) ҳозир шуданд.

Ҳазрати Алӣ (к.в.) васият кард: «*Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон. Ин васиятест, ки Алӣ ибни Абутолиб (к.в.) мекунад. Шаҳодат медиҳам, ки ҷуз Аллоҳ худои барҳақ нест ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад (с) банда ва расули Аллоҳ (ҷ) аст. Худованд (ҷ) ӯро бо ҳидоят ва дини ҳақ фиристодааст, то ки онро бар болои ҳамаи динҳои дигар ғолиб гардонад, ҳарчанд мушриконро ин кор нописанд бошад. Ҳароина, намозам, роҳу равишам, зиндагонӣ ва мамотам аз барои Худованди оламиён аст, ки ҳеҷ шарике надорад ва ба ин кор амр шудаам ва ман мусалмонам.*

*Туро, эй Ҳасан (р) ва тамоми фарзандонам ва онҳоеро, ки мактубам ба онҳо мерасад ба тарси аз Худо (ҷ) васият мекунам ва мегӯям, ки ин дунёро тарк накунед, магар бо имони ба Худо (ҷ), ҳамагӣ ба ресмони Худо (ҷ) (дини Ислом) чанг бизанед ва пароканда нашавед. Ба хешовндонатон муносибати некӯ дошта бошед ва ба он силаи раҳм шуморо осон мегардонад. Аз Худо (ҷ) битарсед ва дар ҳаққи ятимон ғамхорӣ кунед ва нагузоред, ки онҳо зоеъ шаванд.*

*Аз Худо (ҷ) битарсед ва дар ҳаққи ҳамсоягонатон некӣ кунед. Ин васияти Паёмбари шумост, ки ҳамеша ба некӯӣ бо ҳамсоягон*

---

[1] Ибни Касир. «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (5/201).

*васият мекард, то ҳатто мо гумон мекардем, ки ҳамсоя аз ҳамсоя мерос мебарад.*

*Аз Худо (ҷ) битарсед ва ҳаққи Қуръонро риоя намоед, то ки ягон нафаре дар амал ба он аз шумо пешдастӣ накунад. Аз Худо (ҷ) битарсед ва намозро барпо бидоред, зеро он сутуни дини шумо аст. Аз Худо (ҷ) битарсед ва ҳаққи хонаи Худоро риоя намоед, то ки он аз шумо холӣ нагардад. Ҳароина, агар он тарк карда шавад, мӯҳлат дода намешавед (яъне, азоби Худо (ҷ) шуморо фаро мегирад).*

*Аз Худо (ҷ) битарсед ва моҳи Рамазонро гиромӣ бидоред. Ҳароина, рӯзаи моҳи шарифи Рамазон оташи дӯзахро нигоҳ медорад. Аз Худо (ҷ) битарсед ва дар роҳи Ӯ бо молу ҷонатон ҷиҳод кунед. Аз Худо битарсед ва ҳаққи саҳобагони Паёмбаратонро риоя намоед. Ҳароина, расули Худо (с) ба эҳтиром кардани онҳо васият кардааст. Аз Худо (ҷ) битарсед ва ҳаққи фақирону мискинонро риоя намоед ва дар маъошатон онҳоро шарик созед. Аз Худо битарсед ва ҳуқуқи канизонатонро поймол насозед, зеро охирин чизе, ки доир ба он Паёмбари Худо (с) сухан карданд. ҳамин аст, ки гуфт:*

*- Шуморо ба риояи ҳуқуқи ду заъиф васият мекунам: занонатон ва канизонатон.*

*Намозро, намозро барпо доред. Дар иҷрои амри Худо (ҷ) аз маломати маломаткунандагон наҳаросед. Худованд (ҷ) дар муқобили ашхосе, ки ба шумо душманӣ меварзанд, кифоя аст. Ба одамон сухани некӯ гӯед, ҳамчуноне, ки Худованд шуморо амр кардааст. Амри маъруф ва наҳй мункарро тарк накунед. Агар чунин кунед, ҳокимяти шумо ба дасти бадтаринатон меафтад, он гоҳ ба даргоҳи Худо (ҷ) дуъову зорӣ мекунед, вале дуъоятон қабули даргоҳи илоҳӣ намешавад. Дар корҳои некӯ ҳамдаст бошед ва дар корҳои гуноҳу душманӣ ҳамдастӣ накунед. Аз Худо (ҷ) битарсед, зеро Худо (ҷ) шадидулиқоб аст. Худованд (ҷ) шуморо нигаҳбон бошад, эй аҳли байт. Шуморо ба Худо месупорам ва ба шумо раҳмати Худоро хоҳонам».*

Вақте ки ҳазрати Алӣ (к.в.) аз васият ба фарзандонаш фориғ шуд, ҷуз калимаи тайиба, дигар чизе нагуфт ва Худованд (ҷ)

рӯҳашро қабз кард. Раҳмати Худо бар ӯ ва Худованд (ч) аз ӯ розӣ бод.

## Фазоили ҳазрати Алӣ (к.в.)

Ҳазрати Алӣ (к.в.) дорои фазилатҳои зиёд аст. Аз ин рӯ Имом Аҳмад (р) барои ӯ гуфтааст:

- *Дар бори ҳеҷ яке аз саҳобагон ба андозаи Алӣ (к.в.) ривоят ворид нашудааст. Аз ҷумла Худованд (ч) дар каломи покаш гуфтааст:*

﴿ وَقَرْنَ فِي بُيُوتِكُنَّ وَلَا تَبَرَّجْنَ تَبَرُّجَ ٱلْجَٰهِلِيَّةِ ٱلْأُولَىٰۖ وَأَقِمْنَ ٱلصَّلَوٰةَ وَءَاتِينَ ٱلزَّكَوٰةَ وَأَطِعْنَ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥٓۚ إِنَّمَا يُرِيدُ ٱللَّهُ لِيُذْهِبَ عَنكُمُ ٱلرِّجْسَ أَهْلَ ٱلْبَيْتِ وَيُطَهِّرَكُمْ تَطْهِيرًا ﴿٣٣﴾ ﴾ الأحزاب: ٣٣

Сухани Худо:

**«Ва дар хонаҳои худ бимонед. Ва чунонки дар замони пешини ҷоҳилият мекарданд, зинатҳои худро ошкор макунед. Ва намоз бигузоред ва закот бидиҳед ва аз Худову паёмбараш итоъат кунед. Эй аҳли байт, Худо мехоҳад палидиро аз шумо дур кунад ва шуморо пок нигоҳ дорад».**[1]

Инчунин Паёмбари Худо (с), Алӣ (к.в.), Фотима (р), Ҳусайн ва Ҳасанро даъват карда, ба эшон чунин гуфт:

*«Худовандо, инҳо аҳли байти ман ҳастанд, аз онҳо палидиро дур кун ва покашон бисоз».*

Ва боз Паёмбари Худо (с) гуфтанд: «*Малоика ба ман ва ба Алӣ ҳафт сол дуруд фиристоданд, зеро ҳамроҳи ман ғайр аз ӯ касе аз мардон намоз нагузошта буд».*

Инчунин Паёмбар (с) гуфтанд: «*Алӣ аз ман аст ва ман аз ӯям ва ӯ баъд аз ман дӯсти ҳамаи мӯъминон аст.*

---

[1] Сураи Аҳзоб, ояти 33.

Инчунин гуфтанд: «*Ҳар киро мавлояш бошам, пас Алӣ низ мавлои ӯст. Худовандо ҳар кас, ки бо ӯ дӯстӣ кунад, ӯро дӯст бигир ва ҳар кӣ бо ӯ душманӣ варзад, душманаш бигир*».

Умар ибни Хаттоб (р) гуфт:

- Эй Алӣ ибни Абутолиб (к.в.) бар ту муборак бод. аз ин рӯз дӯсти тамоми мӯъминон гаштӣ[1].

Паёмбар (с) ба ҳазрати Алӣ (к.в.) гуфтанд: «*Дӯст намедорад туро ба ҷуз мӯъмин ва кина меварзад бо ту магар мунофиқ*».

Ҷобир (р) мегуфт: - Мо мунофиқонро аз рӯи кинаварзиданашон бо Алӣ ибни Абутолиб (к.в.) мешинохтем»[2].

Расули акрам (с) гуфтанд: «*Ман макони ҳикмат ҳастам ва Алӣ (к.в.) дари он аст*».

Расули Худо (с) ба Алӣ (к.в.) гуфтанд: *Эй Алӣ, ҳафт хислат дорӣ, ки рӯзи Қиёмат касе дорои он нест ту аввалин мӯъмин ҳастӣ, қавитарини онҳо ба амри Худо ҳастӣ. Ва рауфтарини онҳо дар муносибат ба раъият ҳастӣ. Ва олимтарини онҳо дар қазоват ҳастӣ*». Инро гуфта Расули акрам (с) ба китфи Алӣ (к.в.) бо дасташон навозишкорона заданд.

Рӯзе Расули акрам (с) дар бораи амирии ҳазрати Алӣ (к.в.) гуфтанд: «*Ва агар Алиро амир интихоб кунед, ӯро роҳнамои росткор меёбед, ки шуморо ба роҳи рост мебарад*».

Инчунин рӯзе Расули акрам (с) фармуданд: «Ба назди ман сайиди арабро даъват кунед».

Модари мӯъминон Оиша (р) гуфт:

- Оё сайиди араб ту нестӣ?

Паёмбар (с) гуфтанд: «Ман сайиди фарзандони Одам ҳастам ва Алӣ сайиди араб ҳаст.

Ибни Аббос (р) гуфт:

- Алӣ (к.в.) чор хислате дорад, ки дигарон аз он маҳруманд: вай аввалин марди Араб ва Аҷам аст, ки ҳамроҳи расули Худо (с) намоз гузоштасст; Ӯ онест, ки парчами Расули акрам (с) дар

---

[1] «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (7/350).

[2] «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (7/359).

тамоми муборизаҳо ҳамроҳаш буд; Ӯ шахсе аст, ки рӯзе, ки ҳама фирор карданд ҳамроҳи Паёмбар (с) сабр намуд; Ва Ӯ шахсест, ки Паёмбар (с)-ро баъди вафоташ ғусл дода, ба хок гузошт.

Ибни Аббос (р) инчунин мегӯяд:

- Расули акрам (с) гуфтанд: «Худованд ҳеҷ ояте фуру нафиристод, ки дар он хитоби (эй ононе, ки имон овардаед) бошад, магар, ки Алӣ (к.в.) сарвар ва амири он аст[1]».

Ибни Аббос (р) дар тафсири ояти зерин чунин мегӯяд:

﴿ ٱلَّذِينَ يُنفِقُونَ أَمۡوَٰلَهُم بِٱلَّيۡلِ وَٱلنَّهَارِ سِرّٗا وَعَلَانِيَةٗ فَلَهُمۡ أَجۡرُهُمۡ عِندَ رَبِّهِمۡ وَلَا خَوۡفٌ عَلَيۡهِمۡ وَلَا هُمۡ يَحۡزَنُونَ ٢٧٤ ﴾ البقرة: ٢٧٤

Сухани Худо:

**«Онон, ки амволи хешро дар шабу рӯз, дар пинҳону ошкор сарф мекунанд, аҷрашон бо Парвардигорашон аст, на бимнок мешаванд ва на ғамгин»[2]**

Ин оят дар ҳаққи Алӣ ибни Абутолиб (к.в.) нозил шудааст, зеро ӯ чаҳор дирҳам дошт ва якеашро шабона, дуюмашро рӯзона, сеюмашро пинҳон аз чашми дигарон ва чаҳорумашро дар назди шоҳидон садақа кард[3].

Анас (р) мегӯяд:

- Ба Паёмбар (с) мурғи бирёне ҳадя карда шуд. Паёмбар (с) гуфтанд: «Худовандо дӯстдоштатарин бандаатро ба назди мо бирасон». Лаҳзае чанд Алӣ ибни Абутолиб (к.в.) ба назди Паёмбар (с) ҳозир шуд ва он мурғи бирёнро ҳамроҳ хӯрданд.

Ҳазрати Алӣ (к.в.) бо ифтихор мегӯяд:

*- Муҳаммади набӣ бародар ва падарарӯсам аст;*

*- Ҳамзаи сайидушшуҳадо амаки ман аст;*

*- Ҷаъфар, ки рӯҳаш ҳамроҳи малоика парвоз мекунад, фарзанди модарам аст;*

---

[1] «Ҳиляту-л-авлиё» (1/64).

[2] Сураи Бақара, ояти 274.

[3] «Усуду-л-ғобба» (4/104).

*- Духтари Муҳаммад (с) арӯси ман аст;*
*- Ва наберагони Аҳмад (р) фарзандони мананд;*
*- Дар қабули Ислом аз шумо сабқат кардам;*
*- Ҳамроҳи Паёмбар (с) аввалин шуда намоз гузоштам.*

# ТАЛҲА ИБНИ УБАЙДУЛЛОҲ (Р)

*Шаҳиди зинда ва ҳамсояи Паёмбар (с)*
*дар биҳишт.*
*(596-656 мелодӣ)*
*(28-сол қабл аз ҳиҷрат - 36 ҳиҷрӣ қамарӣ)*

**Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон**

## Насаби Талҳа (р) ибни Убайдуллоҳ

Талҳа ибни Убайдуллоҳ ибни Усмон ибни Амр ибни Каъб ибни Саъд ибни Тайм ибни Мураи Қурайшии Тамимии Маккӣ мебошад. Ва кунияааш Абумуҳаммад аст. Ҷавонмарди шуҷоъу бисёр сахӣ буд ва яке аз даҳгонаи башорат додашуда ба ҷаннат буда, ҳаштумин шахсиятест, ки дар дини Ислом дохил шудааст. Ба тангдастиаш нигоҳ накарда, бисёр сахию карим буд.

Талҳа писари Убайдуллоҳ (р) марди сиёҳҷурда буда, сермӯй ва хубрӯй буд. Ва дар роҳравиаш каме саросима буд. Талҳа (р) яке аз уламову ҳукамои Қурайш буд ва тиҷорати хубе дар Ироқ дошт ва касе набуд дар бани Тамим магар, ки ҳоҷаташро бароварда, дар дини Ислом барояшон вафогӣ мекард. Ӯ дар роҳи Худо (ҷ) азияти бисёре дида сипас ба Мадинаи мунаввара ҳиҷрат кард. Рафиқи Расули акрам (с) шуда рафоқаташро хуб анҷом дод ҳатто, ки Паёмбар (с) аз ӯ розиву хурсанд аз дунё гузашт. Ва дар ҳамин фикру андешаву ақида истимрор дошт, то ҷое ки ба Парвардигораш рӯ ба рӯ шуда, дар ҷое, ки ба номи Мавқиату-л-ҷамал аст, шаҳид гашта ва дар Басра дафн карда шудааст.

## Модараш

Саъба духтари Абдуллоҳи Ҳаҷрамӣ, хоҳари аълои писари Ҳаҷрамӣ (р) ва бибияш Отика духтари Ваҳб соҳиби рифодат дар Маккаи Мукаррама.

## Фарзандони Талҳа (р)

- **Муҳаммад ва Имрон**. Ва модарашон Ҳамна духтари Ҷаҳш ва бибияшон Умайма духтари Абдулмуталлиби писари Ҳошим. Ва ба ҳамин писари Муҳаммадаш кунията гузошта шуд ва ин Муҳаммади писарашро Саҷҷод (яъне, бисёр саҷдакунанда) лақаб монданд, барои ибодати бисёраш ва бисёр

ҷавони хайрхоҳу қаноъатманд ва обиди Худованд (ҷ) буданаш. Дар ҳаёти Паёмбари бузург (с) таваллуд ёфт ва Ӯ (с) Муҳаммад ном гузошташ ва дар Мавқиату-л-ҷамал ҳамроҳи падараш шаҳид карда шуд.

- **Мусо:** Модараш Хавла духтари Қаъқоъи писари Маъбад аз бани (қабилаи) Тамим аст ва Қаъқоъро дар саховатмандияш ба дарёи Фурот зарбулмасал мезананд.

- **Яъқуб:** Бисёр шуҷоъу далер буд, кушта шуд.

- **Исмоилу Исҳоқ:** Модарашон умми Кулсум духтари Абубакри Сиддиқ (р) мебошад.

- **Исо ва Яҳё:** Модари инҳо, Суъда духтари Авфи Муррӣ мебошад.

- **Умми Исҳоқ духтараш:** Ва ин духтарашро Имом Ҳасан (р) писари ҳазрати Алӣ (р) тазвиҷ намуд, пасон барояш писаре таваллуд кард бо номи Талҳа, баъд аз он вақте ки имом Ҳасан вафот кард занашро (умми Исҳоқро) бародараш Имом Ҳусейн (р) тазвиҷ кард, ва духтардор шуд бо номи Фотима ва модараш марази ҷарбо (бемориест, ки дар пӯст таъсири сахт мерасонад) буд, яъне ба ин беморӣ гирифтор шуда буд ва ин бемор модари Ҳориси духтари Қисома аз бани Той ҳам мебошад.

- **Саъба:** Модараш бошад умми валад аст (каниз).

- **Марям:** Модари ин ҳам умми валад аст.

- **Солиҳ:** Модараш Фаръа духтари Алӣ аз бани Тағлиб мебошад.

Талҳа ибни Убуйдуллоҳ ҳамагӣ 9 зан ва 12 фарзанд дошт, ки онҳо 9 писар ва 3 духтар буданд.

Талҳа писари Убайдуллоҳ дар ғазваи Уҳуд, Хандақ ва Ҳудайбия ширкат варзида, ва байъат намудааст байъати Ризвонро ва хуллас дар ҳамаи ғазваҳо ҳамроҳи Расул (с) иштирок намудааст. Ва дар ғазваи Уҳуд гирифтори балои бузург шуд. Паёмбар (с) худаш нигоҳбонияш карда, ба дасти муборакаш тирро ба сӯйи душманон андохт, ҳатто ки ангушти муборакаш аз кор монд. Ва вақте ба сари Талҳа (р) аз ҷониби

душман зарба афтод, Паёмбар (с) ӯро ба пушти муборакаш ҳамл намуда, болои як санги калон баровард. Ва ҳамчунон дар ғазваи Бадр низ Паёмбари гиромӣ (с) тир андохт ба сӯйи душманоне, ки дар рӯ ба рӯи Талҳа (р) буданд. Паёмбари бузург (с) дар як ҷамоъате, ки аз 9- нафар иборат буд ва ҳамроҳи Талҳа (р) даҳ нафар мешуданд амир таъин намуда фиристодаш ва Расул (с) фармуданд, ки нишонии шумо «гурӯҳи даҳнафара» аст. Ва Расул (с) дар рӯзи ғазваи Уҳуд Талҳаро Талҳаи хайр ном гузошт ва дар ғазваи «Соҳиби аъшира» бошад Талҳаи фаёз ном гузошташ ва дар рӯзи Ҳунайн низ Талҳату-л-ҷуд ном гузошташ. Ва дар ҳақиқат Талҳа (р) саховатманду ҷаводу карим буд.

Ва Талҳа (р) аз Паёмбари гиромӣ (с) сиву ҳашт ҳадис ривоят намудааст.

Вақте ки вафоти амирулъмӯъминин Умар ибни Хаттоб (р) даррасид, амри хилофат ба дасти шаш нафар гузошта шуд ва ин шаш нафар, ки номзадияшон барои хилофат буд, Паёмбари бузург (с) вақти вафоташ аз инҳо розӣ буд. Ва онҳо иборатанд: Усмон ибни Аффон, Алӣ ибни Абутолиб, Талҳа ибни Убайдуллоҳ, Зубайр ибни Аввом, Саъд ибни Абуваққос ва Абдураҳмон ибни Авф.

## Ислом овардани Талҳа (р)

Талҳа (р) ҳамроҳи қофилае аз қофилаҳои Қурайш ба тиҷорат ба сӯйи билоди Шом баромад, вақте ки қофилаашон ба шаҳри Бусро расид, ҳамвора дар бозори ин шаҳр ба хариду фӯруш пардохт. Вақте ки Талҳа (р) дар ин бозори калон ҳамроҳи дигар тоҷирон, барои хариду фурӯш ба ин тарафу он тараф мерафт роҳиберо шунид, ки мегуфт: аҳли Мавсимро суол кунед, оё ягон нафаре дар баини инҳо аз аҳли Ҳарам ҳаст? Пас Талҳа (р) ба назди ӯ рафт ва гуфт: бале ман аз аҳли Ҳарам ҳастам!!

Роҳиб гуфт: То ҳол Аҳмад дар шаҳри шумо набаромадааст?

Талҳа (р) таъаҷҷуб карда пурсид: Аҳмад кист?

Роҳиб гуфт, ки Аҳмади писари Абдуллоҳ писари Абдулмуталлибро дар назар дорам ва ин моҳест, ки бояд дар ин моҳ ба пайғамбарӣ мабъус шавад ва Ӯ (с) охирини анбиёст ва ҷои пайдоишаш Ҳарам (Макка) буда, ҷои ҳиҷраташ як замини саҳрои хурмозор (мурод Мадинаи мунаварра аст) мебошад, пас чӣ хуб мешуд, ки ба сӯи Ӯ (с) бозгашта, ва имон биёрӣ.

Роҳиб ҳазрати Талҳа (р)-ро ба имон овардани ба Паёмбар (с) тарғиб намуд. Ин сухани роҳиб дар дили Талҳа (р) ҷой гирифта, ба Маккаи мукаррама баргашт. Вақте ба Макка расид, мардумро савол карда гуфт:

- Оё ягон хабари наве ҳаст? Пас гуфтанд: Оре, Муҳаммад ибни Абдуллоҳ (с) ба паёмбарӣ мабъус шудааст ва ӯро Абубакр писари Абуқуҳофа (р) пайравӣ мекунад. Пас Талҳа (р) бо худ гуфт, ки Муҳаммад (с) ва Абубакр (р)? Қасам ба Худо (ҷ), ки ин ду нафар ҳеҷ гоҳ дар роҳи гумроҳӣ ҷамъ намешаванд. Пас Талҳа (р) рӯ ба сӯи хонаи Абубакр (р) карда, шитобон рафта дари хонаашро кӯбид ва ба назди ӯ даромада гуфт:

- Оё ту Муҳаммадро пайравӣ мекунӣ?!

Абубакри Сиддиқ (р) гуфт: «Оре, ту ҳам зуд рафта имон биёр. зеро, ки Ӯ (с) дар ҳақиқат ба сӯйи ҳақ даъват мекунад».

Ҳамин тавр, Абубакр (р) Талҳа (р)-ро дар Ислом оварданаш тарғиб менамуд ва сифату ахбори Паёмбари гироми (с)-ро ба ӯ қисса менамуд ва инчунин Талҳа (р) ба Абубакри Сиддиқ (р) гуфтаҳои роҳибро нисбати Расули акрам (с) қисса мекард. Пас Абубакр (р) ҳамроҳи Талҳа (р) ба назди Расули акрам (с) даромада, Ислом оварданашро ошкор кард ва суханони роҳибро ба Ӯ (с) гуфт ва Расули акрам (с) аз ӯ хурсанд гашт.

## Ду рафиқи қариб

Талҳа (р) бо вуҷуде, ки бузурги қавмаш буд ва тиҷорати вофир дошт боз ҳам барои Ислом оварданаш ва тарафдорияш

барои мусалмонҳо азияти бисёре дид. Вақте Навфал ибни Хувайлид ибни Адавия, ки ўро Шери Қурайш меномиданд, Абубакр ва Талҳа (р)-ро дид, ки аз хонаи Расули акрам (с) баромаданд, шитобон омада ҳар дуи онҳоро дошта, бо як ресмон сахт баст, то ки ҳардуи онҳоро аз намозу аз дини Ислом боз дорад, лекин «Қаринайн». яъне Абубакр ва Талҳа (р) ба азоби Навфал сабру тоқат карданду мақсади ўро напазируфтанд то ҳине ки ў аз ҳардуи онҳо ноумед шуда, онҳоро озод кард. Паёмбар (с) доим дуъо карда мегуфт: *«Эй бор Худоё, моро аз шарри Ибни Адавия эмин дор».*[1]

## Ба сўйи Мадинаи мунаввара

Расули акрам (с) ҳамроҳи Абубакри Сиддиқ (р) ба Мадинаи мунаварра ҳиҷрат кард ва дар ин вақт Талҳа (р) аз Шом бармегашт. Дар роҳ бо онҳо вохўрда ва ба ҳардуи онҳо либоси нав пўшонид, ки аз Шом оварда буд ва ба Паёмбар (с) хабар дод, ки мусалмонҳоеро, ки дар Мадина мебошанд аз онҳо хавотиранд. Паёмбари Худо (с) ҳамроҳи ҳамсафараш роҳашро босуръат ба тарафи Мадина давом дод ва Талҳа (р) бошад, ба сўйи Макка раҳсипор шуд. Вақте корҳои худро дар Макка анҷом дод, ба Мадинаи мунаварра ҳиҷрат намуд ва дар ин ҳиҷраташ аҳли хонадони Абубакр (р) ҳамроҳаш буданд. Вақте Талҳа (р) ба Мадина қадам гузошт, дар хонаи Асъад ибни Зурора истиқомат кард, ҳатто ки Расули акрам (с) хонаи нав барояш таъин намуд.[2]

## Ғазваи Бадр

Корвони қурайшиҳо, ки дар он молу сарвати зиёд буд ва аз Макка ба Шом барои тиҷорат мерафт, аз Паёмбар (с) ва саҳобагонаш раҳо ёфт. Чун вақти бозгашташон ба Макка қариб

---

[1] «Ат-табақоту-л-кубро» (3/161).

[2] «Ат-табақоту-л-кубро» (3/161,162).

шуд, Расули акрам (с) Талҳа ибни Убайдуллоҳ (р) ва Саъид ибни Зайд (р)-ро ба тарафи шимол фиристод, то ки хабари бозгаштани аҳли Маккаро аз Шом равшан кунанд. Вақте ки ин ду саҳобаи гиромӣ ба Ҳавроъ (номи маконест) расиданд ва бозгашти аҳли Маккаро аз тарафи Шом мунтазир шуданд, ҳатто ки Абусуфён ибни Ҳарб ҳамроҳи ъир (қофилае аз харҳо) аз наздашон гузашт. Ин ду саҳобаи гиромӣ шитобон ба Мадинаи мунаввара баргаштанд, то ки ба Расули акрам (с) ин хабарро расонанд. Лекин қабл аз ба Мадина расиданашон ин хабар ба Расули акрам (с) расида буд. Баъд аз он Расули акрам (с) ҳамроҳи асҳоб баромада, қофилаи Қурайшро ҷустуҷу карданд. Аммо Абусуфён ибни Ҳарб, ки эҳтиёткору пурҳазар буд ва аз ҳуҷуми мусалмонҳо метарсид, ба соҳили баҳр роҳ пеш гирифт ва барои Қурайш қосид (хабаррасон) фиристода, аз эҳтимоляти сар задани ҳамлаи мусалмонҳо болои қофила хабар дода, барои наҷоти корвон аз онҳо кӯмак хост.

Дар ҳамон рӯзе, ки лашкари мусалмонҳо ба лашкари мушрикон дар Бадр рӯ ба рӯ шуданд, Талҳа (р) ва Саъд (р) ба Мадина расиданд. Ва вақте аз ин ҳодиса огоҳ шуданд, шитобон аз Мадинаи мунаввара баромаданд, то ба назди Расули акрам (с) ва муҷоҳидин бирасанд, лекин, мутаассифона, баъди фориғ шудани мусалмонон аз ҷанги Бадр бо онҳо рӯ ба рӯ шуданд. Аллоҳ таъоло ба Муҳаммад (с) ва мусалмонҳо нусрату фатҳи хубе ато намуда буд. Талҳа ибни Убайдуллоҳ (р) ва Саъд ибни Зайд (р) ба ин нусрат хушнуд гаштанд ва дар баробари ин ҳамчунон аз ақиб монданашон аз ин маърака ғамнок шуданд. Паёмбар (с) бо ҳардуи инҳо оромиву итминонро ҳидоят фармуда гуфт: «Барои шумо низ савоби муҷоҳидони ин маърака насиб гаштааст». Ҳамчуноне ки ба иштирокчиёни ин маърака аз ғаниматҳои бадастоварда насиб гашта буд, барои ҳардуи онҳо низ насиб гашт.

Ҳамин тавр, Талҳа (р) ба хушнудии Худованд (ҷ) мушарраф гардид ва аз беҳтарини мардуми рӯи замин гашт.

Талҳа (р) доим мунтазир буд, ки як рӯзе ҳамроҳи Расули акрам (с) дар роҳи Худо (ҷ) бо душманони Худову Паёмбараш биҷангад. Ӯ шуҷоъву далер буд ҳамчуноне, ки қабл аз ҳиҷрат аҳли Макка ӯро мешинохт.

## Ғазваи Уҳуд

Аҳли Макка аз мағлуб шуданашон ва аз байн рафтани бузургонашон дар ҷанги Бадр дар оташи ғазаб месӯхтанд. Мушрикон беқарор буданд ва мехостанд, аз мусалмонҳо интиқом гиранд. Ҳатто ки мушрикони Қурайш осебрасидаҳоро аз гиря кардан барои мурдаҳояшон манъ мекарданд, то ки мусалмонон фикр накунанд, ки мушрикон аз талафи ёфтаашон андӯҳгинанд. Ва мушрикони аҳли Қурайш тасмим гирифтанд, ки ҳарбе (ҷанге)-ро зидди Паёмбари гиромӣ (с) ва асҳобаш барпо кунанд, ки ғазаби онҳоро фурӯ нишонад ва қусурашонро, ки дар дигар ғазваҳо ба онҳо расида буд, бароранд. Ҳамин тавр ҳарби тоҳини аламовар бар рӯйи замин давр мезаду давр мезад. Қабл аз оғози ҷанги Уҳуд Расули акрам (с) иддае аз тирандозонро дар болои кӯҳе қарор дода ба онҳо дастур дод, ки дар ҳолати ғалаба ва ё шикасти мусалмонҳо онҳо бояд ҳамин ҷо бимонанд ва аз ақибгоҳи мусалмонон дифоъ намоянд. Дар аввалин ҳамлае, ки байни мусалмонҳо ва мушрикини Қурайш сурат гирифт пирӯзӣ насиби мусалмонҳо гашт ва мушрикини шикастхӯрда рӯ ба гурез афтоданд. Мусалмонҳои масти зафар мушрикинро дунболагирӣ карда ва дар айни ҳол машғули ҷамъоварии ғаниматҳои ҷангӣ шуданд. Камонвароне, ки дар боли кӯҳ қарор доштанд, ин ҳолро дида дастури Расулуллоҳ (с)-ро аз хотир бароварданд ва мисли дигар мусалмонҳо хостанд ба ҷамъоварии ғаниматҳо машғул шаванд. Бо вуҷуди он ки амири тирандозон дастури ҳазрати Паёмбарро барояшон хотиррасон кард ба ҷуз иддаи каме қароргоҳро тарк карда ва машғули ҷамъоварии ғаниматҳо шуданд. Дар ҳамин вақт лашкари мушрикини Қурайш фурсати нодиреро пайдо карда ногаҳон аз

пушти сари мусалмонҳо ба ҳуҷум гузашта ва лиҷоми ҷангро ба дасти худ гирифтанд. Пеши ин ҳамлаи ғофилгиронаи лашкари мушрикинро мусалмонҳо дар ҳоле, ки сафҳояшон пароканда ва низомашон аз байн рафта буд, мехостанд бигиранд, вале ҳайҳот кор аз даст рафта буд ва мусалмонҳои шикастхӯрда дар ҳоли гурез қарор доштанд. Расулуллоҳ (с) ҳамроҳи дувоздаҳ тан аз ёронаш, ки ҳамаашон ба ҷуз Талҳа (р) аз ансори аҳли Мадина буданд барои дифоъ аз худ ва наҷот аз дасти мушрикини муҳоҷим, ки қасди ҳалоки Паёмбар (с) ва ёрони бовафояшро доштанд, ба тарафи кӯҳ паноҳ бурданд. Чун иддае аз мушрикини дунболагир ба Паёмбар (с) ва ёронаш наздик омаданд, Паёмбар (с) фармуданд: «ки ҳозир ҳаст, ки ҷоннисорӣ карда инҳоро аз мо дур кунад ва дар иваз рафиқи ҷаннатии ман бошад». Талҳа (р) гуфт: «ман ҳозирам эй расули Худо (с)». Расулуллоҳ (с) гуфт: «ту ҳастӣ, вале ман ғайри туро дар назар дорам». Марди ансорие омодагии худро эълон дошта ва дар муқобили мушрикини муҳоҷим ба ҳуҷум гузашт ва то охирин нафасаш ҷангид ва монеъи пешомадани онҳо шуд, то ин ки шаҳид гашт. Дар ин муддат Расулуллоҳ (с) ҳамроҳи ёронаш як миқдор болои кӯҳ баромаданд ва аз мушрикин дур шуданд. Чун мушрикин бори дигар ба мусалмонҳо наздик омаданд, Паёмбар (с) фармуд: «ин дафъа ҳарифи инҳо кист» боз Талҳа (р) омодагии худро эълом дошт ва аз Расулуллоҳ (с) ҳамон ҷавоби пештараро шунид. Марди дигаре аз ансор омодагиашро эълон дошт ва дар баробари мушрикин ба муқотала пардохт ва то шаҳид шуданаш ҷангид. Расулуллоҳ (с) ҳамроҳи ёронаш боло мебаромад ва ин манзара ҳамчунон такрор меёфт ҳатто ки аз ансор касе боқӣ намонд ва ҳамагӣ шаҳид шуданд. Чун Талҳа (р) бо расули Худо (с) танҳо монд аҳд кард, ки то ҷон дорад меҷангад ва то зиндааст намегузорад, ки ба расули Худо (с) зараре расад. Танҳо худаш мисли як лашкари том устувор истода ва мушрикини муҳоҷимро аз чапу рост шамшер мезад. Дар ҳамин вақт чашмаш ба Молик ибни Зуҳайри мушрик хурд,

ки ба сӯи Расулуллоҳ (с) тир андохт. Талҳа (р) ин тирро аз рӯйи расули Худо (с) бо дасташ дур кард. Найза ба ангушти хурди дасташ бархурда ва онро қатъ кард. Талҳа (р) аз шиддати дард «ҳассӣ, ҳассӣ» гуфт ва ин калимае аст, ки арабҳо дар вақти дарду алами сахт расидан мегуянд. Расули Худо (с) фармуданд: «эй Талҳа (р) агар ба ҷойи «ҳассӣ» «бисмиллоҳ» мегуфтӣ фариштаҳо туро он чунон баланд мебардоштанд, ки мардум туро медиданд, ҳатто ки ба осмон мебардоштандат».

## Шаҳиди зинда

Барои ба даст овардани Паёмбар (с) ва асҳобаш мушрикин аз ҳама гуна силоҳои дар даст доштаашон истифода карданд, тир андохтанд, шамшер заданд ҳатто ки Ӯ (с) ва Талҳа (р)-ро бо сангпораҳо мезаданд, пас сангпорае ба чеҳраи муборакаш расид ва лабҳои муборакашро хуншор кард ва ду дандони пешашро шикаст. Пас он хун ба рӯи муборакаш ҷорӣ шуда, машаққату ранҷурӣ фаро гирифташ. Талҳа (р) бошад, ҷароҳати вазнине ба сараш расид, ба ин нигоҳ накарда, пуштибониву дифоъи Расули Худоро мекард. Ҷоннисорӣ намуда, худро дар дами шамшерҳои мушрикон мегузошту Паёмбари гиромӣ (с)-ро дифоъ менамуд, ҳатто ки ба тамоми баданаш бистучаҳор ҷароҳати вазнин расид. Лекин Талҳа (р) ба ҳамаи инҳо нигоҳ накарда, тоқат мекард ва Расули акрам (с)-ро бардошта, болои кӯҳ мерафт. Ҳар вақто яке аз мушрикон ба сӯяш ҳамла мекард, ӯро мекушт, то ки Паёмбар (с)-ро ба болои кӯҳ бурда расонид. Ва Расули акрам (с) мехост, ки болои санги бузурге ором гирад, аммо аз шиддати дарди ҷароҳате, ки мушрикон бар бадани муборакашон расонида буданд наметавонист қарор бигирад. Дар ин вақт Талҳа (р) давида, барои болои санг баромадани Расули акрам (с) кӯмак расонд. Паёмбар (с) дар ҳоле, ки ӯро мужда медод гуфт: «Талҳа (р) ин рӯзро ба номи худаш монд» пасон бо дасти муборакаш ба сӯи пушташ ишора карда гуфт: «ин Ҷабраил (а) аст ва хабар дода истодааст маро ба ин ки туро

аз тамоми сахтиҳои рӯзи қиёмат ба изни Худованд (ҷ) наҷот хоҳад дод». Ҳазрати Талҳа (р) корашро ба дин минвол идома дода хатар ва зарари мушрикинро аз Паёмбар (с) дур кард. Ҳазрати Абубакри Сиддиқ (р) мегуяд: ман ва Абуубайда ибни Ҷарроҳ (р) аз Паёмбар (с) дур будем, чун ба наздашон расидем ва хостам захмҳояшро мудово кунам гуфт: «маро бигзоред ва ба кӯмаки бародаратон Талҳа (р) бишитобед». Пас аз аз фориғ шуданамон аз Паёмбар (с) чун ба назди Талҳа (р) рафтем дидем, ки хун аз захмҳояш фаввора мезанад ва беҳол афтодааст. Пас захмҳояшро ҷароҳатбандӣ кардем ва ҳисоб карда дидем, ки захмҳои аз зарби найза ва шамшер бар баданаш расида беш аз ҳафтодто аст. Баъд аз он Расули акрам (с) ба тарафи асҳоби гиромиаш назар карда фармуданд: «касе дӯст дорад дидани шаҳидеро, ки дар рӯи замин роҳ меравад, пас бар рӯи Талҳа ибни Убайдуллоҳ (р) назар кунад». Оиша (р) мегуяд: «падарам Абубакри Сиддиқ (р) ҳар вақт ғазваи Уҳудро ба хотир меовард мегуфт: он рӯз ҳамааш барои Талҳа (р) аст».

## Мардони содиқ

Вақте расули Худо (с) аз ҷанги Уҳуд баргашт, ба минбар баромада ҳамду санои Худовандро гуфт, сипас қавли Ҳақ таъолоро хонд:

﴿مِّنَ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ رِجَالٞ صَدَقُواْ مَا عَٰهَدُواْ ٱللَّهَ عَلَيۡهِۖ فَمِنۡهُم مَّن قَضَىٰ نَحۡبَهُۥ وَمِنۡهُم مَّن يَنتَظِرُۖ وَمَا بَدَّلُواْ تَبۡدِيلٗا ٢٣﴾ الأحزاب: ٢٣

Сухани Худо:

**«Аз мӯъминон мардоне ҳастанд, ки ба паймоне, ки ба Худо баста буданд, вафо карданд. Баъзе бар сари паймони хеш ҷон бохтанд ва баъзе чашм ба роҳанд ва ҳеҷ паймони худ дигаргун накардаанд».**[1]

---

[1] Сураи Аҳзоб, ояти 23.

Як марди бодиянишин аз ҷояш бархост ва гуфт: кист ҳамон мард, ки ҷонашро дар роҳи Худо (ҷ) назр кардааст? Расули акрам (с) посух надоданд. Боз се бори дигар пурсид. Вақте Расули акрам (с) Талҳа (р)-ро, ки либоси сабз бар тан дошт, дар рӯ ба рӯйи худ дид, гуфт: «Пурсанда куҷост?» Аъробӣ гуфт: манам, эй расули Худо (с).

Пас Расули Худо (с) ба сӯйи Талҳа (р) ишора карда гуфт: «*Ҳамин мард аз ҷумлаи шахсонест, ки ҷонашро дар роҳи Худо (ҷ) назр кардааст*».

Дар рӯзи ғазваи Уҳуд ин шеърро барои Талҳа (р) мехонданд:

*Ва Талҳа (р) азиз дошт Муҳаммадро дар байни ду кӯҳ,*
*Дар вақте ки ба ӯ тангӣ пеш омаду роҳ баста шуд.*
*Ба ҳар ду кафи дасташ дур кард аз ӯ найзаро,*
*Ки ангуштҳояш зери найза монда, қатъу шикаста шуд.*
*Баъди Муҳаммад (с) гашт пешвою раҳбари мардум,*
*Садри Исломро қарор дод, то қарор гирифта шуд.*

## Ҷазои мунофиқҳо

Дар соли нуҳуми ҳиҷрии набавӣ, ахборе ба сӯйи Мадинаи мунаввара расид, ки Рум омодагӣ гирифтааст, ки бо мақсади маҳв кардани дини Ислом зидди мусалмонҳо ҷанг кунад.

Расули акрам (с) тасмим гирифт, ки бар зидди онҳо дар кишварашон ҷанг карда шавад ва имкон надиҳанд, ки онҳо ба сарзамини исломӣ дароянд. Пас асҳоби кироманшро амр кард, ки ба ҷанг омодагӣ гиранд. Ба аҳли Макка ва қабилаҳои араб расул фиристода, онҳоро бар ҷиҳод ва инфоқ дар роҳи Худо (ҷ). тарғиб менамуд.

Дар ин вақт ба Расули акрам (с) хабар расид, ки ҷамъе аз мунофиқҳо дар хонаи Сувайлими Яҳудӣ ҷамъ шуданд ва мардумро аз баромадан ҳамроҳи Расули акрам (с) дар ғазваи Табук манъ мекунанд, пас Паёмбар (с) Талҳа (р)-ро ҳамроҳи гурӯҳе аз асҳобаш амр кард, ки рафта хонаи Сувайлими Яҳудиро оташ зананд. Ин дастури Расули акрам (с)-ро Талҳа (р)

ҳамроҳи рафиқонаш анҷом доданд. Вақте ки мунофиқҳо шӯълаи оташро дар хона диданд, баромада гурехтанд.[1]

## Талҳаи файёз

Баъди ғазваи Бадр, Талҳа (р) ақибнишинӣ накарда, балки дар ҳамаи набардҳо ҳамроҳи Расули акрам (с) иштирок мекард. Дар ғазваи Аҳзоб низ ширкат намуда, яке аз шуҷоътарини мусалмонон дар ин ҷанг буд. Дар байни мусалмонон машҳуртарин қаҳрамон буд. Ҳамчунин дар байъати Ризвон ҳузур дошт. Дар рӯзи ғазваи Табук моли бисёре овард ва ба мусалмонон дод ва дар роҳи Худо (ҷ) бо нафсаш ва молаш ҷиҳод кард. Талҳа (р) вақте ки ҳаққи Парвардигорашро адо менамуд, боз ба тиҷорати молаш машғул мешуд. Дар ҳамаи аъмолаш комёб буд. Яке аз сарватмандтарин мусалмонҳо буд ва молу амволи зиёде дошт ва аз ин молу сарваташ дар роҳи Худо (ҷ) ба ғайри ҳисоб сарф мекард. Талҳа (р) доимо ин суханонро такрор мекард: «*Ба таҳқиқ камтарин айб барои мард ин аст, ки ҳамеша дар хонааш бинишинад*».

Боре Талҳа (р) ҳамроҳи Расули акрам (с) дар яке ғазваҳо баромад. Дар он ҷо дар доманаи як кӯҳ чоҳеро харид ва шутуреро забҳ карда, мардумро обу таъом дод. Расули акрам (с) барояш гуфт: «*Ту Талҳаи файёз ҳастӣ*», яъне, бисёр сахиву бо файз ҳастӣ.

## Талҳаи сахӣ

Талҳа (р) дар дунёи саховатмандӣ яке аз бузургтарин сахиён ба шумор мерафт ва ӯро барои саховатмандияш зарбулмасал қарор медоданд.

Рӯзе Талҳа (р) бетобу парешонхотир назди ҳамсари худ Суъда духтари Авфи Мурайя даромад. Суъда ба ҳамсараш Талҳа (р) гуфт:

---

[1] «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (5\3,4).

- Чаро ки ғазаболуд мебинамат?! Оё туро аз ман чизе нороҳат месозад, бигӯй то осудаат гардонам?!.

Пас Талҳа (р) барояш гуфт:

«Не қасам ба Худо, ҳароина ту беҳтарин ва дӯсттарин фарзанди мусалмон ҳастӣ».

Боз пурсидаш: Ҳолат чӣ тавр аст?!

Талҳа (р) барояш гуфт: «Моле, ки назди ман аст бисёр шудааст, чӣ карданамро намедонам!!»

Сипас зани солеҳааш барояш гуфт:

- Чӣ сарсону саргардон ҳастӣ? Тақсимаш кун.

Пасон Талҳа (р) моли худро бар қавму хешовандонаш тақсим намуд, ҳатто ки як дирҳам барои худаш боқӣ намонд. Вақте хазинадорашро пурсиданд, ки чӣ миқдор молро ин шаб нафақа дод?

Гуфт: чаҳорсад ҳазор дирҳамро дар ин шаб тақсим кард.

Дар як рӯзи дигар Талҳа (р) заминашро ба ҳазрати Усмон (р) ба маблағи ҳафсад ҳазор дирҳам фурӯхт. Вақте ки ин маблағро ба дасти худ гирифта, ба хонааш омад, худ ба худ чунин гуфт: «Ба таҳқиқ марде бо ин миқдор маблағ шабро рӯз намуда, намедонад, ки Аллоҳ таъоло фардо барои ӯ чӣ амрро раво мебинад, ба Худо қасам, ки ин мағрурист». Чунин андешида пасон дар кӯчаҳои Мадина баромад ва барои қавмаш ба тақсим кардани молаш шуруъ кард, баъд аз он ба фуқарои муҳоҷирин ва ансор, ҳатто ки вақти саҳар шуд ва билохира ҳамаи ин маблағро ба хешу ақрабо ва мӯҳтоҷон тақсим намуд, ҳатто ки як дирҳам низ боқӣ намонд.

Даромади Талҳа (р) аз тарафи Ироқ дар ҳудуди чаҳорсад ҳазор ва ё панҷсад ҳазор динор буд ва аз Суррот (номи маконест) дар ҳудуди даҳ ҳазор  динор буд ва инчунин аз водиҳои Мадинаи мунаввара даромаде ба ӯ (р) мерасид.

Талҳа (р) беҳтарин марде буд аз рӯи некӣ ба аҳлу ақрабояш, пас ягон фақире набуд аз бани Тамим магар, ки ҳоҷаташ ва ҳоҷати аҳлу аёлашро мебаровард ва бе зану бе шавҳарҳои ин

қабиларо хонадор (тазвиҷ) мекард, низ ба камбағалҳояшон кӯмак менамуд ва инчунин қарзҳои қарздорҳояшонро медод.

Субайҳаи Тамимӣ сӣ ҳазор дирҳам қарздор буд, Талҳа (р) онро аз ҷониби ӯ пардохт намуд. Талҳа (р) ҳар сол ба уммулмӯъминин Оиша (р) даҳ ҳазор дирҳам мепардохт.[1]

Ҳамсараш Суъда духтари Авф мегӯяд, ки Талҳа ибни Убайдуллоҳ (р) дар як рӯз сад ҳазор дирҳамро садақа кард.[2]

## Ҳазрати Талҳа (р) ва дузд

Рӯзе Талҳа (р) як ридо (болопӯш, або)-и фохире бар тан дошт ва дар роҳ мерафт, ки ногаҳон як марде ҳамроҳаш шуд, сипас бо ҳиллае ридоашро аз танаш дуздида гурехт. Мардум ӯро дошта гирифтанд, лекин вақте ки Талҳа (р) ҳоли ӯро дид, аз раҳму шафқат гуфт: Баргардонедаш бар ӯ!! Пас ҳангоме дузд Талҳа (р)-ро дид, хиҷил шуда сарашро ҷунбонида, ридоро ба назди Талҳа (р) гузошт. Аммо Талҳа (р) аз рӯи ҳилму тавозуъ ба ӯ гуфт: «Бигир, Худованд (ҷ) баракат бидиҳад туро дар ин либос, ба таҳқиқ ман аз Худо (ҷ) шарм мекунам, ки шахсе дар ягон чизи ман орзу кунаду ман ӯро ноумед созам».[3]

## Калимаи наҷот

Рӯзе Умар (р) ва Талҳа (р) баъди вафоти Расули акрам (с) дар роҳ мерафтанд. Умар (р) дид, ки Талҳа (р) бисёр ғамгин аст. Ба ӯ гуфт: Мебинамат, ки баъд аз фавти Расули акрам (с) бисёр ғамгину нотоб ҳастӣ?! Талҳа (р) гуфт: «Ман Паёмбари бузургро шунида будам, ки мефармуд: М*ан як калимаеро медонам, ки агар шахс вақти мавташ онро бигӯяд, барояш дар номаи аъмолаш нур мешавад ва дар вақти мурданаш рӯҳу ҷасадаш як ҳаловату хубие меёбад*». Талҳа (р) мегӯяд, ки баъд аз он ман дигар саволаш накардам, ки он калима чист ва худи Ӯ (с) низ маро хабар

[1] «Ат-табақоту-*л*-кубро» (3\166).

[2] «Ҳулияту-*л*-авлиё» (1\88).

[3] «Ар-риёзу-н-назра» (2\543).

надод!! Ана ҳамон чиз аст, ки маро андӯҳгин сохтааст. Умар (р) дар ҳоле, ки ба ӯ башорат медод, гуфт: ман медонам, ки он калима кадом аст. Талҳа (р) дар ҳаяҷон афтода ҳамди Худо (ҷ) гуфта савол кард, ки чист он? Ҳазрати Умар (р) фармуд: ин калимаест, ки ҳазрати Паёмбар (с) ҳангоми марги амакаш онро ба ӯ талқин мекард ва агар барои наҷот ягон чизи аз он беҳтар мешуд, ҳароина амакашро ба гуфтани он амр мекард. Ин калимаи «***Ло илоҳа иллалоҳ***» аст.

Сипас Талҳа (р) ором ёфта, мутмаин шуда гуфт: Рост мегӯӣ.[1]

## Рӯзи Наҳованд[2]

Талҳа ибни Убайдуллоҳ (р) зиндагии бошарафонаву сутудае ба сар мебурд ва реҳлату ҷиҳодашро дар зери амри хулафои рошидин идома мебахшид ва барои нусрати Ислом ва мусалмонон бетараф набуда, амал мекард. Дар замони хилофати Шайхайн: Абубакр (р) ва Умар (р) барои Талҳа (р) як шаъну маконати бузурге буд.

Дар рӯзи Наҳованд Умари Форуқ (р) истода, аз асҳоби Расули акрам (с) барои баромадан ба ҷанги шоҳони Форс машварат мепурсид. Шоҳони Форс бо яксаду панҷоҳ ҳазор ҷанговари пурқувват омода буданд ва сипоҳсолорашон Файразон буд. Ва ин душманон аҳд бар ин карданд, ки мусалмонҳоро нобуд карда дар кишварашон ҳукмронӣ кунанд!

Умар (р) бо рафиқонаш дар ҳамин маслиҳат буданд, ки Алӣ ибни Абутолиб (к.в.) гуфт: «Эй Умар (р), ту беҳтарини мо ҳастӣ аз рӯи фикр ва донотарини мо ҳастӣ ба мардумат».

Баъд аз он Талҳа ибни Убайдуллоҳ (р) аз ҷояш бархоста калимаи шаҳодатро ба забон ронду сипас гуфт: «Эй амиралмӯъминин, ин амр ба дасти туст ва худ таҷрибаи хубе дорӣ, пас кор фармо андеша ва фикри худатро, ин амр ба сӯйи туст, пас амр кун моро, ки итоъат кунем ва даъват кун моро, ки

[1] «Сияру аъломи-н-нубало» (1\37-38).

[2] Номи шаҳрест дар кишвари Форс.

иҷобатат кунем, пас бешак ту соҳиби ин амр ҳастӣ ва ба таҳқиқ имтиҳонгирифташудаӣ ва ҳар коре, ки анҷом додаӣ боиси норозигии Худо (ҷ) нашудааст, балки боиси хушнудии Худо (ҷ) шудааст».[1]

Форуқ (р) хурсанд шуда, рӯҳбаланд гашт, сипас гуфт:

- Қасам ба Худо, беҳтарин камонвари фардоро бароятон амир таъин мекунам.

Ҳамаи асҳоб гуфтанд: - Он шахс кист?

Умар (р) фармуд: - Нуъмон ибни Муқрини Музанӣ аст.

Пас гуфтанд: - Бале вай арзанда ва сазовор аст.

Ба таҳқиқ дар рӯзи Наҳованд барои мусалмонҳо як фатҳи ошкоре буд ва Худованд (ҷ) мусалмонҳоро нусрати бузурге ато кард ва дар он маърака, ки «Фатҳу-л-футуҳ» меномиданаш, сипоҳсолор Нуъмон ибни Муқрин шаҳодат ёфт.

## Мавқиъату-л-ҷамал

Дар ҳақиқат Талҳа (р) ба оқибати кору ҳаёташ мутмаъин буд. Расули акрам (с) ба ҷаннат башораташ дода буд, пас мемирад ва зинда мешавад ва ӯ аз ҷумлаи касонест, ки бо Худо аҳде кардааст ва аҳдшиканӣ накардааст ва ҳаргиз фитнае бар ӯ намерасад ва ҳаргиз беҳудагие ӯро фаро намегирад.

Вақте фитна барпо шуд ва амирулмӯъминин Усмон ибни Аффон (р) ба шаҳодат расид. Ҳазрати Алӣ (р) ягон василаеро тарк накард магар, ки василаҷӯӣ кард, то ки пеши ин фитнаро бигирад. Вақте ки «Мавқиъату-л-ҷамал» барпо шуд, гурӯҳе, ки дар ҷустуҷӯи қотилони Усмон ибни Аффон (р) буданд, бо гурӯҳе, ки Алӣ (р)-ро нусрат медоданд, рӯ ба рӯ шуданд. Дар ин вақт Талҳа (р) низ ҳамроҳи ҷустуҷӯ- кунандагони қотилони Усмон (р), баромад. Пас аз он ки амирулмӯъминин Алӣ (к.в.) бо ӯ мулоқот  намуда насиҳаташ кард ва аз манзалату фазоилаш огоҳаш намуд. Талҳа (р) худро аз ҷанг қафо кашид ҳатто, ки ба

---

[1] «Ар-риёзу-н-назра» (2\346, 347).

сафҳои охир расида хост, ки аз майдони ҷанг барояд, аммо чун шаҳодаташ ҳатмӣ буд тири дайдуе аз қазо омада ба зонуяш расиду, рагҳои хунгарди пояшро қатъ намуд ва аз ҷароҳаташ хун ҷорӣ шуд. Агар онро манъ медоштанд, меистод ва агар ба ҳоли худ мегузоштанд, хунаш беист мерафт. Чун дӯстонаш хостанд пояшро баста хунравиашро манъ кунанд. Талҳа (р) гуфт: «Бигузоредаш, ки ҷорӣ бошад зеро ин тирест, ки Худованд равонаш кардааст». Баъд аз он ба забонаш «Бисмиллоҳ»-ро ба такрор меронд ва амри Худованд (ҷ) чунин буд, ки воқеъ шуд.

Хуни покаш бардавом мерехт ва дар рӯзи панҷшанбеи даҳуми ҷимоду-л-ахир, соли 36-уми ҳиҷрӣ дар синни 62-солагиаш вафот кард.

Ҳамин тавр, Талҳа (р) бо шаҳидону солеҳон рӯ ба рӯ шуда беҳтарин рафиқҳои худро пайдо кард. Ҷойи дафнаш дар назди соҳил, дар Басра дар замини Ироқ буд. Баъд аз мурданаш баъзе хешовандонаш се рӯз пай дар пай дар хоб диданд, ки ӯ (р) мегуфт: «Маро аз қабрам ба ҷои дигар интиқол бидиҳед, ки дар ин ҷо ба ман об азият мерасонад». Пас хешовандонаш назди Абдуллоҳ ибни Аббос (р), ки ноиби халифа дар Басра буд, омаданд ва ин ҳодисаро ба ӯ хабар доданд, сипас омада қабрашро боз карданд. Пас ин ҳангом диданд, ки ҷасади поки аз тарафи об будааш каме сабз шудааст, лекин боқии ҷасадаш ҳамон тавре ки буд, боқӣ мондааст ва аз ҷасадаш чизе тағйир наёфтааст ба ҷуз чанд мӯйи ришаш. Пас Абдуллоҳ ибни Аббос (р) ҳамроҳи хешовандонаш барои дафни ӯ (р) як ҷоеро дар Басра ба маблағи даҳ ҳазор дирҳам харидорӣ карданд ва ин ҷасади покро ба он ҷо интиқол доданд.

## Гиряи амирулмӯъминин

Баъди анҷом ёфтани «Мавқиъату-л-ҷамал» амирулмӯъминин Алӣ (р) баромада, шаҳидони ду ҷонибро менигарист. Талҳа ибни Убайдуллоҳ (р)-ро дид, ки дар як

тарафе хоб аст. Пас аз аспаш фаромада, ӯро бардошта шинонд ва хокҳоро аз рӯю ришаш пок кард ва дар ҳоле, ки гиряи талхе мекард гуфт: « Бисёр сахту душвор аст бар ман дидани ту, эй Абумуҳаммад кушташудаву ғалтон дар водие дар зери ситорагони осмон, ҳар чӣ дорам аз ниҳону ошкор ба Парвардигорам шикоят мекунам». Баъд аз он бо алам гуфт: «Эй кош, бист сол пеш аз ин рӯз мурда будам». Ҳамин тавр ӯ, (р) ва асҳобаш барои ин шаҳиди пок гиря мекарданд.[1]

## Алӣ (р) ва ду писари Талҳа (р)

Бо вуҷуди он ки ҳазрати Талҳа (р) саховатманду ҷавод буд, вақте вафот кард, дар дасти хазинадораш ду миллёну дусад ҳазор дирҳам буд ва боқии сарваташро ба сиӣ миллён дирҳам қимат гузоштанд. Чун ҳазрати Алӣ (р) ба Куфа омад, ду писари Талҳа (р)-ро ба назди худ хонд ва ба онҳо гуфт: Эй писарони бародарам, ба сӯйи заминатон рафта, худатон онро соҳибӣ кунед. Пас ба таҳқиқ ман гирифта будамаш, то ки мардум он ҷоро аз худ накунанд. Ва ман умед дорам, ки бо падари шумо аз зумраи шахсоне бошам, ки Худованд дар Қуръон зикр кардааст:

﴿وَنَزَعْنَا مَا فِي صُدُورِهِم مِّنْ غِلٍّ إِخْوَانًا عَلَىٰ سُرُرٍ مُّتَقَابِلِينَ ﴿٤٧﴾﴾ الحجر: ٤٧

Сухани Худо:

**«Ҳар кинаеро аз дилашон баркандаем, ҳама бародаранд, бар тахтҳо рӯ ба рӯи ҳамдигаранд».[2]**

## Фазилатҳои Талҳа (р)

Ривоят аст аз Анас ибни Молик (р), ки гуфт: Расули акрам (с) аз барои Талҳа (р) фармуд: «*Башорат гир, эй Абумуҳаммад, ба таҳқиқ Аллоҳ таъоло гуноҳони гузаштавуояндаи туро мағфират кардааст ва номатро дар девони муқаррабон сабт карда аст*».[3]

---

[1] «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (7\248).

[2] Сураи Ҳиҷр, ояти 47.

[3] «Ар-риёзу-н-назра» (2\342).

Расули акрам (с) ҳамроҳи Абубакр (р), Умар (р), Усмон (р), Алӣ (р), Талҳа (р) ва Зубайр (р) дар болои кӯҳи Ҳиро буданд, ногоҳ санги бузурге ҷунбид. Расули акрам (с) фармуд: «*Ором бош! Дар болои ту ба ҷуз набӣ, сиддиқ ва шаҳид дигар касе нест*».

Ривоят аст аз Умар (р) ки гуфт: Як шабе бори маркаби Расули акрам (с) афтод ва шунидам, ки ӯ (с) мегуфт: «*Кадом яке аз шумо бори маркаби манро дуруст кунад, барои ӯ ҷаннат аст*». Пас Талҳа (р) шитобон рафта, бори маркабашро дуруст кард ва Ӯ (с) савор шуд.[1]

Амирулмӯъминин Алӣ (к.в.) дар рӯзи ҷанги Ҷамал гуфт: Гӯшҳоям садои Расули акрам (р)-ро шунид, ки мегуфт: «*Талҳа ва Зубайр дар ҷаннат ҳамсояҳои мананд*».[2]

Абдуллоҳ ибни Аббос (р) мегӯяд, ки Расули акрам (с) ба Талҳа (р) мегуфт: *«Ту дар ҳифзи Худо ва назараш ҳастӣ, то ки ба Ӯ (ҷ) рӯ ба рӯ бишавӣ».*[3]

Як рӯзе Расули акрам (с) ба асҳобаш фармуд: *«Шахсе, ки аз дидани он касе хурсанд шавад, ки дар рӯйи замин мегардаду, лекин ҷону нафси худро дар роҳи Худо (ҷ) назр кардааст, пас ба сӯйи Талҳа (р) бингарад».*[4]

Ҳазрати Абуҳурайра (р) мегӯяд, ки Расули акрам (с) фармудааст: «*Дар ҳақиқат дар рӯзи Уҳуд ба ҷуз ду нафар наздам касе набуд: Ҷабраил (а) аз тарафи ростам ва Талҳа (р) аз тарафи чапам*».[5]

Ҳазрати Алӣ ибни Абутолиб ривоят мекунад, ки Паёмбари Худо (с) ба Талҳа ибни Убайдуллоҳ (р) гуфтанд: «*Ту ҳам дар дунё ва ҳам дар охират аз наздикони ман ҳастӣ*». Ин суханро барои он мегуфт, ки Талҳа (р) Ҳамна духтари Ҷаҳшро ба занӣ гирифт, ки вай хоҳари Зайнаби духтари Ҷаҳш зани Паёмбари Худо (с)

---

[1] «Ар-риёзу-н-назра» (2\339).

[2] «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (7\249).

[3] «Ар-риёзу-н-назра» (2\343).

[4] «Ат-табақоту-л-кубро» (3\164).

[5] «Сияру аъломи-н-нубало» (1\9,244).

мебошад ва модари Зайнаб ва Ҳамна Умайма мебошад, ки вай духтари Абдулмуталлиби амаки Паёмбар (с) аст.[1]

Рӯзе Талҳа ибни Убайдуллоҳ (р) ба назди Паёбари Худо (с) даромад, ки дар дасти Паёмбари Худо як себи биҳӣ буд. Паёмбари Худо (с)  себро ба тарафи Талҳа (р) ҳаво дода фармуданд: *Эй Абумуҳаммад, онро бо худ бигир, ки бар дил фараҳ мебахшад.*[2]

Соиб ибни Язид гуфт: Ҳамроҳи Талҳа ибни Убайдуллоҳ (р) дар сафару ҳазар ҳузур доштам ва касеро сахитар дар бахшидани дирҳаму либос ва таъом аз Талҳа (р) надидам.[3]

Қубайса ибни Ҷобир гуфт: Касеро ба монанди Талҳа ибни Убайдуллоҳ (р) надидам, ки моли бисёреро бе талаби соилон бидиҳад.[4]

---

[1] «Ар-риёзу-н-назра» (2\343).

[2] «Мустадрак»-и ибни Ҳоким (3\370).

[3] «Ат-табақоту-л-кубро» (3\167).

[4] «Ат-табақоту-л-кубро» (3\165).

# ЗУБАЙР ИБНИ АВВОМ (Р)

*Аввалин шахсе, ки шамшерро дар роҳи Худо баркашид.*
*(596-656 мелодӣ)*
*(28-сол қабл аз ҳиҷрат 32 ҳиҷрӣ қамарӣ)*

**Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон**

## Насаби Зубайр ибни Аввом[1]

Вай Зубайр ибни Аввом ибни Хувайлид ибни Асад ибни Абдулузо ибни Қусай аст. Ў марди собитқадам буда, соҳиби шамшери тез ва ростфикр, кушандаи душман ва сарфкунандаи амвол ва ёри Расули Худо (с) мебошад. Ва писари аммаи Расули акрам (с)-Сафия духтари Абдулмуталлиб мебошад. Ва яке аз шашгонаи аҳли Шўро аст, ҳамонҳое, ки Расули акрам (с) вафот кард, дар ҳоле ки аз онҳо розӣ буд. Ва яке аз нависандагони ваҳӣ аз барои Паёмбар (с) буд. Ва аввалин шахсе, ки шамшерро дар роҳи Худо (ҷ) кашид ва кунияташ Абуабдуллоҳ мебошад.

**Модараш:** Сафия (р)духтари Абдулмуталлиб ибни Ҳошим ибни Абдуманоф ибни Қусай мебошад, ки Ислом оварда ва ҳиҷрат кардааст.

Ў Зубайр (р)-ро аз хурдияш тарбияи дурушту сахт медод. Хусусан баъди вафоти падараш Аввом ибни Хувайлид ва ўро сахт мезад, то ки ба ҳаёти сахту душвор одат кунаду фарёдкунандаи ҷангро лаббай гўяд ва дар хонааш ҳамчун занон нанишинад. Ва рўзе амакаш Навфал ибни Хувайлид дид, ки модараш ўро мезанаду туршрўйӣ мекунад, пас ба модараш итоб карда гуфт:

- Ўро куштӣ, ҳалокаш кардӣ!! Оё фарзандро ин тавр мезананд, ин чи бетарбиягист?

Модараш гуфт:

- Инро чунин мезанам, ки адаб гирад ва лашкарро мағлуб созад ва ғаниматро ба қувват биёварад.

Дар ҳақиқат Зубайр (р) дар Макка ба ҷангидан шурўъ кард, дар ҳоле, ки писари наврас буд, ва дасташ шикаста, зарби сахте бардошт, пас як мард ўро бардошта, ба назди Сафия (р), ки

---

[1] «Ат-табақоту-л-кубро» (3/83-84).

модараш буд, бурд. Модараш ҳоли ӯро дида пурсид, ки ба ӯ чӣ шудааст? Гуфтанд:

- Зубайр (р) дар роҳи Худо (ҷ) ҷангидааст!! Пас ин мавқиъ барои фахри модараш айни муддаъо буд, ки Зубайр (р) дар ҳақиқат шуҷоъ будааст.

**Фарзандҳояш:** Зубайр ибни Аввом (р) панҷ зан ва ёздаҳ писар ва нӯҳ духтар дошт. Абдуллоҳ, Урва, Мунзир, Осим, Муҳоҷир, Хадиҷатул Кубро ва модари Ҳасан ва Оиша, ки модари инҳо соҳиби нитоқайн Асмоа бинти Абубакри Сиддиқ (р) буд.

Ва Абдуллоҳ якумин кӯдаке буд, ки баъди ҳиҷрат дар Мадинаи мунаварра ба дунё омад, сипас назди Расули акрам (с) овардашуд ва Ӯ (с) хурморо бо дандонҳои муборакаш майда карда ба даҳони ин тифли муборак гузошт ва нахустин нафаре буд, ки оби даҳони Ӯ (с) ба шикамаш фурӯ рафт, баъд аз он Расули акрам (с) сарашро молида, барояш дуъо кард ва номашро Абдуллоҳ гузошт.

- Холид, Амр, Ҳабиба, Савда, Ҳинд, ки модари инҳо Умми Холид ва ин зан канизи бинти Холид ибни Саъид ибни Ос мебошад.

- Мусъаб, Ҳамза, Рамла, ки модари инҳо Рабоб духтари Унайф писари Убайди Калбия мебошад. Ва Мусъаб аз саховатмандтарини мардуми араб буда ба мардум меҳрубон буд, ва инчунин хубрӯй, карим, шуҷоъ ва сахӣ буд.

- Убайда ва Ҷаъфар, ки модари инҳо Зайнаб духтари Марсад писари Амр писари Саълаба мебошад.

- Зайнаб, ки модараш Умми Кулсум духтари Уқба писари Абумуъит мебошад.

- Хадиҷату-с-Суғро, модараш Ҳалол духтари Қайс писари Навфал аз бани Асад мебошад.

Зубайр (р) мегуфт:

- Дар ҳақиқат Талҳа ибни Убайдуллоҳ (р) фарзандҳояшро ба номи анбиё ном мегузошт, лекин ӯ хуб медонист, ки баъди

Муҳаммад (с) набие нест. Ва ман бошам, ном мегузорам фарзандонамро ба номи шаҳидон, умед аст, ки инҳо низ дар роҳи Худо (ҷ) шаҳодат ёбанд. Пас номи Абдуллоҳро бо хотири Абдуллоҳ ибни Ҷаҳш (р) ва Мунзирро ба хотири Мунзир ибни Амр (р) ва Урваро ба хотири Урва писари Масъуд (р) ва Ҳамзаро ба хотири Ҳамза ибни Абдулмуталлиб (р) Ҷаъфарро ба хотири Ҷаъфар ибни Абутолиб (р) ва Мусъабро ба хотири Мусъаб ибни Умайр (р) ва Убайдаро ба хотири Убайда ибни Ҳорис (р) ва Холидро ба хотири Холид ибни Саъид (р) ва Амрро ба хотири Амр ибни Саъид ибни Ос (р) ном гузоштам.

Зубайр (р), Талҳа (р), Алӣ (р), Саъд ибни Абуваққос (р) ҳамсол мебошанд. Зубайр (р) дар ғазваи Бадр ва Ҳудайбия ширкат варзидааст. Ва Расули акрам (с) фармудаанд: «*Шахсе, ки дар ҷанги Бадр ва Ҳудайбия иштирок намудааст, ҳаргиз ба оташи дӯзах намедарояд*». Ва ҳамчунин Зубайр (р) ҳамроҳи Расули акрам (с) дар ғазваи Уҳуд собитқадам буду барои шаҳид гардидан байъат кард ва дар ғазваи Фатҳ яке аз муҳоҷирони сегона ба шумор мерафт. Хулласи калом, ин ки ӯ аз ҳамаи ғазваҳое, ки Расули акрам (с) иштирок кардааст ақибнишинӣ накардааст. Зубайр (р) ба амри Паёмбари гиромӣ (с) номае ба бани Муоъвия ибни Ҷарвал фиристод. Зубайр (р) ободиеро (ягон ҷойро) соҳиб нагаштааст ва на хироҷро ва на чизи дигареро ба ҷуз он ғаниматҳое, ки дар ғазваҳо ҳамроҳи Расули акрам (с) ва ҳамроҳи халифаҳои рошидин ба даст овардааст.

## Зубайр (р) ба писараш Абдуллоҳ (р) мегуфт:

«*Эй писаракам, ман модари туро ба занӣ гирифтам ва Расули акрам (с) Оишаи холаатро ва байни ману Ӯ (с) силаи раҳму қаробат аст ва аммаи падарам умми Ҳабиб бинти Асад бибии Расули акрам (с) аст ва модарам аммаи Ӯ (с) аст, низ модари Ӯ (с) Омина духтари Ваҳаби писари Абдуманоф аст ва бибии ман Ҳола бошад, духтари Ваҳаби писари Абдуманоф аст ва ҳамсари Ӯ (с) Хадиҷа (р) бинти Хувайлид бошад аммаи ман аст*».

## Бар роҳи ҳақ

Абубакри Сиддиқ (р) дар байниқавмаш марди маҳбуб, тоҷир ва соҳиби ахлоқи беҳтарин буд. Ва рафиқони худро, ки аз ҳар кадоми онҳо боварӣ дошт, ба дини Ислом ва ибодати Худо (ҷ) даъват менамуд ва Зубайр ибни Аввом (р) аз нафарҳое буд, ки ба сабаби даъвати ӯ Ислом овард. Сипас ба назди Паёмбар (с) овардаш, баъд аз он Исломи худро ошкору таъйид намуда, байъат кард ва чаҳорумин ё панҷумин мардони озоде буд, ки баъди Абубакр (р) Ислом овардааст.

Зубайр (р) Ислом овард, Исломи орифонае, ки руҳу равони онро нури имон равшан намудааст, пас аз барои Худои меҳрубон нафси озоди худро таслим намуд, ки дар ин вақт писарбачаи дувоздаҳсола буд. Вақте ки Зубайр (р) ба даъвати ҳақ имон овард, амакаш азобаш медод ва инчунин дар бурё меовехташ ва ӯро ба алангаи оташ кӯрдуд меадохт ва ба ӯ (р) мегуфт:

- Ба куфр баргард. Зубайр (р), ки ҳақиқату фазилати Исломро дарк намуда буд дар ҷавобаш мегуфт:

- Ҳеҷ гоҳ кофир намешавам.[1]

## Аввалин шахсе, ки шамшерро дар роҳи Худо баркашид

Зубайр (р) дар хонадони бо обурӯи Қурайш, ки падару бобояш ба мардони шуҷоъ маъруф буданд, нашуъnamo ёфта ва тарбияи пешқадамиву шуҷоъатмандӣ гирифтааст ва дар ҳақиқат аз кӯдакияш далеру шуҷоъ буд. Ва дар оғози Ислом, вақте ки мусалмонҳо ададашон кам буд, дар хонаи Арқам хабари дурӯғе ба Зубайр (р) расид, ки гӯё душманони Ислом Расули акрам (с)-ро дар баландии Макка бароварда куштанианд. Дар ин вақт Зубайр (р) шамшерро гирифта баромад, дар ҳоле ки писарбачаи дувоздаҳсола буд ва

[1] «Ат-табақоту-л-кубро» (3/57).

мардумро ду тарафа карда ба худаш роҳ кушод. Мардум аз ин кори ӯ таъаҷҷуб мекарданду мегуфтанд: Кӯдакасту ҳамроҳаш шамшер дорад!! Вақте, ки Зубайр Расули акрам (с)-ро дар баландии Макка дид, Расули акрам (с) ба ӯ гуфт: «Чӣ шуд туро, эй Зубайр?»

Зубайр (р) гуфт: Омадам то бо шамшерам бизанам касеро, ки туро асир гирифтани аст. Сипас Расули акрам (с) табассум карда, ба ӯ ва шамшераш дуъои хайр намуд. Дар ин вақт Ҷибраил (а) фуруд омада, ба Расули акрам (с) гуфт:

Ба таҳқиқ Аллоҳ таъоло ба ту салом мерасонаду мегӯяд: «*Ба Зубайр (р) аз ҷониби ман салом бигӯ ва ба ӯ хушхабарӣ бидеҳ, бо ин ки Худованд (ҷ) ба ӯ савоби ҳар шахсе, ки дар роҳи Худо (ҷ) шамшер бардоштааст, додааст ва ин савоб барои ӯ то рӯзи қиёмат хоҳад буд аз ғайри ин ки аз аҷрҳои онҳо чизе кам карда шавад, зеро ки ӯ аввалин шахсест, ки дар роҳи Худо азза ва ҷалла шамшерро баркашидааст*».

## Ҳиҷрати Зубайр (р)

Зубайр ибни Аввом (р) ду бор ба замини Ҳабаша ҳиҷрат кардааст, ҷое ки мусалмонҳоро дар он ҷо аз ҷониби Наҷҷошӣ, подшоҳи Ҳабаша истиқболи хубе намуда буданд. Вақте мусалмонҳо дар Ҳабаша буданд, марде аз аҳли Ҳабаша Наҷҷоширо дар мулкаш хусумат мекард, пас мусалмонҳо барои ин амр ғамгин буданд, ки мабодо он мард ба Наҷҷошӣ, малики Ҳабаша ғолиб биёяду мусалмонҳоро аз он ҷо бадарға кунад! Сипас Наҷҷошӣ ба сӯйи вай ба ҷанг равон шуд ва байнашон дарёи Нил қарор дошт. Хуллас, байни ду гурӯҳ ҷанги сахт барпо шуд! Пас асҳоби Расули акрам (с) гуфтанд:

- Кадом мард аз мо меравад ва аз натиҷаи ин воқеъа ба мо хабаре меорад? Зубайр (р) аз ҷояш хеста ба ин амри муҳиму хатарнок омода шуд ва бо далерию шуҷоъатмандӣ гуфт:

- Ман меравам ва ҳол он ки дар он замон аз рӯи синну сол ҷавонтарини ин қавм ба шумор мерафт. Пас барояш саночеро

дам карда ба синааш бастанд, баъд аз он шинокунон ба он тарафи Нил ҷое, ки ҷанг мерафт расид. Чун Наҷҷошӣ бар душманаш нусрат ёфт, Зубайр (р) ба сӯйи асҳобаш баргашт ва ба онҳо либосашро бардошта, ҳаракат медод ва мегуфт:

- Огоҳ бошед хушхабаре барои шумо, Наҷҷошӣ бар душманаш зафар ёфт ва Худованд (ҷ) душманашро ҳалок сохт ва мулкашро собит ва мустаҳкам гардонд. Мусалмонҳои муҳоҷир аз ин хабар бисёр хурсанд шуданд ва ҳамчуноне, ки мӯҳтарам буданд, ҳамин тавр дар назди Наҷҷошӣ муҳтарам монданд. Лекин Зубайр (р) дар замини Ҳабаша бисёр наистода, ҳамроҳи якчанд нафар ба Макка баргашт, пас вақте ки аҳди бародарӣ баст Расули акрам (с) байни асҳобаш аз муҳоҷирони дар Макка, бародар хонд байни Зубайр (р) ва Абдуллоҳ ибни Масъуд (р)-ро. Ва сабр кард Зубайр (р) бар азият расондани мушрикҳо, то он вақте ки Расули акрам (с) мусалмонҳоро ба Мадинаи мунаварра барои ҳиҷрат кардан иҷозат дод, пас Зубайр (р) худаш танҳо ҳиҷрат кард ва ба хонаи Мунзир писари Муҳаммад ибни Ҷулоҳ (р) сукунат гирифт ва ҳине ки Расули акрам (с) байни муҳоҷирин ва ансор аҳди бародарӣ баст, Зубайр (р) Салма писари Салома ибни Вақш (р)-ро бародар хонд. Ва замоне ки Расули акрам (с) заминтақсимкуниро дар Мадинаи мунаварра шурӯъ кард, як замини кушодеро барои Зубайр (р) дод.

## Шери Рабиз

Мушрикон Хубайб ибни Адӣ (р)-ро броварданд, то бикушандаш, пас Хубайб (р) гуфт:

- Бигзоред маро то ду ракъат намоз бигузорам, пас раҳояш карданд, то ду ракъат намоз хонд, сипас гуфт:

- Агар мушрикон намегуфтанд, ки тарсид, ҳароина, зиёд мехондам ва ин ду байтро замзама мекард:

*Ва айб намекунам, ҳине ки кушта мешавам мусалмон,*
*Бар кадом тарафе, ки бошад, дар роҳи Худо ҷойи куштанам.*

Пас зинда ба зинда ӯро овехтан, қабл аз овехтанаш дуъо карда мегуфт:

- Эй бор Худоё, ба таҳқиқ ту медонӣ ки нест назди ман касе, то ки ин ҳоламро ба Паёмбарат бирасонад, пас саломи маро ба Ӯ (с) бирасон. Баъд аз он мушрикон бо тиру найза ҳалокаш карданд. Вақте ин хабар ба Паёмбар (с) расид гуфт: «*Кадоми шумо Хубайбро аз чӯби овехташудааш бардошта биёрад, барои ӯ дари ҷаннат боз аст*». Пас Зубайр (р) барои ин кор пешдастӣ карда гуфт:

- Ман ва рафиқам Миқдод. Пас ҳарду ба роҳ баромаданд ва шабу рӯз роҳ мерафтанд, то ки ба он макон расиданд. Диданд, ки 40 мард дар назди чӯби Хубайб (р) овехташуда хобанд, лекин Хубайб (р) дар муддати 40 рӯз ҳамчун дарахти сабз ҳеҷ тағйире наёфтааст. Сипас Зубайр (р) бо як ҷасорату эҳтиёткории хос ҷасади Хубайб (р)-ро аз чуби дор раҳо карда ӯро болои аспи худ бор кард ва ҳамроҳи рафиқаш Миқдод баргаштанд. Ногоҳ 70 тан аз мушрикон ба ҳардуи инҳо рӯ ба рӯй шуданд. Зубайр (р) ҷасади Хубайб ибни Адиро ба замин гузошт ва замин ҷасади мубораки Хубайб (р)-ро фурӯ бурд!! Ва Зубайр (р) ба мушрикон дар ҳоле, ки тарсашон медод, гуфт:

- Эй қавми Қурайш, бо мо чӣ кардан мехоҳед?! Баъд аз он саллаашро аз сараш гирифта гуфт:

- Ман Зубайр ибни Аввом (р) ҳастам ва модарам бошад Сафия духтари Абдулмуталлиб аст ва ин рафиқам Миқдод писари Амр мебошад. Мо ин ду шери майдон ҳастем, агар хоҳед бо мо ҷанг кунед ва агар хоҳед роҳи худро пеш гиред. Пас он мушрикон пароканда шуда рафтанд. Чун Зубайр (р) ҳамроҳи рафиқаш ба назди Паёмбар (с) баргаштанд, Ҷабраил (а) дар наздаш буд ва гуфт:

- «*Эй Муҳаммад (с) ба таҳқиқ малоика ба ин ду саҳобаат фахр мекунанд*».

## Муборизи пешсаф

Зубайр (р) яке аз бузургтарин муборизон дар роҳи Худо (ҷ) ба шумор мерафт. Аз ягон ҷанг ақибнишинӣ намекард. Синааш бошад, аз асари найзаҳо монанди чашма сӯрох шуда буд. Писараш Урва (р) чунин мефармояд:

- Падарам Зубайр (р) бо шамшер се зарба хӯрда буд, ки як зарбааш дар гардани ӯ афтида буд ба андозае, ки ангуштам дар он меғунҷид. Ва ин се зарба дутояш дар ғазваи  Бадр буд ва яктояш дар ғазваи Ярмук.[1]

Яке аз аҳли тобеъин Зубайр (р)-ро дид, ки дар баданаш асари захмҳои шамшер намоён буд. Пас ба Зубайр (р) гуфт:

-Қасам ба Худо, ин захмҳое, ки дар бадани, ту мебинам, ҳеҷ гоҳ дар дигар шахс надида будам. Пас Зубайр (р) фармуд: Қасам ба номи Худо (ҷ), ки ҳамаи инҳоро ҳамроҳи Паёмбари акрам (с) ва дар роҳи Худо (ҷ) бардоштаам.

Ва оварданд, ки аз Алӣ (к.в.) дар масҷиди Набавӣ, пурсида шуд: Эй падари Ҳасан (р), шуҷоътарини мардум кист?

- Вай  ба сӯйи Зубайр (р) ишора кард ва гуфт:

- Ӯ касест, ки ғазабаш мисли ғазаби паланг асту ҳамла карданаш мисли ҳамлаи шер.[2]

## Ширкат дар ғазваи Бадр

Аввалин саҳифаи наве, ки Зубайр (р) баъди ҳиҷрат ба Мадинаи мунаварра барои ҷиҳодаш оғоз намуд, ин ғазваи Бадр буд. Паёмбар (с) ӯро ҳамроҳи як гурӯҳ аз асҳобаш фиристод, то ки мушриконро дар назди оби Бадр ҷустуҷӯ намоянд ва ба Паёмбар (с) хабар диҳанд. Онҳо обдиҳандагонашонро дар назди оби Бадр ёфтанд ва ба назди Паёмбар (с) оварданд. Паёмбар (с) аз онҳо макони мушрикони Қурайшро ва инчунин ададашонро

---

[1] «Сияру аъломи-н-нубало» (1/25).

[2] «Ҳиляту-л-авлиё» (1/89-90).

фаҳмид. Дар рӯзи ғазваи Бадр ҳамроҳи Паёмбар (с) ғайр аз ду аспи саворие, ки бар яктоаш аз тарафи рост Зубайр (р) ва бар дигараш аз тарафи чап Миқдод (р) савор буд, дигар саворие набуд.

Ҳамон рӯз Зубайр (р) дар сар саллаи зард дошт: Паёмбар (с) ба ӯ гуфт: «*Ба таҳқиқ малоика фаромаданд бо симои (шаклу либоси) Зубайр (р)*».

Яъне дар он рӯз малоика фаромада буданд ва ҷанг мекарданд аз ҷониби Паёмбар (с) ва аз ҷониби асҳобаш. Малоика аз рӯи икрому эҳтироми Зубайр (р) бар сар саллаи зард доштанд. Аз ин ҷиҳат аст, ки писари набераи Зубайр (р)- Омир ибни Солиҳ ибни Абдуллоҳ ибни Зубайр (р) фахр карда, мегӯяд:

- «*Бобои ман, писари аммаи Муҳаммад ва вазири Ӯ (с) буд. Вақти бало ва мушкилӣ беҳтарин мубориз буд ва рӯзи Бадр аввалин шуҷоъ буд. Дар ҷанг бо саллаи зард иштирирок кардааст, дар симояш малоикаи нусрат фурӯд омаданд ва ҷангиданд*».

Ва ҳамчунон Зубайр (р) барои мушрикон як балое буд, пас ба мушрикон ҳамла карда, онҳоро ба танг меовард. Ва ба танҳоӣ сафҳои онҳоро рахна мекард. Ва дар ин маъракаи ҷанг ду ҷароҳати бузурге ба ӯ расид.

Ва Зубайр (р) бо яке аз сардорони кофирон рӯ ба рӯ шуд. Вай Убайда ибни Саъид ибни Ос мебошад, ки ҷавшанпӯш буд, магар ду чашмашро дидан мумкин буд ва кунияташ Абузоти Каришӣ аст. Пас Зубайр (р) ба вай ҳамла карда бо найза дар чашмаш зада ӯро кушт.

## Ғазваи Уҳуд

Як сол сипарӣ гашт, боз мусалмонҳо бо мушрикон дар ғазваи Уҳуд рӯ ба рӯ шуданд. Аз мушрикон Талҳа ибни Абуталҳаи Абдарӣ байрақбардори мушрикон ба майдон баромада ба ҷанг даъват намуд. Мардум аз ҷиҳати ғазабноку пурҳайбат буданаш аз ӯ мегурехтанд. Зубайр (р) ба муқобилаш

баромада, ба болои уштури ӯ ҷаҳид ва ҳамроҳаш муқовимат намуд, ҳатто, ки ӯро аз уштураш бар замин афтонд ва бо шамшераш ӯро кушт. Пас Расули акрам (с) ӯро сано гуфта фармуд: «*Агар Зубайр (р) ба муқобилаш намебаромад, ман худам ба муқобили ӯ мебаромадам, чунки мардум аз ӯ метарсиданд*».

Ба таҳқиқ Зубайр (р) ҳамроҳи Паёмбар (с) баъди ин воқеъа собитқадам монд ва байъат намуд, ки дар ҳамин рӯз ҷони худро дар роҳи Худо (ҷ) фидо мекунад.

Чун мушрикон ақибнишинӣ карданд, Паёмбар (с) хавф бурданд, ки мабодо мушрикон баргашта, ҳамла кунанд ва ба асҳобаш фармуданд: «*Кӣ дар пайи инҳо (мушрикҳо) меравад, то бидонанд, ки мо ҳам қуввае дорем*?»

Абубакр ва Зубайр (р) ҳамроҳи ҳафтод-тан саҳоба ба ин кор сафарбар шуданд. Сипас ин гурӯҳи мусалмонҳо дар ҷустуҷӯи мушрикон баромаданд. Чун онҳо овози ғулғулаи мусалмонҳоро шуниданд, гумон карданд, ки қувваи сахте ба сарашон ҳамла оварда истодааст. Ва бешак, ин лашкари мусалмонҳо буд, ҳамон лашкаре, ки барои рондан ва берун кардани мушрикон баромада буданд. Хулоса, мушрикон ба тарафи Макка фирор карданд. Вақте ки Абубакри Сиддиқ (р) ва Зубайр (р) ҳамроҳи асҳоби Расули акрам (с) баргаштанд, ягон душманеро рӯ ба рӯ нашуданд. Пас дар ин вақт Аллоҳ таъоло ин ояти муборакро фурӯ фиристод.

﴿ فَٱنقَلَبُواْ بِنِعۡمَةٖ مِّنَ ٱللَّهِ وَفَضۡلٖ لَّمۡ يَمۡسَسۡهُمۡ سُوٓءٞ وَٱتَّبَعُواْ رِضۡوَٰنَ ٱللَّهِۗ وَٱللَّهُ ذُو فَضۡلٍ عَظِيمٍ ١٧٤ ﴾ آل عمران: ١٧٤

Сухани Худо:

**«Пас аз ҷанг бозгаштанд, дар ҳоле ки неъмату фазли Худоро ба ҳамроҳ доштанд ва ҳеҷ осебе ба онҳо нарасида буд. Инҳо ба роҳи хушнудии Худо рафтанд ва Худоро бахшоише азим аст»!**[1]

[1] Сураи Оли Имрон, ояти 174.

Уммулмӯъминин Оиша (р) ба Урва писари Зубайр (р) мегуфт: Эй писари хоҳарам, қасам ба Худо, падарони ту (яъне, Абубакр (р) ва Зубайр (р)-ро дар назар дошт) аз зумраи касоне буданд, Худованд (ҷ) дар ин оят онҳоро васф менамояд:

﴿ ٱلَّذِينَ ٱسْتَجَابُوا۟ لِلَّهِ وَٱلرَّسُولِ مِنۢ بَعْدِ مَآ أَصَابَهُمُ ٱلْقَرْحُ ۚ لِلَّذِينَ أَحْسَنُوا۟ مِنْهُمْ وَٱتَّقَوْا۟ أَجْرٌ عَظِيمٌ ﴿١٧٢﴾ ﴾ آل عمران: ١٧٢

Сухани Худо:

**«Аз миёни он касон, ки пас аз захм хӯрдан боз ҳам фармони Худо ва расулашро иҷобат карданд, онон, ки некӯкор бошанд ва аз Худо битарсанд, музде бузург доранд».[1]**

## Ғазваи Аҳзоб

Кофирону мушрикони зиёде омада, Мадинаи мунавварраро муҳосира карданд ва дар он рӯз мусалмонҳо беқарор шуданд, чашмҳо заъиф шуда, ҷон ба ҳулқум расид ва мусалмонҳо дар он рӯз сахт ҷунбиш хӯрданд. Ва дар ин лаҳзаҳои мусибатнок Расули акрам (с) фармуданд: «*Кӣ хабари қавмро ба ман мерасонад?*»

Зубайр (р) гуфт: - Ман.

Дуюмбора Расули акрам (с) ин суханро такрор намуд.

Боз Зубайр (р) гуфт: Ман.

Боз сеюмбора Расули акрам ин суханро гуфт.

Боз ҳам Зубайр (р) гуфт: Ман.

Сипас Паёмбар (с) аз дасташ гирифта фармуд: «*Аз барои ҳар набие ҳаворӣ аст (яъне, носир ва пок аз кулли айб) ва ҳавории ман Зубайр (р) аст*».[2]

---

[1] Сураи Оли Имрон, ояти 172.

[2] Ин ҳадисро Бухорӣ ривоят кардааст (3719).

Вақте ки Абдуллоҳ писари Зубайр (р) падарашро дид, ки набард мекунад ва бани Қурайзаро далерона зарба мезанад, барояш гуфт:

- Эй падар, ҷангатро дар болои аспи ашқарат (яъне, аспи тиллоиранг) рӯзи Хандақ дидам!

Пас Зубайр (р) гуфт: - он рӯз маро дидӣ, эй писаракам?

Абдуллоҳ гуфт: - Бале!

Сипас Зубайр (р) гуфт: - Ба таҳқиқ Расули Худо (с) дар он рӯз бароям мегуфт: «Тир андоз эй Зубайр падару модарам фидоят бод!».

Дар рӯзи Хандақ Зубайр (р) бо шамшераш чунон бар сари Усмон ибни Абдуллоҳ ибни Муғира зад, ки ӯро ду пора кард.[1]

## Фатҳи Хайбар

Вақте ки (Марҳаб) қумандони яҳудон кушта шуд аз дасти Алӣ ибни Абутолиб (к.в.), дар ин вақт бародараш Ёсир, ки яке аз зӯроварони яҳуд буд, такаббурона мегуфт: Оё ягон кас ҳаст, ки бо ман муқовамат кунад? Дар ин вақт Зубайр (р) пеш баромад, модараш Сафия гуфт, ки эй Расули Худо, ӯ писарамро мекушад. Расули акрам (с) бо итминон барояш гуфт: «*Балки писарат ӯро мекушад, иншоаллоҳ*». Дар ин вақт ҳар ду рӯ ба рӯ шуданд ва набарди сахте барпо шуд, билохира Зубайр (р) яҳудиро кушт.

## Фатҳи Макка

Пеш аз ҳаракат кардани лашкари мусалмонҳо барои фатҳи Маккаи мукаррама, Ҳотиб ибни Абубалтаъ як номае ба сӯйи Қурайш равон карда, онҳоро хабар медиҳад, ки Расули акрам (с) бар зиддашон лашкаре омода кардааст. Ва ин номаро ба дасти як зане равон кард, то ки ба Қурайш бирасонад ва бар ӯ

---

[1] «Ат-табақоту-л-кубро» (3/78-79).

аҷри муайян ҳам ваъда карда буд. Сипас он зан номаро ҳамроҳи худ гирифта, равона шуд. Дар ин вақт Расули акрам (с)-ро хабар дода шуд аз ҷониби Аллоҳ таъоло. Пас Расули акрам (с) Алӣ (р) ва Зубайр (р)-ро аз пайи ин зан равон кард, пас баромаданд ва он занро ёфта номаи Ҳотибро аз дасташ гирифта, ба ҷониби Расули акрам (с) оварданд. Ва вақти фатҳи Макка Зубайр (р) аз тарафи чапи Расули акрам (с) буд ва Миқдод (р) бошад аз тарафи росташ, дар ин вақт Расули акрам (с) ливои (байрақ) Саъд ибни Убодаро ба дасти Зубайр (р) дод, пас ба ду ливо (байрақ) ба Маккаи мукаррама даромад.

Вақте ки Расули акрам (с) ба Макка даромад ва мардум ором шуданд, дар ин ҳангом Зубайр (р) бо аспаш омад, пас Расули акрам (с) аз ҷояш бархост ва ғуборро аз рӯй ва либоси Зубайр (р) пок кард ва гуфт: «*Ба таҳқиқ ман барои асп ду ҳисса ҷудо кардаам ва аз барои аспсавор як ҳисса, пас шахсе, ки аз ҳардуи инҳо нуқсон ва камӣ кунанд, Худованд (ҷ) ӯро нуқсон кунад*».[1]

## Рӯзи Ҳунайн

Дар ин рӯз Зубайр (р) фаросату шуҷоъати беназир аз худ нишон дода, бо далериаш душманро зада дур кард. Пас вақте ки Ҳавозин шикаст ёфт, маликашон Молик ибни Авфи Назрӣ дар як роҳе дар тарафи кӯҳ буда истода ба рафиқонаш гуфт:

- Шумо ақиб истед ҳатто, ки камқувватони шумо ба пеш гузаранд ва қафомондагон даррасанд Дар ин вақт як аспсаворе намоён шуд, пас Молик ибни Авф ба рафиқонаш гуфт:

- Чиро мебинед? Гуфтанд:

- Як аспсавори баландқоматро мебинем, ки найза дар болои китфаш дорад ва сарашро бо порчаи сурхе бастааст ва моро, ҷустуҷӯ дорад. Дар ин вақт Молик ибни Авф дар ҳоле, ки хавфу тарс фаро гирифта будаш, гуфт:

---

[1] «Сияру-л-аъломи-н-нубало» (1/51).

Ин Зубайр ибни Аввом аст, қасам ба Лот, ки ӯ ҳароина, ба назари шумо мерасад, пас барои ӯ собитқадам бошед. Пас вақте ки Зубайр (р) ба мавзеъи мушрикҳо расид, онҳоро дида, бо вуҷуди танҳо буданаш ҳамроҳашон набард кард, ҳатто, ки чашми онҳоро тарсонда ва шавкаташонро шикаста, онҳоро аз ин мавзеъ бароварда пеш кард.[1]

## Ҷанги Ярмук

Ҳамчуноне ки Зубайр (р) дар аҳди Расули Худо (с), яке аз муборизони вафодори мусалмонҳо буд, дар замони хулафои рошидин низ бар ин сифати хеш боқӣ монд. Ҳамроҳи Абубакри Сиддиқ (р) бо муртадҳо ҷиҳод намуд ва ҳамроҳи лашкари фотеҳин ба сӯйи Шом баромад ва дар ҷанги Ярмук иштирок кард ва аз беҳтарин иштирокчиёни ин набард буд. Ҳамчунин дасти фарроху ҳиммати баланд дошт.

Дар он рӯз ҷамъоате аз муборизони шуҷоъу далер ба гирдаш ҷамъ омаданд ва барояш гуфтанд:

- Оё тоқати ин ҷангро мекунӣ, ки мо низ ҳамроҳат бардошт кунем? Зубайр (р) ҳуҷум кард ва асҳоб ҳамроҳаш ҳуҷум карданд. Чун бо сафи румиҳо рӯ ба рӯ шуданд, ёронаш ақибнишини карданд ба ҷуз Зубайр (р), ки доим собитқадам ва устувор буд. Ӯ (р) сафи душманонро зада, онҳоро пароканда карда, аз он тарафи сафи душман гузашт, пас боз ҳам сафи онҳоро пора карда ба тарафи асҳобаш омад. Баъд аз он Зубайр (р) боз ҳамин тавр ҳамлаашро такрор кард. Дар ҳамон рӯз захми бисёр ҳам бузург байни ду китфаш ба ӯ расид.[2]

## Фатҳи Миср

Вақте ки Амр ибни Ос (р) хост Мисро фатҳ намояд, ҳамроҳаш лашкаре иборат аз 3500 мард буд. Пас ба сӯйи

[1] «Ал-бидоя ван-ниҳоя» (4/336, 337).

[2] «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (7/11).

халифа Умар ибни Хаттоб (р) номае фиристод, то ки ба ӯ лашкар изофа кунад. Ҳазрати Умар (р) Зубайр (р)-ро бо лашкаре, ки иборат аз 4000 мард буд ба кӯмакаш фиристод. Зубайр (р) ҳамроҳи асҳобаш ба роҳ баромаданд ва дар роҳ барояш гуфта шуд, ки дар Миср тоъун (офате, балое) ба вуқуъ омадааст, ба он ҷо дохил нашав! Зубайр (р) дар ҳоле ки ба Худо (ҷ) яқину боварӣ дошт, фармуд:

Мо худ барои таъну тоъун омадем!!

Вақте ки Зубайр (р) назди Амр ибни Ос (р) омада расид, ӯро дар ҳоле ёфт, ки қалъаи Бобилюнро муҳосира намуда буд. Дар ин вақт Зубайр (р) аспашро савор шуда, хандақеро, ки дар гирди қалъа буд, давр зад. Баъд аз он мубориzонро дар аторофи он хандақ гузошт. Ва ин муҳосира ҳафт моҳ давом ёфт.

Зубайр (р) дар ҳоле, ки муштоқи шаҳодат дар роҳи Худо (ҷ) шуда буд, мегуфт:

- Ба таҳқиқ ман ҷонамро аз барои Худо фидо мекунам ва чашми умед дорам, ки Худованд (ҷ) ба сабаби ман мусалмонҳоро кушоиш диҳад. Пас нардбонеро гирифта, ба ҷониби қалъа гузошт, баъд аз он баромад ва ба мусалмонҳо дастур дод, ки вақте ки такбири (Аллоҳу акбар) маро шунидед дарҳол ҳамла кунед. Ва каме нагузашта, Зубайр (р) болои қалъа баромада, шамшерро кашида такбир гуфт. Мардум ҳамагӣ ҳамла карданд, лекин Амр ибни Ос (р) онҳоро манъ карда гуфт, ки метарсам аз ин ки нардбон мешиканад.

Чун аҳли Рум диданд, ки мусалмонҳо ба қалъа зафар ёфтанд, қафонишинӣ карданд ва дарҳол дарҳои қалъаи «Бобилюн»-ро барои мусалмонҳо кушоданд.

Дар ин вақт Амр ибни Ос (р) бо Муқавқис (сардори аҳли Рум) сулҳ бастанд ва Амр (р) барои аҳли Миср китоби амон навишт. Ва Зубайр (р) яке аз шоҳидони ин сулҳ байни тарафайн буд[1].

[1] «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (7/.97-101) ва «Қодату фатҳу миср ва-ш-шом» (208-209).

## Тоҷири сахӣ

Зубайр ибни Аввом (р) тоҷири бобарор буд, шабу рӯз ба сӯи кишвари Шом барои тиҷорат мерафт. Ва рӯзе барояш гуфта шуд:

- Ба чӣ чиз расидӣ аз тиҷоратат? Пас Зубайр (р) гуфт:

- Ман ягон чизи айбдорро намехарам ва фоидаи бисёреро ҳам намехоҳам ва Худованд ба ҳар касе, ки бихоҳад, баракат медиҳад.

Зубайр (р) он чунон сахиву карим буд, ки боре ба уммулмӯъминин Оиша (р) дар ду ғирора,[1] ба миқдори 180 ҳазор дирҳам равон кард. Ва аз бузургтарини мардум дар аҳди Паёмбар (с) ба шумор мерафт. Ва ҳамчунон моли бисёреро дар роҳи Худо (ҷ) сарф менамуд. Рӯзе як ҳавлиеро ба нархи 600 ҳазор дирҳам фурӯхт. Барояш гуфтанд, ки эй Абуабдуллоҳ, ту зарар кардӣ. Пас Зубайр (р) гуфт:

- Ҳеҷ гоҳ, қасам ба Худо (ҷ), ҳароина, шумо медонед, ки ман зиён накардаам, вай дар роҳи Худованд (ҷ) аст.

Ва ҳамчунон аз барои Зубайр (р) ҳазор ғулом хироҷ медоданд. Ӯ дар як шаб ҳамаашро тақсим мекард ва вақте ки ба манзилаш бармегашт, ҳамроҳаш чизе боқӣ намемонд.

Инчунин Зубайр (р) шаҳомату амонати бузурге дошт, аз ҳамин ҷиҳат буд, ки мардум ба ӯ (р) боварии сахт доштанд. Ва бисёре аз саҳобагон молу амволашонро ба ӯ васият карда буданд, аз ҷумла: Усмон ибни Аффон (р) ва Миқдод ибни Аввом (р) ва Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ва Абдураҳмон ибни Авф (р). Зубайр (р) амволи онҳоро ҳифз карда, бар фарзандҳояшон ва ворисонашон хуб тақсим менамуд.[2]

---

[1] Зарфест, ки дар он донагӣ мегиранд.

[2] Бухорӣ (1/178) ва Муслим.

## Тарс ва парҳезгориаш

Зубайр (р) шахси парҳезгор ва поку ботақво буд, доим аз Аллоҳ таъоло хавфу тарс дошт. Чун ин сухани Аллоҳ таъоло нозил шуд:

﴿ ثُمَّ إِنَّكُمْ يَوْمَ ٱلْقِيَـٰمَةِ عِندَ رَبِّكُمْ تَخْتَصِمُونَ ﴿٣١﴾ ﴾ الزمر: ٣١

Сухани Худо:

**«Сипас ҳама дар рӯзи қиёмат дар назди Парвардигоратон бо якдигар хусумат хоҳед кард».**[1]

Зубайр (р) гуфт:

- Эй Расули Худо (с) оё такрор меёбад бар мо он чизе, ки байни мо буд. дар дунё, бо вуҷуде, ки гуноҳҳои хос дорем?

Паёмбари акрам (с) фармуд: «Бале».

Зубайр (р) гуфт: - Қасам ба Худо, ҳароина ман ин корро сахт мебинам.[2]

Абдуллоҳ ибни Зубайр (р) рӯзе ба падараш гуфт:

- Чаро шумо аз Паёмбари акрам (с) монанди дигар асҳобаш ҳадис намегуед? Зубайр (р) дар ҷавоб гуфт:

- Ҳақиқатан аз вақте ки ман Ислом овардам, аз Паёмбари Худо (с) ҷудо набудам ва ноил шудам аз саҳобагон беҳтарин чизеро, ки онҳо ноил мешуданд. Ва байни ману байни Паёмбари акрам (с) қаробату хешу таборист ҳамчуноне, ки медонӣ ва лекин ман шунидам, ки Ӯ (с) мегуфт: «*Шахсе, ки бар ман дурӯғ гӯяд, пас ҷояшро дар оташи дӯзах омода кардааст*». Аз ҳамин ҷиҳат Зубайр (р) ҷуз каме аз аҳодис дигар аз Паёмбари акрам (с) ҳадис ривоят накардааст.[3]

## Васияти ҳавории (нусратдиҳанда)-и Расули акрам (с)

Зубайр (р) дар боввариву мартаба ва меҳру муҳаббат дар назди Паёмбар (с) маконати хосе дошт. Ва Зубайр (р) аз ҷумлаи

---

[1] Сураи Зумар, ояти 31.

[2] «Асаду-л-ғобба» (2/251, 252), «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (7/251).

[3] «Ат-табақоту-л-кубро» (3/79), «Ал- исоба» (2/458).

касоне, буд ки Паёмбари акрам (с) аз онҳо маслиҳат мепурсид ва ба онҳо такя мекард. Ва ҳамчунон Расули акрам (с) барои Зубайр (р) аз заминҳои бани Назир барояш хурмозоре ҷудо кард. Вақте ки Расули акрам (с) ба Парвардигораш ҷон супурд, Зубайр (р) шитобон ба назди Абубакри Сиддиқ (р) рафта. байъат кард. Зубайр (р) пеш аз мусалмон шуданаш бо Абубакри Сиддиқ (р) рафиқи ҷонӣ ҳам буда, баъди аз байъаташ ба Абубакри Сиддиқ (р) яке аз машвартдиҳандагони ӯ (р) ба шумор мерафт. Ва Абубакр (р) барои Зубайр (р) аз Мадинаи мунаварра тақрибан 3-гектар замин ҷудо карда дод.

Чун замони хилофати Умар (р) омад, манзалати Зубайр (р) дар назди ӯ хеле ҳам баланд буд ва Умар (р) барояш раёсати Мисрро пешкаш намуд. Зубайр (р) гуфт: Ман ғозӣ буданро меписандам, на волӣ буданро.

Умар (р) барояш «Ақиқа»[1]-ро ҳадия намуд. Ва ҳамчунин аз асҳоби Шӯрои шашнафараи ихтиёркардаи Умар (р) буд, ки дар бораашон мегуфт:

- «Намеёбам касеро, ки ба ин амр ҳақдортар ҷуз ин нафарҳо, ки Расули акрам (с) вафот кард. дар ҳоле, ки аз инҳо розӣ буд. Пас кадоме аз инҳо баъд аз ман халифа таъин карда шавад, ӯ халифа аст».

Ва Умар (р) барои Зубайр (р) чунин гуфтааст:

Агар бо касе дар бораи чизе аҳд мебастам ё ин ки меросеро мегузоштам, дӯстдоштатаринаш барои ман Зубайр (р) буд, ба ростӣ ӯ сутуне аз сутунҳои дин аст.

Ҳамчунон назди халифаи сеюм Усмон ибни Аффон (р) Зубайр (р) мартабаи баланде дошт ва инчунин аз мушовирони ӯ ба шумор мерафт. Ҳангоме ки халифаи сеюм Усмон (р) бемори сахт шуд, то он ҷое, ки аз ҳаҷ кардан боз монд. Барояш гуфта шуд:

- Халифа ихтиёр кун.

---

[1] Водиест дар як ноҳияи Мадина, ки пур аз чашмаву хурмозор мебошад.

Гуфт: - Оре, Зубайр (р)-ро ихтиёр мекунам. Ва қасам ба зоте, ки нафси ман ба дасти ӯст ҳароина, Зубайр (р) беҳтарини ин асҳоб аст аз он чизе, ки ман медонам ва ҳамчунин назди Паёмбари акрам (с) дӯстдоштатаринашон буд.[1]

Вақте ки амирулмӯъминин Усмон (р) кушта шуд, Зубайр (р) шитобон ба назди Алӣ (к.в.) омада байъат намуд.

Вақте ки фитна барпо шуд, Зубайр (р) писараш Абдуллоҳро (р)-ро субҳи рӯзи маъракаи Ҷамал фарёд карда, барояш гуфт:

- Эй писаракам, ин ҳама узвҳои ман, ҳамроҳи Расули акрам (с) маҷруҳ шудааст. Эй писаракам, бешак, дар ин рӯз касе, ки кушта мешавад ё золим аст ё мазлум. Ба ростӣ маро намебинӣ ба ҷуз ин ки кушта мешавам, дар ин рӯз мазлум. Бузургтарин фикру ғами ман имрӯз ин қарзи ман аст. Агар қарзамонро диҳем, аз моламон чизе боқӣ мемонад? Ва қарзҳои ӯ ин тавр буд, ки марде молашро оварда, дар наздаш вадиат мегузошт то ки молашро ҳифз кунад, лекин дар ин мавридҳо Зубайр (р) мефармуд:

- Не, ба ростӣ, ман метарсам зоеъ шудани ин молро, лекин бо вуҷуди рад кардани Зубайр (р) он мард чун ба амонатдорӣ ва садоқаташ боварӣ дошт он молро назди ӯ мегузошту мерафт. Ва доим Зубайр (р) писарашро васият намуда мегуфт:

- Эй писаракам, молҳоямонро фурӯхта қарзҳоямонро адо намо, пас агар аз адокардани қарзамон дармондӣ, талаби ёриву мадад кун аз Мавлоям. Пас Абдуллоҳ аз падараш савол карда гуфт:

- Эй падар, кист мавлоят? Пас Зубайр (р) бо сидқу яқин ҷавоб дод: Аллоҳ азза ва ҷалла. Абдуллоҳ ибни Зубайр (р) ҳамеша мегуфт: қасам ба Худо (ҷ), ҳар вақте дар зимни қарзаш дар мемондам, мегуфтам: эй мавлои Зубайр (р), адо кун аз ӯ қарзашро, пас адо мекардаш.[2]

---

[1] «Асаду-л-ғобба» (2/ 250, 251), «Ар-риёзу-н- назара» (2/360).

[2] «Асаду-л-ғобба» (2/250), «Ҳулияту-л-авлиё) (1/90, 91).

## Дар зумраи шуҳадо

Таърихнависон иттифоқ доранд, ки ҳазрати Алӣ (к.в.) дар гармогармии ҷанги Ҷамал Зубайрро ба назди худ хост ва ин ду нафар он қадар ба ҳам наздик шуданд, ки гардани аспҳояшон дар баробари ҳам қарор гирифт. Дар ин ҷо Алӣ (р) ба Зубайр (р) мегӯяд: Туро ба Худо савганд медиҳам оё дар ёд дорӣ он ҳамнишиниамонро, ки Расулуллоҳ (с) наздамон омад ва ба ту гуфт, оё дӯст медорӣ Алиро, эй Зубайр (р) ва ту гуфтӣ чӣ хел дӯст намедорам тағобача ё амакбачаамро ва ҳол он ки бар дини ман аст. Пас Расулуллоҳ (с) маро пурсид, ки оё дӯст медорӣ Зубайрро эй Алӣ ва ман гуфтам чӣ гуна дӯст надорам писараммамро ва ҳол он ки бар дини ман аст. Пас Расулуллоҳ (с) гуфт: «эй Зубайр (р) қасам ба Худо (ҷ) ту бо Алӣ (р) ҷанг хоҳӣ кард дар ҳоле ки барои ӯ ситамкорӣ».

Зубайр мегӯяд:

«Бале, бале фаромуш карда будам, то ҳоле, ки ба ёдам овардӣ, ба Худо қасам инак, бо ту намеҷангам».

Зубайр аз ҳамин ҷо аспашро бармегардонад ва аз байни сафҳои лашкари худ мегузарад ва аз майдон хориҷ мешавад. Писараш Абдуллоҳ пеш меояд ва мегӯяд:

- Чӣ шуда? Ба куҷо меравӣ?

- Зубайр мегӯяд:

- Алӣ дар гуфтугӯяш бо ман ҳадисе аз Паёмбарро ба ёдам овард, ки фаромӯш карда будам. Акнун қасд кардам ва қасам ёд кардам, ки бо ӯ наҷангам.

Баъд аз он Зубайр (р) баргашт ва мехост, ки ба сӯйи Мадинаи мунаварра биравад. Марде аз бани Тамим ӯро дида, ба Аҳнаф ибни Қайс гуфт:

- Ин Зубайр (р) аст дар водии Сибоъ[1], ки ба Мадина меравад.

---

[1] Маконест дар қарибии Басра.

Инро шунида Амр ибни Ҷурмузи Тамимӣ ва Фузола ибни Ҳобис ва Нуфайъ ибни Ҳобиси Тамимӣ ба аспҳояшон савор шуданд ва дар талаби Зубайр (р) баромаданд. Чун ба назди ӯ расиданд, Амр ибни Ҷурмуз ҳазрати Зубайр (р)-ро аз пушташ зада захмдор кард, лекин Зубайр (р) бардошт карда, худро аз даст надод. Пас вақте Амр гумон кард, ки Зубайр (р) ӯро мекушад, ба овози баланд фарёд карда гуфт:

- Эй Фузола, эй Нуфайъ!!

Баъд аз он Амр бечораҳолона ба Зубайр (р) гуфт:

- Аз Худо битарс, аз Худо битарс, эй Зубайр маро накуш!!

Сипас Зубайр (р) аз ӯ бозистод ва роҳи худро ба сӯйи Мадина пеш гирифт. Аммо Фузола ва Нуфайъ ба назди Амр расиданд, якҷоя ба Зубайр (р) ҳамла оварда, ӯро ба шаҳодат расониданд. Ин ҳодиса дар рӯзи панҷшанбеи моҳи ҷимоду-*л*-охири соли 36-уми ҳиҷрӣ рух дода буд ва умраш дар он вақт ба 64 расида буд. Ҷасади покаш дар ҳамон водии Сибоъ дафн карда шуд.

Ибни Ҷурмуз сари буридаи ҳазрати Зубайр (р) ва шамшерашро ба даст мегирад ва назди ҳазрати Алӣ меояд ва гумонаш ин буд, ки ба Алӣ (к.в.) мужда бидиҳад ва ҷоиза бигирад, вале Алӣ (р) аз ин воқеъа хеле ғамгин мешавад ва ба ҷойи ин, ки тибқи гумони ибни Ҷурмуз ба ӯ ҷоиза бидиҳад, мефармояд: «Ба ибни Ҷурмуз оташи ҷаҳаннамро башорат бидиҳед». Сипас шамшери Зубайрро ба даст мегирад, нигоҳе бар он меандозад ва мефармояд:

«Ин шамшер дар муддати зиёде бисёр андӯҳу мушкилоти ҷангиро аз Паёмбар (с) дафъ ва рафъ мекард. Ман чашми умед дорам, ки Худованд (ҷ) ману Талҳаву Зубайрро аз зумраи касоне бигардонад, ки дар ҳақашон чунин гуфтааст.[1]

﴿وَنَزَعۡنَا مَا فِي صُدُورِهِم مِّنۡ غِلٍّ إِخۡوَٰنًا عَلَىٰ سُرُرٖ مُّتَقَٰبِلِينَ ٤٧﴾ الحجر: ٤٧

Сухани Худо:

---

[1] «Ат-табақоту-*л*-кубро» (3/81-84), «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (7-8/266-268).

***«Ҳар кинаеро аз дилашон баркандаем, ҳама бародаранд, бар тахтҳо рӯ ба рӯи ҳамдигаранд».[1]***

Мувофиқи баъзе ривоятҳо Амр ибни Ҷурмуз бо шунидани ин фармоиши ҳазрати Алӣ (р) ба ҳадде аз кори норавояш пушаймон ва ғамгин шуд, ки ҳамон ҷо даст ба худкушӣ зад.

Аммо бинобар ривояти дигар Амр ибни Ҷурмуз то замони волӣ гардидани Мусъаб ибни Зубайр (р) дар Ироқ зиндагӣ мекард. Чун аз волӣ шудани Мусъаб огоҳ шуд, нопадид гашт. Вақте ба Мусъаб гуфтанд, ки қотили падарат зиндааст, мисли падари бузургвораш ҷавонмардӣ нишон дода, ин сухани таърихиро иброз дошт: «Бигӯедаш, ки ӯ дар амон аст».

Ҷавонмардию мардонагиро аз Мусъаб ибни Зубайр (р) бояд омӯхт, ки ӯ бо вуҷуди он ки метавонист интиқоми падарашро бигарад, маҳз ба хотири Худо Амр ибни Ҷурмузро бахшид.

Пас ин ҷо ба хонандаи нуктасанҷ ҳаминро хотиррасон карданием, ки Зубайр (р) дорои чунин хислатҳо ва сифоти ҳамидае буд, ки қалам аз навиштани он оҷизу нотавон аст. Он ихтилофу вазъи нобасомоне, ки дар айёми садри Ислом, вуҷуд дошт, ҳамчунин дар ҳар асру замон имкони сар задани он аз эҳтимол дур нест. Огоҳ бош, ки ҳеҷ фитна ва тавтиъаҳое, ки дар он замон сар зада буданд аз фазоил ва корнамоиҳои ин абармард ва дигар ёрони ҷасуру нексиришти Расули акрам (с) чизе кам намекунад ва дараҷоти волои он абармардони мадрасаи Муҳаммадиро аз миён нахоҳад бурд. Пас ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки нисбати ин некмардон қазовати кур-курона кунад. Бояд дӯсташон бидорем ва номи онҳоро зинда созем, то дар рӯзи қиёмат аз шафоъати Паёмбари Худо (с) бенасиб нагардем.

---

[1] Сураи Ҳиҷр, ояти 47.

# АБДУРРАҲМОН ИБНИ АВФ (Р)

*Амини осмону замин ва сайиди мусалмонон. (580-652 мелодӣ)*
*(44-сол қабл аз ҳиҷрат - 32 ҳиҷрӣ қамарӣ)*

**Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон**

## Насаби Абдурраҳмон ибни Авф (р)[1]

Вай Абдурраҳмон ибни Авф, ибни Абдуавф, ибни Аб, ибни Ҳорис, ибни Зуҳра, ибни Килоб, ибни Мурраи Қурайшии Зуҳрӣ аст. Ва кунияташ Абумуҳаммад буда ва яке аз даҳгонаи башоратдодаи Расули акрам (с) ба ҷаннат мебошад. Дар замони ҷоҳилият номаш Абдуамр буд ва ба ривояти дигар Абдулкаъба пас Расули акрам (с) Абдурраҳмон номаш гузошт.

Абдурраҳмон писари Авф даҳ сол баъд аз соли «Фил» таваллуд шудааст ва ҳамчунин аз Расули акрам (с) даҳ сол хурд мебошад. Абдурраҳмон писари Авф марди қаддароз, хубрӯй, сафедпӯст буд ва сару ришашро ранг намекард, марди ботаҷриба буда, чеҳрааш далолат ба мардонагиву пуршарафӣ менамуд. Ва инчунин авсофи хубу маноқибаш беандоза аст.

**Модараш:**

Шифо духтари Авф ибни Абд ибни Ҳорис ибни Зуҳра ибни Килоб мебошад, ки Ислом оварда ва ҳиҷрат намудааст.

**Фарзандонаш:**

Фарзандони Абдурраҳмон ибни Авф (р) инҳо буданд:

- Солими калонӣ (пеш аз Ислом мурдааст) модараш умми Гулсум духтари Утба ибни Рабиъа;

- Умму-л-Қосим (ин ҳам низ пеш аз Ислом таваллуд шудааст) ва модари ин бошад, духтари Шайба ибни Рабиъа аст;

- Муҳаммад ва кунияташ ба номи ҳамин писараш буд, Иброҳим ва Ҳумайд ва Исмоил ва Ҳумайдаву Аматурраҳмон, ки модари инҳо умми Гулсум духтари Уқба ибни Абумуъайт мебошад;

[1] «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (7/163-164). «Усуду-л-ғобба» (3/480-485).

- Маън, Умар, Зайд ва Аматурраҳмони хурдӣ, ки модари инҳо бошад Саҳла духтари Осим ибни Адӣ аз бани Қузоъа буда ва инҳо аз мардуми ансор мебошанд;

- Урваи калонӣ, ки (рӯзи Ифриқия кушта шуд) модараш Баҳрия духтари Ҳониъ писари Қубайса аз бани Шайбон мебошад;

- Солими хурдӣ (рӯзи фатҳи Ифриқия кушта шудааст) ва модараш Саҳла бинти Суҳайл ибни Амри Омирӣ аст;

- Абубакр, ки модараш умми Ҳаким духтари Қориз аст;

- Абдуллоҳ, ки (ин ҳам низ рӯзи фатҳи Ифриқия кушта шудааст), модараш духтари Абулҳис ибни Рафиъ ибни Имриулқайс аз бани Авси ансориён аст;

- Абусалама (ҳамон Абдуллоҳи хурдӣ аст), ки модараш Тумозир духтари Асбағ ибни Амр ибни Саълаба аз бани Килоб мебошад ва ин аввалин калбиест, ки Қурайшӣ никоҳаш кардааст;

- Абдурраҳмон, ки модараш Асмоа духтари Сулома аст;

- Мусъаб ва Оминаву Марям, ки модарашон умми Ҳурайс аз асирони бани Қузоъа аст[1];

- Суҳайл (лақабаш Абулабяз аст), ки модараш Маҷд духтари Язид ибни Сулаймони Ҳимярӣ аст;

- Усмон, ки модараш Ғазол духтари Кисрост ва ин канизаке аст, ки Саъд ибни Абувaққос ҳангоми фатҳи Мадоин ба асорат гирифта буд;

- Умми Яҳё, ки модараш Зайнаб духтари Саббоҳи ибни Саълаба аз қавми  Қузоъа аст;

- Ҷувайрия, ки модараш Бодия духтари Ғайлон ибни Саламаи Сақафӣ аст.

Абдурраҳмон ибни Авф (р) ҳамагӣ 15 зан ва 25 фарзанд дошт, ки 17-тои он писар ва 8-нафари онҳо духтар буданд.

## Бо роҳи ҳақ

[1] «Ал-ансоб» (2/345).

Аз рӯзҳои аввали зуҳури Ислом Абдурраҳмон ибни Авф (р) ба нидои имону ҳақ лаббайка гуфт ва пеш аз ин ки Расули акрам (с) ба хонаи Арқам дарояд, имон овард. Ва Абдурраҳмон ибни Авф (р) яке аз ҳаштгонаест, ки дар Ислом оварданашон пешқадамӣ карда буданд ва яке аз панҷнафарае, ки ба дасти Абубакри Сиддиқ (р) имон овардааст ва яке аз даҳгонае аст, ки Расули акрам (с) онҳоро дар замони ҳаёташон ба ҷаннат башорат додааст. Пас вақте, ки Абубакр (р) ба Абдурраҳмон (р), Усмон (р), Зубайр (р), Талҳа (р) ва Саъд (р) Исломро арз кард, бе ягон шакку шубҳа ва дудилагӣ дар ин амр имон оварданд ва шитобон ба назди Расули акрам (с) рафта, байъат намуда, байрақи Исломро баланд бардоштанд.[1]

## Муҳаббат ва фидокорӣ

Абдурраҳмон (р) дар роҳи Худо (ҷ) азоби бисёре дид, ки мусулмонҳои пеш аз ӯ надида буданд. Пас сабр кард ва хушнудии Худовандро хост ва ба он чизе, ки бо Худованд аҳд намуда буд вафо кард. Ва дини худро гирифта, ба кишвари Ҳабаша ҳиҷрат намуд, сипас ба сӯйи Макка баргашт. Вақте ки Расули акрам (с) асҳобашро амр намуд, то ба сӯйи Мадина ҳиҷрат кунанд, Абдурраҳмон (р) пеш-пеши муҳоҷирон барои ризои Худову расули Худо молу амвол ва хонаашро тарк намуда, ҳиҷрат кард.

Ҳар гоҳ Усмон ибни Аффон (р) Абдурраҳмон (р)-ро медид, барояш мегуфт:

- Касе наметавонад, ки ба ин шайх аз рӯйи фазлу бузургии ду ҳиҷраташ баробар шавад. Вақте Абдурраҳмон (р) ба Мадина расид, бисёр фақир буд ва чизе надошт. Расули акрам (с) байни ӯ ва байни Саъд ибни Рабиъи ансорӣ бародархондагӣ барқарор намуд. Сипас Саъд барояш гуфт:

---

[1] «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (7/163).

- Эй бародар, ман аз ҳамаи аҳли Мадина бисёртар мол дорам, акнун нимашро бигир ва низ ду зан дорам, пас бингар кадоме аз ин ду барои ту писандаст, ҳатто ки ӯро талоқ диҳам ва барои ту ҳалол шавад, то ки ӯро ба никоҳӣ худ дарорӣ. Абдурраҳмон (р) аз ин кор ибо карда, ба бародари ансориаш гуфт:

- Худованд туро дар аҳлу молат баракат диҳад, маро бар бозор бибар. Пас ӯро ба бозор бурд. Баъд аз он хариду фурӯш карда фоидаву захираро шурӯъ кард, ҳатто, ки маҳри як занро ҷамъ намуда, пас зан гирифт. Чун ба назди Расули акрам (с) омад, аз Абдурраҳмон (р) асари хушбӯӣ ба машомаш расид.

Расули акрам (с) барояш гуфт: «Оё зан гирифтӣ?»

Гуфт : Оре, як зан аз ансор.

Боз Расули акрам (с) гуфтанд: «Чӣ маҳраш додӣ?»

Абдурраҳмон (р) гуфт:

- Миқдори вазни як дона аз тилло.

Пас Расули акрам (с) ба ӯ гуфтанд:

*«Тӯйи арӯсӣ барпо кун, агарчи як гӯсфанд ҳам сарф шавад».*

Худованд (ҷ) барои Абдурраҳмон (р) дарҳои ризқи васеъро кушода намуда буд, ки ба худаш чунин мегуфт: агар сангеро бардорам ва умед кунам, ки дар зераш тилло ё нуқра бошад, воқеъан ҳам, ҳамон мешавад. Ба ростӣ, мардуми ансор барои муҳоҷирон пеш аз ин ки хонаҳояшонро кушоянд дилҳояшонро барои онҳо боз намуда буданд. Ва барои икрому истиқболи онҳо шитоб мекарданд, то ҷое ки аҳли Мадинаро барои икрому истиқбол ва инчунин саховатмандиашон зарбулмасал қарор дода буданд ҳатто муҳоҷирон ба расули Худо (с) гуфтанд:

- Эй расули Худо, (с) ансориҳо моро бениҳоят азизу гиромӣ медоранд, мо мисли онҳо қавме надидаем. Ва ба таҳқиқ, камбудиву ҳоҷатамонро баровnapданд ва дар хурсандияшон шарикамон гардонданд, ҳатто, ки мо тарсидем ин ки ҳамаи аҷрро мебаранд.

Пас Расули акрам (с) гуфтанд:

«Не! Бар онҳо ба пуррагӣ сано нагуфтед, аз Худо дуъо бихоҳед барояшон».

Пас Худованд (ҷ) ин ояти муборакаро дар мавриди дӯстиву фазлу фидокории байни муҳоҷирон ва ансор фуруд овард.[1]

﴿ وَٱلَّذِينَ تَبَوَّءُو ٱلدَّارَ وَٱلْإِيمَٰنَ مِن قَبْلِهِمْ يُحِبُّونَ مَنْ هَاجَرَ إِلَيْهِمْ وَلَا يَجِدُونَ فِى صُدُورِهِمْ حَاجَةً مِّمَّآ أُوتُوا۟ وَيُؤْثِرُونَ عَلَىٰٓ أَنفُسِهِمْ وَلَوْ كَانَ بِهِمْ خَصَاصَةٌ ۚ وَمَن يُوقَ شُحَّ نَفْسِهِۦ فَأُو۟لَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْمُفْلِحُونَ ﴿٩﴾ ﴾ الحشر: ٩

Сухани Худо:

**«Ва касоне, ки пеш аз омадани муҳоҷирон дар диёри худ будаанд ва имон овардаанд, онҳоеро, ки ба сӯяшон муҳоҷират кардаанд, дӯст медоранд. Ва аз он чӣ муҳоҷиронро дода мешавад, дар дил эҳсоси ҳасад намекунанд ва дигаронро (муҳоҷиронро) бар худ тарҷеҳ (афзалият) медиҳанд, ҳарчанд худ (ансор) мӯҳтоҷ бошанд. Ва онон, ки аз бухли хеш дар амон монда бошанд, растагоронанд!»**[2]

## Дили пур аз имон

Абдурраҳмон ибни Авф (р) дар парҳезгорӣ ва тақводорӣ камназир буд. Ва Расули акрам (с) ба ӯ боварӣ кард, ба имонаш ӯро вакил мегузошт. Боре Расули акрам (с) ҷамоъаеро чизе ато кард ва дар қатори онҳо Абдураҳмон (р) низ буд, лекин Расули акрам (с) ба ӯ чизе надод. Пас Абдурраҳмон (р) гирякунон баромад. Ин ҳангом ӯро Умар ибни Хаттоб (р) дида, барояш гуфт:

- Чи чиз туро мегирёнад? Абдурраҳмон (р) ин ҳодисаро барояш ҳикоя намуд ва низ чунин гуфт: метарсам,ки Паёмбар (с) бар ман ғазабе дошта бошаду маро аз ин садақа барои ҳамин

[1] «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (3/66-226-229).

[2] Сураи Ҳашр, ояти 9.

маҳрум сохта бошад. Пас Умар (р) ба назди Паёмбари акрам (с) даромада он Ҳазрат (с)-ро аз ин кори Абдурраҳмон (р) хабардор намуд.

Расули акрам (с) фармуданд:

*«Ман ба ӯ ҳеҷ ғазабе надорам ва лекин ман ӯро ба имонаш вакил гузоштам[1]».*

Боре як марде назди Паёмбари акрам (с) Қуръонро тиловат менамуд ва бисёр овози фораме ҳам дошт, пас дар ин ҷамоъа касе намонда, ҳама ашк резонданд, ба ҷуз Абдурраҳмон ибни Авф (р). Сипас Расули акрам (с) фармуданд:

*«Агарчи Абдурраҳмон ашк намерезад, лекин дили ӯ мегиряд».*[2]

## Дар рӯ ба рӯи мунофиқон

Рӯзе Расули акрам (с) ба асҳобаш хутба хонда, онҳоро ба ҷамъ кардани садақа тарғиб кард. Пас Абдурраҳмон (р) 4000 дирҳам оварда ба назди Паёмбари гиромӣ (с) гузошт ва гуфт:

- Дар назди ман 8000 дирҳам буд пас 4000 ҳазорашро барои худам ва аҳлу оилаам боқӣ мондам ва ин 4000 ҳазорро дар роҳи Худо сарф месозам. Пас Расули акрам (с) гуфтанд:

*«Худованд дар моли додагиву боқимондаат баракат ато фармояд».*

Ва дар ин маврид қавли Худованд фуруд омад[3]:

﴿ مَّثَلُ ٱلَّذِينَ يُنفِقُونَ أَمْوَٰلَهُمْ فِى سَبِيلِ ٱللَّهِ كَمَثَلِ حَبَّةٍ أَنۢبَتَتْ سَبْعَ سَنَابِلَ فِى كُلِّ سُنۢبُلَةٍ مِّاْئَةُ حَبَّةٍ ۗ وَٱللَّهُ يُضَٰعِفُ لِمَن يَشَآءُ ۗ وَٱللَّهُ وَٰسِعٌ عَلِيمٌ ﴿٢٦١﴾ ٱلَّذِينَ يُنفِقُونَ أَمْوَٰلَهُمْ فِى سَبِيلِ ٱللَّهِ ثُمَّ لَا يُتْبِعُونَ مَآ أَنفَقُوا۟ مَنًّا وَلَآ أَذًى ۙ لَّهُمْ أَجْرُهُمْ عِندَ رَبِّهِمْ وَلَا خَوْفٌ عَلَيْهِمْ وَلَا هُمْ يَحْزَنُونَ ﴿٢٦٢﴾ ﴾ البقرة: ٢٦١ - ٢٦٢

Сухани Худо:

---

[1] «Сияру-л-аъломи-н-нубало» (1/85).

[2] «Ҳуляту-л-авлиё» (1/100).

[3] «Ар-риёзу-н-назара» (2/378,379).

**«Масали онон, ки моли худро дар роҳи Худо инфоқ (сарф) мекунанд, мисоли донаест, ки ҳафт хӯша бароварад ва дар ҳар хӯшае сад дона бошад. Худо подоши ҳар киро, ки бихоҳад, чанд баробар мекунад. Худо кушоишдиҳанда ва доност! Музди касоне, ки амволи худро дар роҳи Худо инфоқ (сарф) мекунанд ва пас аз инфоқ миннате намениҳанд ва озоре намерасонанд, бо Парвардигорашон аст. На бимнок мешаванд ва на андӯҳгин».**[1]

Вақте Абдурраҳмон (р) нисфи молашро (4000 ҳазор дирҳам) садақа намуд, баъзе мунофиқҳо ба ӯ таъна заданд ва гуфтанд, ки Абдурраҳмон (р), ҳароина, риёкор аст. Пас дар ҷавоби ин сухани мунофиқон Худованд ин оятро нозил кард.

﴿ ٱلَّذِينَ يَلۡمِزُونَ ٱلۡمُطَّوِّعِينَ مِنَ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ فِي ٱلصَّدَقَٰتِ وَٱلَّذِينَ لَا يَجِدُونَ إِلَّا جُهۡدَهُمۡ فَيَسۡخَرُونَ مِنۡهُمۡ سَخِرَ ٱللَّهُ مِنۡهُمۡ وَلَهُمۡ عَذَابٌ أَلِيمٌ ٧٩ ﴾ التوبة: ٧٩

Сухани Худо:

**«Худованд ба масхара мегирад касонеро, ки бар мӯъминоне, ки ба рағбат садақа медиҳанд ва беш аз тавоноии хеш чизе намеёбанд, айб мегиранд ва масхарааашон мекунанд. Ва онҳоро азобе дардовар аст».**[2]

Пас Абдурраҳмон (р) аз ҷумлаи мӯъминони итоъаткунанда мебошад, ҳамонҳое, ки Худои пок ба ин корашон шоҳидӣ додааст.[3]

## Хушхабарӣ ба ҷаннат аз осмон

Худованди пок дуъои Набияшро иҷобат карда, Абдурраҳмон (р)-ро дар молаш баракат дод. Пас тиҷорати пурбаракаташ дар авҷу барор буд ва ҳамеша ҳалолро ҷустуҷӯ

---

[1] Сураи Бақара, оятҳои 261-262.
[2] Сураи Тавба, ояти 79.
[3] «Сияру-л-аъломи нубало» (1/80).

мекард. Ӯ дар тиҷораташ аз ҳарому чизҳои шубҳанок худро канора мегирифт. Пас рӯз ба рӯз тиҷораташ авҷ гирифта. зиёд мешуд ва қофилаҳояш ба тарафи Мадинаи мунаввара омаду рафти бисёре менамуданд ва ба мардуми ин шаҳр чизҳои лозимиро таъмин менамуд. Ва инчунин дар Ҷуруф (номи як мавзъе аст дар Мадина) зироъаткорӣ менамуд ва аз ин киштзор хурду хӯроки яксолаи аҳлу аёлашро ба даст меовард.

Ва дуъои Расули акрам (с) ба Абдурраҳмон (р) боқӣ монд, ба ин ки то вақте ки ҳаёт дорад, Худованд (ҷ) баракаташ диҳад. Ҳатто аз рӯи молдориву сарватмандӣ ғанитарини саҳобаҳо буд. Рӯзе Паёмбари акрам (с) барояш чунин дуъо карда гуфтанд: «Эй писари Авф, бешак, ту сарватманд ва молдор ҳастӣ, пас ҳаргиз дохили Ҷаннат намешавӣ магар ин ки пойҳоят баста, пас Худои бузургро қарз бидеҳ, то ки қадамҳоятро кушояд».

Пас Абдурраҳмон (р) гуфт:

- Эй Расули Худо (с), чи чизро барои Худованд қарз бидиҳам? Паёмбари акрам (с) гуфтанд: «Бипардоз он чизҳоеро, ки то бегоҳ ба даст меоварӣ». Пас Абдурраҳмон (р) гуфт:

- Эй расули Худо (с), оё ҳамаашро?

Фармуданд: Бале!

Пас Абдурраҳмон (р) амри расули Худо (с)-ро итоъаткунон баромад, дар ҳоле, ки тасмим гирифт ба садақа кардани ҳамаи он чизе, ки дар назди худ дошт. Пас Расули акрам (с) нафареро фиристод, то ки ӯро пеш аз ин кораш дарёб кунад ва барояш бигӯяд, ки ба ростӣ, Ҷабраил (а) гуфтааст:

- Амр кун Абдурраҳмон (р)-ро, то ки гиромӣ дорад меҳмонро ва таъом диҳад мискинро ва ато кунад соилро (талбандаро), пас ибтидо кунад ба шахсе, ки мӯҳтоҷ аст, пас агар вай ин корҳоро кунад барои ӯ покие мешавад дар он чизе, ки вай дар он аст[1].

Пас Абдурраҳмон (р) фоидае бисёре кард ба он чизе, ки ба ӯ расид, пас ҳамаи молашро барои хушнудии Худову Расулаш

[1] «Ҳиляту-л-авлиё» (1/99).

сарф кард, ҳатто ки ба дасти росту чапаш пӯшидаву ошкоро хайр мекард. Пас ин хайр карданаш барои ӯ як файзу футуҳе буд, ҳатто ки мерос барои ҷаннату-л-фирдавси аъло гашт.

Вақте ки қофилаи бузургаш аз тиҷорате, ки дар Шом буд, баргашт, ҳамаашро ба назди Паёмбари акрам (с) бурд, дар ин вақт Расули акрам (с) ӯро ба ҷаннат хонд ва барояш дуъои хайр намуд, пас Ҷабраил (а) ба назди Расули акрам (с) ташриф овард ва гуфт: «Худои пок ба ту салом мефиристад ва мегӯяд, ки ба Абдурраҳмон (р) салом бигӯ ва ӯро ба ҷаннат хушхабарӣ бидеҳ».[1]

## Муборизаи Абдурраҳмон ибни Авф (р)

Абдурраҳмон (р) худаш шахсан бо ҷонаш дар роҳи Худованд (ҷ) корнамоиҳои бузурге намудааст, ҳамчуноне, ки бо молаш ҷиҳод карда ва аз ягон ғазва ҳамроҳи Паёмбари акрам (с) ақибнишинӣ накардааст. Дар ғазваи Бадр барои ризои Худо ҷангид ва мушриконро кушту асир гирифт ва ғанимат ҳам ба даст овард. Абдурраҳмон (р) яке аз шахсиятҳоест, ки Паёмбари акрам (с) барояшон чунин гуфтааст: «Шояд Аллоҳ таъоло ба аҳли Бадр огоҳ шудааст». Ва низ фармудааст: «Ҳар чӣ мехоҳед, бикунед, эй аҳли Бадр, зеро, ки Ҷаннат барои шумо воҷиб шудааст».[2]

Чун як сол аз ғазваи Бадр гузашт ва ғазваи Уҳуд даррасид, Абдурраҳмон (р) саховатмандияшро бо виқор баланд кард ва дар ин маъракаи ҷанг яке аз пешқадамони мусалмонҳо буд. Ҳар вақте мардум аз атрофи Паёмбари акрам (с) пароканда мешуданд, ӯ (р) собитқадам буд ва бо душман меҷангид, ҳатто, ки бисту як ҷароҳат бардошт.  Ва аз асари  ин ҷароҳатҳо доим мелангид ва дар гуфтораш низ халале буд ва инҳо ҳамааш ба шуҷоъатмандиву собитқадамиаш далолат менамуданд.[3]

---

[1] «Ар-риёзу-н-назара» (2/379, 385).

[2] «Сияру-л-аълом» (1/78).

[3] «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (4/35).

Ҳамчунон рӯзи ғазваи Ҳудайбия вақте, ки Паёмбари акрам (с) аз қарордоди сулҳ фориғ шуд, шоҳидон аз ду тараф аз як сӯ мусалмонҳо ва аз тарафи дигар мушрикон ширкат варзида шоҳидӣ медоданд. Ва яке аз ин шоҳидон аз тарафи мусалмонҳо Абдурраҳмон (р) буд. Ва аз аҳли ин ояти карима ба шумор меравад.

﴿ لَّقَدْ رَضِيَ ٱللَّهُ عَنِ ٱلْمُؤْمِنِينَ إِذْ يُبَايِعُونَكَ تَحْتَ ٱلشَّجَرَةِ فَعَلِمَ مَا فِي قُلُوبِهِمْ فَأَنزَلَ ٱلسَّكِينَةَ عَلَيْهِمْ وَأَثَٰبَهُمْ فَتْحًا قَرِيبًا ﴿١٨﴾ ﴾ الفتح: ١٨

Сухани Худо:

**«Худо аз мӯъминон, он ҳангом ки дар зери дарахт бо ту байъат карданд, хушнуд гашт ва донист, ки дар дилашон чӣ мегузарад. Пас оромиш бар онҳо нозил кард ва ба фатҳе (ғалабае) наздик подошашон дод».[1]**

## Пешвои ҷамоъае аз мусалмонҳо дар Думату-л-ҷандал[2]

Ба ростӣ, Абдурраҳмон (р) дар ҳама ғазваҳое, ки иштирок намуда буд барои душманҳо як балои азиме буд. Ва хусусан дар ғазваи Уҳуд шуҷоъатмандиву далерияшро дар ин ҷанг ва набардҳои дигар зоҳир намуд, ва яке аз шуҷоътарини мусалмонҳо ба шумор мерафт ҳатто, ки ӯро сарлашкари сарлашкарҳо меномиданд.

Дар моҳи шаъбони соли шашуми ҳиҷрӣ Расули акрам (с) Абдурраҳмон (р)-ро ба назди худ хонда, ба ӯ амр кард, ки ҳафсад ҷанговарро омода карда, ба Думату-л-ҷандал биравад.

Абдурраҳмон (р) ба худ тасмим гирифта, салаи сиёҳи пахтагинро ба сараш печонд. Расули акрам (с) ба ӯ наздик шуда, он салаи бастаашро аз сараш гирифта, бо дасти муборкаи худ ба сари ӯ печонд ва аз пушташ ба миқдори чаҳор

---

[1] Сураи Фатҳ, ояти 18.

[2] Қалъаест байни Мадина ва байни Димишқ

ангушт фаш баровarда гуфтанд: *«Ҳамин тавр салла бибанд, эй писари Авф, зеро, ки ин тавр бастан хубтару маъруфтар аст».*

Баъд аз он Паёмбари акрам (с) ба Билол (р) амр кард, ки байрақро ба дасти Абдурраҳмон (р) бидиҳад. Ва баъди ҳамди Худо ба Абдурраҳмон (р) чунин гуфт:

*«Бигир байрақро, эй писари Авф ва роҳӣ шавед ба номи Худо ва ҳамаатон якҷоя дар роҳи Худо биҷангед, пас касе, ки имон ба Худо наоварад, бикушедаш ва дар ғаниматҳо хиёнату гадр ҳам накунед ва кӯдакҳоро макушед. Ин аҳди Худову сирати набияш бо шумо аст».*

Пас Абдурраҳмон (р) байрақро гирифта ҳамроҳи ҷамоъаташ ба сӯйи Думату-л-ҷандал ба роҳ баромад. Ҳангоме ки ба он ҷо расиданд, аҳли он мавзеъро ба Ислом овардан даъват намуданд. Пас аз се рӯз хушбахтона, подшоҳашон Асбағ писари Амр писари Саълабаи Калбӣ имон овард, ки қаблан ӯ насронӣ буд.

Абдурраҳмон (р) аз ин фатҳи Худовандӣ Паёмбари акрам (с)-ро хабардор кард. Расули акрам (с) ба ӯ мактуб равон кард, ки духтари подшоҳашонро (ки номаш Тумозир духтари Асбағ аст) ба занӣ бигир. Абдурраҳмон (р) бо ӯ издивоҷ кард. Баъди анҷом додани ин кори муҳим байрақи Расули Худо (с) дар даст ба Мадинаи мунаввара баргашт.[1]

## Расули акрам (с) аз паси Абдурраҳмон (р) намоз мегузорад

Вақте, ки лашкари мусалмонҳо дар роҳ ба сӯйи Табук мерафтанд, ин ҳангом Абдурраҳмон (р) дар як эҳтирому иззати бузурге буд, ки ба ҷуз Абубакр (р) дигар касе аз мусалмонҳо ба ин тавр бузургӣ дар он вақт ноил нашуда буданд. Чун вақти намози фаҷр (субҳ) даррасид ва намозро шурӯъ карданд, Расули акрам (с) барои ҳоҷати худ баромада буданд. Мусалмонҳоро Абдурраҳмон (р) имоматӣ кард. Ракъати

[1] «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (4/179).

аввалро тамом накарда, Расули акрам (с) омада ба ӯ иқтидо кард ва Абдурраҳмон (р) ҳис кард, ки Расули акрам (с) аз пасаш иқтидо кардааст ва хост, ки Паёмбари акрам (с)-ро пеш гузаронад, лекин Расули акрам (с) ба сӯяш ишора кард, ки дар ҷоят биист. Ҳамин тавр Расули Худо (с) аз паси Абдурраҳмон (р) намозро адо намуд. Вақте ки  Абдурраҳмон (р) салом дод, Паёмбари акрам (с) ба асҳобаш рӯй оварда чунин гуфтанд: *«Ба ростӣ ба хайр расидед ва кори хуб ҳам кардед»*. Мурод ин буд, ки шумо намозатонро дар вақташ хондед.

Баъд аз он Паёмбари акрам (с) фармуданд: *«Қабзи рӯҳи набие карда намешавад, ҳатто  аз пушти марди солиҳе аз умматаш намоз гузорад».*[1]

## Сайиди мусалмонон

Умар ибни Хаттоб (р) умми Кулсуми духтари Уқбаро, ки зани Абдурраҳмон (р) буд, дид  ва барояш гуфт:

- Оё Расули акрам (с) ба ту гуфт, ки зани сайиду-л-муслимин Абдурраҳмон ибни Авф бишав?

Пас умми Кулсум фармуд:

Бале.

Боре расули Худо (с) Бусра духтари Сафвонро ба назди худ даъват карда, ба ӯ гуфт:

- Умми Кулсумро, ки хостгорӣ кардааст?

Бусра ҷавоб дода гуфт:

- Фалонӣ ва фалон кас ва Абдурраҳмон (р).

Расули акрам (с) фармуданд: «Умми Кулсумро ба Абдурраҳмон писари Авф никоҳ кунед, зеро ӯ аз беҳтарини мусалмонон аст. Ва беҳтарини мусалмонон касе мебошад, ки мисли ӯст».

---

[1] «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (7/164).

Баъд аз он умми Кулсум духтари Уқба (р) фармуд: Шахсеро ба сӯйи бародарам Валид фиристодам то, ки омада маро ҳамин лаҳза ба Абдурраҳмон писари Авф никоҳ кунад[1].

Паёмбари акрам (с) чунин мефармуданд: «Абдурраҳмон ибни Авф (р) яке аз пешвоёни мусалмонон аст». [2]

## Дар байни дӯстон

Байни Талҳа ибни Убайдуллоҳ ва Абдураҳмон ибни Авф (р) каме нофаҳмиҳо буд. Рӯзе Талҳа (р) бемор шуд ва Абдурраҳмон (р) ба аёдаташ омад.

Талҳа (р) гуфт: - Қасам ба Худо, эй бародар ту аз ман беҳтару хубтар ҳастӣ.

Абдурраҳмон ибни Авф (р) гуфт: - Эй бародар, ин тавр магӯ.

Талҳа (р) гуфт: - Бале, қасам ба Худо (ҷ), агар ту бемор мешудӣ, шояд ман туро хабаргирӣ намеомадам[3].

Дар яке ҷангҳо байни Абдурраҳмон (р) ва байни Холид ибни Валид (р) хилофу ҳамдигарнофаҳмие шуд ва Холид (р) ба Абдурраҳмон (р) суханҳои сахте гуфт. Абдурраҳмон (р) ба назди Расули акрам (с) рафта, аз Холид (р) шикоят кард.

Расули акрам (с) фармуданд: эй Холид, мардеро. ки аз аҳли Бадр аст, озор мадеҳ. Агар ту ба миқдори кӯҳи Уҳуд тилло дар роҳи Худо (ҷ) сарф намоӣ, амали аҳли Бадрро нахоҳӣ ёфт.

Холид (р) гуфт:

- Бар ман ҳамла мекунанд, пас онҳоро аз худ рад менамоям.

Расули акрам (с) ҳамчун падари меҳрубону дилсӯз барои ислоҳи фарзандонаш дар байни онҳо гуфт:

- Холид (р)-ро озор надиҳед, зеро ки ӯ шамшерест аз шамшерҳои Худованд, ки ӯро Худованд бар болои кофирон фуруд овардааст[1].

---

[1] «Сияру-л-аъломи-н-нубало» (1/84).

[2] «Ал-исоба» (2/292).

[3] «Сияру-л-аъломи-н-нубало» (1/ 77-79).

## Адолат ва ризоят

Абдурраҳмон (р) бо ахлоқи пок ба воя расид ва рашиду оқил ва андешаманд буд. Корҳои ҷоҳилият ва урфу одаташро эътибор намедод. Аз ҷумлаи шахсоне буд, ки дар вақти ҷоҳилият арақро ҳаром шумурда буд. Ва яке аз нафароне буд, ки дар ҳаёти Расули акрам (с) дар Мадинаи мунаввара мусалмонҳоро фатво медод.

Абдурраҳмон ибни Авф (р) шахсе буд, ки дар аҳди Абубакри Сиддиқ (р) ва Умари Хаттоб (р) ва Усмони Зиннурайн (р) мусалмонҳоро ба он чизе, ки аз Паёмбари акрам (с) шунида буд, фатво медод. Ва Умари Форуқ (р) барояш мегуфт, ки барои мо аз Расули Худо (с) ҳадис бигӯ, зеро ту дар назди мо одилу ризоманд ҳастӣ.

Умар (р) сухани Абдурраҳмон (р)-ро гирифта, аз кишвари Шом баргашт ва ба он ҷо надаромад аз ҷиҳати тоъун (як навъ бемории сирояткунанда). Ва ҳамчунон амирулмӯъминин Умар (р) ҳадди (ҷазо додан) арақнӯшро ва инчунин дар гирифтани ҷизя аз маҷусиҳо раъй ва фикри Абдурраҳмон (р)-ро таъйид намуд.

Вақте ки Худованди бузург кишвари Шомро барои мусалмонҳо фатҳ намуд Абдурраҳмон (р) гуфт:

- Шоҳидӣ медиҳам ин ки Расули акрам (с) барои ман ва Умари Хаттоб (р) заминеро ҷудо карда буд, ки он замин Салил ном дошт, лекин Расули акрам (с) вафот карду барои ман мактубе нанавишт. Ба ростӣ ба ман гуфта буд:

- Вақте ки Худованд барои мо кишвари Шомро фатҳ намояд, пас ҳамон замин барои туст.

Боре Зубайр ибни Аввом (р) аз хонаводаи Умар (р) насибаашонро харид, баъд аз он ба назди халифаи ҳамонвақта, ки Усмон ибни Аффон (р) буд, рафт ва барояш гуфт:

---

[1] «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (4/314).

- Ба ростӣ Абдурраҳмон ибни Авф (р) чунину чунон гуфт: ва ман ҳиссаи хонаводаи Умар (р)-ро харидам.

Ҳазрати Усмон (р) матлаби эътимоднокии Абдурраҳмон ибни Авф (р)-ро таъкид намуда, фармуданд: «Шаҳодати Абдурраҳмон писари Авф (р) аз барои худаш ва барои дигарон қабул аст».[1]

## Содиқу солеҳ

Аз Умар ибни Хаттоб (р) ривоят аст, ки гуфтааст:

- Паёмбари гиромиро дар манзили Фотима (р) дидам дар ҳоле ки Ҳасану Ҳусайн аз гуруснагӣ гиря мекарданд. Пас Паёмбари акрам (с) фармуданд: «Кӣ моро навозиш мекунад ва чизе медиҳад?» Пас Абдурраҳмон (р) бо табақе дар даст, ки дар он хурмо, равған, ду нон ва муррабо овард. Сипас Расули акрам (с) ба Абдурраҳмон (р) гуфт:

- Аллоҳ таъоло корҳои дунёиятро кифоягӣ фармояд ва охирататро бошад ман зомин ҳастам (яъне ҳатман туро шафоъат мекунам)[2].

Ва Паёмбари акрам (с) ба занҳои покаш мегуфт:

*- Ба таҳқиқ шахсе, ки баъди ман шуморо нигоҳубин мекунад, вай содиқу солеҳ аст. Эй бор Худоё, Абдурраҳмон ибни Авфро аз салсабили ҷаннат бинӯшон*[3].

Абдурраҳмон (р) барои занҳои Паёмбари акрам (с) амонатнигаҳдор буд. Ҳамроҳашон мебаромад ва ҳамроҳашон ҳаҷ мекард ва низ чизҳои лозимаро барояшон таъмин мекард. Ва саховатмандии Абдурраҳмон (р) барои мусалмонҳо, хусусан барои занони Паёмбари акрам (с), ки модарони мусалмонҳо мебошанд, ба ҳадде расид, ки як заминашро ба миқдори 4000-ҳазор динор фурӯхта, ҳамаашро барои фақирони бани Зуҳра ва

---

[1] «Усуду-л-ғобба» (3//484).

[2] «Ар-риёзу-н-назара» (2/380).

[3] «Ал-исоба» (2/292).

ҳоҷатмандони мусалмонҳову модарони мўъминон тақсим намуд.

Пас вақте ки ҳиссаи Оиша (р)-ро аз моли Абдурраҳмон (р) оварда доданд, гуфт:

- Кӣ инро ба ман равон кард?

Барояш гуфтанд, ки Абдурраҳмон (р).

Сипас Оиша (р) гуфт:

- Ба ростӣ шунидам, ки Расули акрам (с) мегуфт: «Лутфу меҳрубонӣ намекунанд бар шумо баъди ман магар, ки сабркунандагон» ва дар ривояти дигар «магар солеҳон». Баъд аз он барои Абдурраҳмон (р) дуъои хайри Паёмбари Худо (с)-ро карда, гуфт:

- Худованд туро аз салсабили ҷаннат сероб гардонад.

Ва инчунин Абдурраҳмон (р) аз барои модарони мўъминон як боғеро, ки чорсад ҳазор нарх гузошта шуда буд, васият кард[1].

## Амини осмону замин

Вақте амирулмўъминин Умар ибни Хаттоб (р) аз дунё реҳлат менамуд, шаш нафарро аз асҳоби Расули акрам (с) ихтиёр кард то, ки баъди ў кори хилофатро пеш баранд. Ва онҳоро хабар дод, ки Расули акрам (с) вафот карду аз онҳо розӣ буд. Пас Абдурраҳмон (р)-ро, ки яке аз ҳамон шашнафара буд, амр кард, то ки  намози мардумро бихонад, пас намози мардумро хонд. Пас асҳоби машварат дар як хонае аз мардум дур ҷамъ шуда, дар кори худашон машварат намуданд. Сипас гапҳо бисёр шуданд ва овозҳо баланд шуданд, то ҷое, ки Зубайр (р) амри хилофатро ба сўйи Алӣ (к.в.) равон кард ва Саъд писари Абуваққос (р) бошад, амри хилофат ба сўйи Абдурраҳмон (р) ҳавола кард ва Талҳа (р) бошад ҳаққи худро аз амри хилофат ба Усмон писари Аффон (р) гузошт.

[1] «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (5/355).

Пас вақте амри хилофат дар байни Аливу Усмону Абдурраҳмон (р) мунҳасир шуд, Абдурраҳмон (р) гуфт:

- Кадоме яке шумо аз ин амр озод мешавед, то ки кори хилофатро ба сӯйи як нафар ҳавола кунем? Худованд ва Исломро бар худ ҳоким медонем, ки албатта беҳтарини яке аз ду марди боқимонда соҳиби хилофат мегардад. Ҳазрати Усмон (р) ва Алӣ (к.в.) хомӯш монданд. Абдурраҳмон (р) чун ин ҳолро дид, тарки хилофатро барои худ авло дониста аз ҳаққи худ гузаштанашро эълон кард ва гуфт: «агар шумо розӣ бошед Худо ва Исломро бар болои худ ҳоким қарор дода иҷтиҳод намоям бар ин ки яке аз беҳтарини ҳардуи шуморо валии баҳақ гардонам». Усмон (р) ба ин фикр розӣ буданашро эълон карда гуфт: бале, ман ба ин фикр розӣ ҳастам. Алӣ (к.в.) бошад гуфт, ки аввалин шахси ба ин фикр розӣ мешудагӣ ин ман мебошам, зеро аз расули Худо (с) шунидаам, ки мегуфт: «Абдурраҳмон писари Авф (р) амини аҳли осмону замин аст».

Пас вақте амрро ба дӯши иҷтиҳоди Абдурраҳмон (р) гузоштанд, то ки афзали мусалмонҳоро ихтиёр карда, валӣ бигардонад, қавм пароканда шуданд. Баъд аз он Абдурраҳмон (р) баромад ва мардумро дар бораи Аливу Усмон (р) суол карда, машварат мепурсид ва дар муддати се шабонарӯз фикрҳои мусалмонҳоро ҷамъ карда, сипас ба намозу дуъову истихора шурӯъ кард ва ин чизро аз Худованд мепурсид, ки кадоми ин ду соҳиби раъйи хуб бошад, барои амри хилофат ҳамонро халифа бигардон.

Чун шаб ба субҳи чаҳорумин рӯзи шаҳодати ҳазрати Умар (р) мерасад ва ҳол он, ки Абдурраҳмон (р) касеро пайдо карда наметавонад, ки майл дошта бошад барои халифа таъин нашудани ҳазрати Усмон (р), бинобар ин ҳардуяшонро-яъне ҳазрати Усмон ва Алӣ (р)-ро ба наздаш мехонад ва мегуяд:

- Ман мардумро аз ҳардуи шумо савол карда пурсидам пас касеро наёфтам, ки маро ба бартарии яке аз шумо далолат кунанд. Сипас Абдурраҳмон (р) ҳар яке аз ин дуро мавриди

хитоб қарор дода, фазилатҳояшонро барояшон гуфт ва аз ҳар яке аз ин ду аҳду паймон гирифт бар ин, ки агар кадоме аз ин ду халифа шавад, бояд ки адл кунад ва агар бар болои ӯ дигарӣ халифа шавад, бояд гӯш биандозад ва итоъат кунад.

Баъд аз он Абдурраҳмон ҳардуи онҳоро гирифта ба масҷид даромад ва саллае, ки Паёмбари акрам (с) ба сари ӯ баста буд, онро бар сараш монда шамшерро ба бараш гирифта, рӯ ба рӯйи мардуми муҳоҷиру ансор баромад, баъд аз он ба мардум нидо карда гуфт:

- Намози ҷамъоат аст, намози ҷамъоат аст. Чун масҷиди набавӣ пур аз одам шуд, ҳатто, ки ба мардум ҷой нарасид то ҷое, ки барои Усмон (р) ҷой намонд, ки бинишинад ва дар ақиби ҷамоъаи мардум нишаст. Баъд аз он Абдурраҳмон (р) ба минбари Расули акрам (с) баромада, вуқуфи бисёре карда дуъои дарозе хонд, ки аз мардум касе намешунид, баъд аз он ба мардум рӯ оварда гуфт:

- Эй мардум ман шуморо дар бораи хостанатон яке аз ин ду шахсияти бузургро пинҳону ошкор ҷӯё шудам, вале наёфтам касеро, ки ё аз Усмон (р) ва ё Алӣ (к.в.) бигзарад. Акнун эй Алӣ (р) ба назди ман биё. Чун Алӣ (к.в.) аз ҷояш бархост ва ба зери минбари Паёмбари акрам (с) омада истод, Абдурраҳмон (р) аз дасташ гирифта гуфт:

- Оё ту маро байъат мекунӣ бар китоби Худо ва суннати Паёмбараш ва ба кардаи Абубакр ва Умар (р)?

Пас Алӣ (к.в.) Гуфт:

- Эй бор Худоё, не, лекин ба қадри иститоъатам. Пас Абдурраҳмон (р) дасташро сар дода гуфт:

- Аз ҷоят бархез, эй Усмон (р), пас аз дасти Усмон (р) гирифта, барояш гуфт:

- Оё ту маро байъат мекунӣ бар китоби Худо ва суннати Расулаш ва кардаи Абубакр ва Умар (р)? Пас ҳазрати Усмон (р) гуфт:

- Эй бор Худоё, бале! Дар ин вақт Абдурраҳмон (р) сарашро ба тарафи сақфи масҷид бардошта, дасти Усмон (р)-ро баланд карда гуфт:

- Эй бор Худоё, бишнав ва шоҳид бош, эй бор Худоё бишнав ва шоҳид бош, эй бор Худоё бишнав ва шоҳид бош, ки он чи дар гардани ман буд, ба гардани Усмон (р) гузоштам. Баъд аз он Абдурраҳмон (р) дар ҷои Паёмбари акрам (с) нишаста, Усмон (р)-ро дар поёнтари аз худаш бинишонид ва мардум ҳама омада бо Усмон (р) байъат менамуданд ва Алӣ (к.в.) барои байъат пешо-пеши мардум буд. Ва ҳамин тавр Абдурраҳмон (р) тақводорӣ ва амонатдориашро дар амри хилофат нишон дод.[1]

## Ҳаракат дар Мадинаи мунаввара

Абдурраҳмон ибни Авф (р) шахси бисёр фурӯтан буд, ки дар байни ғуломонаш ӯро шинохта намешуд. Саховатманд ва марди покдилу поксиришт буд.

Абдурраҳмон ибни Авф (р) мегуфт:

-Ба шиддату сахтӣ озмоиш карда шудем, пас сабр кардем ва ба сиҳативу хушӣ озмоиш карда шудем, пас сабр накардем.

Абдурраҳмон (р) аз бисёрии молдориаш бузургаш доим дар тарсу ҳарос буд ва гирди Байтуллоҳ тавофу зиёрат мекард ва мегуфт:

- Эй бор Худоё, маро аз бахилии нафсам нигоҳ дор!

Боре Абдурраҳмон (р) ба назди модари мӯъминон Умми Салама (р) даромад ва барояш гуфт:

- Эй модарам, ман метарсам ин ки бисёр будани молам маро ҳалок накунад, зеро ки ман дар байни мардуми Қурайш аз ҳама сарватмандтар ҳастам. Умми Салама (р) барояш гуфт:

---

[1] «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (7/144-147).

- Эй писарам, садақа бикун, зеро ки ман Паёмбари Худо (с)-ро шунида будам,  ки мегуфтанд: *«Ба таҳқиқ аз асҳоби ман шахсест, ки намебинад маро баъд аз ин ки аз ӯ ҷудо мешавам».*

Сипас дасташро барои хайр кардан боз кард, гӯё ки ӯ аз фақирӣ ҳеҷ наметарсад. Пас дар як рӯз сӣ ғуломашро озод кард ва ҷумлагӣ ғуломоне, ки ӯ озод кардааст, сӣ ҳазорро ташкил мекунад. Баъд аз он чиҳил ҳазор динорро садақа намуд, боз ҳам баъди ин ҷиҳил ҳазор динори дигарро садақа кард ва ҳамчунон панҷсад аспро дар роҳи Худо (ҷ) дод, баъд аз он як ҳазору панҷсад роҳиларо (шутурони борбар) дар роҳи Худо (ҷ) ҳиба намуд.

Як рӯз ъире (корвонест аз шутурҳо) аз тарафи кишвари Шом, ки аз Абдурраҳмон (р) буд, баргашт ва ҷумлагӣ ҳафсад роҳила буданд, пас вақте ки  ба Мадинаи мунаввара даромаданд ва садои сумбҳои ин чорпоён баланд шуд, пас уммулмӯъминин Оиша (р) гуфт:

- Ин садои ҳаракати чист? Барояш гуфта шуд, ки роҳилаест аз Абдурраҳмон (р), ки иборат аст аз ҳафсад шутур пур аз гандуму орд ва дигар хӯрока.

Пас Оиша (р) гуфт:

-Ҳақиқатан ҳам, ман аз Расули Худо (с) шунида будам, ки мегуфт:

*«Абдурраҳмон писари Авф (р) аз рӯйи атову саховаташ дохили Ҷаннат мешавад».*

Чун ин хабар ба гӯши Абдурраҳмон (р) расид, ба назди Оиша (р) омада аз он чи ки шунида буд, суолаш кард. Оиша (р) хабарро барояш ҳикоят фармуд. Сипас Абдурраҳмон (р) гуфт:

- Қасам ба Худо, агар ман тавонам, ҳароина росто дохил мешавам ҷаннатро. Эй модари бузургворам, ту шоҳид бош, ки ҳамаи ин корвонам ҳамроҳи борҳояшон дар роҳи Худои бузургу меҳрубон садақа аст[1].

---

[1] «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (7/163-164).

## Беҳтарин ҳамнишин

Навфал ибни Илёси Ҳузалӣ (р) гуфт:

- Абдурраҳмон (р) ҳамнишини мо буд ва беҳтарин ҳамнишин буд. Рӯзе ба хонаи ӯ (р) омадем ва ӯ даромада, ғусл гирифт. Баъд аз он омада ҳамроҳамон нишаст ва моро ба як табақе, ки пур аз нону гӯшт буд, меҳмондорӣ кард. Ҳангоми ниҳодани ин табақ Абдурраҳмон (р) гирён шуд. Аз Ӯ пурсидем, ки чи туро гирён кард, эй Абумуҳаммад?

Абдурраҳмон ибни Авф (р) гуфт:

-Расули акрам (с) ва аҳлу байти ӯ аз нони ҷавин сер накарда буданд, мо бошем нону гӯшт мехӯрем дар ҳоле, ки Ӯ (с) беҳтарини мо буд[1].

Боре ба назди Абдурраҳмон таъоме оварданд ва ӯ рӯзадор буд, ба он нигариста гуфт:

- Мусъаб писари Умайр (р) кушта шуд, дар ҳоле, ки вай беҳтар аз ман буд ва либосе наёфтем, ки ӯро кафан кунем, пас бо либоси баданаш ӯро кафан карда шуд, ки агар сарашро мепушондем пойҳояш луч мемонд ва агар пойҳояшро мепӯшондем сараш кушода мемонд. Ҳамза (р) кушта шуд дар ҳоле, ки ӯ беҳтар аз ман буд, барои ӯ ҳам чизе наёфтем, ки кафанаш кунем. Баъд аз он барои мо аз дунё дода шуд, он чизе, ки дода шуд ва расид аз дунё барои мо он чизе, ки расид ва акнун ман метарсам, ки аз ҷумлаи касоне набошам, ки дар дунё барояшон дода мешаваду бас ва низ метарсам ки аз рафиқонам пасмон шавам аз ҷиҳати бисёрии молам. Баъд аз он бисёр гирист то ин ки он таъомро тарк кард[2].

---

[1] «Ал-исоба» (2/292).

[2] Ривояти Имом Бухорӣ (2/98), «Усуду-л-ғобба» (3/484).

## Хушбахтӣ дар охират

Бемории Абдурраҳмон ибни Авф (р) авҷ гирифта, ӯро ба дарду ранҷ вомегузошт, пас ба шиддати касалии худ машғул буд. Дар як шабе беҳуш шуда афтид, ҳатто, ки мардум гумон карданд, ки рӯҳаш баромадааст, пас вақте ба ҳуш омад гуфт:

- Оё ман, бехуд шудам?

Мардум гуфтанд:

- Бале!

Пас фармуд:

- Ба таҳқиқ маро ду малак омада, гуфтанд:

- Биё ҳамроҳи мо, туро муҳокима мекунем дар назди Азизи Амин. Пас маро ҳамроҳи худ бурданд, то ҷое, ки як малакро диданд. Ӯ барояшон гуфт:

- Куҷо мебаред инро? Гуфтанд, ки ба сӯйи Азизи Амин, то муҳокимааш кунем. Пас он малак гуфт, ки инро ба ҳоли худ гузоред, зеро ки ӯ аз ҷумлаи касонест, ки дар ҳоли дар батни модар буданаш хушбахтиро соҳиб гашта аст.

Баъд аз ин ҳодиса Абдурраҳмон (р) як моҳи дигар зиндагӣ карда, сипас дар Мадинаи мунаввара дар соли 32-уми ҳиҷри, дар синни 75-солагӣ вафот кард. Ва намози ҷанозаашро Усмон ибни Аффон (р) хонд ва дар гӯристони Бақиъ дафн карда шуд ва яке аз бардорандагони тобуташ Саъд ибни Абуваққос (р) буд. Ҳазрати Алӣ (к.в.) ӯро видоъи охир карда, мегуфт:

- Бирав, эй писари Авф, пас ба ростӣ ту афзалтарин ҷойро дарёфтӣ ва аз ифлосӣ ба ту чизе олуда нашуд[1].

## Вакили Худову Расул

Абдурраҳмон писари Авф (р) як рӯзе дар замони ҳаёти Расули акрам (с) бемор шуд. Пас сеяки молашро васият кард, баъд вақте аз беморӣ халос ёфт, ин моли васияткардаашро ба дасти худаш садақа кард, сипас ҳазор аспро дар роҳи Худо (ҷ)

[1] «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (7/164).

садақа намуд ва низ панҷоҳ ҳазор динори дигарро барои хушнудии Худованд садақа дод. Баъд аз он дар байни мардум фарёд карда гуфт:

- Эй асҳоби расули Худо (с), кадоме аз шумо аз аҳли Бадр бошад, барояш аз ҷониби ман чаҳорсад динор ҳадя дода мешавад. Усмон (р) аз ҷояш хеста ҳамроҳи мардум рафт, пас барояш гуфта шуд:

- Эй Усмон (р), оё ту сарватманд нестӣ?

Усмон (р) гуфт:

- Ин ҳадяву атия аст аз Абдурраҳмон (р) аз моли ҳалолаш на ин ки садақа. Пас Абдурраҳмон (р) дар ҳамон рӯз ба аҳли Бадр яксаду панҷоҳ ҳазор динор садақаву инфоқ кард, пас вақте шаб шуд, дар хонааш нишаста, як рӯйхате тартиб дод ба мақсади тақсим намудани ҳамаи молаш барои муҳоҷирину ансор, ҳатто, ки дар он навишт, либоси баданам аз фалон кас ва саллаи сарам аз фалон кас ва аз молаш чизе намонда, балки ҳамаашро барои фақирон навишт.

Пас вақте, ки намози субҳро аз паси Расулуллоҳ (с) хонд, Ҷабраил (а) омад ва гуфт :

- Эй Муҳаммад (с), Худованд (ҷ) бароят мефармояд, ки ба Абдурраҳмон аз ҷониби ман салом бигӯ ва рӯйхаташро аз ӯ қабул бикун, баъд аз он ба ӯ боз бигардон ва барояш бигӯ:

- Ба таҳқиқ Худованд (ҷ) садақаи туро қабул кардааст ва Абдурраҳмон вакили Худову вакили Расулаш аст, пас молашро чи тавре ки мехоҳад сарф кунад, ҳамчуноне, ки пештар сарф мекард ва ба ӯ ҳисобе нест ва хушхабараш бидеҳ.[1]

Ва аз дуъоҳои Паёмбари акрам (с) барояш ин буд, ки *«Худованд дар молат туро баракат диҳад ва ҳисобатро дар рӯзи қиёмат сабук бигардонад».*[2]

---

[1] «Ат-табақоту-л-кубро» (3/ 98-101).

[2] «Ар-риёзу-н-назара» (2/380).

# САЪД ИБНИ АБУВАҚҚОС

*Марде аз аҳли ҷаннат ва фотеҳи Ироқу Мадоин. (603-675 мелодӣ)*
*(23-сол қабл аз ҳиҷрат 55 ҳиҷрӣ қамарӣ)*

**Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон**

## Насаби Саъд (р)

Ў Саъд ибни Абуваққос аст ва номаш Молик ибни Вуҳайб (баъзеҳо Уҳайб гуфтанд) ибни Абдулманоф ибни Зуҳра ибни Килоб ибни Мурра… Қурайшии Зуҳрии Маккӣ мебошад. Абуваққос кунияташ ба ҳисоб меравад.

**Модараш:** Ҳамна бинти Суфиён ибни Умая, духтари амаки Абусуфиён ибни Ҳарб ибни Умая аст.

**Фарзандонаш:**

- Исҳоқи Акбар ва Умми Ҳаками Кубро, ки модарашон духтари Шиҳоб ибни Абдуллоҳ ибни Ҳорис ибни Зуҳра мебошад;
- Омир, Исҳоқи Асғар, Исмоил ва Умми Имрон, ки модари инҳо Умми Омир бинти Амр мебошад;
- Иброҳим, Мўсо, Умми Ҳаками Суғро, Умми Амр, Ҳинд, Умми Зубайр ва Умми Мўсо, ки модарашон Забад духтари Ҳорис ибни Яъмура ибни Шуроҳила мебошад;
- Мусъаб, ки модари ў Ҳавла духтари Амр ибни Авс мебошад;
- Абдуллоҳи Асғар, Бучайр (номи асосиаш Абдурраҳмон) ва Ҳумайда, ки модарашон Умми Ҳилол духтари Рабеъ ибни Мурра мебошад;
- Умайри Акбар ва Ҳамна, ки модарашон Умми Ҳакам духтари Қориз аз қавми Кинона, мебошад. Ва Кинона аз ҳампаймонҳои бани Зуҳра буд;
- Умайри Асғар, Амр, Умрон, Умми Амр, Умми Айюб, Умми Исҳоқ, ки модарашон Салмо духтари Ҳасфа мебошад.
- Солеҳ, ки модараш Тайиба духтари Омир ибни Утба мебошад;
- Усмон ва Рамла, ки модарашон Умми Ҳучайра мебошад;

- Амра (ин духтарро Суҳайл ибни Абдурраҳмон ибни Авф ба занӣ гирифт), ки модараш зане аз асираҳои араб буд;

- Оиша духтари Саъд.

Саъд ибни Абувaққос ҳамагӣ 11 зан ва 30 фарзанд дошт, ки 15 писару 15 духтар буданд.

## Ислом овардани Саъд

Пеш аз мусалмон шуданаш Саъд (р) дар хоб дид, ки дар маконе торику зулмонӣ роҳгум задааст ва чизеро намебинад. Ногоҳ рӯшноии моҳро дид ва дунболи он рӯшноӣ равон шуд. Дар пеши худ чанд нафареро дид, ки онҳо низ ҷониби рӯшноӣ мерафтанд. Ва ба онҳо наздик шуда, Зайд ибни Ҳорис, Алӣ ибни Абутолиб (к.в.) ва Абуакри Сиддиқ (р)-ро шинохт ва аз онҳо пурсон шуд:

- Шумо кай ба ин ҷо омадед?

Гуфтанд:

- Ба қарибӣ.

Вақте ки Саъд аз хоб бедор шуд, рӯз равшан шуда буд. Худи ҳамон рӯз хабар ёфт, ки Расули акрам (с) ба тарзи пинҳонӣ ба Ислом даъват мекунад. Ин ҳодиса қабл аз маъво гирифтани Паёмбар (с) ва асҳоби киром дар хонаи Арқам (р) буд.

Саъд андеша карда, ба хулосае омад, ки Худованд ба ӯ некӣ мехоҳад ва хостааст, ки ӯро аз зулмот ба рӯшноӣ барорад. Саъд (р) бо шитоб назди Расули акрам (с) равона гардид ва ӯро дар кӯҳи наздикии Макка, дар ҳоле, ки намози асрро мехонд, дучор омада, гуфт:

- Эй Муҳаммад (с), ба сӯйи чӣ даъват мекунӣ?

Расули Худо гуфтанд:

«Шоҳидӣ бидеҳ, ки ҷуз Аллоҳ маъбуде барҳақ нест ва Муҳаммад расули Худо аст».

Саъд (р) калимаи тавҳидро ба забон овард ва аз нури он қалбашро мунаввар сохт. Дар он рӯз Саъд ҳабдаҳ сола буд ва аз

ҷумлаи аввалин собиқадорони Ислом гардид, ки Худованд синаҳояшонро барои қабули нури имон мунаввар гардонид.

Расули акрам (с) аз мусалмон шудани Саъд ибни Абувaққос (р) бағоят хушнуд шуд, зеро модари Паёмбар (с) Омина бинти Ваҳаб аз қабилаи бани Зуҳра ва духтари амаки Саъд (р) буд. Аз ин ҷиҳат Расули акрам (с) Саъд (р)-ро бениҳоят эҳтиром мекард ва вақте Саъд наздик меомад, Паёмбар (с) аз миёни асҳоб бо лутф аз Саъд ифтихор карда, мегуфт: «Саъд тағои ман аст, ку кӣ тағояшро ба ман нишон медиҳад».

## Эй модаркуш

Саъд (р) шахси раҳмдилу меҳрубон буд ва нисбат ба падару модар муҳаббати бепоён дошт, махсусан модарашро бениҳоят дӯст медошт. Вале модараш чун хабар ёфт, ки фарзандаш мусалмон шудааст, ғазабаш ҷӯш зад. Тасаввур карда наметавонист, ки чӣ гуна писари ҳабдаҳ-солааш аз дини аҷдодиаш рӯй мегардонад?!

Баъд аз он ки тамоми кӯшишҳои модари Саъд (р) барои аз роҳи Худо баргардонидани фарзандаш ба шикаст мувоҷеҳ шуд, усулеро пеш гирифт, ки ҳама боварӣ доштанд, ки ин усул иродаи Саъд (р)-ро мешиканад. Модар ба фарзандаш гуфт: «Эй Саъд, ин динатро тарк мекунӣ ё ман аз хӯрданиву пӯшиданӣ даст мекашам, то бимирам ва ту қотили модар номида мешавӣ».

Саъд ибни Абувaққос (р) дар ҳолати ногувор монда буд. Ӯ бояд аз ду якеро интихоб мекард. Модараш аз таъом даст кашид, то аз гуруснагӣ бимирад. Аммо дили Саъд барои Ислом кушода шуда буд ва бозгашт ба торикии куфрро ҳаргиз намепазируфт. Ҳарчанд ҳаёти модараш ҳам вобаста ба он бошад, Худованд аз ҳама болотару бузургвортар аст. Дар ҳамин лаҳза имони мисли кӯҳ побарҷову мустаҳками Саъд мисли

тӯфон дар баҳри дилаш туғён кард ва чизе дар назараш нанамуд. Саъд (р) ба модараш гуфт:

- Эй модар, ин корро накун! Ман динамро ҳаргиз тарк намекунам. Модари Саъд (р) ба фарзандаш эътиборе надод ва аз таъом билкул даст кашида, барои расидан ба мақсад ҷаҳду талоши зиёде кард. Чун Саъд аҳволи модарашро дид, ба ӯ бо қатъият гуфт:

- Эй модар, дониста бош, қасам ба Худо, агар сад ҷон дошта бошӣ ва ҷонҳоят ҳар яке паси якдигар барояд ҳам, ман аз динам даст намекашам. Дар хӯрдан ё нахӯрдани таъом ихтиёр дорӣ.

Чун модари Саъд салобат ва устувории фарзандашро дид, аз нияташ даст кашид ва дубора ба ғизо рӯй овард.[1]

Худованд вобаста ба ин ҳодиса оят нозил кард:

﴿ وَإِن جَٰهَدَاكَ عَلَىٰٓ أَن تُشْرِكَ بِي مَا لَيْسَ لَكَ بِهِۦ عِلْمٌ فَلَا تُطِعْهُمَاۖ وَصَاحِبْهُمَا فِي ٱلدُّنْيَا مَعْرُوفًاۖ وَٱتَّبِعْ سَبِيلَ مَنْ أَنَابَ إِلَيَّۚ ثُمَّ إِلَيَّ مَرْجِعُكُمْ فَأُنَبِّئُكُم بِمَا كُنتُمْ تَعْمَلُونَ ﴿١٥﴾ ﴾ لقمان: ١٥

Сухани Худо:

**«Агар он ду ба кӯшиш аз ту бихоҳанд, то чизеро, ки намедонӣ чист, бо Ман шарик гардонӣ, итоъаташон макун. Дар дунё бо онҳо ба тариқе писандида зиндагӣ кун ва худ роҳи касеро, ки ба даргоҳи Ман бозмегардад, дар пеш гир. Бозгашти ҳамаи шумо ба сӯи Ман аст ва аз корҳое, ки мекардед, огоҳатон мекунам».**[2]

## Аввалин мубориз дар Ислом

Баъд аз се соли нубувват Худованди азза ва ҷалла паёмбарашро амр кард, ки даъваташро ошкор намояд ва бар озору азияти мушрикон сабр кунад. Асҳоби Паёмбар (с) ҳар

[1] Ибни Касир. «Ал-бидоя ван-ниҳоя» «8/74-75), «Усуду-л-ғоба» (2/368).

[2] Сураи Луқмон, ояти 15

вақте намоз хонданӣ мешуданд, ба гӯшае аз канораҳои Макка рафта, аз мушрикон пинҳонӣ намоз мехонданд.

Рӯзе Саъд ибни Абуваққос (р) ҳамроҳи як нафар аз саҳобагон дар гӯшае аз гӯшаҳои Макка намоз мехонданд, ки ногоҳ ҷамъоате аз мушрикони Макка расида омаданд ва ба таҳқиру истеҳзои онҳо шурӯъ карданд. Ба ин ҳам қонеъ нашуда, аз пайи зарбу лати онҳо шуданд. Саъд (р) барои ҳимояи ҳамроҳаш далерона аз ҷой бархост ва устухони партофташудаи уштурро гирифта, марде аз мушриконро зада маҷрӯҳ кард. Ин аввалин хуне буд, ки баҳри ҳимояи Ислом резонида шуд.

Ҳамчунин озору азияти мушрикон барои Паёмбар (с) ва асҳобашон муддати тӯлонӣ боқӣ монд. Саъд (р) низ сабрро пеша карда, насибаи худро аз озору азият ва қаҳтию гуруснагӣ таҳаммул мекард.

Боре шабона Саъд (р) барои қазои ҳоҷат берун баромад. Дар он ҳангом ҳис кард, ки чизе дар зери пояш садо мебарорад. Саъд (р) он чизро аз замин гирифта дид, ки пораи пӯсти уштур аст. Онро шуста дар оташ сӯхт, сипас онро байни ду санг гузошта онро орд кард. Сипас каме орди онро ба даҳон партофта, аз болояш об нӯшид. Ҳамин тавр се рӯз хӯрокаш ҳамин орди аз пӯсти уштур буд.

Ҳангоме ки Паёмбар (с) бо мушрикон гуфтушунид мекард ва ҳамроҳаш шаш саҳоба бо шумули Саъд (р) буд, мушрикон ба Паёмбар (с) гуфтанд:

- Инҳоро аз наздат бирон. Инҳо ҷуръати бо мо даст боло кардан надоранд. Дар ҳамин лаҳзаҳо Худованд ба Расулаш ояти муборакро нозил кард:

﴿ وَلَا تَطْرُدِ ٱلَّذِينَ يَدْعُونَ رَبَّهُم بِٱلْغَدَوٰةِ وَٱلْعَشِيِّ يُرِيدُونَ وَجْهَهُۥ ۖ مَا عَلَيْكَ مِنْ حِسَابِهِم مِّن شَىْءٍ وَمَا مِنْ حِسَابِكَ عَلَيْهِم مِّن شَىْءٍ فَتَطْرُدَهُمْ فَتَكُونَ مِنَ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿٥٢﴾

﴾ الأنعام: ٥٢

Сухани Худо:

**«Касонеро, ки ҳар бомдод ва шабонгоҳ Парвардигори хешро мехонанд ва хостори хушнудии Ӯ ҳастанд, аз назди худ дур макун. На чизе аз ҳисоби онҳо бар ӯҳдаи туст ва на чизе  аз ҳисоби ту бар ӯҳдаи онҳо. Агар онҳоро дур кунӣ, дар зумраи ситамкорон дароӣ».[1]**

Дере нагузашта Худованд ба Паёмбар (с) ва мусалмонон иҷозати ҳиҷратро дод. Саъд ибни Абуваққос (р) ҳамроҳи бародараш Умайр (р) пеш аз қудуми Паёмбар (с) ба Мадина ҳиҷрат карданд ва дар манзили Утба фуруд омаданд.

Вақте ки Паёмбар (с) ба Мадина қадам ранҷа карданд, байни Саъд ибни Абуваққос (р) ва Саъд ибни Муъози ансорӣ бародархондагӣ эълон намуданд. Пеш аз ҳиҷрат бошад, Саъд ибни Абуваққос (р) бо Мусъаб ибни Умайр паймонӣ бародархондагӣ доштанд.[2]

## Савораи Ислом

Саъд ибни Абуваққос (р) аз моҳиртарин ва машҳуртарини тирандозони аҳди Расули акрам (с) ба шумор мерафт. Саъд (р) аз рӯзе, ки имон оварда буд, аз саворагони ҷонфидои Паёмбар (с) ба ҳисоб мерафт ва ҳар ҷое, ки барои Ислом мушкиле эҷод мекарданд, он ҷо ҳозир мешуд. Аз ин рӯ ӯро савораи Ислом меномиданд.

Рӯзе аз рӯзҳо Паёмбар (с) ба ӯ гуфтанд: *«Эй Саъд, ту ҳар ҷое, ки бошӣ, нусратбахши дин ҳастӣ».*

Ибни Аббос (р) аз Паёмбар (с) шунид, ки ҷойи дигар мегуфтанд:

*- Саъд ибни Абуваққос (р) баробари ҳазор марди савора аст.[3]*

Баъд аз ҳиҷрат Саъд ибни Абуваққос (р) дар якчанд сафарҳои ҳарбие, ки қабл аз ғазваи Бадр баргузор шуда буданд, иштирок дошт. Дар яке аз ин гуна сафарҳо ӯ ҳамроҳи Ҳамза

---

[1] Сураи Анъом, ояти 52

[2] «Ат-табақоту-л-кубро» (3/103).

[3] «Ар-риёзу-н-назра» (2/400).

ибни Абдулмутталиб (р) (амаки Паёмбар (с)) буд ва сарварии гурӯҳи муборизонро Саъд ба ӯҳда дошт. Ин гурӯҳ аз бист нафар иборат буд ва бо дастури Паёмбар (с) бояд ба минтақаи Харрори сарзамини Ҳиҷоз мерафтанд ва бо корвони қурайшиҳо даргир мешуданд. Вале онҳо бо касе дучор наомада, ба Мадинаи мунаввара баргаштанд.

Саъд ибни Абуваққос (р) иштирокчии фаъоли ҷангҳои Бадру Уҳуд буд ва дар ғазваи Уҳуд, вақте ки мусалмонон шикаст хӯрда парешон шуданд, Саъд ҳамроҳи Паёмбар (с) муборизаро идома дода, дар ҷояш устувор истод.

Инчунин Саъд дар ғазваи Хандақ ва сулҳи Ҳудайбия ҳозир буд ва аз ҷумлаи шахсоне аст, ки бо Паёмбар паймони Ризвонро баст ва Паёмбар (с) дар ҳамон макон дар бастани сулҳи Ҳудайбия бо мушрикон Саъдро шоҳид гирифт.

Саъд (р) шоҳиди фатҳи Макка гардид ва дар он рӯзи муборак яке аз се парчами муҳоҷиронро дар даст дошт. Саъд (р) аз ягон муҳорибае, ки Паёмбар (с) шоҳиди он буд, сар напечидааст.[1]

## Аввалин тирандоз

Моҳи шавволи соли аввали ҳиҷрӣ Паёмбар (с) аввалин парчамро ба Убайда ибни Ҳорис дод ва ӯро ҳамроҳ бо шаст нафар аз муборизони муҳоҷир, ки Саъд низ миёни онҳо буд, ба мавзеъи Робиғи сарзамини Хиҷоз фиристод. Мусалмонон гурӯҳи калони мушрикони Қурайшро дучор омаданд. Миёни ин ду гурӯҳи мутахосим оташи ҷанг аланга гирифт. Саъд дар ҳамин макон ҷониби мушрикон тир андохт, ки он аввалин тири дар роҳи Худо андохташуда буд.

[1] «Ат-табақоту-л-кубро» (3/103-105).

## Ғазваи Бадр

Саъд ибни Абуваққос (р) яке аз ширкаткардагони фаъоли ғазваи Бадр буд. Дар майдони муҳориба ӯ қаҳрамонона ҷангид, ҳатто биме аз марг надошт. Дар он рӯз Саъд ду нафар аз мушриконро асир гирифт ва Саъид ибни Осро, ки яке аз пешвоёни мушрикон буд, ба қатл расонда, шамшерашро гирифт. Шамшери Саъид ибни Ос калон ва зебо буд. Саъд ибни Абуваққос (р) онро ба даст гирифта, назди Паёмбар (с) омад. Паёмбар (с) ба Саъд гуфт: «Шамшерро дар кафи дасти соҳибаш бигзор» (зеро он вақт ғанимати ҷангӣ ҳанӯз ҳалол набуд). Саъд (р) баргашт ва гуфтаи Паёмбар (с)-ро ба ҷо овард. Саъд (р) ба майдони мубориза баргашт ва мардона ҷангид. Дар ҳамин асно Худованд ба Паёмбараш сураи Анфолро (ғаниматҳо) нозил кард. Баъдан вақте Паёмбар (с) Саъдро дучор омада ба ӯ гуфт: «Бирав ҳамон шамшератро бигир».

Абдуллоҳ ибни Масъуд (р), ки яке аз саҳобагони машҳур аст, дар бораи Саъд ибни Абуваққос (р) чунин гуфтааст:

- Рӯзи Бадр Саъд (р)-ро дидам, ки далерона меҷангид.

Дар ин ғазва барои Саъд кароматӣ бузурги дигаре низ муяссар шуд. Ӯ ду малоикаи муқарраби даргоҳи илоҳӣ, Ҷабраил (а) ва Микоил (а)-ро дид, ки либосҳои сафед бар тан доштанд ва яке ҷониби рост ва дигаре аз ҷониби чапи Паёмбар (с) истода, бо мушрикон меҷангиданд ва Паёмбар (с) бо хушнудӣ ба эшон менигарист ва аз фатҳу зафаре, ки Худованд насибаш гардонида буд, шукргузорӣ мекард.

## Падару модарам фидоят

Вақте ки дар ғазвави Уҳуд мусалмонон бо шикаст рӯ ба рӯ шуданд ва аз Паёмбар (с) ҷуз чанд нафар, ҳама ҷудо гардиданд. Саъд (р) яке аз онҳо буд, ки бо камонаш аз Паёмбар (с) ҳимоят кард. Ҳар як тире, ки Саъд (р) меандохт, як мушрикро аз миён мебурд. Вақте Паёмбар (с) ин гуна тирандозии Саъдро дид, тирҳояшро ба ӯ дод ва ба тирандозӣ далераш карда гуфт:

- Падару модарам фидои ту бод, тирборон кун.

Дар аснои тирандозии Саъд (р) Паёмбар (с) дар майдони муҳориба марде аз мушриконро дид, ки дар куштани мусалмонон ҷидду ҷаҳди зиёд дорад. Инро дида Паёмбар (с) ба Саъд (р) тиреро дод, ки пайкон надошт ва амр кард, ки ҳамон мушрикро бизан. Саъд (р) он тири бепайконро гирифта, паронд. Тир парвозкунон рафта, ба пешонии мушрик бархӯрд ва ӯ пуштнокӣ афтод ва пойҳояш ба ду ҷониб пароканда шуд ва ҳама ҷояш намоён шуд. Паёмбар (с) аз ин нишоназании Саъд (р) ва ҳоли мушрик хандааш омада, хандид, ҳатто дандонҳояш намоён шуданд.

Саъд ибни Абуваққос (р) рӯзи Уҳуд қариб ҳазор тир аз камонаш андохт. Аз худи ӯ ривоят аст, ки мегӯяд:

- Дар рӯзи Уҳуд ҳар боре тир меандохтам марде сафедпӯши хушчеҳраи ношинос онро ба ман бозмегардонд. Баъди муҳориба гумонам ғолиб шуд, ки ӯ малак буд.

Оиша духтари Саъд (р) аз корнамоиҳои падараш ифтихор карда, мегӯяд: «Ман духтари муҳоҷире ҳастам, ки Паёмбар (с) ба ӯ дар рӯзи Уҳуд «Падару модарам фидоят» гуфт. [1]

## Посбони некӯкор

Расули акрам (с) дар яке аз ғазваҳо шаб дер боз хоб рафта натавонист, зеро аз ҳамлаи душман эмин набуд. Аз ин рӯ ба Оиша (р) гуфт: «Кош марди солиҳе аз асҳобам имшаб маро посбонӣ мекард». Дере нагузашта аз беруни хайма садои қадаммонӣ ва овози силоҳ шунида шуд. Расули акрам (с) гуфтанд: «Ин кист?»

Дар ҷавоб марде гуфт:

- Ман Саъд ибни Абуваққос (р) ҳастам, эй расули Худо (с).

Паёмбар (с) гуфтанд: «Чӣ туро ба ин ҷо овард?»

Саъд (р) гуфт:

---

[1] Ибни Касир. «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (4/27).

- Ноамние барои расули Худо (с) эҳсос кардам ва барои посбонияш омадам.

Расули акрам (с) барои Саъд (р) дуъо карданд ва ором гирифта зуд хобашон бурд.[1]

## Марде аз аҳли ҷаннат

Беҳтарин фазилатҳои Саъд ибни Абуваққос (р) рӯҳи пок ва қалби моил ба Худо буд. Аз тарси Худо бисёр ашк мерехт. Ҳар гоҳ мавъизаҳои Паёмбар (с)-ро мешунид, беихтиёр ашки чашмонаш мисли сели баҳорон ҷорӣ мешуд ва ришашро тар мекард. Нисбат ба ягон нафар мусалмон кина ва ба ягон махлуқ нияти бад надошт. Танҳо сухани некӯ мегуфт.

Рӯзе Паёмбар (с) ҳамроҳи асҳоб нишаста буданд. Ногоҳ чашмони Паёмбар (с) ба уфуқ духта шуданд ва дуру дароз суханони касеро, ки паст-паст ва махфӣгап мезад, бо диққат гӯш карданд. Баъд аз ин ба асҳоби кином рӯй оварда, гуфтанд: «Ана ҳозир ба назди шумо марде аз аҳли ҷаннат ворид мешавад».

Чашмони саҳобагон ба дар дӯхта шуданд, то ки он марди хушбахтро, ки ба ҷаннат башорат ёфт, бубинанд. Ҳар як орзу мекарданд, ки худи онҳо бошанд. Ҳамин лаҳза Саъд ибни Абуваққос (р) вориди хона гардид.

Рӯзи дигар Расули акрам (с) ҳамон гуфтаашонро такрор карданд ва ин бор ҳам Саъд ибни Абуваққос (р) аз дар даромад. Дар рӯзи сеюм низ ҳамин кор такрор ёфт.

Дар рӯзи сеюм баъди он ки Паёмбар (с) аз хона баромаданд, Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) аз дунболи Саъд ибни Абуваққос (р) равона шуд ва дар роҳ ба ӯ гуфт:

- Маро падарам сарзаниш кард ва қасам хӯрдам, ки се шабонарӯз ба хона намеравам. Агар маро дар хонаат ҷой диҳӣ,

[1] Ибни Касир. «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (8/73-74). «Сияру аъломи-н-нубало» (1/102).

се шабонарӯз ҳамроҳат меистам, то ки қасамам ба ҷо биёяд ва ба хона баргардам.

Ҳамин тавр, Абдуллоҳ дар хонаи Саъд (р) се рӯз зиндагонӣ кард, аммо ғайр аз ибодатҳои ҳаррӯза дигар ягон амали изофие аз Саъд (р) мушоҳида накард. Дар рӯзи сеюм Абдуллоҳ дар назди Саъд (р) нишаст ва ба ӯ гуфт:

- Ман се бор шунидам, ки Расули акрам (с) дар се нишастанашон гуфтанд: «Ба назди шумо аз ин дар марде аз аҳли ҷаннат ворид мешавад». Дар ҳар се маротиба ту, эй Саъд (р) вориди хона шудӣ. Аз ин рӯ дар хонаат сокин шудам, то ки амали туро бубинам ва аз ту пайравӣ намоям, то ки он чиро ки ту ноил шудӣ, ман низ ба даст биёрам. Вале ибодатҳои зиёд аз ту мушоҳида накардам. Сабаби комёбиатро ба ман бигӯ».

Саъд (р) бо хоксорӣ ва тавозӯъ гуфт:

- Ғайр аз ибодатҳое, ки мушоҳида кардӣ, дигар амали беш надорам, вале ман бар ягон мусалмон кина намегирам ва бар ягон кас бадӣ намехоҳам ва ҷуз сухани нек намегӯям

Абдуллоҳ ибни Амр (р) инро шунида гуфт:

- «Ин чизест, ки насиби ту гаштааст ва ман тоқати онро надорам».

Он чизе ки ба покдилии Саъд (р) далолат мекунад ин аст, ки чун боре байни ӯ ва байни Холид ибни Валид (р) мубоҳиса ва муноқишае ба вуқуъ пайваст, марде назди Саъд (р) омад ва аз Холид (р) ғайбат кард. Саъд (р) ӯро маҷоли сухан надод ва ба ӯ гуфт:

- Он чизе, ки байни мо гузашт, ба дини мо дахл надорад[1].

## Васияти Саъд (р)

Баъд аз фатҳи Макка дар айёми ҳаҷҷи Видоъ (охирин ҳаҷҷи Паёмбар (с)) Саъд (р) сахт бемор шуд. Расули акрам (с) ба сари болини бемор омада, дасти муборакашро ба пешонии Саъд (р)

---

[1] «Ҳиляту-л-авлиё» «1/94-95).

ниҳод, сипас рӯй, пеши бар ва шиками ӯро масҳ кард ва чунин дуъо намуд: «*Худовандо, Саъдро шифо ато намо, шифо ато намо. Худовандо, дардро аз ӯ рафъ бигардон. Илоҳи одамиён, подшоҳи одамиён, Ту шифобахшӣ, ҷуз Ту шифобахше нест. Бо номи Худо дуъоят мехонам, то ки аз тамоми ранҷу балоҳо эмин шавӣ, аз балои чашм ва ҳасад. Худовандо, ба қалбу ҷисмаш сиҳатӣ бахш ва дардашро рафъ намо ва дуъояшро мустаҷоб гардон*».

Саъд (р) бо лутфу сипос ба ҷониби Расули акрам (с) назар карда, бо овози шахсе, ки ба лиқои Парвардигор мерасад, гуфт:

- Эй расули Худо (с), ман сарвати зиёд дорам. Ворисам танҳо духтарам аст, оё тамоми сарватамро барои ту васият кунам?

Расули акрам (с) дар ҷавоб гуфтанд:

- На, тамоми молатро васият накун.

Саъд (р) гуфт:

- Ин тавр бошад, оё аз се ду ҳиссаи моламро барои ту (барои молик шудан) васият кунам ва як ҳиссаи боқимондаашро ба ворисонам гузорам?

Паёмбар (с) гуфтанд:

- На, чунин ҳам макун.

Саъд (р) гуфт:

- Ин тавр бошад, оё нисфи моламро барои ту васият кунам ва нисфи дигарашро барои ворисонам бигузорам?

Паёмбар (с) гуфтанд:

- На, чунин низ макун.

Саъд ин маротиба гуфт:

- Оё аз се як ҳиссаи моламро барои ту васият кунам ва ду ҳиссаи дигарашро барои ворисонам бигузорам?

Ин дафъа Расули акрам (с) розигӣ доданд ва афзуданд:

- *Сеяки моли васият кардаат аз ҳад зиёд аст. Агар ту ворисонатро баъди сарат дар дунё сарватманд бигузорӣ, беҳтар аст, аз он ки фақиру нодор таркашон кунӣ. Шояд ту баъд аз ҳамаи хешу наздиконат дунёро тарк кунӣ. Ҳар нафақае, ки ба хотири Худо*

*медиҳӣ, ҳатто луқмае, ки барои ҳамсарат муҳайё месозӣ, аз ҷониби Худо аҷру савоб дода мешавад.*

Саъд ин суханони гуҳарборро шунида гуфт:

- Эй расули Худо, ман орзу дорам дар замине бимирам, ки аз он ҳиҷрат кардаам.

Паёмбар (с) гуфтанд:

- Шояд ту умри дароз бинӣ ва аз ту қавме фоида барад ва қавме зарар. Худовандо барои асҳоби ман ҳиҷрати бобарор насиб гардон ва онҳоро ноумед макун.

Саъд (р) баъд аз ин дуъохониҳои Расули акрам (с) аз даргоҳи илоҳӣ шифо ёфт ва аз се як ҳиссаи молашро садақа кард. Худованд молу сарвати Саъдро зиёдтар кард ва наслашро афзун гардонд. Саъд (р) ҳодисаи дар вақти бемориаш қадам ранҷа кардани Расули акрам (с)-ро доимо ёдовар мешуд ва мегуфт:

- То ҳанӯз сардии дасти мубораки Расули акрам (с)-ро дар ҷигарам ҳис мекунам.[1]

## Дуъои мустаҷоб

Саъд ибни Абуваққос (р) хост, ки аз Паёмбар (с) ҷоизаи бузурге насибаш гардад, ки то рӯзи маргаш бо ӯ боқӣ монад. Аз ин рӯ ба Расули акрам (с) гуфт:

- Эй расули Худо (с), дуъо бикун ва аз даргоҳи илоҳӣ таманно намо, то ки дуъои ман ҳамеша мустаҷоб гардад.

Паёмбар (с) гуфтанд:

«Эй Саъд, Худованд дуъои бандаашро намепазирад, то даме, ки луқмаашро поку ҳалол накунад».

Саъд (р) гуфт:

- Эй расули Худо (с), аз Худо бихоҳ, ки луқмаи маро поку ҳалол гардонад, зеро ман ба ҷуз бо дуъои Шумо ба ин кор қодир нестам.

Паёмбар (с) гуфтанд:

---

[1] Ибни Касир. «Ал-бидоя ван-ниҳоя» (8/75).

«Худовандо, луқмаи Саъдро пок бигардонад».

Баъд аз ин Расули акрам (с) дар ҳаққи Саъд (р) дуъо карда, гуфтанд: «Худовандо, тирашро нишонрас, дуъояшро мустаҷоб гардон ва ӯро маҳбуби бандагонат бикун».

Саъд (р) мувофиқи васияти Расули акрам (с) зиндагонӣ мекард. Ҳатто аз хӯшаи гандуме, ки миёни зироъоташ пайдо мекард ва ё алафе, ки барои чорпоҳояш медоданд, эҳтиёткориро аз даст надода, аз они кӣ будани онро пурсуҷӯ мекард ва мегуфт:

- Он хӯшаи гандумро аз ҷойе, ки гирифта шудааст, баргардонед ва он алафро ба ҷойе, ки даравида шудааст, бигузоред.

Саъд (р) ба ҳамин минвол яке аз сарватмандтарин мусалмони замонаш гардид. Худованд ба ӯ моли зиёди ҳалолро насиб гардонд. Кӯшиши Саъд (р) дар садақа кардани мол дар роҳи Худо аз кӯшишҳои ӯ дар роҳи ҳалолу покиза ҷамъоварии он кам набуд.

Аз ин рӯ Саъд (р) шахси мустаҷобу-д-даъва (шахсе, ки дуъояш пазируфта мешавад) гардид. Ҳар гоҳ дуъое мекард, Худованд онро мепазируфт.

Мардум ин сифати Саъдро медонистанд, зеро миёни бародарону дӯстон бо ин сифат машҳур шуда буд. Баъзан аз дуъои бади Саъд (р) меҳаросиданд.

Рӯзе Саъд (р) мардеро дучор омад, ки Алӣ (к.в.), Зубайр (р) ва Талҳа (р)-ро носазо мегуфт. Саъд (р) ба он мард гуфт:

- Бародаронамро носазо магӯ!

Он мард ибо накард ва ба суханаш давом дод. Саъд (р) гуфт:

- Ин тавр бошад, дуъои бадат мекунам.

Он мард бо истеҳзо ҷавоб дод:

- Ту ба ман таҳдид мекунӣ, гӯё, ки паёмбар бошӣ?!

Саъд чизе нагуфта, таҳорат кард ва ду ракъат намоз гузорида, чунин дуъо кард:

- «Худовандо, медонӣ, ки ин мард ашхосеро носазо гуфт, ки аз Ту ба онҳо некии фаровон расидааст ва ин суханони носазо, ҳароина, боиси ғазаби Ту хоҳанд шуд. Пас ин мардро имрӯз ояте (далелу бурҳоне) ва ибрате барои бандагонат гардон».

Дере нагузашта уштури беморе пайдо шуд, ки одамонро озор медод. Уштур он мардро дунболагир карда, зери по даровард ва то мурдан лагатмолаш кард.

Мардум ин ҳодисаро дида, ба назди Саъд (р) шитофтанд ва ба ӯ гуфтанд:

- Хуш ба ҳолат, эй Абуисҳоқ (кунияти Саъд ибни Абуваққос) дуъоят мустаҷоб гардид[1].

Баъд аз он ки Яздигурд бар тахти Эрон нишаст, форсҳо дар атрофи ӯ гирд омада, дар Ироқ ба муқобили мусалмонҳо омодаи ҷанг шуданд. Аҳолие, ки бо мусалмонон аҳд карда зиммабардор шуда буданд, аҳдшиканӣ карданд ва соҳибкорони мусалмонро аз минтақаҳояш азият дода, пеш карданд. Амирулмӯъминин Умар ибни Хаттоб (р) вазъияти бади Ироқро пай бурда, лашкарро гирд оварда, азм кард, ки шахсан худаш ба майдони муҳориба ҷониби Ироқ равад.

Пеш аз сафар аҳли Шӯрои саҳобагонро ҷамъ кард, то ки ин азмашро баррасӣ намоянд. Аъзои Шӯро ба ҷуз Абдурраҳмон ибни Авф (р) ин азми ҳазрати Умар (р)-ро хуш пазируфтанд. Абдурраҳмон ибни Авф (р) гуфт:

- Ман аз он хавф дорам, ки агар амирулмӯъминин ба шикаст мувоҷеҳ шаванд, он боиси шикасти мусалмонон дар тамомои манотиқ мегардад. Аз ин рӯ ман пешниҳод мекунам, ки ту ба  Мадина баргардӣ ва шахси дигареро бифиристӣ.

Вақте ки Умар (р) ва аҳли Шӯро ин фикри Абдурраҳмон ибни Авф (р) мулоҳиза карданд, онро мувофиқи мақсад дарёфтанд ва ҷонибдорӣ карданд.

Сипас ҳазрати Умар (р) ба Абдурраҳмон ибни Авф (р) гуфт:

- Ба Ироқ киро бифиристам?

---

[1] . Ибни Касир. Ал-бидоя ван-ниҳоя, ҷ.8, саҳ, 76-77.

Абдурраҳмон (р) каме андеша намуда, сипас бо хушнудӣ садо баланд кард:

Ёфтам! Шерро ёфтам! Саъд ибни Молики Зуҳриро бифирист.

Ҳазрати Умар (р) ва аҳли Шӯро ин пешниҳоди Абдурраҳмон (р)-ро пазируфтанд ва Умар (р) Саъд (р)-ро даъват карда, ба ӯ парчам дод ва лашкарашро омода сохта дар алоҳидагӣ ва ҳамроҳи лашкар насиҳаташ кард.

## Дар Қодисия

Лашкари мусалмонон дар ҳайати 30 ҳазор нафар ба мавзеъи Қодисия расиданд. Саъд (р) афроди худро ба ҷониби форсҳо фиристод, то хабари лашкари Яздигурдро биёранд. Ба Саъд (р) хабар оварданд, ки форсҳо барои ҷанг бо мусалмонон 120 ҳазор аскар омода намуда, фармондеҳии онро ба яке аз беҳтарин ҷангсолорон - Рустами Фаррухзод супоридаанд.

Саъд ибни Абуваққос (р) намояндагонашро ба назди Яздигурд ва Рустам фиристод, то ки бо онҳо гуфтушунид намуда, талаби мусалмононро, ки мухтасаран аз се дархост иборат буд ба онҳо бирасонанд. Мусалмонон талаб карданд, ки ё Исломро мепазиред ё ҷизя ва ё ҷангро. Яздигурд бошад, фиристодагони Саъд (р)-ро бо тамасхӯр ва истеҳзо қабул намуда, ба онҳо гуфт:

- Агар шумо намояндаи ваколатдор намебудед, ҳатман шуморо мекуштам.

Сипас ба ходимонаш гуфт:

- Зарферо пур аз хок карда ба сарвари инҳо бидиҳед ва аз дарвозаи Мадоин биронедаш.

Баъд аз ин ба намояндагони боқимонда рӯй оварда, гуфт:

- Ба назди солоратон рафта, ба ӯ бигӯед, ки ман Рустамро ба ҷанги ӯ мефиристам, то ки ҳамроҳи лашкараш дар хандақи Қодисия дафнаш кунад, то барои шумо ва наслҳои ояндаатон

панд шавад. Он мардеро, ки Яздигурд зарфи пур аз хок дода аз Мадоин берун ронд, Осим ибни Амр (р) буд. Ӯ он зарфи пур аз хокро ба назди Саъд (р) оварда гуфт:

- Шодиёна диҳед, қасам ба Худо, ки Худованд ин сарзаминро насиби мо мегардонад. Мусалмонон овардани хоки сарзамини форсро нишонаи нек гирифтанд.

Ҳодисаи Қодисия воқеъаи азиме буд, ки дар сарзамини Ироқ назир надошт. Вақте ки ду лашкар дар муқобили якдигар қарор гирифтанд, сарлашкари мусалмонон Саъд (р) сахт бемор шуд. Аз шиддати дард ба асп савор шудану вориди ҷанг шудан он тараф истад, ҳатто нишастан барояш мушкил буд. Мусалмонон аҳволи Саъд (р)-ро дида, узри ӯро пазируфтанд, ба ҷуз як нафар, ки дар ҳаққи ӯ бадгӯиҳо мекард.

Саъд (р) фитнагариҳои он шахсро шунида, чунин дуъо кард:

- Худовандо, маро аз бадии забон ва дастони ӯ эмин бигардон.

Дере нагузашта дар вақти муҳориба тире омада ба даҳони он бадзабон бархӯрд ва дар идомаи набард дастонаш низ бурида шуданд.

Саъд (р) ҳамроҳи мусалмонон бо як азоб намози зуҳрро хонд ва баъди намоз ба онҳо рӯ оварда, онҳоро ба мубориза даъват кард ва ояти зерини Калому-л-лоҳро ба онҳо тиловат кард:

﴿ وَلَقَدۡ كَتَبۡنَا فِي ٱلزَّبُورِ مِنۢ بَعۡدِ ٱلذِّكۡرِ أَنَّ ٱلۡأَرۡضَ يَرِثُهَا عِبَادِيَ ٱلصَّٰلِحُونَ ١٠٥ ﴾ الأنبياء: ١٠٥

Сухани Худо:

**«Ва пас аз Таврот, мо дар Забур, навиштаем, ки ин заминро бандагони солеҳи Ман ба мерос хоҳанд бурд».**[1]

---

[1] Сураи Анбиё, ояти 105.

Саъд (р) қориёни лашкарро амр кард, оятҳои ҷиҳодро қироъат намоянд, то ки мусалмононро суботу матонат биафзояд.

Баъд аз ин Саъд (р) чаҳор маротиба такбир (**Ал-лоҳу акбар**) гуфта, бо дасташ ба сӯйи душманони Худо ишора кард ва мусалмононро ба ҳуҷум ва зиёд гуфтани калимаи «**Ло ҳавла вало қуввата илло биллоҳ»** (ҳеҷ қудрату тавоноие ҷуз бо ёрии Аллоҳ нест), ташвиқ намуд. Ҷанг миёни ду лашкар - лашкари мӯъминони яктопараст ва мушрикони оташпараст аланга гирифт. Саъд (р) дар айвони баланди манзиле ҷойгир шуд. Ӯро, ки ҳанӯз беморӣ азияташ медод, бо болиште такя карда, аз айвон рафти ҷангро мушоҳида мекард ва ҳатто дари айвонро набаст. Агар одамон зери фишор ва воҳимаи муҳориба фирор мекарданд, форсҳо Саъд (р)-ро асир мегирифтанд.

Саъд (р) рӯ ба майдони ҳарбу зарб истода, рафти муҳорибаро мушоҳида мекард ва тадбир меҷӯст. Бо овози худ сарбозонро ташвиқ  мекард ва гӯё ҳар яки онҳо як лашкари комил буданд ва онҳоро ба ин ё он ҷойи зарурӣ таҳрик медод. Ҳамин тавр, баъд аз муҳорибаҳои хунини зиёд Худованд ғалабаро насиби мӯъминон гардонд.

Сарлашкри форсҳо - Рустам хост, ки аз майдони муҳориба савори асп фирор намояд, вале мусалмонон ӯро ба қатл расониданд. Инчунин Ҷолинус, фармондеҳи талояи (қушуни пештози лашкар) Қодисия низ ба қатл расид. Ҳамин тавр лашкари 30 ҳазор нафараи мусалмонон лашкари сершумори форсҳоро шикаст дода, роҳро ба ҷониби Мадоин кушод.

## Фатҳи Мадоини Кисро

Саъд (р) сиҳат ёфт ва бо лашкар ҷониби Мадоин, пойтахти Кисро роҳ пеш гирифт ва баъд аз ғалабаҳои пай дар пай ба соҳили дарёи Даҷла баромаданд ва дар рӯ ба рӯйи шаҳри овозадори Мадоин қарор гирифтанд.

Саъд (р) кўшиш мекард, ки баҳри таъмини амнияти мусалмонон дарёро бо заврақҳо убур намояд, вале чизе пайдо карда натавонист. Зеро ҳама заврақҳоро душманон ба соҳили муқобил ҷамъ карда буданд, то ки мусалмонон маҳрум монанд ва аз он истифода набаранд. Саъд (р) ба лашкариён амр кард, ки дарёро бидуни заврақ убур кунанд. Бо ин мақсад ба лашкар рў оварда, ба онҳо гуфт:

- «Аз Худо ёрӣ металабем ва ба Ў таваккал мекунем, Худованд моро (барои ёрӣ) кифоя аст ва чи хуб вакил аст ва ҳеҷ қуввату тавоноие нест, магар бо ёрии Аллоҳ. Қасам ба Худо, ки Худо дўсташро нусрат медиҳад ва динашро ошкор месозад ва душманашро шикаст медиҳад».

Мусалмонон бо шунидани хитоби Саъд (р) худро ба дарё заданд. Ҳамаи онҳо ба амр ва ваъдаи Худо имони комил доштанд. Роҳбари онҳо Саъд (р) яке аз даҳ саҳобаи ба ҷаннат башоратёфта буд ва Расули акрам (с) аз ў розӣ аз дунё реҳлат кард ва барои Саъд (р) дуъо карда, гуфта буд: *«Худоё, дуъояшро мустаҷоб гардон ва тирашро ба нишон бирасон»*. Мусалмонон аз дарё фавҷ-фавҷ берун меомаданд, ҳамон тарзе ки ба он ворид шуда буданд ва касе ва чизеро аз даст надоданд.

Форсҳо ин манзараро мушоҳида карда, ба даҳшат афтоданд ва мегуфтанд:

- Ҷинниён, ҷинниён, мо на бо одамон, балки бо ҷинниён меҷангем.

Инро гуфта рў ба фирор оварданд ва тамоми сарваташонро гузоштанд.

Мусалмонон ба пойтахти импературии Форс ворид шуданд ва ғанимати бешуморро диданд. Саъд (р) ба Айвони Кисро ворид шуд ва аз тарси Худо ба тиловати оёти Қуръони маҷид оғоз кард:

﴿ كَمْ تَرَكُوا۟ مِن جَنَّٰتٍ وَعُيُونٍ ﴿٢٥﴾ وَزُرُوعٍ وَمَقَامٍ كَرِيمٍ ﴿٢٦﴾ وَنَعْمَةٍ كَانُوا۟ فِيهَا فَٰكِهِينَ ﴿٢٧﴾ كَذَٰلِكَ ۖ وَأَوْرَثْنَٰهَا قَوْمًا ءَاخَرِينَ ﴿٢٨﴾ ﴾ الدخان: ٢٥ - ٢٨

Сухани Худо:

**«Баъд аз худ чӣ боғҳову чашмасорҳо бар ҷой гузоштанд, бо киштзорҳову хонаҳои некӯ, бо неъмате, ки дар он ғарқи шодмонӣ буданд. Ба ин сон буданд ва Мо он неъматҳоро ба мардуме дигар вогузоштем».**[1]

Баъд аз ин Саъд (р) ба пеши Айвони Кисро рафта, ҳашт ракъат намози фатҳ хонд.

## Хушхабар дар Мадина

Умар ибни Хаттоб (р) ҳар рӯз ба роҳи самти Ироқ мебаромад ва аз ашхоси аз роҳ расида ахбори лашкари Саъд (р)-ро пурсуҷӯ мекард. Дар яке аз чунин рӯзҳо Умар (р) аз дур савореро дида, ба ҷониби ӯ равон шуд. Савор ба ҳазрати Умар (р)-ро муждаи фатҳи Мадоинро расонид ва мактуби Саъд (р) ба халифа супорид. Умар (р) номаро бо хушнудӣ гирифта, дар назди мардуми Мадина болои минбар баромада бо садои баланд хонд:

«*Аммо баъд, ба таҳқиқ, Худованд баъд аз муҳорибаҳои дуру дароз моро бар аҳли Форс ғолиб гардонд. Форсҳо бо асбобу олоти ҷангии зиёде ба муҳориба ҳозир шуданд, ки назири онро ҳаргиз надида будем, вале Худованд он ҳама дастгоҳу олоти ҷангиро ба мусалмонон насиб гардонд ва он ҳама таҷҳизот низ судашон накард. Мусалмонон лашкари Форсро дунболагирӣ карда, ба маконҳои серобу сердолу дарахт расиданд. Аз байни мусалмонон Саъд ибни Убайд - қории Қуръон ва чандин нафарон захмӣ шуданд, ки шумори онҳоро ғайр аз Худо дигар касе намедонад. Худованд, ҳароина аз ҳоли эшон огоҳ аст. Шабона мусалмонон машғули қироъати Қуръон мешаванд. Рӯзона бошад, мисли шер ба майдон мебароянд, ҳатто шерон низ ба онҳо баробар шуда наметавонанд*».

Умар (р) бо фармони худ Саъд (р)-ро волии Ироқ таъйин кард. Баъд аз он сарлашкаронро ба ҷониби Шарқу Ғарб

[1] Сураи Духон, оятҳои 25-28.

фиристод ва он кишварҳоро низ фатҳ карданд. То ҳанӯз байрақи Ислом дар он кишварҳо партавафшон аст. Аз ҷумлаи ин дастовардҳо фатҳи Ҷалуло (шаҳре дар Хуросон) буд, ки онро фатҳи фатҳҳо меномиданд.

Саъд (р) дар мавзеъи муносибе шаҳри Куфаро тарҳрезӣ карда, бунёд кард ва он ҷо барои худ хонае сохт. Оҳиста –оҳиста хонаҳои мусалмонон дар ин шаҳри навбунёд зиёд мешуд.

## Амирии Саъд (р)

Умар ибни Хаттоб (р) одате дошт, ки аз одамон дар бораи амиронашон пурсуҷӯ мекард. Рӯзе Ҷарир ибни Абдуллоҳи Ҷабалиро вохӯрда, аз ӯ дар бораи тарзи кори Саъд (р) пурсон шуд. Ҷарир (р) дар ҷавоб гуфт:

- Саъд ибни Абуваққос (р) каримтарин амир ва одилтарин пешво аст. Ӯ барои раъият монанди модар меҳрубонӣ мекунад ва мардум низ дӯсташ медоранд.

Аз ин рӯ Саъд (р) мавриди боварӣ ва эътимоди Умар (р) қарор дошт. Ҳазрати Умар (р) боре ба фарзандаш Абдуллоҳ (р) гуфт:

- Ҳар гоҳ Саъд (р) аз Паёмбар (с) сухане бигӯяд бовар бикун ва дигар касеро аз ҳақиқати он суол макун.

Ҳамин буд, ки Умар (р) қабл аз маргаш Саъд (р)-ро дар шумори шаш нафаре қарор дод, ки бояд аз миёни худ халифаро интихоб мекарданд[1].

## Бандаи парҳезгор

Баъд аз халифа интихоб шудани Усмон (р) Саъд (р) дар Куфа боқӣ монда ва кори аморатро идома дод. Баъди ба шаҳодат расидани Усмон (р) Саъд (р) ихтилофи мардумро дида, аз онҳо канора гирифт ва ба ибодат машғул шуд ва ба

[1] «Сияру аъломи-н-нубало» (1/118).

аҳли хонаводааш гуфт, то даме ки мусалмонон ба гирди як имом муттаҳид нашаванд, аз ахбори онҳо чизе ба ман нагӯед.

Рӯзе писари Саъд (р) ба назадаш рафт. Саъд (р) он дам гӯсфандҳоро мечаронд. Писараш гуфт:

- Эй падар, оё ту розӣ ҳастӣ, ки мисли аъробӣ гӯсфанд чаронӣ, дар ҳоле ки мардум мулку аморатро миёни худ тақсим мекунанд?!

Саъд (р) ба ғазаб омад ва писарашро сахт тела дода, ба ӯ гуфт:

- Хомӯш шав, ман аз расули Худо (с) шунидаам, ки мегуфт:

*«Худованди азза ва ҷалла бандаи сарватманди парҳезгори хоксорро дӯст медорад».*

Баъд аз гуфтани ин суханҳо фарзандашро насиҳат карда, гуфт:

- Эй фарзанди ҷигарбандам, ҳар вақте хостори сарват шудӣ, онро ҳамроҳ бо қаноъат талаб намо, зеро шахсе, ки қаноъат надошта бошад, молу сарват ҳаргиз ӯро ғанӣ намегардонад.

Дере нагузашта писари бародараш Ҳошим ибни Утба ибни Абуваққос (р) ба ҳузури Саъд (р) омад ва гуфт:

- Эй амаки бузургворам, дар ҳамин ҷо сад ҳазор марди шамшерзан омадаанд ва онҳо туро барои хилофат муносиб мебинанд.

Саъд (р) бо овозе, ки аз моли дунё барӣ буд ва маънои қаноъатро медонист гуфт:

- Аз он шамшерҳо фақат як шамшер мехоҳам, ки агар бо он мӯъминро бизанам, озоре ба ӯ нарасад ва агар кофирро бизанам, пора созам.

Аз гуфтори Саъд (р) писари амакаш мақсади ӯро пай бурда, ӯро дар кунҷи танҳоияш тарк кард.

## Хуш ба ҳолат

Ҳаёти Саъд (р намунаи барҷастаи ҳаёти шахсияте буд, ки ҳамеша кӯшиши дарёфти ризои Худо мақсади асосии онро

ташкил медод. Нури Худо ҳаёти ӯро нуронӣ сохта буд. Саъд (р) зери сояи хилофати халифаҳои рошид ҳаёти саъодатмандона дошт. Саъд (р) то замони хилофати Муъовия ибни Абусуфён умр ба сар бурд.

Дар лаҳзаҳои охирини ҳаёташ ҳангоме, ки сараш болои зонуи фарзандаш Мусъаб буд, чашмони Мусъаб пур аз ашк шуд. Саъд (р) ба писараш гуфт:

- Ҳоли ту маро ба ташвиш овардааст.

Саъд (р) бо имони комил, ки ҳатто даҳшати марг низ онро мушавваш карда наметавонест, гуфт:

- Барои ман гиря макун. Ҳароина, Худованд маро ҳаргиз азоб намекунад, ман аз аҳли ҷаннатам. Худованд мӯъминонро ба сабаби амалҳои холисашон муқарраби даргоҳаш мегардонад, вале ҳасаноти кофиронро сабук месозад.

Баъд аз ин илова намуд:

- Ҳар як банда савоби амалашро аз касе талаб намояд, ки амалашро холисона барои ҳамон кас анҷом додааст.

Мусъаб дар ҷавоб ба ин гуфтаи падари бузургвораш гуфт:

- Қасам ба Худо, ки рост гуфтӣ ва хуш ба ҳолат, эй падари арҷманд!

Вақте ки маргаш наздик шуд Саъд ибни Абуваққос (р) ишора кард, ки хазинаашро боз кунанд ва аз он ҷомаи пашминеро берун биёранд. Пас аз ҳозир кардани ҷома Саъд (р) гуфт:

- Маро дар ҳамин ҷомаи пашмин дафн кунед, зеро ба ин либос дар рӯзи ғазваи Бадр бо мушрикон рӯ ба рӯ шудам ва онро барои ҳамин рӯзам гузошта будам.

Вақте ки ҷон ба Ҷонофарин супорид, 78 - сола буд ва соли 55-уми ҳиҷрии қамарӣ мегузашт. Ҷисми покашро мардони мӯъмин аз манзилаш, ки дар мавзеъи Ақиқ ҷойгир буд ва дар дурии даҳ мил аз масҷиди расули Худо интиқол доданд. Дар масҷиди Набавӣ Марвон ибни Ҳакам, ки волии Мадина буд, намози ҷанозаро гузорид. Баъд аз ин ҷасади Саъд (р)-ро ба

ҳуҷраи модарони мўъминон, яъне ҳамсарони Расули акрам (с) бурданд ва онҳо низ намози ҷаноза хонданд. Модари мўъминон, Умми Салама (р) гириста, мегуфт:

- Бақияи асҳоби расули Худо (с). Сипас ҷисми охирини муҳоҷирон, охирини даҳгонаи башоратёфта дар гўристони Бақиъ ба хок супорида шуд.

# САЪИД ИБНИ ЗАЙД (Р)

*Амири зоид ва мустаҷоб дуъо.*
*(595-671 мелодӣ)*
*(27-сол қабл аз ҳиҷрат - 51 ҳиҷрӣ қамарӣ)*

**Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон**

## Насаби Саъид ибни Зайд[1]

Вай Саъид ибни Зайд ибни Амр ибни Нуфайл ибни Абдулузо ибни Риёҳ ибни Абдуллоҳ ибни Қурт ибни Разоҳ ибни Адӣ ибни Каъб ибни Луай ибни Ғолиби Қурайшии Адавӣ аст ва кунияташ Абулаъвар мебошад. Бо Расули акрам (с) дар Каъб ибни Луай ҳамнасаб мешавад. Ӯ писари амаки Умари Форуқ (р) мебошад ва занаш Фотима бошад, духтари Хаттоб хоҳари Умар ибни Хаттоб (р) аст.

Саъид ибни Зайд марди баландқомату сиёҳҷурда ва сермӯй буд. Саъид (р) ҳамроҳи занаш Фотима (р) пеш аз ҳазрати Умар (р) Ислом оварда ва ҳарду ҳиҷрат карданд. Саъид ибни Зайд (р) яке аз беҳтарин саҳобагон ва пешвои онҳо буда, аз аввалин пешқадамон дар ғазваи Бадр буд ва аз ҷумлаи шахсоне, ки Худо аз онҳо розӣ буда ва онҳо низ аз Ӯ (ҷ) розӣ шуданд. Марди ростқавлу саховатпеша буд ва ҷону молашро дар роҳи Худои таъоло дареғ намедошт. Аз маломати маломатгарон наметарсид ва муҳимтараш ба зикр ин ки муҷобуд даъват буд (дуъояш қабул мешуд).

**Модараш:** Фотима духтари Баъҷа ибни Умая ибни Хувайлид аз бани Хузоъа ва аз собиқини дар Ислом буд.

**Фарзандҳояш:** Фарзандҳои Саъид ибни Зайд инҳо буданд:

- Абдурраҳмони калонӣ, ки модараш Фотима ва ин Умми Ҷамил духтари Хаттоб ибни Нуфайл аст.

- Абдуллоҳи калонӣ ва Отика, ки модари ҳарду Ҷалиса духтари Сувайд ибни Сомит мебошад.

- Абдурраҳмони хурдӣ, Умари хурдӣ, Умми Мӯсо ва Умми Ҳасан, ки модари инҳо бошад, Умома духтари Дуҷайҷ аст, ки аз қавми Ғассол мебошад.

---

[1] «Ат-табақоту-л-кубро» (3/289-295).

- Муҳаммад ва Иброҳими хурдӣ, Умми Ҳабиби калонӣ ва Умми Ҳасани хурдӣ, Умми Зайди калонӣ ва умми Салама, умми Ҳабиби хурдию умми Саъиди калонӣ ва Умми Зайди хурдӣ, ки модари ҳамаи инҳо Ҳазма духтари Қайс аст, ки аз бани Фиҳр мебошад.

- Амри хурдӣ ва Ал-асвад, ки модари ҳарду Умми Асвад аст, ки занест аз бани Тағлиб.

- Амри калонӣ ва Талҳаву Зуҷла (ин зан аст), ки модари инҳо Зумх аст, ки духтари Ал-асбағ аз бани Калб мебошад.

- Иброҳими калонӣ ва Ҳафса, ки модари ҳарду духтари Қурба аст, ки аз бани Тағлиб мебошад.

- Холид ва Умми Холид ва Умми Нуъмон,ки модари инҳо Умми Башир мебошад, ки духтари Абумасъуди ансорӣ аст.

- Умми Зайди хурдӣ, (ӯро Мухтор писари Абуубайд ба занӣ гирифтааст), ки модараш аз бани Тай аст.

- Оиша ва Зайнаб, умми Абдулҳавло ва умми Солиҳ, ки модари инҳо канизак мебошад.

Саъид ибни Зайд ҳамагӣ 10 зан 30 фарзанд дошт, ки 19-тои он духтар ва 11 нафари онҳо писар буданд.

## Падари мӯъмину мусалмон

Падари Саъид (р) Зайд писари Амр ибни Нуфайл буд ва ӯ бутпарастиро дар ҳамон давр хеле бад медид, пас рӯ ба сӯйи Худованд (ҷ) мекарду аз ҳақиқат ҷустуҷӯ менамуд ва дини ростро талаб мекард, пас ба замини Шом қадам ранҷа карда, аҳли китоб (Яҳуду Насоро)-ро аз илму дин суол мекард, лекин дини онҳо ба ӯ писанд наомад, баъд аз ин ки дар ӯ таҳриф ворид шуда буд, пас гуфт:

- Дини шумо монанди дини қавми мост, шумо ҳам ширк меоред, онҳо ҳам ширк меоранд, лекин фарқи байни шумо ва онҳо ин аст, ки назди шумо пандест аз ҷониби Худованд (ҷ) ва назди онҳо ин панд нест. Пас як роҳибе барояш гуфт:

Ва ӯ касе буд, ки илми аҳли насронӣ ба ӯ интиҳо меёфт:

- Бешак ту ҳароина, динеро талаб мекунӣ, ки вай ҳоло дар рӯйи замин вуҷуд надорад. Пас Зайд ибни Амр гуфт:

- Вай чӣ гуна динест?

Сипас роҳиб гуфт:

- Дини Иброҳим аст. Пас Зайд бо суруру шодӣ гуфт:

- Иброҳим дар кадом дин буд?

Роҳиб ҷавоб дода гуфт:

- Иброҳим дар дини росте буд, ки Худоро ба танҳоияш ибодат мекард ва ба ӯ шарике намеовард ва душмани касе буд, ки ғайри Худоро парастиш мекард ва ҳайвони кушташудаи барои бутҳоро намехӯрд ва ба сӯйи Каъба намоз мегузорид.

Чашмҳои Зайд писари Амр (р) аз шунидани ин суханҳо медурахшид. Сипас гуфт:

- Ҳамин динро меписандам ва ман бар ҳамин дин ҳастам, аммо сангу чӯбе, ки ба дасти худам месозам, инҳо чизе нест. Баъд аз он роҳиб барояш гуфт:

- Ҳақ дар кишвари худат (Макка) аст, пас ба дурустӣ Худованд аз қавли худаш шахсеро ба дини Иброҳим (а) ба вуҷуд меорад, ки ӯ беҳтарини халқи Худо (ҷ) ба шумор меравад. Сипас Зайд писари Амр (р) ба Макка баргашт, дар ҳоле, ки ӯ дар дини Иброҳим (а) буд. Пас Омир писари Рабиъаро дида барояш гуфт:

- Эй Омир дар ҳақиқат ман мухолифати қавмам кардам ва тобеъи дини Иброҳим шудам, дине, ки Исмоил бар он дин буд ва намоз мехонд ба сӯйи ҳамин қибла (Каъба) ва ман мунтазири паёмбаре аз фарзандони Исмоил ҳастам, ки ба наздикӣ мебарояд, лекин намедонам, ки ӯро дармеёбам ё на ва ман имон меорам ва ӯро тасдиқ мекунам ва шоҳидӣ медиҳам ин ки ӯ набӣ ва паёмбар аст, агар мабодо ту ӯро дарёфтӣ аз ман ба ӯ салом бигӯ. Ва ҳамин тавр Зайд писари Амр (р) ба дини Иброҳим (а) умр ба сар мебурд, пас муроқаба менамуд офтобро. Вақте ки дур мешуд рӯ ба сӯйи Каъба мекарду як ракъат намоз мехонд ва ду саҷда мекард, баъд аз он мегуфт:

- Ин қиблаи Иброҳим (а) ва Исмоил (а) аст, ибодат намекунам сангеро ва намоз намехонам барои санге ва забҳ намекунам барои санге ва забҳ кардашудаи барои ӯро намехӯрам ва ба палидиҳо қасам намехӯрам ва намоз намегузорам магар ба сӯйи ҳамин хона, то вақти мурданам. Эй бор Худоё, агар ман бидонам, ки кадом тарз ибодат кардан ба ту писанд аст, туро ҳамин тарз ибодат мекунам, лекин ман намедонам.

Ин суханҳоро мегуфту саҷда мекард. Ҳамчунин Зайд писари Амр (р) ҳаҷ мекард ва ба Арафот истода, талбия мегуфт. Баъд аз он аз Арафот пои пиёда мефаромаду мегуфт:

- Лаббайка, ҳаққан-ҳаққан, паноҳ талаб мекунам аз он чизе, ки Иброҳим (а) паноҳ талаб мекард.

Зайд ибни Амр (р) пушташро ба Каъба такя медоду мегуфт:

- Эй қурайшиҳо, қасам ба он зоте, ки ҷони Зайд (р) ба дасти Ӯст, ягон нафари шумо ҷуз ман дар ин рӯзҳо ба дини Иброҳим (а) нестед ва ҳукм мекард, ки эй қурайшиҳо, худатонро аз судхӯрӣ нигоҳ доред зеро, ки ин амал ҷуз фақирӣ дигар чизе намеоварад. Баъд аз он онҳоро барои қурбонӣ карданашон барои бутҳо айб мекард ва мегуфт:

- Гӯсфанде, ки Худованд (ҷ) ӯро халқ кардааст ва аз осмон барои ӯ об фиристодааст ва дар рӯйи замин барои ӯ алаф офаридааст, баъд аз он шумо онро барои ғайри Худованд қурбонӣ мекунед, ки ин амр таъаҷҷубоварост.

Зайд ибни Амр ба он марде, ки мехост духтарашро зинда ба гӯр карда бикушад, мегуфт: ӯро накуш, хароҷоти зиндагии вайро ман ба ӯҳда мегирам. Ва он духтаракро аз дасти падараш мегирифт. Чун ӯ ба воя мерасид, ба падараш мегуфт: Агар бихоҳӣ онро ба ту бозпас медиҳам ва агар хоҳӣ хароҷоташро ба ӯҳда мегирам.

Зайд ибни Амр Паёмбари Худоро дида буд, аммо панҷ сол қабл аз он ки ба он ҳазрат ваҳйи илоҳӣ нозил шавад, ӯ аз олам даргузашт ва дар пояи кӯҳи Ҳиро дафн карда шуд.

Чун ҳазрати Муҳаммад (с) ба паёмбарӣ мабъус гардид, Омир ибни Рабиъа аз аввалинҳо шуда дини Исломро пазируфт ва Паёмбари Худо (с)-ро аз гуфтаҳои Зайд ибни Амр хабар дод ва саломашро ба ӯ расонд. Паёмбари Худо (с) ҷавоби саломи ӯро баргардонида гуфт: «Ӯро дар Биҳишт дидам, ки гесӯвони ҳуронро мекашид».

Баъд аз он Паёмбари Худо (с) дар бораи ӯ фармуд: «Рӯзи Қиёмат ҳамчун уммати мусулмон барангехта мешавад».

## Саъид дар роҳи рост[1]

Саъид ибни Зайд дар хонаводае ба воя расид, ки гумроҳиҳои қурайшиёнро инкор мекарданд. Ва дар канори падаре парвариш ёфт, ки дар ҷустуҷӯи ҳақиқат буд. Чун нури Ислом дар сарзамини Макка тулӯъ намуд Саъид ибни Зайд аз аввалинҳо шуда ба Худованди азза ва ҷалла имон оварда, рисолати Паёмбараш (с)-ро тасдиқ кард.

Саъид ибни Зайд баъди имон оварданаш ба Паёмбари Худо (с) гуфт: Эй Расули Худо (с), ту падари маро медонистӣ ва дар бораваш шунидаӣ ва агар то замони паёмбарии ту мезист, албатта, ба ту имон оварда, пайравии туро мекард. Барои ӯ аз Худованд омурзиш бихоҳ.

Паёмбари Худо (с) фармуданд: «*Худованд Зайд ибни Амрро раҳмату магфират кунад, ҳароина ӯ бар дини Иброҳим вафот намуд*».

Аз ин рӯз ба баъд ҳар вақте мусулмонон ӯро ёддоварӣ мекарданд, барояш аз Худованд раҳмату мағфират мехостанд.

Дар каломи Худованд омадааст:

﴿وَٱلَّذِينَ ٱجۡتَنَبُواْ ٱلطَّٰغُوتَ أَن يَعۡبُدُوهَا وَأَنَابُوٓاْ إِلَى ٱللَّهِ لَهُمُ ٱلۡبُشۡرَىٰۚ فَبَشِّرۡ عِبَادِ ١٧﴾ الزمر: ١٧

Сухани Худо:

---

[1] «Ат-табақоту-л-кубро» (3/290-292).

**«Ва касонеро, ки аз парастиши бутон парҳез кардаанд ва ба Худо рӯй овардаанд, башорат (хабари хуш) аст. Пас бандагони Маро башорат деҳ»**[1]

Баъзеҳо мегӯянд, ки ин оят дар ҳаққи се нафаре, ки дар замони ҷоҳилият Худои азза ва ҷалларо ягона медонистанд, нозил шудааст. Онҳо Зайд ибни Амр ибни Нуфайл, Абузар ва Салмон буданд. Онҳо касонеанд, ки Худованд бе китобу бе паёмбар онҳоро роҳнамоӣ кардааст.[2]

## Мусулмон шудани Умар (р)

Дар оғози Ислом Саъид ибни Зайд ва занаш Фотима бинти Хаттоб (р) Исломашонро пинҳон медоштанд. Хаббоб ибни Арат (р) ба назди онҳо омада қуръонхониро ба онҳо таълим медод.

Рӯзе Умар бо шамшери бараҳна ба қасди куштани Паёмбари Худо (с) ба роҳ баромад. Дар роҳ марде аз бани Адӣ ибни Каъб бо ӯ рӯ ба рӯ шуд. Он мард мусалмон шуда буд ва Исломашро аз қавмаш пинҳон медошт ва номаш Нуъайм ибни Абдуллоҳи Наҳҳом буд. Нуъайм ба Умар гуфт: Эй писари Хаттоб, ба куҷо равонӣ?

Умар гуфт: ба назди Муҳаммаде, ки бузургони Қурайшро паст задааст ва худоҳояшонро дашном додааст ва ҷамоъаташонро мухолифат намудааст. Мехоҳам ӯро ба қатл расонам.

Пас, Нуъайм ба ӯ гуфт: Эй Умар ту ба худ мағрур шудаӣ! Оё гумон мекунӣ, ки чун ту Муҳаммадро бикушӣ, бани Абдуманоф туро мегузоранд, ки дар рӯи замин роҳ биравӣ!?

Нуъайм мехост, ки ӯро аз роҳаш бигардонад, пас ба ӯ гуфт: эй Умар, оё ба назди аҳли байтат баргашта, кори онҳоро дуруст намекунӣ?!

Умар ба даҳшат афтода гуфт: кадом аҳли байтам?!

---

[1] Сураи Зумар, ояти 17.

[2] «Ар-риёзу-н-назра» (2/405).

Нуъайм гуфт:  Дар ҳақиқат язна ва хоҳарат мусулмон шудаанд ва пайравии дини Муҳаммад (с)-ро мекунанд!!

Пас, Умар дар ғазаб шуда, ба хонаи хоҳараш равон шуд. Дар хона Саъид ибни Зайд ва занаш Фотима  ва Хаббоб ибни Арат (р) буданд. Чун ба хонаи онҳо расид, дарро сахт куфт.

Чун овози Умарро шуниданд, Хаббоб дар ҳуҷрае пинҳон шуд ва саҳифаеро, ки дар он баъзе оятҳои сураи Тоҳо навишта шуда буд, фаромӯш карда, ҳамон ҷо гузошт.

Вақте Умар ба хона ворид шуд дар ҳолати ғазаб гуфт: Маро хабар доданд, ки ҳардуи шумо дини Муҳаммад (с)-ро пайравӣ мекунед. Баъд аз он язнааш Саъид писари Амр (р)-ро дошта, мехост, ки ӯро бизанад, дар ин вақт хоҳараш Фотима (р) аз ҷояш хеста аз шавҳараш Саъид (р) дифоъ кард, ки Умар язнаашро гузошта, хоҳарашро зад, дар ин ҳолат зану шавҳари мӯъмину мусалмон ба як овоз фарёдкунон гуфтанд: Бале! Мо мусалмон шудем ва ба Худову Расули ӯ имон овардем, акнун ҳар чӣ мехоҳӣ бикун!! Вақте Умар (р) дид, ки аз рӯи хоҳараш ва ҷону ҷигараш хун ҷорӣ мешавад, дар ин вақт раҳмаш омада, асабаш ором ва аз кардаи худ пушаймон шуд. Ба ин тарафу он тараф нигариста он саҳифаро дид ва хост, ки саҳифаро бигирад, лекин хоҳараш ба ӯ гуфт:

- Эй бародар, ба сабаби  ба Худои ягона шарик оварданат ту нопок ҳастӣ ва ҳукм ин аст, ки ҷуз одамони пок инро дигар касе намерасад. Пас Умар аз ҷояш бархест ва ғусл кард баъд аз он хоҳараш саҳифаро ба ӯ дод ва ӯ каме аз он саҳифаро хонд, пас дар хушӯъу оромиш гуфт:

- Чи хуб аст ин калимаҳо ва беҳтар аст. Чун  Хаббоб (р) ин суханро аз Умар  (р) шунид ба наздаш баромад ва барояш гуфт:

Эй писари Хаттоб, хурсанд шав, ки дирӯз Паёмбари Худо (с) дуъо карда буданд, ки:

*«Эй бор Худоё, иззат ва обрӯй бидеҳ Исломро ба яке аз ин ду марде, ки дар назди ту маҳбубтар бошанд: Умар ибни Хаттоб ё Умар ибни Ҳишом».* Ва мо албатта, уммедворем, ки дуъои

Паёмбар барои туст, пас хуш бош. Пас ризои Аллоҳро биҷӯй эй Умар.

Дар ин вақт Умар дар ҳоле, ки Худованди бузург дар дилаш ҳидоятро андохта буд, гуфт: Маро ба назди Муҳаммад (с) баред, то ба ӯ имон биёрам. Пас Умар ибни Хаттоб аз хонаи Саъид ибни Зайд ба назди Паёмбари Худо рафт ва  Ислом овард ва исломовардани  ӯ фатҳи бузурге барои дини Ислом ва ҳамаи мусалмонҳо буд.[1]

## Иҷозати ҷанг

Саъид ибни Зайд (р) дар Макка аз мушрикон азияту озор медид ва монанди дигар мусалмонон сабр мекард. Чун Худованди азза ва ҷалла ба мусалмонон иҷозат дод, то ба Мадина ҳиҷрат намоянд, Саъид низ ҳамроҳи занаш-Фотима (р) бо аввалин муҳоҷирон ҳиҷрат кард. Паёмбари Худо (с) байни ӯ ва Убай ибни Каъб (р) бародархондагӣ барқарор намуд.

Ба Паёмбари Худо (с) пеш аз байъати Ақаба иҷозати ҷанг кардан бо мушрикон дода нашуда буд. Ва ба даъвати ба сӯйи Худо ва сабр кардан дар баробари азияту озор ва сарфи назар кардани ҷоҳилон амр карда мешуд. Пас он Ҳазрат (с) ба Парвардигораш муноҷот карда мегуфт:

*«Парвардигоро, аз нотавоноию ночориам ва аз хорию зориям ба ту шикоят мекунам. Эй меҳрубонтарини меҳрубонон, Ту тарбияткунандаи бечорагонӣ ва Ту Парвардигори ман ҳастӣ, Маро ба кӣ месупорӣ?*

*Ба  бегонае, ки бо чеҳраи гирифта маро пешвоз мегирад? Ё ба душмане, ки саранҷоми кори  маро дар ихтиёраш гузоштаӣ? Бо вуҷуди ин агар Ту бар ман ғазаб надошта бошӣ, пас ман боке надорам. Аммо афву бахшиши Ту барои ман беҳтар аст. Ба нури ваҷҳи Ту паноҳ мебарам, ки торикиҳо аз он равшан шудаанд ва кори дунё  ва охират сомон пазируфтааст. Ба Ту паноҳ мебарам аз ин ки*

[1] «Ал-бидоя ван-ниҳоя» (3/79-82)

*ғазабат бар ман нозил шавад ё хашмат бар ман фуруд ояд. Ва нест тавоноӣ ва нест қуввате магар бо ёрии Ту»*

Қурайшиҳо касонеро, ки пайравии Паёмбар (с)-ро менамуданд бисёр фишороварӣ мекарданд, то ки аз динашон баргарданд. Мусалмонон аз дасти онҳо дар ранҷу азоб буданд ва аз шаҳрашон бадарға шуда ба кишварҳои дигар мегурехтанд. Баъзеашон дар сарзамини Ҳабаша ва қисми дигар дар Мадина муҳоҷир буданд.

Мусалмононро мушрикон мезаданд ва онҳо маҷрӯҳ шуда ба назди Паёмбар (с) омада арз мекарданд. Паёмбари Худо (с) ба онҳо мегуфт:

«*Сабур бошед, зеро ман иҷоза надорам, ки бо онҳо биҷангам*».

Чун мушрикони Қурайш бар Худои азза ва ҷалла саркашӣ намуданд ва Паёмбараш (с)-ро дурӯғгӯ донистанд ва касонеро, ки гуфтаҳои паёмбарашро тасдиқ мекарданд, азобу шиканҷа дода, бадарға карданд, Худованд ба Паёмбараш (с) иҷозат дод, то бо мушрикону золимон ва саркашон ҷанг карда, онҳоро мағлуб гардонад. Аввалин ояте, ки ба Паёмбар (с) иҷозати ҷангу ҷиҳод бо таҷовузкоронро дод, ин буд:

﴿أُذِنَ لِلَّذِينَ يُقَٰتَلُونَ بِأَنَّهُمۡ ظُلِمُواْۚ وَإِنَّ ٱللَّهَ عَلَىٰ نَصۡرِهِمۡ لَقَدِيرٌ ٣٩ ٱلَّذِينَ أُخۡرِجُواْ مِن دِيَٰرِهِم بِغَيۡرِ حَقٍّ إِلَّآ أَن يَقُولُواْ رَبُّنَا ٱللَّهُۗ وَلَوۡلَا دَفۡعُ ٱللَّهِ ٱلنَّاسَ بَعۡضَهُم بِبَعۡضٖ لَّهُدِّمَتۡ صَوَٰمِعُ وَبِيَعٞ وَصَلَوَٰتٞ وَمَسَٰجِدُ يُذۡكَرُ فِيهَا ٱسۡمُ ٱللَّهِ كَثِيرٗاۗ وَلَيَنصُرَنَّ ٱللَّهُ مَن يَنصُرُهُۥٓۚ إِنَّ ٱللَّهَ لَقَوِيٌّ عَزِيزٌ ٤٠ ٱلَّذِينَ إِن مَّكَّنَّٰهُمۡ فِي ٱلۡأَرۡضِ أَقَامُواْ ٱلصَّلَوٰةَ وَءَاتَوُاْ ٱلزَّكَوٰةَ وَأَمَرُواْ بِٱلۡمَعۡرُوفِ وَنَهَوۡاْ عَنِ ٱلۡمُنكَرِۗ وَلِلَّهِ عَٰقِبَةُ ٱلۡأُمُورِ ٤١﴾
الحج: ٣٩ - ٤١

Сухани Худо:

**«Ба касоне, ки ба ҷанг ба сарашон тохт овардаанд ва мавриди ситам қарор гирифтаанд, рухсат дода шуд ва Худо ба пирӯз гардониданашон тавоност. Онҳое, ки ба ноҳақ аз**

**диёрашон ронда шудаанд, гуноҳашон танҳо ин буда, ки мегуфтанд: «Парвардигори мо Худои яктост». Ва агар Худо баъзеро ба василаи баъзе дигар дафъ накарда буд, дайрҳову калисоҳо ва куништҳову масҷидҳое, ки номи Худо ба фаровонӣ дар он бурда мешавад, вайрон мегардид. Ва Худо касеро, ки ёриаш кунад, ёрӣ мекунад ва Худо тавонову пирӯзманд аст! Ҳамон касон, ки агар дар замин қудраташон диҳем, намоз мегузоранд ва закот медиҳанд ва амр ба маъруфу наҳй аз мункар мекунанд. Ва саранҷоми ҳамаи корҳо бо Худост»![1]**

Баъдан Худои таъоло ин оятро бар Паёмбари гиромӣ (с) нозил фармуд:

﴿ وَقَٰتِلُوهُمۡ حَتَّىٰ لَا تَكُونَ فِتۡنَةٞ وَيَكُونَ ٱلدِّينُ لِلَّهِۖ فَإِنِ ٱنتَهَوۡاْ فَلَا عُدۡوَٰنَ إِلَّا عَلَى ٱلظَّٰلِمِينَ ١٩٣ ﴾ البقرة: ١٩٣

Сухани Худо:

**«Бо онҳо биҷангед, то дигар фитнае набошад ва дин танҳо дини Худо шавад. Вале агар аз дини худ даст бардоштанд, таҷовуз ҷуз ба ситамкорон раво нест!»** [2]

Яъне бо мушрикон биҷангед, то ин ки мӯъминон аз динашон хориҷ нашаванд ва то ин ки ҳамроҳи Худо ибодату бандагӣ карда нашавад ғайри ӯро.

## Ҷанги Бадр

Корвони қурайшиҳо, ки дар он молу сарвати зиёд буд ва аз Макка ба Шом барои тиҷорат мерафт, аз Паёмбар (с) ва саҳобагонаш раҳо ёфт.Чун вақти бозгашти корвон аз Шом ба Макка наздик омад, Паёмбар (с) Саъид ибни Зайд (р) ва Талҳа ибни Убайдуллоҳ (р)-ро пеш аз баромадани худаш аз Мадина, фиристод, то хабари омадани корвонро аниқу дақиқ кунанд. Саъид ибни Зайд (р) ҳамроҳи Талҳа (р) ба роҳ баромад, то

---

[1] Сураи Ҳаҷ, оятҳои 39-41.

[2] Сураи Бақара, ояти 193.

сафари ҷиҳодашро бо ҳиммати бузург оғоз бахшад ва бо ин амали худ ризои Парвардигори азза ва ҷалла ва савоби охиратро дарёбад.

Чун ба маконе бо номи Ҳавроъ расиданд, дар он ҷо истоданд, то ин ки корвон аз назди онҳо гузашт. Пеш аз бозгаштани Саъид (р) ва Талҳа (р) ба Паёмбар (с) аз осмон хабари омадани корвон расид. Пас Паёмбар ба саҳобагонаш нидо карда гуфт:

«*Ин корвони Қурайш аст, ки дар он молу амволи онҳост. Ба он ҳамла кунед, шояд Худованд онро бар шумо дастрас гардонад*».

Абусуфён ибни Ҳарб роҳбари корвон буд. Ӯ медонист, ки роҳи Макка серхавфу пурхатар аст. Аз ҳар саворае, ки бо ӯ рӯ ба рӯ меомад, хабари роҳҳоро пурсон мешуд. Ҷосусонаш ба ӯ хабар доданд, ки Паёмбар (с) дар роҳ саҳобагонашро барои ҳамла кардан ба корвон омода кардааст.

Худи ҳамон лаҳза Абусуфён ибни Ҳарб роҳи асосиро, ки аз ҷониби чап буд ва аз Бадр мегузашт тарк карда, роҳи соҳилро пеш гирифт, то аз лашкари Мадина наҷот ёбад. Ҳамчунин Абусуфён Замзама ибни Амри Ғиффориро ба Макка фиристод, то ин ки қурайшиёнро ба кӯмаки корвонашон бихонад. Замзама зуд ба роҳ баромад. Чун ба Макка расид дар байни водӣ, дар болои уштураш истода фарёд зад: «*эй ҷамоъаи Қурайш, уштурони пурбори худро дарёбед! Ба молҳои шумо, ки дар дасти Абусуфён буд, Паёмбар (с) ва саҳобагонаш дастдарозӣ кардаанд. Гумон намекунам, ки он амволро дарёбед! Ба кӯмак бишитобед!*»

Дар ин вақт Саъид ибни Зайд (р) ва Талҳа ибни Убайдуллоҳ (р) дар роҳи Мадина буданд, то хабари корвонро ба Паёмбар (с) бирасонанд ва аз баромадани Паёмбар (с) аз Мадина огоҳ набуданд. Онҳо вақте ба Мадина расиданд, ки Паёмбар (с) ва саҳобагонаш дар он рӯз дар Бадр бо лашкари мушрикон рӯ ба рӯ шуда буданд.Саъид ва Талҳа зуд аз Мадина баромада бо тамоми суръат ҳаракат мекарданд, то ба назди Паёмбар (с)

бирасанд. Чун онҳо омаданд, Паёмбар (с) аз ҷанги Бадр фориғ шуда буд. Худованд ба ӯ пирӯзӣ бахшида, бар душманаш ғолиб гардонда буд. Чун Паёмбар (с) онҳоро дид, ба сӯяшон бо назари марҳамату ғамхорӣ нигарист, ки он дар дили онҳо оромию итминон бахшид. Паёмбар (с) ба онҳо хабар дод, ки шумо дар аҷру савоб бо шахсоне, ки дар ҷанги Бадр ширкат доштанд, баробаред. Ҳамчунин Паёмбар (с) саҳмҳои онҳоро аз моли ғанимат монанди шахсони дар ҷанг иштироккнамуда муайян кард. Саъид ибни Зайд (р) аз ҷумлаи аҳли Бадр ба шумор меравад, ки онҳо беҳтарин одамон дар рӯйи замин буданд.[1]

## Ҷанги Бани Қурайза

Саъид ибни Зайд (р) дар ҷангҳои Уҳуд, Хандақ, Ҳудайбия ва дигар ҷангҳо ҳамроҳи Паёмбар (с) буд.

Ҳангоме, ки яҳудиёни бани Қурайза, бо Паёмбар (с) аҳдшиканӣ карда, хостанд ба мусалмонон ғадру фиреб кунанд, Паёмбар (с) муаззинро фармуд, то дар байни мардум нидо кунад, ки:

«Ҳар он касе ки фармонбардору мутеъ аст, ҳатман намози асрашро дар бани Қурайза гузорад».

Мусалмонон зуд аз паи иҷрои фармони Паёмбар (с) шуданд ва пешоҳанги онҳо қаҳрамони пешқадам Саъид ибни Зайд (р) буд. Онҳо ҳамон лаҳза ба роҳ баромада, ба ҷониби бани Қурайза ҳаракат карданд. Ба он ҷо расида, яҳудиҳоро дар қалъаҳояшон муддати 25 рӯз муҳосира карданд. Чун яҳудиёни бани Қурайза аз муҳосира ба танг омаданд ва Худои таъоло дар дилҳояшон тарсро ворид кард, чораи дигаре ба ҷуз фармонбардории Паёмбар (с) наёфтанд.

[1] «Ат-табақоту-л-кубро» (3/292, 293).

Аммо Паёмбар (с) Саъид ибни Муъозро (р) фармуд, то дар бораи онҳо ҳукме содир намояд. Пас Саъид ибни Муъоз (р) гуфт:

- Ман чунин ҳукм мекунам, ки мардонашон кушта шаванд ва амволашон тақсим карда шавад ва занону кӯдаконашон ғулом карда шаванд.

Пас, Паёмбар (с) ба Саъид (р) гуфт:

*«Дар ҳаққи онҳо бо ҳукми Худованди ҳафт осмон ҳукм намудӣ»*. Паёмбар (с) молу амвол ва занону кӯдакони бани Қурайзаро ба мусалмонон тақсим кард, баъд аз оне, ки панҷякашро ҷудо карда, барои саворахо се ҳисса, ду ҳисса барои асп ва як ҳисса барои саворахо ва як ҳисса барои пиёдаҳо (касе, ки асп надошт), муайян намуд.

Баъд аз он Паёмбар (с) Саъид ибни Зайд (р)-ро ба наздаш даъват кард, ба ӯ фармуд, ки асирони бани Қурайзаро ба Наҷд бурда фурӯшад ва ба ивази он аспу силоҳ бихарад, то қуввату тавоноии мусалмонон биафзояд.

Саъид ибни Зайд (р) барои иҷро кардани фармони Паёмбар (с) ба Наҷд рафта, дар ивази ғуломон асп ва силоҳ харида ба Мадинаи мунаввара баргашт ва ба ризои Худо ва Паёмбараш ноил шуд.[1]

## Васиятҳои Паёмбари Худо (с)

Аз васиятҳои Паёмбар (с) маълум мешавад, ки мақому манзалати Саъид (р) дар назди Паёмбар (с) баробари мақоми дигар ёрони биҳиштӣ буд. Ӯ ҳамеша дар вақти ҷанг аз пеши Паёмбар (с) ва дар сафи намоз аз паси он Ҳазрат (с) буд. Ва ягон мусалмон аз муҳоҷирон ва ансориҳо ба мартабаву мақоми ёрони биҳиштӣ расида наметавонанд.

[1] «Ат-табақоту-л-кубро» (3/293).

Ҳангоме, ки Паёмбар (с) аз «Ҳаҷҷату-л-видоъ» ба Мадина баргашт болои минбар баромада, Худованди азза ва ҷалларо ҳамду сано гуфт ва баъд аз он фармуд:

*«Эй мардум! Ба таҳқиқ бидонед, ки Абубакр (р) ҳаргиз ба ман бадие накардааст... Эй мардум, ҳароина, ман розӣ ҳастам аз Умар, Алӣ, Талҳа, Зубайр, Саъд, Абдурраҳмон ибни Авф, Саъид ибни Зайд (р) ва муҳоҷирони аввалин. Ин бартариро барои онҳо эътироф кунед. Эй мардум, ҳароина, Худованд аҳли Бадр ва Ҳудайбияро омурзид... Эй мардум дар ҳаққи саҳобагонам ва падарарӯсону (хусурону) домодҳоям эҳтиромро риоя кунед. Мабодо Худованд ба сабаби шикояти яке аз онҳо шуморо ба азоб гирифтор гардонад, чунки ин аз ҷумлаи он гуноҳонест, ки бахшида намешаванд. Эй мардум, забонатонро аз бадгӯйи мардум боздоред, чун яке аз мусалмонон бимирад, пас дар ҳаққи ӯ сухани некӯ бигӯед»*[1].

## Дар қалби Ярмук

Дар ҷанги Ярмук лашкари румиҳо бо чунон сипоҳиёни зиёд омаданд, ки тамоми гӯшаву канори ин сарзамин ҳамворию пастӣ ва баландиҳои онро пур карданд. Гӯё, ки гӯсфандони сиёҳанд ва бо садоҳое монанди овози раъд фарёд мезаданд. Роҳибонашон бошанд, Инҷилро тиловат карда, онҳоро ба ҷанг тарғиб мекарданд. Шамшери Худо - Холид ибни Валид (р) ба назди амири қалб (маркази лашкар) Абуубайда ибни Ҷарроҳ (р) рафта, бо ӯ машварат карда гуфт:

- Барои шикаст додани ин сипоҳи анбӯҳ як ҳамлаи бузурге лозим аст, ки онро рад карда натавонанд ва ман аз маймана (қаноти рости лашкар) ва майсара (қаноти чапи лашкар) метарсам ва чунин пешниҳод дорам, ки савораҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо карда, дар паси маймана ва майсара қарор диҳем, чун ҳар вақте ки душман бо онҳо бархӯрд кунад, барояшон кӯмаккунанда бошанд, пас мо аз паси душман ҳамла мекунем.

---

[1] «Таҳзибу торихи ибни Асокир» (6/129-130).

Абуубайда ба ӯ гуфт:

- Пешниҳоди некӯ кардӣ! Пас Холид ибни Валид (р) савораҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо карда, як гурӯҳро дар паси маймана қарор дод ва худи ӯ низ дар ҳамин гурӯҳ буд ва гурӯҳи дигарро аз паси майсара гузошта, Қайс ибни Ҳубайраро сардори он гурӯҳ таъин кард, то ин ки мардум нагурезанд ва савораҳоро дар пас монда буд, то барояшон ёридиҳанда бошанд.

Холид ба Абуубайда (р) фармуд, ки аз қалб (маркази лашкар) ба қафо ба паси лашкар биравад. Ҳар вақте ки гурезандае аз сипоҳи мусалмонон ӯро бинад, аз ӯ шарм дошта, ба ҷанг баргардад. Холид (р) ишора кард, ки Саъид (р) дар қалб, дар ҷойи Абуубайда (р) биистад.

Чун ду гурӯҳ муқобили ҳам истода, ба мубо줴ризаву муқотила пардохтанд ва маъракаи ҷанг ба ҷӯшу хурӯш омад, Саъид (р) бо гурӯҳи худ бо тамоми ҳастиаш ба ҷанг шурӯъ намуд ва монанди кӯҳҳои сарбафалак побарҷой монда, бисёр ҷанги бошиддат кард ва ӯ аз ҷумлаи он саҳобагону сарбозоне аст, ки дар майдони ҷиҳод, кофирону мушриконро ба хок яксон мекарданд.

Мусалмонон як тану як ҷон шуда ба румиҳо ҳамла карданд ва сафҳои онҳоро рахна карда, онҳоро таъқиб карда, қисмеро куштанд ва гурӯҳеро ба асорат гирифтанд. Худованди азза ва ҷалла мусалмононро пирӯзӣ ва ғолибияти пурра бахшид.

Яке аз сарлашкарони румӣ хост, ки сирри пирӯзии мусалмононро бар қавмаш бидонад. Пас ду марди арабзабони насрониро ба наздаш даъват карда, ба онҳо гуфт:

- Бояд, ки яке аз шумо рафта барои мо дар байни ин қавм ҷосусӣ кунад ва хабари онҳоро ба мо биёрад ва дигаре то баргаштани он дар назди чизу чораи рафиқаш барои нигаҳбонӣ биистад.

Пас яке аз онҳо дар байни мусалмонон рафта, чанд муддат биистод. Баъд аз он омада, ба сарлашкари румиҳо гуфт:

- Ман аз назди мардони бонизоми дақиқкоре омадам, ки ба аспони беҳтарин савор мешаванд. Дар шаб ибодаткунандаанд ва аммо рӯзона сарбозу ҷавонмарданд ва дар тирандозӣ хеле моҳиранд ва садои онҳо ба хондани Қуръон ва зикри Худо он қадар баланд аст, ки агар бо ҳамнишинат сухан бигӯӣ, туро нахоҳад шунид.

Сарлашкари румиҳо ба қавмаш рӯ оварда гуфт:

- Аз мусалмонон чизе ба сари шумо омад, ки шумо тоқати онро надоред.[1]

## Амири Зоҳид[2]

Баъди хотимаи ҷанги Ярмук Саъид ибни Зайд (р) ҳамроҳи Абуубайда ибни Ҷарроҳ (р) дар муҳосира ва фатҳи шаҳри Димишқ ширкат дошт. Пеш аз он ки Абуубайда (р) бо лашкари худ ба Урдун, барои идома додани футуҳот дар ин сарзамин биравад, Саъид (р)-ро дар Димишқ волӣ таъин намуд. Ӯ аввалин шахсе аз мусалмонон буд, ки волии шаҳри Димишқ шуд.

Аммо Саъид (р) дар Димишқ зиёд наистода ба Абуубайда ибни Ҷарроҳ (р) чунин нома навишт:

*«Саломи Худо ба ту бод! Худованди якторо аз ҷониби ту сипосгузорам. Аммо баъд, ман наметавонам ин ҷо ором бинишинам ва ту бо ёрони худ дар роҳи Худо ва барои ризои Худо ҷиҳод бикунӣ. Чун ин номаи ман ба ту расид, барои волигӣ шахсеро бифирист, ки ба ин кор рағбат дорад. Ман ҳароина зуд ба назди ту хоҳам омад. Саломи Худо бар ту бод».*

Чун он нома ба Абуубайда (р) расид, гуфт:

- Ҳароина ӯ волигиро тарк мекунад!!

Баъд аз он Язид ибни Абусуфёнро даъват карда ба ӯ гуфт:

- Волигии Димишқро ба ӯҳда бигир!

---

[1] «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (7/14-16).

[2] «Ар-риёзу-н-назра» (2/408, 409).

Ҳамин тавр Саъид (р) ба роҳату оромии волигию амирӣ ва фиребу фитнаҳои он такя накард ва онро беҳтар донист, ки дар қатори муҷоҳидон дар майдонҳои ҳарбу зарб дар зери сояи найзаву силоҳҳо бошад.

Амиралмӯъминин Умар (р) ба сарлашкараш Абуубайда (р), ки дар сарзаммини Шом қарор дошт, номае навишт ва дар он ба ӯ мегуфт:

- «*Аз аҳволи мардум маро огоҳ бикун ва аз Холид (р) ба ман хабар бидеҳ, ки ӯ чӣ гуна мардест? Ва аз ҳоли Язид ибни Абусуфён ва Амр ибни Ос ва насиҳатҳои онҳо барои мусалмонон огоҳ бинамо ва аз ҳоли бародаронам Саъид ва Муъоз (р) ба ман хабар бидеҳ!*»

Абуубайда (р) ба ӯ посух навишта гуфт:

- «*Холид беҳтарин мард аст ва носеҳтарин шахс барои мусалмонон ва сахттарин ҷанговар барои душманон аст ва Амру Язид насиҳат ва кӯшишҳояшон он гунаест, ки ту дӯст медорӣ. Аммо Саъид (р) ва Муъоз (р) ҳамон гунае, ки аҳд карда будӣ ба ҷуз ин ки фармонравоӣ дар дунё онҳоро зоҳидтар кардааст ва ба охират рогибтар*».

Дили Саъид (р) ҳамеша бо ёди Худои азза ва ҷалла машғул буд ва дар кори дунё парҳезкориро пеша карда буд. Ҳар андозае, ки метавонист бо ҷиҳод, зикр ва ибодат бо Худо наздикӣ меҷуст.

## Дар аҳли Шӯро

Умари Форуқ (р) домодаш - Саъид (р)-ро дӯст медошт ва ҳурмату эҳтиромаш менамуд ва ӯ бузургию собиқаи ӯро дар Ислом медонист ва ҳамеша ёдоварӣ мекард, ки чӣ гуна дар хонаи ӯ дар Макка насими имон бар дили вай вазид. Чун Абулӯълӯъаи маҷусӣ, лаънати Худо бар вай бод, ба амиралмӯъминин Умар (р) ғадр карда, ҳангоми намоз ӯро бо ханҷар маҷрӯҳ кард, дар ин вақт Форуқ (р) Саъид (р)-ро дар аҳли Шӯро дохил насохт.

Саъид (р) дар мартаба ва бузургӣ аз аҳли Шӯро кам набуд, аммо Умар (р) ба хотири он ки дар ӯ заррае аз манфиъатхоҳӣ боқӣ намонад, ӯро ба аҳли Шӯро дохил накард. Чунки ӯ домоди вай ва писари амакаш буд. Агар ӯро дар аҳли Шӯро шомил мекард, баъзеҳо мегуфтанд:

- Писари амакашро пешниҳод кард!!

Форуқ (р) аз кори Шӯро фарзандон ва хешовандонашро хориҷ намуд. Чун Умар (р) аз дунёи фонӣ реҳлат кард, Саъид (р) барояш бисёр гиряҳои талх кард. Вақте аз ӯ пурсиданд, ки барои чӣ гиря мекунӣ?

Ӯ гуфт:

- Ба ҳоли Ислом мегирям, ки зеро марги Умар (р) ба Ислом рахнае ворид сохт, ки то рӯзи қиёмат ба ҳам нахоҳад омад[1].

## Зани дурӯғгӯ

Арво бинти Увайс канизи Саъид (р) буд ва ӯ дар мавзеъе бо номи Ақиқ зиндагӣ мекард. Ин зан хост ба волии Мадина Марвон ибни Ҳакам даъво кунад. Пас ба назди вай омада гуфт:

- Ҳароина, Саъид (р) бар ман зулм кардаст ва дар замини ман ҳаққи маро риоя накардааст!! Вай аз замини ман дуздида, дар замини худаш ҳамроҳ кардааст!!

Марвон ибни Ҳакам фармуд, то Саъид (р)-ро ҳозир намуданд ва ӯро аз ин масъала пурсон шуд.

Саъид (р) дар таъаҷҷуб монда гуфт:

- Оё ман ба ҳаққи Арво зулм мекунам?! Қасам ба Худо, ки ман 600 зироъ замини худро ба ӯ бахшидаам, ба хотири ҳадисе, ки аз Паёмбар (с) шунида будам. Марвон ибни Ҳакам гуфт:

- Он кадом ҳадис аст?

Саъид (р) гуфт?

Паёмбари Худо (с)-ро шунидам, ки мегуфт:

[1] «Сияру аълому-н-нубало» (1/138).

«*Ҳар он касе ки аз ҳаққи нафаре аз мусалмонон, чизе ба ғайри ҳақ бигирад, он чиз дар рӯзи қиёмат дар гарданаш овехта мешавад*»!!

Пас Маарвон ибни Ҳакам бо камоли эътимод ба дӯсти Паёмбар (с) гуфт:

- Баъд аз ин аз ту ҳуҷҷати дигаре намехоҳам.

Баъд аз он Саъид (р) дастонашро ба ҷониби осмон бардошта чунин дуъо кард: Парвардигоро, ҳароина, ин зан гумон дорад, ки ман ба ӯ зулм кардаам. Пас агар ӯ дурӯғгӯ бошад, чашмонашро кӯр бикун ва чоҳашро барояш қабр бигардон ва нури ҳақиқатро ба мусалмонон равшан намо, то бидонанд, ки ман ба ин зан зулм накардаам.

Дар ҳамин вақт дар сарзамини Ақиқ чунон борони селе борид, ки қаблан ҳеҷ гоҳ наборида буд ва он ҳарду марзе, ки дар он ихтилоф буд намоён гардид ва Худои азза ва ҷалла ростқавлии Саъид (р)-ро ошкор кард. Дере аз ин ҳодиса нагузашта Худои азза ва ҷалла чашмони он зани дурӯғгӯро кӯр сохт. Он зани бадбахт шабона ҳамроҳи канизакаш, ки ӯро раҳнамоӣ мекард, рафта коргаронро аз хоб бедор месохт. Як шабе канизакашро бедор накарда худаш танҳо ва бо эҳтиёт дар ҳавлиаш роҳ мерафт, ки ногоҳ дар чоҳ афтод ва он чоҳ қабри ӯ шуд[1].

## Васияти Уммулмӯъминин (р)

Муъовия ибни Абусуфён ба Марвон нома навишта фармуд, ки барои хилофати писараш – Язид бо мардум байъат кунад. Марде аз аҳли Шом ба ӯ гуфт:

- Барои чӣ ин корро анҷом намедиҳӣ?

Марвон ибни Ҳакам (р) гуфт:

- Сабр мекунам, то ин ки Саъид (р) омада байъат кунад, чунки ӯ пешвои аҳли шаҳр аст. Агар ӯ байъат кунад, тамоми мардум байъат хоҳанд кард.

---

[1] «Усуду-л-ғоба» (2/388).

Он марди шомӣ бо дуруштӣ гуфт:

- Ман рафта ӯро ба наздат биёрам?

Марвон ибни Ҳакам гуфт:

- Бирав.

Он марди шомӣ ба назди Саъид (р) омада гуфт:

- Бирав ва байъат бикун!

Саъид (р) гуфт:

- Ту бирав, ман баъдтар рафта, байъат хоҳам кард.

Он мард гуфт:

- Бирав ва байъат бикун, вагарна саратро аз тан ҷудо хоҳам кард.

Саъид (р) бо камоли нармию меҳрубонӣ гуфт:

- Оё ту гардани маро мезанӣ? Қасам ба Худо, ки ту маро ба назди мардумоне даъват мекунӣ, ки ман дар роҳи Ислом ҳамроҳи онҳо мубориза кардаам!! Чун он мард аз мақому манзалати Саъид (р) огоҳӣ ёфт, шарм дошт ба назди Мавронӣ ибни Ҳакам бозгашт ва воқеъаро ба ӯ нақл кард. Марвон бисёр нороҳат шуда ба ӯ гуфт:

- Хомӯш бош!

Яке аз модарони мӯъминон (занони Паёмбар (с)) вафот карда буд ва қаблан васият намуда буд, ки намози ҷанозаашро Саъид (р) бигузорад.

Он марди шомӣ ба Марвон гуфт:

- Чаро ту бар уммулмӯъминин намози ҷанозаро намехонӣ?!

Марвон гуфт:

- Мардеро мунтазирам, ки ту мехостӣ гарданашро бизанӣ. Чунки уммулмӯъминин васият кардааст, ки намози ҷанозаашро вай бихонад!

Он мард аз кардааш пушаймон шуда гуфт: Астағфируллоҳ. (Талаби омурзиш мекунам аз Худо).[1]

---

[1] «Таҳзибу торихи ибни Асокир» (6/130).

## Даҳ нафар биҳиштӣ ҳастанд

Рӯзе Саъид ибни Зайд (р) мардеро шунид, ки саҳобагони Паёмбари Худо (с)-ро дашном медод. Аз шунидани он чунон ба ғазаб омад, ки рӯяш сурх гашт ва гуфт:

- Паёмбари Худо (с) фармудаанд:

*«Даҳ нафар дар биҳиштанд: Абубакр (р) дар биҳишт аст, Умар (р) дар биҳишт аст, Усмон дар биҳишт аст, Алӣ (р) дар биҳишт аст, Талҳа (р) дар биҳишт аст, Зубайр (р) дар биҳишт аст, Абдурраҳмон (р) дар биҳишт аст, Саъд (р) дар биҳишт аст, Абуубайда (р) дар биҳишт аст... ва агар мехостед даҳумашро низ ном мебурдам».*

Мардум бисёр хоҳиш карда ба ӯ мегуфтанд:

- Эй дӯсти Паёмбари Худо (с) даҳумин шахс кист?

Пас Саъид (р) гуфт:

- Ба хотири ризои Худованд, шумо зиёд хоҳишу илтиҷо кардед. Худованд бузург аст!! Ман даҳумини онҳо ҳастам.

Баъд аз он ба тарафи рост гашта суханашро давом дод ва гуфт:

- Қасам ба Худо, амали марде, ки ҳамроҳӣ Паёмбари Худо (с) дар ҷанге иштирок карда, рӯяш ғуборолуда гаштааст, беҳтар аст аз амали яке аз шумо, агарчанде ба ӯ монанди Нӯҳ (а) умри зиёд дода шавад.[1]

Пас даҳ ёри биҳиштӣ беҳтарин мардуми Қурайшанд ва беҳтарини муҳоҷирон ва беҳтарин иштирокчиёни ҷанги Бадр мебошанд. Онҳо пешвоёни ин уммат дар дунё ва охират ҳастанд. Онҳо мубо034ризони шуҷоъи ин уммат ва қаҳрамонони Исломанд.

Саъид ибни Зайд (р) соли 50 ё 51-ҳиҷрӣ, дар синни 77 солагӣ, рӯзи ҷумъа дар хонааш, ки дар Атиқ буд, аз дунё реҳлат намуд.

---

[1] «Усуду-л-ғобба» (2/388-389).

Чун Абдуллоҳ ибни Умар ибни Хаттоб (р) хабари марги ўро шунид, намози ҷумъаро тарк намуда, ба назди вай ҳозир шуд. Саъд ибни Абуваққос низ ҳамроҳи ў омад. Пас ҷасади покашро шуста, дар тобут гузошта ба Мадина оварданд ва бар вай намози ҷаноза хонда, дар замини поки Мадина ба хок супориданд.[1]

[1] «Ат-табақоту-л-кубро» (3/283-294).

# АБУУБАЙДА ИБНИ ҶАРРОҲ (Р)

*Амини уммат ва амири амирон.*
*(574-639 мелодӣ)*
*(40-сол қабл аз ҳиҷрат - 18 ҳиҷрӣ қамарӣ)*

**Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон**

## Насаби Абуубайда ибни Ҷарроҳ

Вай Омир ибни Абдуллоҳ ибни Ҷарроҳ ибни Ҳилол ибни Уҳайб ибни Забба ибни Ҳорис ибни Фиҳри Қурайшии Маккӣ аст. Бо куния ва насабаш ба сӯйи бобояш, яъне падари падараш машҳур шудааст, ки Абуубайда ибни Ҷарроҳ (р) гуфта мешавад. Ва дар ному насаби бузургон монанди ин бисёр дида мешавад. Насаби вай дар Фиҳр бо насаби Паёмбар (с) як мешавад.

Яке аз он даҳ нафарест, ки ба онҳо духули Биҳишт бошорат дода шудааст ва яке аз аввалинҳо шуда Исломро пазируфтааст. Ба Ҳабашистон ва ҳамчунин ба Мадина ҳиҷрат кардааст. Дар ҷангҳои Бадр, Уҳуд, ва байъати Ризвон ва дигар мавзеъҳо ҳамроҳи Паёмбари Худо (с) ҳузур дошт ва «Қавию Амин» номида мешуд.

Яке аз ҳофизон ва ровиёни ҳадиси шарифи Набавӣ (с) буда ва аз ҷомеъони Қуръони азим ба шумор меравад[1].

Абубакри Сиддиқ (р) хост ӯро халифаи оянда таъин кунад ва дар рӯзи Сақифа ба он ишора намуд. Баъд аз он ӯро нозири амвол таъин кард ва ба Шом фиристод. Чун ба хилофати Форуқ (р) байъат карда шуд, ӯро сарлашкари қушунҳое, ки ба Шом ҳамла мекарданд, таъин намуд. Ӯ тамоми сарзамини Шомро фатҳ кард ва аз ҷониби Шарқ ба дарёи Фурот ва аз тарафи Шимол ба Осиёи хурд расид. Аз ҷиҳати меҳрубонию хоксорияш дилҳои мардум ба ҷониби ӯ моил шуда буданд.

Модараш: Умайма бинти Ғанм, аз бани Ҳорис ибни Фиҳр. Яке аз инъомҳои Худованди азза ва ҷалла бар Умайма ин буд, ки то зуҳури Ислом умр дид ва дилаш барои дохил шудан дар Ислом кушода шуд.

---

[1] «Ат-табақоту-л-кубро (3/312-316)

Писаронаш: Абуубайда (р) ду фарзанд дошт: Язид ва Умайр, ки модари онҳо Ҳинд бинти Ҷобир ибни Ваҳб мебошад. Фарзандони Абуубайда (р) дар ҷавонӣ аз дунё гузаштанд ва аз ӯ касе боқӣ намонд. Нақши ангуштаринаш чунин буд: «Ал-хумсу лиллоҳ» (панҷяк аз они Худо аст).

Абуубайда (р) дар замони ҷоҳилият дар миёни қавму қабилаи худ соҳиби обрӯю ҳайбат буд ва барои онҳо мушовир ба ҳисоб мерафт ва бо заковату доноӣ шӯҳрат дошт.

Худованди азза ва ҷалла ба Абуубайда (р) ҳам дар илм ва ҳам дар ҷисм бахшишҳои зиёд кардааст, аз қабили хубрӯию хушрӯи ва ҳаё. Абдуллоҳ бини Умар (р) мегуфт:

- Се нафар аз қабилаи Қурайш хубрӯйтарин, хушахлоқтарин ва боҳаётарин мурдуманд. Чун бо ту сухан бигӯянд, дурӯғ нахоҳанд гуфт ва агар бо онҳо сухан бигӯӣ туро дурӯғгӯ намедонанд ва онҳо Абубакри Сиддиқ (р), Усмон ибни Аффон (р) ва Абуубайда ибни Ҷарроҳ (р) мебошанд.

## Исломи Абуубайда (р)

Баъди равшан шудани нури Ислом гурӯҳе аз аввалинҳо шуда ба сӯйи нури мубини илоҳӣ шитофтанд ва даъватро пазируфтанд ва қабул намуданд ва бо он нуронӣ гаштанд.

Абубакри Сиддиқ (р) аз ҷумлаи ҳамин аввалинҳо буд, ки ба Ислому кӯмаки содиқонаи худ ба Расули акрам (с) иктифо накарда, балки мардумро пинҳонӣ ва бо ҳикмату сабурӣ ба Ислом даъват мекард ва бо мардум оҳиста-оҳиста дар бораи Ислом ҳарф мезад, то ба ҳақиқат ва хубии он яқин ҳосил мекарданд, пас онро ихтиёр карда, мутеъона ба он дохил мешуданд.

Сиддиқ (р) дар Абуубайда ибни Ҷарроҳ (р) зиндадилӣ ва покии фитратро дарку эҳсос намуда, дар бораи Ислом бо ӯ сухан гуфт. Худованд он чунон синаашро зуд кушода кард ва пардаи шакку шубҳа аз андешааш дур шуд, ки даъвати Сиддиқ (р)-ро қабул кард. Абуубайда ҳамроҳи гурӯҳе аз бузургони араб,

ки дар байни онҳо: Усмон ибни Маъзун, Убайда ибни Ҳорис ибни Мутталиб, Абдурраҳмон ибни Афв ва Абусалама ибни Абдуласад буданд, ба назди Паёмбар (с) рафтанд. Он Ҳазрат (с) Исломро ба онҳо арза намуд ва аз қавонини он огоҳашон кард ва дӯстиашонро ба он барангехт. Пас онҳо ҳама дар як вақт мусалмон шуданд ва ин воқеъа дар Маҳди (гаҳвора) даъват ба амал омад пеш аз оне ки Паёмбари Худо (с) хонаи Арқамро ҳамчун макони даъвату таблиғаш ихтиёр намоянд.

Абуубайда (р) аз пойдеворҳои аввалине буд, ки қасри бузурги дини Ислом дар болои он барпо карда шуд[1].

## Ҳиҷрати Абуубайда (р)

Абуубайда (р) Ислом овард, монанди Исломи тавонмандони дурустрафтори соҳибақле, ки ҷаҳолату фиреб ва тарсу ваҳм ба имони онҳо рахнае ворид карда натавонист. Ҳиҷрат карданро, ки амри Худованди таъоло буд, қабул кард ва бо камоли имону яқин пазируфт. Ва дар ин роҳ тамоми он мушкилоте, ки саҳобагони гиромии Паёмбар (с) дар оғози интишори Ислом таҳаммул карда буданд, паси сар намуд, аз қабили ранҷу таъқиб ва азобу фишороварӣ. Дар тамоми ин озмоишҳо собитқадам буд. Худо ва Паёмбараш (с)-ро дар тамоми ҳолатҳо фармонбардорӣ мекард. Ӯ аз аввалинҳо шуда ба мулки Ҳабаша ҳиҷрат намуд.

Аммо Абуубайда (р) иқоматашро дар замини Ҳабаша дароз накарда ва ба Макка баргашт. Сипас ба Мадина ҳиҷрат кард. Бинобар ин аз зумраи саҳобагоне гашт, ки ду бор ҳиҷрат карда буданд ва Худованд онҳоро дар Қуръони карим зикр карда ва савобу мартабаи бузургеро ба онҳо бахшид. Парвардигор дар бораи онҳо фармуд:

---

[1] «Ат-табақоту-л-кубро» (3/313).

﴿ فَٱلَّذِينَ هَاجَرُواْ وَأُخۡرِجُواْ مِن دِيَٰرِهِمۡ وَأُوذُواْ فِي سَبِيلِي وَقَٰتَلُواْ وَقُتِلُواْ لَأُكَفِّرَنَّ عَنۡهُمۡ سَيِّـَٔاتِهِمۡ وَلَأُدۡخِلَنَّهُمۡ جَنَّٰتٖ تَجۡرِي مِن تَحۡتِهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُ ثَوَابٗا مِّنۡ عِندِ ٱللَّهِۚ وَٱللَّهُ عِندَهُۥ حُسۡنُ ٱلثَّوَابِ ١٩٥ ﴾ آل عمران: ١٩٥

Сухани Худо:

**«Пас гуноҳони касонеро, ки муҳоҷират кардаанд ва аз хонаҳояшон ронда шудаанд ва дар роҳи Ман озор дидаанд ва ҷангидаанд ва кушта шудаанд, мағфират мекунам ва ононро дар биҳиштҳое, ки дар он наҳрҳо ҷорист, дохил мекунам. Ин подошест аз ҷониби Худо ва подоши некӯ назди Худост».[1]**

Паёмбари Худо (с) барои Абуубайдаи муҳоҷир аз байни ансориҳо Саъд ибни Муъоз - пешвои қабилаи Авсро бародархон ихтиёр кард.

## Амини уммат

Ба ростӣ Абуубайда (р) мавзеъи эътимод ва муҳаббати Паёмбари Худо (с) буд, ки дар бораи ӯ мегуфт:

*«Накӯ мардест Абуубайда ибни Ҷарроҳ (р)».*

Ва ҳамчунин мегуфт:

*«Агар ман хоҳам дар рафтору гуфтори тамоми саҳобагони худ норасоӣ меёбам, ба ҷуз Абуубайда ибни Ҷарроҳ (р)».*[2]

Чун аз уммулмӯъминин Оиша (р) пурсиданд, ки Паёмбари Худо (с) кадом саҳобагонро бештар дӯст медошт?

Ӯ дар ҷавоб фармуд:

- Абубакр, баъд аз он Умар, баъд аз он Абуубайда ибни Ҷарроҳ (р).

Пас ба ӯ гуфтанд:

- Баъд аз он кӣ?

---

[1] Сураи Оли Имрон, ояти 195

[2] «Ал-исоба» (3/477).

Пас ӯ сукут кард.[1]

Боре Абусаълаба ба назди Паёмбари Худо (с) омада, ба ӯ гуфт:

- Маро ба назди марди хубе барои таълим гирифтан бифирист. Пас ӯро ба назди Абуубайда (р) фиристод ва ба Абусаълаба гуфт:

*«- Туро ба назди марде фиристодам, ки ҳам таълими хуб медиҳад ва ҳам одобатро некӯ мегардонад».*

Ҳангоме ки як гурӯҳ мардум аз Наҷрон ба назди Паёмбари Худо (с) омаданд, аз вай хостанд, ки ҳамроҳи онҳо марди амонатдореро фиристад, то ба онҳо аҳкоми дини Исломро таълим диҳад ва дар байнашон ҳукм кунад. Онҳо гуфтанд:

- Мардеро аз саҳобагони худ, ки бароямон сазовор медонӣ, ҳамроҳи мо бифирист, то дар он чизҳое, ки мо ихтилоф дорем ҳукми дуруст намояд.

Пас Паёмбари Худо (с) фармуд:

*«Албатта, ҳамроҳи шумо марди тавоною аминеро мефиристам».*

Саҳобагони Паёмбари Худо (с) чун аз ин хабар огоҳӣ пайдо намуданд, ҳар кадоме аз онҳо мехост, ки дорои чунин сифатҳо бошад ва ба ин башорат ноил гардад. Аммо Паёмбари Худо (с) ба Абуубайда (р) нигариста гуфт:

*«Эй Абуубайда ибни Ҷарроҳ (р) бархез!».*

Чун бархост, Паёмбари Худо (с) фармуд:

*«Ин шахс амини ин уммат аст. Бидонед, ки ҳар уммат амине дорад ва амини ин уммат Абуубайда ибни Ҷарроҳ (р) мебошад».*

Баъд аз он Паёмбари Худо (с) ба Абуубайда (р) гуфт:

*«Ҳамроҳи онҳо бирав ва дар он ихтилофҳое, ки дар байнашон мавҷуд аст, барҳақ ҳукм бикун».*

Ҳамин тариқ Паёмбари Худо (с) ба Абуубайда (р) хилъати фохирае аз ситоишу некӯӣ пӯшонид, ки ҳаргиз кӯҳна

[1] «Ал-исоба» (3/477).

намешавад. Пас аз ин дар байни саҳобагони Паёмбари Худо (с) ўро Қавии амин мегуфтанд. [1]

## Вохўрии мушкил

Паёмбари Худо (с) саҳобаҳои мўъмину яктопарастаашро барои интиқом гирифтан аз кофирону мушриконе, ки онҳоро ба ғайри ҳақ аз диёру манзилашон хориҷ карда буданд, хуб омода мекард.

Байни гурўҳҳои имон ва гурўҳҳои шайтон ҷанг оғоз шуд. Абуубайда ибни Ҷарроҳ (р), ки номашро дар рўйхати мусалмонони беҳтарин сабт карда буд, ҳамчунин дар рўйхати муҷоҳидони содиқу ғолиб навишт. Абуубайда (р) ба иштирок кардан дар ҷангҳо ҳамроҳи Паёмбари Худо (с) бисёр ҳорис шуд. Ғазваи Бадр аз аввалин чунин ҷангҳо буд. Абуубайда (р) дар ин ҷанг падарашро дар сафҳои мушрикон дида, аз рў ба рў шудан бо ў парҳез мекард ва аз Худованди азза ва ҷалла мехост, ки касе аз мусалмонон ўро аз падараш халос созад.

Аммо падари мушрику кофир бошад ба писараш ҳамла мекард ва Абуубайда (р) барои риояти ҳаққи падарӣ аз ў дур мешуд. Чун падараш аз ҳад зиёд қасди ў кард ва хост ўро бо шамшер бизанад, дар назди Абуубайда (р) чорае ҷуз ин набуд, ки ҳурмати падарашро дар дилаш инкор кунад ва танҳо Парвардигори бузургашро ёд намояд.

Пас ба ҷониби падараш рўй оварда, ба хотири аз байн бурдани рўҳи ботилу саркашаш, ўро бикушт. Абуубайда (р) падарашро накушт, балки ширкро дар шахсияти падараш қатл кард. Дар ҳаққи Абуубайда (р) оятҳои каримае нозил шуд, ки мадҳу ситоиши ўро мекунанд:

﴿ لَّا تَجِدُ قَوْمًا يُؤْمِنُونَ بِٱللَّهِ وَٱلْيَوْمِ ٱلْأَخِرِ يُوَآدُّونَ مَنْ حَآدَّ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ وَلَوْ
كَانُوٓا۟ ءَابَآءَهُمْ أَوْ أَبْنَآءَهُمْ أَوْ إِخْوَٰنَهُمْ أَوْ عَشِيرَتَهُمْ ۚ أُو۟لَٰٓئِكَ كَتَبَ فِى قُلُوبِهِمُ

[1] «Ат-табақоту-л- кубро» (3/314).

ٱلْإِيمَٰنَ وَأَيَّدَهُم بِرُوحٍ مِّنْهُ ۖ وَيُدْخِلُهُمْ جَنَّٰتٍ تَجْرِى مِن تَحْتِهَا ٱلْأَنْهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَا ۚ
رَضِىَ ٱللَّهُ عَنْهُمْ وَرَضُوا۟ عَنْهُ ۚ أُو۟لَٰٓئِكَ حِزْبُ ٱللَّهِ ۚ أَلَآ إِنَّ حِزْبَ ٱللَّهِ هُمُ ٱلْمُفْلِحُونَ ﴿٢٢﴾
المجادلة: ٢٢

Сухани Худо:

**«Намеёбӣ мардумеро, ки ба Худо ва рӯзи қиёмат имон оварда бошанд ва бо касоне, ки бо Худо ва паёмбараш мухолифат меварзанд, дӯстӣ кунанд (зеро вақте ки инсон як нафарро дӯст дорад имкон надорад, ки душманони ӯро низ дӯст гирад), ҳарчанд он мухолифон падарон ё фарзандон ё бародарон ва ё аз қабилаи онҳо бошанд. Худо бар дилашон рақами имон зада ва ба рӯҳе аз худ ёриашон кардааст ва онҳоро ба биҳиштҳое, ки дар он наҳрҳо ҷорист, дароварад. Дар он ҷо ҷовидона бошад. Худо аз онҳо хушнуд аст ва онон низ аз Худо хушнуданд. Инҳо ҳизби Худоянд, огоҳ бош, ки ҳизби Худо, ҳароина, растагоронанд (наҷотёфтагонанд)».[1]**

## Ғазваи Уҳуд

Сол сипарӣ гашт ва мусалмонон бо мушрикон дар ҷанги Уҳуд рӯ ба рӯ шуданд. Дар ин ҷанг тирандозон фармони Паёмбар (с)-ро ба ҷо наоварданд, ки дар натиҷа лашкари мусалмонон музтариб шуда, рӯ ба гурез оварданд. Вақте ки мардум ба қафо мегурехтанд, Абуубайда (р) ҳамроҳи Паёмбар (с) биистод ва дар он рӯз мусулмонон ба бузургтарин бало мубтало шуданд. Мушрикон ба ҷониби Паёмбар (с) тир андохтанд ва ӯ дар чуқурие афтод ва рӯйи муборакаш ҷароҳат гирифт, дандонаш шикаст ва ду ҳалқаи кулоҳи ҷангиаш дар рухсорааш даромад.

Абубакри Сиддиқ (р) ба сӯйи Паёмбар (с) мешитофт ва Абуубайда (р)-ро дид, ки давон-давон аз тарафи Машриқ меояд

[1] Сураи Муҷодала, ояти 22.

ва дар назди Паёмбари Худо (с) ӯро дарёб кард. Ӯ ба Абубакр (р) гуфт:

«Эй Абубакр, аз барои Худо, маро бигзор, то ҳалқаҳои тоскулоҳро аз рухсори Паёмбар (с) бикашам». Ва ин хоҳиши худро ҳамчунон такрор мекард, то ки Абубакр (р) ӯро иҷоза дод. Абуубайда (р) нахост, ки он ҳалқаҳоро бо дасташ бигирад ва ба Паёмбари Худо (с) озоре бирасонад. Бинобар ин аз нӯги он ҳалқаҳо бо даҳонаш сахт газида, оҳиста-оҳиста онҳоро берун мекашид. Чун ҳалқаи аввалро баровард, ҳамроҳи он як дандони пешаш афтод. Сиддиқ (р) хост, ки ба мисли Абуубайда (р) ҳалқаи дуюмро берун кашад, аммо Абуубайда (р) пешдастӣ кард ва ба ӯ гуфт:

- Ман қасам ёд кардам, ки аз баҳри Худо маро бигзорӣ!

Пас Абуубайда (р) ҳалқаи дуюмро монанди дафъаи аввал кашида гирифт ва ҳамроҳи он ҳалқа дандони дигари пешаш афтод ва пеши даҳонаш бе дандон монд. Ин чиз барои дигарон айб маълум мешавад, аммо барои Ӯ (с) зебоӣ буд. Чунки аз афтодани ду дандони пеш лабу даҳонаш зебо шуд. Ҳатто дар ин маврид гуфта мешуд:

- «*Аз тарзе, ки Абуубайда (р) истифода карда ду дандони пешӣ Расули Худо (с)-ро канд, тарзи дандонкании хубтаре дида нашудааст*».[1]

## Ба ҷониби Зулқисса

Бани Муҳорибу Саълаба якҷоя шуда, чорпоёни аҳли Мадина, ки дар заминҳои Ҳайфо (мавзеъест, ки аз Мадина 4 мил дур аст) мечариданд, ғорат карданд. Баъди адои намози шом Паёмбар (с) Абуубайда (р)-ро бо чил марди мусалмон ба назди онҳо фиристод. Онҳо пиёда равон шуда, ҳангоми субҳ ба Зулқисса (мавзеъест, ки аз Мадина 24 мил дур аст) расиданд ва ба мушрикон ҳамла карданд. Мушрикон аз онҳо гурехта ба

[1] «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (4/29-30).

кӯҳҳо паноҳ буданд. Абуубайда (р) тавонист, ки он ҳайвонтро баргардонад ва мардеро аз онҳо асир гирифта, ба назди Паёмбар (с) ба Мадина биояд.

Ин ҳодиса дар соли 6-уми ҳиҷрат рух дода буд.[1]

## Моҳии бузург

Баъд аз он Паёмбари Худо (с) Абуубайда (р)-ро ба зиёда аз 300 мард амир таъйин намуда, ба тарафи соҳил фиристод, то корвони қурайшиёнро назорат кунанд. Онҳо ба роҳ баромаданд, чун ба нисфи роҳ расиданд, хӯрокашон тамом шуд. Пас ҳар касе чизе аз хӯрокӣ дошт, ҳозир кард. Як халта хурмо дар назди Абуубайда (р) ҷамъ шуд. Пас ҳар рӯз ба онҳо як қабзагӣ хурмо медод. Вақте дид, ки хурмо кам мондааст ва ба онҳо аз яктогӣ зиёд намерасад, онро яктогӣ тақсим мекард.

Онҳо дар байни худ мегуфтанд:

- Як хурмо чӣ мешавад?

Пас он як дона хурморо мемакиданд, ҳамчуноне, ки кӯдак синаи модарашро мемакад. Сипас аз болояш об менӯшиданд ва он рӯзашонро, то шаб басанда буд. Чун хурмо тамом шуд, онҳо аз гуруснагӣ барги дарахтонро мехӯрданд.

Абуубайда (р) ва ҳамроҳонаш ба гуруснагию маҳрумиятҳо аҳамият надода, ба пеш мерафтанд ва ба ҷуз иҷро кардани супорише, ки Паёмбар (с) ба ӯҳдаи онҳо ниҳода буд, чизе дигаре намехостанд. Чун ба соҳили баҳр расиданд, ба назарашон як чизи ғафсу калон намудор шуд. Чун наздик омаданд, диданд, ки он моҳӣ аст ва он моҳиро «Анбар» меноманд. Баҳр он моҳиро барои онҳо берун андохтааст.

Абуубайда (р) бо дудилагӣ гуфт:

- Ин худмурдааст... нахӯред!!

Баъд аз он гуфт:

[1] «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (4/178).

- Ин лашкари Паёмбар (с) аст ва дар роҳи Худо мераванд ва мо чораи дигаре надорем. Пас бихӯред.

Аз он моҳии бузург, то бист рӯз хӯрданд. Он моҳӣ он қадар бузургҷусса буд, ки 13 мард дар ҷойи чашмаш нишастанд. Абуубайда (р) фармуд, то ду устухони қабурғаи он моҳиро дар замин насб карданд. Баъд аз он савора аз зери он гузашт ва ба онҳо нарасид.

Онҳо чанд муддат он ҷо боқӣ монданд. Чун ба ягон найрангу макр рӯ ба рӯ нашуданд, ба Мадина баргаштанд. Паёмбар (с) ба онҳо гуфт:

- Чӣ шуморо боздошт?

Абуубайда (р) гуфт:

- Мо корвони Қурайшро меҷӯстем... Баъд аз он қиссаи он моҳиро ба Паёмбар (с) ҳикоят кард.

Паёмбар (с) фармуданд:

*«Ба таҳқиқ вай рӯзии шумо буд, ки Худованд ба шумо арзонӣ фармуд. Оё аз гӯшти он бо худ доред»?*

Гуфтанд:

- Бале.

Пас аз гӯшти он моҳӣ фиристоданд ва Паёмбар (с) аз он хӯрданд[1].

## Фурӯтанӣ ва хоксории Абуубайда (р)

Абуубайда (р) ҳаёташро бо дасти худ зинату ороиш бахшид ва бо мубориза ва паҳлавонии худ бузургиро ба даст оварда, ба мартабаҳои назаррасу олӣ расид. Дар баробари ин дорои ахлоқи хоксорона буд ва худро бо сифатҳои нармрафторию парҳезкорӣ оро дода, аз фахру ҳавобаландӣ парҳез мекард ва худро марде медонист, ки ҳадафаш ҳамарӯза ба аҷру подоши Худованд ноил шудан буд ва агарчанде мардум дар дунё ёде аз ӯ накунанд.

---

[1] «Ат-табақоту-л-кубро» (3/313-314).

Дар ҷанги Зоту-с-салосил, ки он мавзеъест дар баландиҳои Шом Паёмбар (с) Амр ибни Ос (р)-ро амир таъйин намуда, фиристод. Чун Амр (р) ва ҳамроҳонаш ба он ҷо расиданд, аз бисёрии душман хавф бурда, шахсеро барои кўмак хостан ба назди Паёмбар (с) фиристод. Он ҳазрат (с) гурўҳе аз муҳоҷирони аввалинро, ки дар миёни онҳо Абубакри Сиддиқ (р) ва Умар ибни Хаттоб (р) низ буданд, ба кўмаки онҳо фиристод ва Абуубайда ибни Ҷарроҳ (р)-ро бар онҳо амир таъин намуд.

Чун ба назди Амр (р) расиданд, вай гуфт:

- Ман амири шумо ҳастам ва ман аз Паёмбар (с) хостам, ки шуморо ба ёрии ман фиристад.

Муҳоҷирон гуфтанд:

- Не, балки ту амири ҳамроҳони худ ҳастӣ ва Абуубайда (р) амири муҳоҷирон аст.

Чун Абуубайда (р) ин ҳолатро мушоҳида кард, хост, ки ин мушкилиро осон намояд, пас бо камоли фурўтанию хоксорӣ фармуд:

- Эй Амр, оё медонӣ, ки Паёмбар (с) дар охирин аҳде бо ман карда буд, чунин фармуд:

*«Чун ба назди дўстонат расидӣ, фармонбардории якдигар бикунед ва мухолифат наварзед».*

Амр гуфт:

- Ман амири ту ҳастам ва ту ёрикунандаи ман. Пас Абуубайда (р) ба хотири пайравӣ ва итоъат намудан ба сухани Паёмбар (с) амириро ба ў бахшид. Пас Амр ибни Ос (р) ба пеш гузашта, бо мардум намоз гузошт.

Вақте ин хабар ба Паёмбари Худо (с) расид, фармуд:

*«Худованд Абуубайда ибни Ҷарроҳ (р)-ро биомурзад»*.[1]

Ҳангоме ки Абуубайда (р) Димишқро муҳосира карда буд, ёварҳо омада, дар фатҳи шаҳр ба ў кўмаку дастгирӣ мекарданд ва сардори ин гурўҳ Холид ибни Валид (р) буд. Абуубайда (р)

---

[1] «Ал-бидоя ван-ниҳоя» (4/273275).

ӯро хуш пазирой карда мақому манзалаташро бузург дошт. Ӯ дар Холид (р) бузургию далериро мушоҳида мекард. Чун вақти намоз омад, ба ӯ гуфт ки пеш гузашта намози мардумро бихон, ки ту барои имомат ҳақдортар ҳастӣ, зеро ту ба кӯмаки ман омадаӣ.

Аммо Холид, ки бузургӣ ва мақому манзалати Абуубайда (р)-ро медонист, ба ӯ гуфт:

- Ман пеш намегузарам аз марде, ки Паёмбар (с) дар бораи ӯ фармудааст:

*«Ҳар уммат амине дорад ва амини ин уммат Абуубайда ибни Ҷарроҳ (р) аст».*

Абуубайда (р) дар байни лашкариёнаш гашта. ба онҳо мегуфт:

*«Эй мардум, ман марде аз Қурайшам. Ҳар касе аз шумо хоҳ сиёҳпӯст бошад ё сурхпӯст, озод бошад ё банда, аҷам бошад ё араб, агар дар парҳезгорӣ аз ман пешдастӣ кунад, ҳароина дӯст дорам, ки хидматашро ба ҷо орам. Эй мардум, агарчи ман амири шумоям, аммо бе машварати шумо кор намекунам. Шумо метавонед ҳар рӯз фикри худро ба ман пешниҳод намоед. Ба ростӣ, ман ба машварати шумо эҳтиёҷ дорам».* [1]

## Дар саройи бани Соъида

Вақте ки Паёмбар (с) аз дунё реҳлат намуданд, ансориҳо ва муҳоҷирон дар саройи бани Соъида барои интихоб кардани халифаи Паёмбари Худо (с) ҷамъ омаданд.

Абубакри Сиддиқ (р) бархосту гуфт:

- Ман розиям, ки яке аз ин ду мардро халифа интихоб намоед: Умар ибни Хаттоб ва Абуубайда ибни Ҷарроҳ (р). Ба кадоме, ки мехоҳед, байъат кунед.

Форуқ (р) пешдастӣ карда гуфт: Биё, эй Абуубайда (р), ман бо ту байъат намоям.

---

[1] «Ат-табақоту-*л*-кубро» (3/315).

Сиддиқ (р) ба Абуубайда (р) гуфт:

- Биё, мо бо ту байъат намоем, ки Паёмбар (с) фармудаанд: *«Ҳароина ту амини ин уммат ҳастӣ».*

Аммо Абуубайда (р) бо камоли адабу фурӯтанӣ ба саҳобагон аз фазилату бузургӣ ва пешдастии Сиддиқ (р) дар Ислом ёдрас шуда, гуфт:

- Ман ҳаргиз пешдастӣ карданӣ нестам ба марде, ки Паёмбар (с) ба ӯ фармуд, то дар намоз имоми мо бошад ва то баромадани ҷони Паёмбар (с) имоми мо буд.

Пас Умари Форуқ (р) фармуд:

- Ман дӯсттар дорам, ки гарданам зада шавад, аз ин ки амирӣ кунам бар қавме, ки дар миёни онҳо Абубакр (р) бошад.

Эй Абубакр (р), дастатро бидеҳ, Абубакр (р) дасташро дароз намуд ва Умару Абуубайда (р) бо ӯ байъат карданд ва муҳоҷирону ансориён низ бо ӯ байъат карданд.[1]

## Нармрафтору навозишкор

Абуубайда ибни Ҷарроҳ (р) баъди вафоти Паёмбар (с) хислати аминию қавигии худро дар суҳбати халифаи ӯ Абубакри Сиддиқ (р) идома бахшид. Ӯ дунёро паси сар гузошта, масъулиятро дар қуввату амонате ба ӯҳда дошт, ки агар тамоми аҳли замин аз он бигиранд, барояшон басанда буд.

Тоифаҳо аз сарзаминҳои араб ва аз тамоми гӯшаву канор ба назди халифаи мусалмонон омада, талаб мекарданд, ки мардеро барояшон роҳбар таъйин кунад.

Сиддиқ (р) ба онҳо мегуфт:

- Кадом шахсеро, ки мехоҳанд, интихоб намоянд. Онҳо гуфтанд: эй халифаи Паёмбар (с), шумо барои мо якеро ихтиёр кунед.

Ӯ фармуд:

---

[1] «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (5/245-246).

- Бар шумо лозим бод итоъати марди нармрафтору навозишкор, ки чун ба ӯ зулм карда шавад, зулм намекунанд ва чун ба ӯ бадӣ карда шавад, бубахшад ва чун аз ӯ дурӣ ҷӯянд, ӯ наздикӣ намояд. Бар мӯъминон меҳрубон асту бар кофирон сахтгир. Ин мард Абуубайда ибни Ҷарроҳ (р) аст[1].

Рӯзе Сиддиқ (р) Абуубайда (р)-ро барои як коре, ки оқибати хатарнок дошт, ба назди Алӣ ибни Абутолиб (р) фиристод. Пас аввалин сухане, ки Абубакри Сиддиқ ба Абуубайда (р) гуфт, чунин аст:

«Эй Абуубайда (р), ту бисёр амину некӯкор ҳастӣ ва бисёр вақт Худованд дини Исломро ба дасти ту ғолибу пирӯз гардонд ва дар назди Паёмбар (с) соҳиби иззату обрӯи зиёд будӣ, ки дар бораи ту фармуда буд»:

*«Ҳар уммат амине дорад ва амини ин уммат Абубайда (р) аст».* Ва ҳамеша барои дин пушту паноҳ ва барои мӯъминон умедгоҳ ва барои хонаводаат пуштибон ва барои бародаронат кӯмаккунанда будӣ. Хостам туро барои коре фиристам, ки он хатари хавфнок дорад ва ислоҳи он бузургтарин некӯкорист. Ва агар ҷароҳати он бо нармию меҳрубонии ту ба ҳам наояд ва агар бадии он бо мулоимати ту дур карда нашавад, бадбахтию ноумедие ба вуҷуд хоҳад омад. Ва баъд аз ин ба корҳои талхтару мушкилтар аз ин эҳтиёҷ меафтад. Ва аз Худованд мехоҳам, ки низоми ин корро ба дасти ту сомон бахшад. Эй Абуубайда (р) барои анҷоми ин кор бирав ва дар ин роҳ меҳрубонӣ бинамо ва ба хотири ризои Худои азза ва ҷалла ва Паёмбари Ӯ (с) ва ин гурӯҳ насиҳат бикун.

Иншоаллоҳ, Худованд ҳомию носир ва раҳнамои туст».[2]

---

[1] «Ар-риёзу-н-назра» (2/414-415).

[2] Мавсуъату-л-фидои фи-л-ислом (3/307).

## Дар Ярмук

Чун Сиддиқ (р) аз ҷанги аҳли Ридат ва ҷанги Мусайламаи Каззоб фориғ шуд, сарлашкаронро барои фатҳи сарзамини Шом омода кард ва Абуубайда (р)-ро барои яке аз чаҳор лашкаре, ки аз тарафи Шом рӯ оварда буданд, амир таъин кард ва ба забти Ҳимс амр намуд ва ба роҳ баромада, пиёда ҳамроҳи ӯ мерафт ва ба ӯ васият мекард.

Чун лашкарҳои Ислом ба ҷониби Шом ҳамла оварданд, ин Румро ба ташвиш овард ва аҳли Рум сахт тарсиданд ва ба Ҳиракл (Геракл) нома навишта, ӯро аз чигунагии аҳвол огоҳ карданд. Ҳиракл барои пароканда сохтани лашкари мусалмонон сарлашкарон ва ҷанговарони худро фиристод, то ин ки онҳо лашкарҳои мусалмононро машғул дошта ва нагузоранд, ки ба ҳамдигар кӯмак намоянд, то ҳар гурӯҳ дар алоҳидагӣ дар баробари румиҳо заъифу нотавон гардад.

Аммо лашкарҳои Исломӣ ин имкониятро аз румиҳо рабуда, дар мавзеъе бо номи «Ярмук» таҳти роҳбарии шамшери Худо - Холид ибни Валид ҷамъ омаданд. Холид (р) пешниҳод кард, ки Абуубайда (р) аз қалби лашкар баромада дар паси тамоми лашкар биистад. Ҳар вақте ки мусалмонон гурехтан хоҳанд, ӯро дида аз ӯ шармида ба ҷанг баргарданд. Абуубайда (р) роҳбарии қалбро ба Саъид ибни Зайд дода, ба қафо рафт.

Чун ду лашкар бо ҳам рӯ ба рӯ шуданд, Абуубайда (р) истода шуд ва мусалмононро насиҳат карда мегуфт:

- Эй бандагони Худо! Худоро нусрат намоед, то Ӯ низ ба шумо ёрӣ намуда собитқадам созад. Эй ҷамоъати мусалмонон, сабур бошед. Ба таҳқиқ сабр наҷотдиҳанда аз куфр аст ва сабаби ризояти Парвардигор аст ва дуркунандаи беобрӯист. Дар майдони ҷанг собитқадам бошед ва ҷангро шумо оғоз накунед. Найзаҳоро рост карда, худро бо сипар муҳофизат кунед ва хомӯширо пеша карда ба ҷуз ёди Худованд чизе нагӯед».

Як марде, ки қасди шаҳодат карда буд, ба назди Абуубайда (р) омада гуфт: Ман ба кори худ омода ҳастам (яъне, мехоҳам шаҳид шавам)! Оё ба Паёмбари Худо (с) ҳоҷате дорӣ?

Абуубайда (р) гуфт:

- Оре, аз ҷониби ман ба Ӯ салом бирасон ва бигӯ: эй Паёмбар (с) ба ростӣ, мо он чизе, ки Парвардигорамон ба мо ваъда карда буд, дидем.

Пас он мард пеш рафта бо кофирон ҷангид ва шаҳид шуд ва аввалин мусалмоне буд, ки дар ин рӯзи ҷанг кушта шуд. Дар айни ҷӯшу хӯруши ҷанг аз Мадина нома омад ва онро ба Холид ибни Валид доданд. Дар он аз марги Сиддиқ (р) ва халифа шудани Умари Форуқ (р) хабар дода мешуд. Инчунин Умар (р) мехост, ки шуҷоъати Холид ва амонати Абуубайда (р) муттаҳид карда шавад. Бинобар ин ба Холид фармуда буд, ки амириро ба Абуубайда (р) супорад ва Абуубайда (р) Холидро мушовир бигирад.

Холид (р) мактубро гирифта мӯҳтавояшро пинҳон дошт, то ин ки дар чунин лаҳзаҳои ҳассосу хатарноки ҷанг дар лашкари мусалмонон сустию заъифӣ пайдо нашавад.

Чун Худованди азза ва ҷалла дар ҷанги Ярмук ба мусалмонон пирӯзӣ бахшид ва онҳоро бар румиён ғолиб гардонид, Холид воқеъиятро ба мусалмонон ошкор кард ва аз марги Абубакри Сиддиқ (р) хабардор намуд. Сарвариро ба Абуубайда (р) таслим намуда, гуфт:

- «*Амини ин уммат амири шумо таъин карда шуд*».

Абуубайда (р) бо камоли фурӯтанӣ гуфт:

- Паёмбари Худо (с)-ро шунидам, ки мегуфт:

«*Холид шамшере аз шамшерҳои Худованд аст ва беҳтарин ҷавонмарди қавӣ аст*».

Сипас ба ӯ гуфт:

*«-Ман подшоҳии дунёро намехоҳам ва бар дунё коре намекунам ва ҳар он чизе ки мебинам, зуд аст, ки ба поён мерасад ва аз байн меравад ва ҷуз ин нест, ки мо бародаронем ва ба амри Худо қоим*

*ҳастем. Ва бар мард зарар намекунад, ки бародари динию дунявиаш ба ӯ роҳбарӣ кунад…»*[1].

## Амири амирон

Дар сарзамини Шом амирӣ ба ӯҳдаи Абуубайда ибни Ҷарроҳ (р) гузошта шуд ва аввалин шахсе буд, ки дар Шом «амири амирон» номида шуд. Пас ба ҷамъ кардани ғаниматҳо шурӯъ кард. Панҷяки онро гирифта ба Мадина ба назди амиралмӯъминин Умар ибни Хаттоб (р) фиристод.

Абуубайда (р) дар шаҳрҳои Шом лашкари мусалмонҳоро аз як пирӯзӣ ба пирӯзии дигар мерасонд, то ин ки Худованди азза ва ҷалла тамоми сарзамини Шомро бо дасти ӯ фатҳ намуд. Аз ҷониби Шарқ то ба дарёи Фурот расид ва аз ҷониби Шимол ба Осиёи Хурд. Аҳли Рум ба Абуубайда (р) нома ирсол намуда гуфтанд:

- Мо мехоҳем ки мардеро ба назди ту фиристем, то ба шумо пешниҳоди сулҳ карда ва туро ба инсоф даъват намояд. Пас агар қабул кардӣ, ин ҳам барои ту ва ҳам барои мо хуб аст ва агар саркашӣ намудӣ, албатта, барои ту бад аст.

Пас марди дарозқаду сурхмӯй ва кабудчашмеро фиристоданд. Чун вай омада ба мусалмонон наздик шуд, Абуубайда (р)-ро аз миёни мардум шинохта натавонист ва надонист, ки оё ӯ дар миёни онҳо ҳаст ё не!

Пас гуфт:

- Эй ҷамоъати араб, амиратон куҷост?

Ба ӯ гуфтанд:

- Вай ана ҳамин мард аст.

Чун ба Абуубайда (р) нигарист дид, ки вай дар рӯй замин нишаста аспашро медорад ва ҷавшан бар тан дораду дар दасташ якчанд тирест, ки онҳоро меҷунбонад?

Дар ҳайрат монда ва ӯ пурсид:

[1] «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (8/2-16,94).

- Оё ту амири инҳо ҳастӣ?

Абуубайда (р) гуфт:

- Оре.

Ӯ гуфт:

- Чаро дар замин менишинӣ?! Агар дар болои курсӣ ё гилеме менишастӣ, хуб намешуд?!

Абуубайда (р) ба ӯ гуфт:

- Ман ба ҷуз шамшеру силоҳ ва аспам чизе дар ихтиёри худ надорам ва агар гилему курсӣ ҳам медоштам, дар болои он наменишастам ва бародари мусалмони худро, ки шояд қадру манзалаташ дар назди Худои азза ва ҷалла аз ман баландтар бошад, ба замин намешинондам. Мо бандагони Худоем. Дар болои замин роҳ мегардем, менишинем, мехӯрем ва хоб мекунем ва ин чиз маро дар назди Худованд беқадр намекунад, балки подошам бузургтар шуда, мартабаам баландтар бардошта мешавад. Пас ҳоҷататро пешниҳод бикун.

Чун байни амири амирон Абуубайда ибни Ҷарроҳ (р) ва яке аз сарлашкарони румӣ сулҳ барқарор гардид, онҳо назди ӯ таъоми лазизе оварда, гуфтанд:

- Ин таъом барои амир аст!

Абуубайда гуфт:

- Оё ба лашкариён низ чунин таъоме додаед?

Гуфтанд:

- Не, мо ба ин кор қодир нестем.

Абуубайда (р) гуфт:

- Пас мо ба таъомҳои гуногуне, ки танҳо барои мо пухта мешавад, эҳтиёҷе надорем. Абуубайда (р) бадтарин мард мебуд, агар худро дар чизе аз сипоҳиёнаш боло медонист. Ӯ лашкареро аз кишварашон ҳамроҳӣ кард, ки дар назди ӯ хуни худро резонидаанд… Қасам ба Худо, намехӯрам, магар он чизеро, ки онҳо мехӯранд.[1]

---

[1] «Ал-бидоя ва-н-ниҳоя» (7/16).

## Бародарам куҷост?

Дар вақти фатҳ кардани сарзамини Шом ба Умари Форуқ (р) хабар доданд, ки румиҳо Абуубайда (р) ва лашкарашро дар муҳосира гирифта, ба онҳо фишор меоранд ва ба онҳо машаққати зиёд расидааст.

Пас Умари Форуқ (р) ба ӯ номае навишт, ки дар он ӯро ба далерию шуҷоъатпешагӣ даъват мекард:

*«Салом! Аммо баъд, албатта, ҳар мушкилию сахтие, ки бар сари бандаи мӯъмин меояд, ҳароина, Худованд барои он як кӯшоише ато мекунад ва албатта як мушкилӣ бар ду осонӣ ғолиб намеояд».*

﴿ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱصۡبِرُواْ وَصَابِرُواْ وَرَابِطُواْ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ لَعَلَّكُمۡ تُفۡلِحُونَ ٢٠٠

﴾ آل عمران: ٢٠٠

**Сухани Худо:**

**«Эй касоне, ки имон овардаед, бурдбор бошед ва дигаронро ба бурдборӣ фаро хонед ва дар ҷангҳо пойдорӣ кунед ва аз Худо битарсед, шояд, ки растагор шавед».[1]**

Абуубайда (р) дар посухи он навишт:

«Салом. Аммо баъд, ба ростӣ, Худованди азза ва ҷалла дар китобаш мефармояд:

﴿ ٱعۡلَمُوٓاْ أَنَّمَا ٱلۡحَيَوٰةُ ٱلدُّنۡيَا لَعِبٞ وَلَهۡوٞ وَزِينَةٞ وَتَفَاخُرُۢ بَيۡنَكُمۡ وَتَكَاثُرٞ فِي ٱلۡأَمۡوَٰلِ وَٱلۡأَوۡلَٰدِۖ
كَمَثَلِ غَيۡثٍ أَعۡجَبَ ٱلۡكُفَّارَ نَبَاتُهُۥ ثُمَّ يَهِيجُ فَتَرَىٰهُ مُصۡفَرّٗا ثُمَّ يَكُونُ حُطَٰمٗاۖ وَفِي ٱلۡأٓخِرَةِ عَذَابٞ
شَدِيدٞ وَمَغۡفِرَةٞ مِّنَ ٱللَّهِ وَرِضۡوَٰنٞۚ وَمَا ٱلۡحَيَوٰةُ ٱلدُّنۡيَآ إِلَّا مَتَٰعُ ٱلۡغُرُورِ ٢٠ سَابِقُوٓاْ إِلَىٰ مَغۡفِرَةٖ
مِّن رَّبِّكُمۡ وَجَنَّةٍ عَرۡضُهَا كَعَرۡضِ ٱلسَّمَآءِ وَٱلۡأَرۡضِ أُعِدَّتۡ لِلَّذِينَ ءَامَنُواْ بِٱللَّهِ وَرُسُلِهِۦۚ ذَٰلِكَ
فَضۡلُ ٱللَّهِ يُؤۡتِيهِ مَن يَشَآءُۚ وَٱللَّهُ ذُو ٱلۡفَضۡلِ ٱلۡعَظِيمِ ٢١ ﴾ الحديد: ٢٠ - ٢١

**Сухани Худо:**

---

[1] Сураи Оли Имрон, ояти 200.

**«Бидонед, ки зиндагии инҷаҳонӣ бозича аст ва беҳудагиву ороиш ва фахр кардану афзунҷӯӣ дар амволу авлод монанди борон ба вақт аст, ки рӯиданиҳояш кофиронро ба шигифт афканад (ҳайрон кунад). Сипас пажмурда мешавад ва бинӣ, ки зард гаштааст ва хошок шудааст ва дар охират насиби гурӯҳе азоби сахт аст ва насиби гурӯҳе омурзиши Худо ва хушнудии ӯ ва зиндагии дунё ҷуз матоъи фиребанда нест. Барои расидан ба омурзиши Парвардигоратон ба биҳиште, ки паҳнои он ҳамсони паҳнои осмонҳову замин аст, бар якдигар пешӣ гиред (мусобиқа). Ин биҳишт барои касоне, ки ба Худову паёмбаронаш имон овардаанд, муҳайё шудааст. Ин бахшоишест аз ҷониби Худо, ки ба ҳар кӣ мехоҳад арзонияш медорад, ки Худо соҳиби бахшоише бузург аст».[1]**

Умари Форуқ (р) он номаро гирифта ба болои минбар баромада хонд. Баъд аз он фармуд:

- Эй аҳли Мадина, ба ҷиҳод рағбат намоед, чунки Абуубайда (р) инро пешниҳод мекунад.

Худи Умар ибни Хаттоб (р) барои кӯмаки Абуубайда (р) роҳи Шомро пеш гирифт. Форуқ (р) дар роҳ хабар ёфт, ки Худои азза ва ҷалла Абуубайда (р)-ро бар душманонаш пирӯз гардонд. Аммо дар Шом бемории тоъун сар задааст.

Чун Форуқ (р) ба минтақае бо номи Сарғ[2] расид, амирони қушунҳо ва бузургони он сарзамин ӯро пешвоз гирифтанд. Пас Умар (р) гуфт:

- Бародарам куҷост?

Абуубайда (р) савори шутураш ба назди ӯ омад. Умар (р) дасти ӯро фишурда салом кард. Баъд аз он ба мардум гуфт:

- Моро танҳо гузоред. Чун танҳо шуданд, ӯро ба оғӯш гирифт ва дасташро бӯсид ва ҳардуяшон гиря мекарданд.

---

[1] Сураи Ҳадид, оятҳои 20-21.

[2] Сарғ - мавзеъест дар аввали Ҳиҷоз ва охири Шом, байни Муғиса ва Табук.

Сипас Форуқ (р) ҳамроҳи Абуубайда (р) ба хонаи вай омаданд. Умар (р) дар он манзил ба ҷуз шамшер сипар ва найзаи ӯ чизе надид. Умар (р) гуфт:

- Чаро чизе намегирӣ?

Абуубайда (р) гуфт:

- Эй амиралмӯъминин, ҳароина, ин гуна корҳо гапро дар ҳаққи мо зиёд мекунад.

Баъд аз он  Форуқ (р) ба ӯ гуфт:

- Оё хӯроке дорӣ?

Абуубайда (р) бархоста ба назди сабади хурде рафт ва аз даруни он нонрезаҳоро гирифт. Умар бигирист ва гуфт:

- Эй Абуубайда (р), ба ҷуз ту дунё ҳамаи моро дигаргун кард[1].

## Шаҳиди тоъун

Ҳаёти Абуубайда (р) ба бузургӣ расид ва саҳифаҳои қаҳрамонӣ дар он серdroшумор шуд. Аммо поён ёфтани ҳаёт амрест ногузир. Ногоҳ тоъуни Амвос ба Шом ҳамла кард ва ҷони мардумро ба монанди дос медаравид. Хабар ба амиралмӯъминин расид. Ӯ аз парҳезкорӣ ва беаҳамиятии Абуубайда (р) дар чунин корҳо огоҳ буд. Пас хост ӯро ба Мадина оварда аз макони вабо дур кунад. Ба ӯ нома навишт:

*«Ман ба ту коре дорам ва бе ҳузури ту онро анҷом дода наметавонам. Чун ин номаи ман ба ту расид, агар шаб бошад то субҳ наистода равон шав ва агар рӯз бошад, бегоҳ нашуда ба назди ман биё».*

Чун Абуубайда (р) он номаро хонд, гуфт:

- Дар ҳақиқат ҳоҷати амиралмӯъмининро донистам, ҳароина, ӯ мехоҳад, ки шахси нопойдор зинда  бимонад.

Баъд аз он ба ӯ чунин посух навишт:

---

[1] «Таҳзибу таърихи ибни Асокир» (7/164-165).

*«-Ман ҳамроҳи лашкаре аз лашкарҳои мусалмононам, худамро аз онҳо беҳтар намедонам. Ба таҳқиқ ман он ҳоҷате, ки ту пешниҳод кардӣ донистам ва ту мехоҳӣ, ки шахси нопойдор боқӣ бимонад. Ҳар вақте ин номаи ман ба ту бирасад, маро аз даъвати худ раҳо бикун ва иҷозати нишастан бидеҳ (яъне маро иҷоза деҳ то ин ҷо монам)».*

Чун Умар (р) он номаро хонд бигирист ва об аз чашмонаш бирехт. Атрофиёнаш гумон, карданд, ки Абуубайда (р) аз дунё реҳлат намудааст. Пас гуфтанд:

- Эй амиралмўъминин, оё Абуубайда вафот кардааст?

Гуфт:

- Не, аммо маргаш наздик аст.

Ба ростӣ он сарлашкари парҳезкор дар ҳаёти ин дунё дар байни лашкариёнаш монданро интихоб кард ва ҳамроҳи онҳо он ранҷу балоро бардошт мекард. Ба қазову қадари илоҳӣ розӣ буд ва ба шаҳид гаштан майл дошт. Чунки Паёмбар (с)-ро шунида буд, ки мегуфт:

*«Ҳар кас дар бемории тоъун бимирад, шаҳид аст».*

Баъд аз он ки Маъоз ибни Ҷабал (р) дар Шом ҷонишин таъин гашт, Абуубайда (р) ба ҷониби Байтулмуқаддас равон шуд. Ў мехост дар он ҷо намоз хонад. Дар роҳ дар замини Урдун аҷал ба ў даррасид ва дар наздикии Бийсон вафот кард ва умраш ба 85 расида буд. Ў дар замине вафот кард, ки онро худи ў аз бутпарастии форсҳо ва таъқиботи румиҳо пок намуда буд ва ҷисми покаш дар зери он қарор гирифт.

Баъд аз он ки Маъоз ибни Ҷабал (р) бар вай намози ҷаноза хонд, дар байни мардум истода, хитоб карда гуфт:

*«Эй мусалмонон, дар ҳақиқат шумо бар мусибати бузурге гирифтор шудед. Қасам ба Худо, аз бандагони Худо ҳаргиз мардеро аз ў покдилтару поктинаттар ва сахт дўстдорандаи мардум ва насиҳатгартар ба онҳо надидаам. Қасам ба Худо, ҳароина, вай аз*

*беҳтарин ашхос дар рӯйи замин буд, пас барои ӯ раҳмату мағфират бихоҳед»*[1].

## Орзуи Умари Форуқ (р)

Умар ибни Хаттоб (р) рӯзе ба ҳамнишинонаш гуфт:

- Орзуҳоятонро бигӯед!

Яке аз онҳо гуфт:

- Меҳоҳам, ки ин хона пур аз тилло ва нуқра шавад ва ман онро дар роҳи ризои Худо сарф кунам.

Дигарӣ гуфт:

- Мехоҳам, ки хона пур аз лӯълӯъу забарҷаду ҷавоҳирот бошад ва ман онро дар роҳи Худо садақа кунам.

Пас Умар Форуқ (р) гуфт:

- Аммо ман мехоҳам, ки ин хона пур аз мардоне монанди Абуубайда ибни Ҷарроҳ (р) бошад, пас онҳоро дар итоъати Худованд роҳбар таъин кунам.

Баъд аз он Форуқ (р) ба Абуубайда 4000 дирҳам ва 400 динор фиристод ва ба шахси фиристодааш гуфт:

- Бингар то чӣ мекунад? Абуубайда (р) тамоми он пулҳоро ба фақирону бечорагон тақсим кард. Чун фиристодаи Умар (р) онҳоро аз ин воқеъа хабардор намуд. Умар (р) гуфт:

- Ман ба шумо гуфта будам!

Ситоиш Худовандеро, ки касонеро офарид, ки дар роҳи Ислом чунин корҳои бузургу наҷиберо мекунанд.

Форуқ (р) ҳамеша мегуфт:

- Агар аҷали ман фаро бирасад ва Абуубайда зинда бошад, ҳароина бе машварате ӯро халифа таъин мекунам. Агар Худованди азза ва ҷалла аз ман бипурсад, ки барои чӣ ӯро бар уммати Муҳаммад (с) халифа кардӣ?

Мегуфтам:

Паёмбаратро шунидам, ки мегуфт:

---

[1] «Ат-табақоту-л-кубро» (3/3/6).

- Вай амини ин уммат аст[1].

## Васияти Амини уммат

Чун вақти мурдани Абуубайда ибни Ҷарроҳ (р) фаро расид, гуфт: Аз ҷониби ман ба амиралмўъминин салом расонед ва бигўед, ки ман дар роҳи Худо ҳамеша амин будам.

Баъд аз он ба мусалмонони ҳозиромада гуфт:

*- Ҳароина, ман шуморо васияте мекунам, ки агар онро қабул намоед, ҳамеша дар хайру саъодат хоҳед буд. Намозро барпо бидоред, закоти молро бидиҳед, моҳи Рамазонро рўза бигиред ва ба амиронатон насиҳат кунед ва фаромўшашон насозед ва ба дунё фирефта нашавед. Агар чанде як шахс ҳазор сол умр бинад, ночор аст, ки ба сўйи марг биравад. Ҳароина, Худованд маргро барои фарзандони Одам лозим гардонидааст, пас онҳо миранда ҳастанд. Пас донотарини онҳо мутеътарини онҳо барои Парвардигораш ва огоҳтарини онҳо барои рўзи бозхосташ мебошад.*

*«Огоҳ бошед, бисёр нафароне ҳастанд, ки либосашонро сафед мекунанд, дар ҳоле, ки олояндаи динашон ҳастанд. Огоҳ бошед, бисёр нафароне ҳастанд, ки худро гиромӣ медоранд, ҳол он ки фардо хоркунандаи худ ҳастанд. Бадиҳои қаблиро ба некиҳои нав дур кунед. Пас агар яке аз шумо бадиеро анҷом бидиҳад, баъд аз он амали хубе бикунад, ки шояд аз бадиҳояшон зиёдтар бошад, то ин ки онҳоро несту нобуд кунад»*[2].

---

[1] «Ат-табақоту-л-кубро» (3/ 315-316).

[2] «Таҳзиби таърихи ибни Асокир» (7/166-167).

## КИТОБҲОЕ, КИ АЗ ТАРҶУМОНИ ИН КИТОБ ТО БА ҲОЛ БАРГАРДОН, ТАРҶУМА ВА ТАҲИЯ ШУДААСТ:

1. Ҳазор ҳикмат;
2. Лаънатшудагон дар ҳадисҳои набавӣ;
3. Саду як қисса аз ҳаёти Абубакри Сиддиқ (р);
4. Саду як қисса аз ҳаёти Умар (р);
5. Таърихи хулафои рошидин: Абубакр (р) ва Умар (р);
6. Таърихи хулафои рошидин: Усмон (р) ва Алӣ (р);
7. Аниси занҳои покдоман;
8. Оиша - пешвои бонувони мӯъмин ва дӯстдоштатарин ҳамсари паёмбари оламин;
9. Одоб ва хусусиятҳои моҳи Рамазон;
10. Моҳи Рамазон, истиқбол ва бузургдошти он;
11. Фазилати шаби Қадр ва даҳаи охири моҳи Рамазон;
12. Панҷоҳ амале, ки шариъат занонро аз он боз медорад;
13. Бонувони хонадони нубувват;
14. Тафсири мухтасари хатлонӣ дар се ҷилд.
15. Даҳ ёри биҳиштӣ;
16. Чӣ бояд кард, то ҳамсарат туро дӯст дорад?
17. **Бисту панҷ суол аз неъмат ва азоби қабр.**

# Мундариҷа

Пешгуфтор ........ 3

**Абубакри Сиддиқ (р)**

Насаби Абубакри Сиддиқ (р) ........ 8
Ислом овардани Абубакри Сиддиқ (р) ........ 9
Сиддиқ ........ 12
Пешдастӣ намудани Абубакр дар ҳар коре ........ 13
Аввалин хатиби Ислом ........ 14
Берун омадани Абубакри Сиддиқ (р) аз Макка ба сӯи Ҳабаша ........ 16
ҳамсоягӣ бо Паёмбари Худо (с) ........ 18
Сӯрохиҳои мори афъӣ ........ 20
Сабрро пеша намудан Абубакри Сиддиқ ҳангоми реҳлати ҷонгудози ҳазрати Муҳаммад (с) ........ 21
Аввалин халифаи Расули Худо (с) ........ 23
Нахустин хутба ........ 24
Агар закоти солонаи чаҳорпоёнашонро надиҳанд, бо онҳо ҷанг хоҳам кард ........ 25
Бар болои ту Паёмбар (с) ва Абубакр (р) истодааст ........ 26
Дар чаҳор чиз Абубакр (р) пешдастӣ кард ........ 26
Яке аз фазилатҳои Абубакри Сиддиқ (р) ........ 28
Ду пешвои миёнаумрони аҳли ҷаннат ........ 28
Ту дар назди ҳавзи Кавсар ҳамсӯҳбати манӣ ........ 29
Пас аз ту ба ман мушкил хоҳад буд ........ 29
Дар болини марг ........ 30
Комёб гардидан ба Ҷаннат ........ 32
Васияти Абубакри Сиддиқ (р) ........ 33
Охирин аҳди Сиддиқ (р) ба дунё ........ 34
Раҳмату сано ........ 36

**Умар ибни Хаттоб (р)**

Умар ибни Хаттоб (р) дар сатрҳо ........ 39
Исломи Умар (р) ........ 41
Ҳиҷрати Форуқ ........ 45
Шайтон аз Умар (р) метарсад ........ 46
Мувофиқати ваҳӣ барои Умар (р) ........ 47
Мувофиқат дар мақоми Иброҳим ........ 47
Мувофиқат дар амри ҳиҷоб ........ 47
Мувофиқат дар ояти сураи «Таҳрим» ........ 48
Мувофиқат дар ҳаром гардонидани шароб ........ 48

Мувофиқат дар асирони Бадр ........ 49
Форуқ – аввалин амиру-л-мўъминин ........ 50
Форуқ ҳангоми ғазаб ва нармӣ ........ 50
Чӣ тавр Форуқ хурсанд шуд ........ 51
Форуқ ва арўси Нил ........ 53
Нидои Сория ........ 54
Соли раммода (хокистар) ........ 54
Амири одил ........ 56
Байни Форуқ ва Каъбулаҳбор ........ 56
Талаби шаҳодат кардани Форуқ ........ 57
«Ва кори Худо андозаи гузоридашудае аст» ........ 58
Қалъаи Ислом ........ 61
Баъзе амалҳое, ки аввалин бор Форуқ анҷом дод ........ 61

**Усмон ибни Аффон (р)**

Шахсияти Усмон ибни Аффон (р) ........ 66
Ислом овардани Усмон ибни Аффон (р) ........ 68
Аввалин муҳоҷирон ........ 70
Соҳиби ду нур ........ 72
Хона дар ҷаннат ........ 74
Лашкари Усра ........ 75
Байъати Ризвон ........ 76
Ҳаё ва тавозўъи Усмон (р) ........ 79
Тасбеҳи сангрезаҳо ........ 80
Халифаи сеюм ........ 82
Мусҳафи Усмонӣ ........ 86
Ҷониби ҳамдами олӣ ........ 87
Фазилатҳои Усмон ибни Аффон (р) ........ 89
Васияти Зиннурайн ........ 91

**Алӣ ибни Абутолиб (к.в.)**

Насаби Алӣ ибни Абутолиб (к.в.) ........ 93
Исломи Алӣ (к.в.) ........ 96
Алии бутшикан ........ 97
Ҳиҷрат ба Мадина ........ 97
Алӣ (к.в.) байрақи ҳидоят ........ 99
Издивоҷи Алӣ (к.в.) ........ 99
Абутуроб ........ 101
Шуҷоъати Алӣ (к.в.) ........ 101
Ғазваи Бадр ........ 101
Ғазваи Уҳуд ........ 102

Ғазваи Аҳзоб ........................................................................ 102
Фатҳи Хайбар ........................................................................ 104
Қиссаи Ҳотиб ........................................................................ 105
Сафари Яман ........................................................................ 106
Обрӯи Алӣ (к.в.) дар назди Паёмбар (с) ........................................................................ 107
Халифаи зоҳид ........................................................................ 107
Халифа ҳангоми қазоват ........................................................................ 109
Дарбони илм ........................................................................ 110
Видоъ бо амрулмӯъминин ........................................................................ 111
Васияти ҳазрати Алӣ (к.в.) ........................................................................ 114
Фазоили ҳазрати Алӣ (к.в.) ........................................................................ 116

**Талҳа ибни Убайдуллоҳ (р)**

Насаби Талҳа (р) ибни Убайдуллоҳ ........................................................................ 121
Модараш ........................................................................ 121
Фарзандони Талҳа (р) ........................................................................ 121
Ислом овардани Талҳа (р) ........................................................................ 123
Ду рафиқи қариб ........................................................................ 124
Ба сӯйи Мадинаи мунаввара ........................................................................ 125
Ғазваи Бадр ........................................................................ 125
Ғазваи Уҳуд ........................................................................ 127
Шаҳиди зинда ........................................................................ 129
Мардони содиқ ........................................................................ 130
Ҷазои мунофиқҳо ........................................................................ 131
Талҳаи файёз ........................................................................ 132
Талҳаи сахӣ ........................................................................ 133
Ҳазрати Талҳа (р) ва дузд ........................................................................ 134
Калимаи наҷот ........................................................................ 134
Рӯзи Наҳованд ........................................................................ 135
Мавқиъату-л-ҷамал ........................................................................ 136
Гиряи амирулмӯъминин ........................................................................ 137
Алӣ (р) ва ду писари Талҳа (р) ........................................................................ 138
Фазилатҳои Талҳа (р) ........................................................................ 138

**Зубайр ибни Аввом (р)**

Насаби Зубайр ибни Аввом ........................................................................ 142
Зубайр (р) ба писараш Абдуллоҳ (р) мегуфт: ........................................................................ 144
Бар роҳи ҳақ ........................................................................ 145
Аввалин шахсе, ки шамшерро дар роҳи Худо баркашид ........................................................................ 145
Ҳиҷрати Зубайр (р) ........................................................................ 146

Шери Рабиз ........ 147
Мубоbризи пешсаф ........ 149
Ширкат дар ғазваи Бадр ........ 149
Ғазваи Уҳуд ........ 150
Ғазваи Аҳзоб ........ 152
Фатҳи Хайбар ........ 153
Фатҳи Макка ........ 153
Рӯзи Ҳунайн ........ 154
Ҷанги Ярмук ........ 155
Фатҳи Миср ........ 155
Тоҷири сахӣ ........ 157
Тарс ва парҳезгориаш ........ 158
Васияти ҳавории (нусратдиҳанда)-и Расули акрам (с) ........ 158
Дар зумраи шуҳадо ........ 161

**Абдурраҳмон ибни Авф (р)**

Насаби Абдурраҳмон ибни Авф (р) ........ 165
Бо роҳи ҳақ ........ 166
Муҳаббат ва фидокорӣ ........ 167
Дили пур аз имон ........ 169
Дар рӯ ба рӯи мунофиқон ........ 170
Хушхабарӣ ба ҷаннат аз осмон ........ 171
Ҷиҳоди Абдурраҳмон ибни Авф (р) ........ 173
Пешвои ҷамоъае аз мусалмонҳо дар ........ 174
Думату-л-ҷандал ........ 174
Расули акрам (с) аз паси Абдурраҳмон (р) намоз мегузорад ........ 175
Сайиди мусалмонон ........ 176
Дар байни дӯстон ........ 177
Адолат ва ризоят ........ 178
Содиқу солеҳ ........ 179
Амини осмону замин ........ 180
Ҳаракат дар Мадинаи мунаввара ........ 183
Беҳтарин ҳамнишин ........ 185
Хушбахтӣ дар охират ........ 186
Вакили Худову Расул ........ 186

**Саъд ибни Абуваққос (р)**

Насаби Саъд (р) ........ 189
Ислом овардани Саъд ........ 190
Эй модаркуш ........ 191
Аввалин мубориз дар Ислом ........ 192

Савораи Ислом ... 194
Аввалин тирандоз ... 195
Ғазваи Бадр ... 196
Падару модарам фидоят ... 196
Посбони некӯкор ... 197
Марде аз аҳли ҷаннат ... 198
Васияти Саъд (р) ... 199
Дуъои мустаҷоб ... 201
Дар Қодисия ... 204
Фатҳи Мадоини Кисро ... 206
Хушхабар дар Мадина ... 208
Амирии Саъд ... 209
Бандаи парҳезгор ... 209
Хуш ба ҳолат ... 210

**Саъид ибни Зайд (р)**

Насаби Саъид ибни Зайд ... 214
Падари мӯъмину мусалмон ... 215
Саъид дар роҳи рост ... 218
Мусулмон шудани Умар (р) ... 219
Иҷозати ҷанг ... 221
Ҷанги Бадр ... 223
Ҷанги Бани Қурайза ... 225
Васиятҳои Паёмбари Худо (с) ... 226
Дар қалби Ярмук ... 227
Амири Зоҳид ... 229
Дар аҳли Шӯро ... 230
Зани дурӯғгӯ ... 231
Васияти Уммулмӯъминин (р) ... 232
Даҳ нафар биҳиштӣ ҳастанд ... 234

**Абуубайда ибни Ҷарроҳ (р)**

Насаби Абуубайда ибни Ҷарроҳ ... 237
Исломи Абуубайда (р) ... 238
Ҳиҷрати Абуубайда (р) ... 239
Амини уммат ... 240
Вохӯрии мушкил ... 242
Ғазваи Уҳуд ... 243
Ба ҷониби Зулқисса ... 244
Моҳии бузург ... 245
Фурӯтанӣ ва хоксории Абуубайда (р) ... 246

Дар саройи бани Соъида ........ 248
Нармрафтору навозишкор ........ 249
Дар  Ярмук ........ 251
Амири амирон ........ 253
Бародарам куҷост? ........ 255
Шаҳиди тоъун ........ 257
Орзуи Умари Форуқ (р) ........ 259
Васияти Амини уммат ........ 260
Мундариҷа ........ 262

## Ҳадафи Бунёди ҷамъиятии «Васатият»

Бунёди ҷамъиятии «Васатият» мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро ба роҳ монда, ҳадафҳои асосии он иборатанд аз:

- Баланд бардоштани савияи илмию фарҳангии миллати тоҷик;
- Таҳқиқ ва пажуҳиши таърих ва тамаддуни шарқӣ бо услубҳои тоза ва замонавӣ;
- Расонидани аҳкоми дини мубини Ислом тавассути китобҳои пурмуҳтаво ва асил дар партави Қуръону Суннат ва тибқи мазҳаби Имоми Аъзам Абуҳанифа (р);
- Муттаҳидсозии тамоми мардуми Тоҷикистони азиз новобаста аз миллату нажод дар атрофи қонун ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Хидмати содиқона ба давлат ва миллати куҳанбунёд ва зиддият бо ҳар гуна ихтилоф ва зуҳуроти номатлуб;
- Нашри китобҳои асилу нобе, ки аз гузаштагони солеҳамон ба мо расидааст.

Албатта имони комил ва яқин дорем, ки бо ёрии Худованд ба ин ҳадафҳо муваффақ хоҳем шуд. Аз ин хотир ҳамагонро ба хондани чунин китобҳо тавсия менамоем, то аз ҳар гуна инҳирофот ва каҷравӣ солим бошем ва обурӯю эътибори миллати азизамонро ҳифз намуда, парчами давлати соҳибистиқлоламонро боз ҳам баландтар бардорем.

**Раёсати Бунёди ҷамъиятии «Васатият»**

## Варақаи иртибот байни хонанда ва ношир

Ассалому алайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу. Хонандаи гиромӣ, хоҳишмандем саволномаи зеринро бо ҷавобҳои дақиқ пур созед. Ин саҳифаро бурида ба нишонии электронии мо ирсол намоед ва як китоби тоза ба нашррасидаи моро ройгон дарёфт хоед кард.

Ному насаб: ______________________________
Вазифа: ________________________________
Маълумот: ______________________________
Суроға: _________________________________
Телефон: _______________________________
e-mail: __________________________________

**- Дар бораи ин китоб аз кучо хабардор шудед?**
а) аз китобхона □
б) аз рафиқон □
в) аз эълону реклама □
г) аз намоишгоҳ □
**- Ин китобро аз кучо харидед?**
Номи китобхона, намоишгоҳ ё фурӯшгоҳ________________
Назари шумо дар бораи услуби китоб
а) оддӣ □
б) хуб □
в) олӣ □
(лутфан тавзеҳ бидиҳед, барои чӣ?)____________________

_____________________________________________________
**- Назари шумо дар бораи сифати китоб:**
а) оддӣ □
б) хуб □
в) олӣ □
(лутфан тавзеҳ бидиҳед, барои чӣ?)____________________

_____________________________________________________
**- Назари шумо дар бораи нархи китоб:**
а) арзон □
б) муносиб □
в) гарон □

(лутфан тавзеҳ бидиҳед, барои чӣ?)______________________

______________________________________________________

**- Дар оянда дар кадом мавзӯъҳо китоб хондан мехоҳед?**

______________________________________________________

______________________________________________________

__________________________________________

Ин китоб шояд аз хатогиҳои лафзию техникӣ орӣ набошад. Агар шумо дар он саҳву хатое мушоҳида намудед, лутфан дар ҷадвали зерин қайд намоед. Назари шуморо ҳатман дар чопҳои оянда ба инобат хоҳем гирифт.

| Сатр ва рақами саҳифа | хато | дуруст |
|---|---|---|
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |

Почтаи электронӣ:
wasatiyat@mail.ru
fund_wasatiyat@yandex.ru

quron_khatloni@yandex.ru
iqbolkawthar@hotmail.com

Дар сурати дастрасӣ надоштан ба интернет
бо телефони **227-04-98** тамос бигиред.

Аз мукотиба ва ҳамкориатон миннатдорем.

**Идораи Бунёди ҷамъиятии «Васатият»**